**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

УДК: 33+339 (575.3)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САФАРОВ БАХРОМ ГУЛМАТОВИЧ**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИ КУШОД ДАР ШАРОИТИ ТАҚВИЯТИ МУНОСИБАТҲОИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВИИ ИҚТИСОДӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дарачаҳои илмии

доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси

08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ))

Мушовири илмӣ:

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**

**узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Саидмуродзода Л.Ҳ.

**ДУШАНБЕ-2023**

## Мундарича


**Номгӯи ихтисорот** ........................................................................... **4**

**Муқаддима** ........................................................................................ **6**

**Боби 1. Асосҳои назариявии инкишофи иқтисоди кушод дар шароити ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳони муосир** **24**

1.1. Назарияи муосири иқтисоди кушод: муаммоҳои умумии ташаккул ва татбиқи амалӣ ........................................................................................ **24**

1.2. Қонуният ва махсусиятҳои тамоили инкишофи иқтисоди кушоди муосир ........................................................................................ **47**

1.3. Махсусиятҳои тақвияти ҳамгироии давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар низоми иқтисоди кушод ........................................................................................ **70**

**Боби 2. Заминаҳои методологии таҳқиқоти қонуниятҳои инкишофи иқтисоди кушод** ........................................................................................ **88**

2.1. Назарияҳои бартарияти нисбӣ ва рақобатӣ: усулҳои таърихӣ ва мантиқии дарки қонуниятҳои инкишофи иқтисоди кушод ...... **88**

2.2. Амиқ ва васеъшавии назарияҳои бартарияти нисбӣ ва рақобатӣ: асосноккунии самараи умумии бартарияти ҳамгироӣ дар иқтисоди кушоди муосир ........................................................................................ **105**

2.3. “Минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” ҳамчун категорияи иқтисодии инъикоскунандаи нишондиҳандаи майли интиҳоии минтақаҳои давлатҳои дорои иқтисоди кушод ба равандҳои ҳамгироӣ .... **123**

2.4. Ҳамгироии минтақавии иқтисодии ғайрихаттӣ: маҷмӯи шохисҳо ва миқёси самараи иқтисодӣ ........................................................................................ **139**

**Боби 3. “Минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” ҳамчун шакли ғайрихаттии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар хоҷагии ҷаҳони муосир** ........................................................................................ **161**

3.1. Ҳаракати сармояи инфрасохтории дохилиминтақавӣ ҳамчун асоси моддии ташаккул ва рушди “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” ........ **161**

3.2. Механизми ҷуброн дар низоми савдои хориҷӣ ҳамчун унсури раванди ғайрихаттии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ........................... **175**

3.3. Хусусиятҳои ҳиҷрати қувваи корӣ дар доираи ҳамгироии байниминтақавӣ ........................................................................................ **195**

**Боби 4. Иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тафсири он аз мавқеи самараи «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ»** ................ **215**

4.1. Иқтисоди кушод ва рушди савдои хориҷӣ: роҳҳои татбиқи имконоти содиротӣ ва воридотивазкунанда ........................................................................................ **215**

4.2. Муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ дар иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................................ **233**

4.3. Ҷалби сармоя ва технология ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ .................................... 251
**Боби 5. Самтҳои афзалиятнок ва шаклҳои зоҳиршавии бартариятҳои ҳамгироии минтақавии иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир ..........................................................** **279**
5.1. Муккаммалгардонии унсурҳои институтсионалии ташаккул ва татбиқи бартарияти ҳамгироии минтақавӣ; самараи "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" ......................................................................... 279
5.2. Татбиқи лоиҳаҳои минтақавию байналхалқӣ ҳамчун механизми таъмини бартарияти ҳамгироии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ......... 298
5.3. Тақвияти муносибатҳои тиҷоратӣ дар доираи "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ": механизми самараи ҷуброни арза ва тақозои мутавозин ба молҳои савдошаванда ........................................................ 323
**Хулоса ..................................................................................... 338**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ................................ 342**
**Рӯйхати адабиёти истифодашуда .................................................... 346**
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ......................................... 390**
**Замимаҳо ................................................................................. 399**

## НОМГӮИ ИХТИСОРОТ

ИДМ-Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

ИМА-Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

ҶТ-Ҷумҳурии Тоҷикистон;

СҲИ-Созмони ҳамкории иқтисодӣ;

МЕРКОСУР-Бозори умумии мамлакатҳои Амрикои ҷанубӣ;

СҲШ-Созмони ҳамкории Шанхай;

ЦАЭС-Центрально-Азиатское экономическое сообщество;

ГМС-Гурӯҳҳои молиявию саноатӣ;

ШФМ-Ширкатҳои фаромиллӣ;

ММД-Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

КАРИКОМ-Иттиҳоди Кариб ва бозори умумӣ;

АСЕАН (АДОҶШ)-Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ;

БОР-Бонки Осиёгии Рушд;

ЭКОВАС-Иттиҳоди иқтисодии мамлакатҳои Африқои Ғарбӣ;

КОМЕСА- Бозори умумӣ барои Африқои Шарқӣ ва Ҷанубӣ;

САДК - Ҷамъияти Рушди Африқои Ҷанубӣ;

ЕВРАЗЕС-Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё;

СУС-Созмони умумиҷаҳонии савдо;

ИГ-Иттиҳоди гумрукӣ;

ДНБ-Долонҳои нақлиётии байналхалқӣ;

ЦАРЕС-Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ;

ТРАСЕКА -Долони нақлиётии Аврупо-Қафқоз-Осиё;

ҶМЧ-Ҷумҳурии мардумии Чин;

АГТТ (ГАТТ)- Аҳдномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва тиҷорат;

ШМА-Штатҳои Муттаҳидаи Амрико;

КМ-Корхонаҳои муштарак;

САЭЕ-Шурои ягонагии иқтисодии араб;

АФЭСР- Шурои ҳамкорӣ барои кишварҳои арабии халиҷи Форс;

CEFTA-Созишномаи тиҷорати озоди Аврупои Марказӣ;

ИА-Иттиҳоди Аврупо;

ИҶШС-Иттиҳоди ҷамоҳири шуравӣ сотсиалистӣ;

ОЭСР- Созмони ҳамкории иқтисодии Аврупо;

МОИ-Минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

CBSS-Шурои кишварҳои соҳили Балтика**;**

ИАШ-Иттиҳоди Африқои Шарқӣ;

НАФТА- Созишномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ;

СМХ-Сармояи мустақими хориҷӣ;

АТЭС-Ҳамкории Осиё-уқёнуси Ором;

ТТИП-Лоиҳаи ТрансАтлантикӣ;

ТТП-Лоиҳаи ТрансуқёнусиОром;

РВЭП- Ҳамкории умумиҷаҳонии иқтисодӣ;

ОПОП- Як камарбанд-Як роҳ;

ТАЖД- Роҳи оҳани транзитӣ;

ҶИЭ-Ҷумҳурии исломии Эрон;

МОТ-Минтақаи озоди тиҷоратӣ;

ФР-Федератсияи Россия;

ВМКБ-Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон;

НТҶ-Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

МММ-Маҷмуи маҳсулоти миллӣ;

ФБА-Фонди байналхалқии асъор;

БАТР-Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд;

БИР-Бонки исломии рушд;

ШБХД-Шарикии бахши хусуси ва давлатӣ;

ШБХДФ-Шарикии бахши хусусӣ ва давлатии фаросарҳадӣ ё байнидавлатӣ;

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Яке аз муҳимтарин хусусияти иқтисодиёти муосири ҷаҳоншавӣ кушодагии иқтисодиёти кишварҳо мебошад, ки он ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолот, рушди занҷираи истеҳсолот, дастрасӣ ба технология, инчунин тавсеаи равандҳои ҳамгирой ва алоқаҳои мустаҳками иқтисодии байни мамлакатҳоро таъмин менамояд. Кишварҳои дорои иқтисодиёти кушод ҳам суръати баланди рушди иқтисодро нишон дода тавонистанд ва ҳам тафовути даромади аҳолиро дар дохили кишвар аз байн бурда, ба ин васила сатҳи камбизоатиро дар кишвар коҳиш дода, зуд ва бомуваффақият ба иқтисоди бозорӣ гузаштанд. Исбот гардидааст, ки роҳи автаркия ва ба қувваи худӣ такя намудан ба тараққиёти иктисодиёт монеа гашта, боиси қафомонии мамлакат дар чаҳони муосир мегардад.

Аммо иқтисоди кушод ҳанӯз нишондиҳанда дар бораи муваффақияти иштироки кишвар дар равандҳои ҷаҳонишавӣ нест. Аз ин рӯ, кушодагии иқтисодиёт мақсади ниҳоӣ набуда, он танҳо шарти нигоҳ доштани модели муосири фаъолияти иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир мебошад.

Дар марҳалаи кунунии тараққиёти иқтисодиёти кушоди Тоҷикистон ихтилофҳои зиёде мавҷуданд. Гарчанде меъёру қоидаҳои бозорӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ тақвият ёфта, ҳаҷми савдои хориҷӣ афзоиш ёфта бошад ҳам, вале то ҳануз амалиётҳои ҷории балански пардохт манфӣ буда, қарзи берунаи кишвар афзоиш ёфта, ҳиҷрати қувваи корӣ ва норасоии рушди технологӣ-инноватсионӣ ба назар мерасанд, ки он аз ҳолати ба таври зарурӣ истифода нагаштани имкониятҳои иқтисодиёти берунӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти кишвар шаҳодат медиҳад.Бар замми ин, таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти мамлакат тайи солҳои охир зиёд гашта истодааст, ки ин ҳолат вобастагии иқтисодиёти миллиро аз иқтисодиёти беруна афзоиш медиҳад. Бад шудани вазъи иқтисодии шарикони асосии иктисодӣ бевосита ба тавозуни иктисодии берунӣ таъсир расонд, ки дар натиҷа қурби пули миллӣ паст рафта, қобилияти харидории он низ суст шуд.

Дар шароити муосир устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар асосан аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ таъмин гардида, таъсири кушодагии иқтисодиёт ба назар кам намоён мегардад. Ин вазъият водор месозад, ки стратегияи рушди муносибатҳои иқтисодии байналхалқии кишвар бо дарназардошти ба даст овардани баратарият дар низоми иқтисоди кушод омӯхта шавад. Бахусус барои кишваре чун Тоҷикистон, ки роҳи баромад ба баҳрро надорад, иқтисодиёташ хурди кушод буда, ҳануз пурра гуногунсамт нашудааст, равандҳои ҳамгирой ҳанӯз ба анҷом нарасидаанд ва муносибатҳои тиҷоратию ҳамгироишавияш характери статикӣ дорад, бояд модели самараноки исифодаи иқтисодиёти берунаро коркард ва роҳандозӣ намояд. Таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ собит месозад, ки дар ин маврид рушди муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ воситаи муҳими таъмини бартарияти рақобатӣ гардида ва рушди индустриалӣ-инноватсионии кишварро таъмин менамояд.

Чӣ хеле, ки дар баромади худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вохӯрии панҷуми машварати сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ қайд намуданд, “Осиёи Марказӣ имрӯз ба яке аз муҳимтарин марказҳои геополитикии ҷаҳони муосир ва пайвандҳои беназири ҷуғрофӣ табдил меёбад, ва ...зарур мешуморем, ки ба ҳукуматҳои кишварҳоямон супориш диҳем, то мутобиқ ба мушаххасоти минтақавӣ ва кишварӣ оид ба рушди муштараки Осиёи Марказӣ пешниҳодҳои мушаххас таҳия намоянд ва онҳоро дар доираи механизмҳои мавҷуда ба шарикони хориҷиамон пешниҳод намоянд, ... Мо пешниҳод менамоем, ки дар доираи минтақа барномаҳои алоҳидаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ба таври фаъол ҷорӣ намудани технологияҳои нав таҳия шаванд..., Мо бояд кӯшиш намоем, ки тарҳҳои калонҳаҷми нақлиётӣ-инфрасохториро мавриди татбиқ қарор диҳем..., Барои ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз рушди

ҳамлу нақли байналмилалии бор мо пешниҳод менамоем, ки консепсияи ҳамгироии марказҳои логистикии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳия шавад”.[1]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳқиқотҳои назариявӣ ва консепсияҳои мавҷудаи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ асосан дар сатҳи макроҳамгироӣ (байни кишварҳо) ва микроҳамгироӣ (байни корхонаҳо) васеъ гузаронида шуда, таҳлили мезсатҳи ҳамгироӣ (байни минтақавӣ, байнисоҳавӣ, дохилисоҳавӣ, шабакавӣ, фаросарҳадӣ) дар баробари бартариятҳои нисбӣ ва рақобатӣ муайян кардани бартарияти ҳамгироӣ, дар ҳолати омӯзиш қарор дорад.

Дар баробари ин, рушди босуръати муносибатҳои иқтисодии байни кишварҳо дар доираи шаклҳои муосири ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар асоси таъсиси низомҳои шабакаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ, долонҳои нақлиётю коммуникатсионии минтақавӣ, инчунин заминаҳои моддии ҷаҳонишавӣ, аз қабили рушди иттилоотӣ дар заминаи истифодаи васеъи Интернет, ташаккули модели нави ҳамгироии кишварҳоро нишон медиҳад. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз муносибатҳои ҳамгироии иқтисодии кишварҳо тақвият ёфта, сатҳи мезоҳамгироӣ ҳамчун омили муҳими ба даст овардани бартарияти ҳамгироӣ дар баробари бартариҳои нисбӣ ва рақобатӣ мегардад.

Хусусияти мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки истифодаи муштараки омилҳо ва захираҳои иқтисодии кишварҳои ҳамгирошуда ба ташаккули як навъ “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ”мусоидат мекунад, ки дар он импулсҳои нав барои рушди иқтисоди кушоди кишварҳо ба вуҷуд меоянд. Дар навбати худ ин раванд имкон медиҳад, ки объект ва предмети назарияи иқтисодиёти кушод аз нигоҳи тақвияти майли интиҳоии минтақаҳои кишварҳои дорои иқтисоди кушод ба раванди ҳамгироӣ, инчунин васеъ намудани назарияи тиҷорати ҳудудӣ, аз нигоҳи асонокукнии роҳҳои ба даст

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон мухт. Э.Раҳмон дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, 14.09.2023. ш Душанбе, Захираи электронӣ: http:/www.prezident.tj. (снани мурочиат: 16.09.2023 ).

овардани бартарият дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, амиқтар карда шавад.

Ин ва дигар муқаррарот аҳамияти мавзӯи таҳқиқотро муайян намудаанд.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Саҳми бузургро дар илми ватанӣ вобаста ба масалаҳои назариявии сиёсати татбиқи имконоти содироти ва рушди воридотивазкунандаро академикҳо Қаюмов Н.К., Назаров Т.Н., Раҳимов Р.К., олимон Саидмуродзода Л.Ҳ., Умаров Ҳ.У., Тошев О.Т. ва дигарон гузоштаанд;

Муаммоҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити тақвияти кушодагии иқтисодиёт дар солҳои 80-ум байни олимон хеле масъалаи баҳснок буд. Дар байни олимони хориҷӣ, ки ба сарчашма, омилҳо ва хусусиятҳои иқтисоди кушод таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд, метавон Бодо Ж., Браун Г.Г, Гордон Д., Грэй Дж., Гэлбрейт Ҷ. К., Интриллигейтор М., Кирт Р., Клейн Л., Кругман П., Магаш И., Омэ К., Сакс Ҷ., Стиглис Ҷ., Тейт А.А., Хартел Х.Х., Янг Э. ва дигаронро қайд намуд. Дар байни олимони ИДМ вобаста ба консепсияи рушди иқтисоди миллӣ дар шароити иқтисоди кушод бештар Абалкин Л., Бляхман Б., Богомолов О., Делягин М., Ефимов В., Иноземтсев В., Комаренко Г., Кротов М., Кочетов Э., Кузнетсов В., Медведев В., Некипелов А., Нуреев А., Осадчая И., Пефтиев П., Фаминский И., Хазбулатов И., Шишков Ю., Черковетс О., Черновская В., Элянов А., Яковетс Ю. ва дигарон таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додаанд.

Дар маҷмуъ, дар адабиётҳои иқтисодии ватанӣ масъалаи воридшавии кишвар ба ҷараёнҳои ҳамгироӣ дар асарҳои Ғаниев Т.Б., Қандиёрова Д.О., Қодирзода Д.Б., Мирбобоев Р.М., Одинаев Ҳ.А., Саидмуродов (Саидмуродзода) Л.Ҳ., Садриддинов М.С., Солеҳзода А.А., Худоиев М.Н., Урунов А. ва дигарон барраси гаштааст;

Вобаста ба идоракунии фаъолияти хориҷии иқтисодӣ ва рушди рақобатпазирии кишвар олимон Асрорзода У.С., Иброҳимзода И.Р., Қаюмов Н.Қ., Мирсаидов А.Б., Раҳимов Р.К., Раҳимов А., Ризоқулов Т.Р., Тошев О.Т., Тошев С.О., Умаров Х.У., таҳқиқотҳои илмӣ ба анҷом расонидаанд;

Кластерикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар шароити ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мавзуи таҳқиқотии Каримова М.Т., Қандиёрова Д.О., Қудратов Р.Р., Исмоилова М.М., Одинаев Ҳ.А., Содиқов М.С. мебошад;

Ҷанбаҳои илмию назариявии ҷалби сармояи хориҷиро муҳаққиқон Иброҳимзода И.Р., Қандиёрова Д.О., Раҳимов Р.К., Саидмурадзода Л.Ҳ., Солеҳзода А.А. ва дигарон дар корҳои илмии худ таҳқиқ намудаанд;

Иштироки кишвар дар лоиҳаҳои байналхалқии нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ дар асарҳои олимон Бобоев О.Б., Катаев К., Раҷабов Р.К., Рауфи А. ва дигарон баррасӣ гаштаанд;

Таъсири ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти кишвар дар асарҳои олимони ватанӣ Н.К. Қаюмов, С.Ҷ. Комилов, Т.Н. Назаров, И.И. Махмудов, Р.К. Раҳимов, Ҳ.У. Умаров ва муҳаққиқони ҷавон Парвизи С., П. Раҳимов, А. Гулмаҳмадов қарор гирифтаанд;

Муаммоҳои ҳиҷрати қувваи корӣ ва танзими он мавзӯи таҳқиқотии олимон С.М. Ғоибназарзода, М. Н. Нурмаҳмадов, Т.Ҷ. Усманова, Т.Ҷ. Қурбанов, Р.К. Раҳимов, Д.О. Қандиёрова, Д.Б. Қодирзода А. Комилов ва дигарон мебошад;

Масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои табиию экологӣ дар асарҳои олимон Ҳ.Р. Исайнов, Х.М. Муҳаббатов, Х.У. Умаров, Ҳ.Одинаев, Ф.С. Обидов, М. Садриддинов, дарҷ гардидаанд.

Новобаста аз таҳқиқотҳои анҷомдодашуда ҳануз ҳам як қатор муаммоҳои низоми иқтисодиёти кушоди давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ, махсусан дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ мавҷуданд, ки ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд ва як консепсияи муайяни мутавозини воридшавии ин кишварҳо ба ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ коркард нагаштааст. Ин муаммоҳо **якум**, дар масъалаҳои марбут ба сохтори зудтағйирёбандаи иқтисоди муосири хоҷагии ҷаҳонӣ дар заминаи густариши ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ ва мутобиқ гардидани низомҳои иқтисодии кишварҳои ҷаҳон ба ин раванд, **дуюм**, муайян кардани самтҳои афзалиятноки дигаргунсозиҳои институтсионалӣ дар шароити кушодагии иқтисодии миллӣ ва **сеюм**, зарурати арзёбӣ намудани бурд ва бохти ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва дар ин замина

коркарди консепсияи муосири ҳамгироӣ, махсусан мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ барои иқтисодиёти кушоди давлатҳои рӯ ба тараққӣ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, мебошад.

Ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда интихоби мавзуи диссертатсияро муайян намуда, ҳадафи таҳқиқоти рисолаи мазкур гардиданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ба муқаррароти чунин барномаҳои давлатӣ такя мекунад: Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» такя менамояд. Рисолаи илмӣ ба самти КИТ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди "Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули модели индустриалӣ-инноватсионии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" (солҳои 2018-2022) ва "Муаммоҳои таъмини рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир (солҳои 2023-2027)" нигаронида шуда, дар ҷаласаи Шурои олимони кафедра, донишгоҳ ва конфронсу симпозиумҳои дохилию байналмилалӣ муҳокима гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии рушди кишварҳои рӯ ба тараққии дорои иқтисодӣ кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақии иқтисодӣ ва дар ин замина муайян кардани самтҳои афзалиятноки иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудааст:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, муаммоҳои ташаккул ва татбиқи амалии назарияи “иқтисоди кушод” дар шароити тақвияити ҳамгироии минтақавии иқтисодии хоҷагии ҷаҳони муосир ҳамчун омили бартарафнамоии “норасоии ҷаҳонишавӣ”;

- ошкор намудани категорияи иқтисодӣ, ки қонуният ва тамоюли инкишофи иқтисоди кушодро дар ҷараёни тақвияити ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар шароити муосир тафсир менамояд;

- асосноккунии илмии инкишофи назарияҳои бартариятҳои нисбӣ, омилӣ ва рақобатӣ бо дарназардошти рушди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар хоҷагии ҷаҳонии муосир аз нигоҳи ба даст овардани самараи бартарияти ҳамгироӣ;

- асосноккунии майли интиҳоии минтақаҳои кишварҳои дорои иқтисоди кушод ба раванди ҳамгироии минтақавӣ ҳамчун қонунияти муосири инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ;

- арзёбии вазъ ва ҳолати ҳаракати омилҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва савдои хориҷӣ дар доираи «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ» дар хоҷагии ҷаҳони муосир;

- таҳлил ва баҳодиҳии иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи назарияи бартарияти ҳамгироӣ ва самараи «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ» дар шароити муосир;

- муайян намудани омилҳо ва захираҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ»;

- асоснок намудани самтҳои афзалиятнок ва шаклҳои зоҳиршавии бартарияти ҳамгироии иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккул ва рушди «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ»;

- муайян намудани асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” дар шароити иқтисоди кушоди Тоҷикистон барои ба даст овардани самараи бартарияти ҳамгироӣ;

- асосноккунии муқаррароти илмӣ оид ба зарурияти инкишофи муносибатҳои мезосатҳи ҳамгироӣ ҳамчун воситаи ба даст овардани “бартарияти ҳамгироӣ” ва яке аз роҳҳои татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар.

**Объекти таҳқиқот.** Иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҷараёни тақвияти ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқоти** рисолаи илмӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии давлатҳои дорои иқтисоди кушод дар шароити тақвияти ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодии муосир мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба он асос ёфтааст, ки назария ва моделҳои муосири бартариятҳои рақобатӣ қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди иқтисоди ҷаҳониро нисбат ба иқтисодиёти кушоди кишварҳои рӯ ба тараққӣ пурра инъикос намекунанд. Дар диссертатсия ин назарияҳо ва моделҳо тавассути пурра кардани назарияҳои мавҷудаи бартариятҳо бо иловаи самараи «мезосатҳи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ» дар сатҳи микроиқтисоди байналмилалӣ инкишоф меёбад. Пешниҳоди масъалаи мазкур дар муқоиса бо назарияи бартариятҳои нисбӣ (назарияҳои Ҳекшер-Олин-Самуэлсон, Столпер-Самуэлсон, Рибчински, Ҳекшер-Олин-Ванек ва самараи қувватдиҳии Ҷонс), бартариятҳои омилӣ (модели омилҳои хоси истеҳсолот, теоремаи Самуэлсон-Ҷонс ва парадокси Леонтьев, назарияи инверсияи омилҳо ва шиддатнокии талабот) ва бартариятҳои рақобатӣ (назарияи Линдер дар бораи тақозо ва бартариятҳои рақобатии Портер, нобаробариҳои технологии Познер ва модели ҷозибаи Тинберген, инчунин пешрафти технологии Хикс), назарияи фазоӣ савдои байналмилалиро тавассути ба даст овардани бартариҳое, ки кишварҳои рӯ ба тараққӣ дорои иқтисоди кушод дар сатҳи як минтақаи ҳамгироишудаи мушаххас ба даст овардаанд, васеъ мекунад. Ин бартарият характери мезосатҳ дорад ва дар шароити тақвияти равандҳои ҳамгироӣ аз ҳисоби: 1) самараи «долонҳои сабз» дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ дар шакли долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, коммуникатсионӣ ва энергетикӣ; 2) самараи истифодаи якҷояи захираҳои истеҳсолии минтақаҳои наздисарҳадии кишварҳои ҳамгироишуда; 3)

самараи механизми ҷуброни тавозуни тақозо ва арза ба молҳои савдошаванда дар ҳудуди мезосатҳи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба вуҷуд меояд.

Пешбини мегардад, ки самараи синергетикии мушоҳидашуда дар доираи «мезосатҳи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ» дар баробари чунин шаклҳои қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ: 1) тақвияти характери кушодагии низомҳои иқтисодӣ; 2) тақвияти  байналмилаликунонии прогресси техникӣ  3) тақвияти  «самараи намоиш»,  имконият медиҳад, ки қонунияти нави муосир, аз ҷумла, 4) “тақвияти майли интиҳоии минтақаҳои кишварҳои дорои иқтисодиёти кушод ба ҳамгироии минтақавӣ” асоснок карда шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро интишороти илмию методии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи интихобшуда ва заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, инчунин, маводҳои методии конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологӣ ва методии таҳқиқотро принсипҳо ва консепсияҳои илмии таҳлили иқтисоди кушод дар шароити тақвияти ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ  ташкил менамояд. Дар раванди ҳалли вазифаҳои гузошташуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳлили системавӣ, вазъиятӣ, сохторӣ-функсионалӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, омилӣ, усули индуксия ва дедуксия, таҳлил ва синтез, инчунин, дигар усулҳои иқтисодӣ ва умумиилмии донишҳо истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Базаи иттилоотии таҳқиқотро инҳо ташкил додаанд: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоришҳои таҳлилии Бонки рушди Авруосиё, Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд, Бонки ҷаҳонӣ, Иттиҳои давлатҳои Мустақил, инчунин маводҳое, ки муаллиф дар рафти кори таҳлилӣ гирд оварда ва ҷамъбаст кардааст. Базаи иттилоотии таҳқиқотро ҳамзамон, маводи маълумотӣ, оморӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ оид ба рушди савдои хориҷӣ, раванди сармоягузориҳои хориҷӣ, инкишофи муносибатҳои ҳамгирой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии раванди ҳамгиироиҳои минтақавӣ дар

минтақаҳои ҷаҳон оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, инчунин, маводи назариявӣ ва таҷрибавӣ дар монографияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ мавҷудбуда ташкил намуданд.

**Навгонии илми таҳқиқот. Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии муайян кардани қонуниятҳои рушди иқтисоди кушод дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва таҳияи стратегияи иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тақвияти иштироки кишвар дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои зерини муҳимтарин ба даст оварда шудаанд, ки **навгонии илмии таҳқиқотро** муайян мекунанд:

1. Дар асоси таҳлили назариявӣ-илмӣ, консептуалӣ, муқоисавӣ ва таҷрибаи амалии рушди кишварҳои ҷаҳон мафҳум ё категорияи иқтисодии "иқтисоди кушод" васеъ карда шуда, шакли муосири зуҳуроти он дар сатҳи макро ва мезоиқтисод таҳлил ва амиқ карда шудааст. Дар ин замина қонуният ва тамоюли рущди кишварҳои дорои иқтисоди кушод дар шароити тақвияти ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳамчун самти ташаккули бартарияти рақобатии онҳо дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, асоснок карда шудааст;

2. Исбот карда шуд, ки "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ", ки ҳудуди махсуси иқтисодии ҳамгироишудаи ҷаҳони муосир буда, дар заминаи ташаккули инфрасохтори моддии ҷаҳонишавӣ, яъне роҳҳои нақлиётӣ, коммуникатсионӣ ва алоқа, инчунин истифодаи якҷояи захираҳои иқтисодии наздисарҳадии давлатҳои ҳамгиро ва механизми ҷуброни арза ва тақозои мутавозин ба молҳои содиршаванда ба вуҷуд меояд, ҳамчун категорияи иқтисодӣ муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодии кишварҳоро дар сатҳи мезоиқтисод ифода намуда, дар муқоиса бо назарияи ҳамгироии хатии Баллас таҷассумгари шакли ҳамгироии минтақавии иқтисодии ғайрихаттӣ мебошад;

3. Ошкор карда шуд, ки назарияҳои бартариятҳои нисбӣ ва рақобатии мавҷуда қонуният ва тамоюли инкишофи иқтисоди ҷаҳонро нисбат ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба инкишоф ба таври возеҳ асоснок наменамоянд.

Дар диссертатсия ин назария ва моделҳои бартарият аз нигоҳи ба даст овардани бартарият аз ҳисоби самараи “минтақаи дорои имконияти ҳамгирой” ё худ бартарияти ҳамгирой васеъ карда шудааст;

4. Аз нуқтаи назари илмӣ пешбинӣ гардид, ки самараи синергетикие, ки дар доираи «мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ» ба вуҷуд меояд, дар баробари чунин шаклҳои қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонии дар назарияи иқтисоди байналмилалӣ эътирофгардида ба монанди; тақвияти “характери кушодагии низомҳои иқтисодӣ”, тақвияти “байналмилалишавии раванди прогресси техникӣ” ва тақвияти «самараи намоиш», имконият медиҳад, ки ташаккули қонунияти нави муосир, аз ҷумла, тақвияти “майли интиҳоии минтақаҳои кишварҳои дорои иқтисоди кушод ба раванди ҳамгироии минтақавӣ”, асоснок карда шавад;

5. Дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ оид ба рушди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ нишонаҳо ва хосиятҳои ҳамгирой дар сатҳи микро, макро ва мезоиқтисодиёт муайян гардиданд ва собит гардид, ки ташаккули минтақаи дорои имконияти ҳамгирой ҳамчун ҳолати махсуси ҳамгирой ҷараёни ҷаҳонишавиро метезонад ва мавҷудияти ин мезосохтор метавонад мафҳум ва назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодиро амиқтар ва васеъ намояд. Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки дар доираи минтақаи дорои имконияти ҳамгирой ҳаракати байналмилалии омилҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аз ҷумла сармояи инфрасохторӣ ва қувваи корӣ шакли мутақобила пайдо намуда, ҳамзамон савдои хориҷӣ дар асоси механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда ба роҳ монда мешавад;

6. Тафсири иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи назарияи бартарияти ҳамгирой, ки бо воситаи самараи “минтақаи дорои имконияти ҳамгирой” зоҳир мегардад, нишон медиҳад, ки механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда дар савдои байналхалқии кишвар пурра амалӣ нагашта, бар замми ин норасоии сармояи хориҷӣ дар иқтисоди кишвар ба назар мерасад. Асоснок гардид, ки айни замон тавозуни манфии савдои хориҷӣ

ва норасоии сармоя аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун даромад аз  содироти қувваи корӣ ва омили истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ҷуброн карда мешаванд;

7. Омилҳо ва захираҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгирой" ошкор кард шуда, асоснок мегардад, ки амалӣ гаштани лоиҳаҳои байналмилалии инфрасохтории нақлиётӣ, коммуникатсионӣ, обию энергетикӣ ва туристию рекреатсионӣ, инчунин тамоили афзоиши воридот нисбат ба содироти мол аз потенсиали калони ҷараёни ташаккули мезосатҳи ҳамгироии минтақавии кишвар, махсусан майли интиҳоии минтақаҳои наздисараҳадии кишвар ба ҷараёни ҳамгирой, шаҳодат медиҳанд.

8. Бо дарназардошти омилҳо ва захираҳои иқтисодӣ, ташаккул ва рушди «минтақаи дорои имконияти ҳамгирой» самтҳои афзалиятноки амалигардонии манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодии муосир муайян карда шудааст. Дар диссертатсия шаклҳои зоҳиршавии самараи бартарияти ҳамгирой дар доираи татбиқи лоиҳаҳои байналмилалию минтақавии нақлиётию коммуникатсионӣ, обию энергетикӣ, туристию рекреатсионӣ, ва тавсеаи муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ дар сатҳи мезоиқтисодиёти кишвар  нишон дода шудааст;

9. Асосҳои институтсионалии ташаккули мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, ҳаракати кишвар ба самти ҳамгирой бо АвруОсиёи бузург ҳамчун самти афзалиятноки ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгирой" ва роҳи тезонидани суръати ҷаҳонишавии кишвар ва минтақаҳои он, муайян карда шудааст. Дар диссертатсия асосҳои институтсионалӣ ҳамчун нерӯи асосии пешбарандаи рушди муносибатҳои бозорӣ, рафъи асимметрия дар низомҳои идоракунӣ ва таъсиси ниҳодҳои нави идоракунии корпоративӣ асоснок карда шудаанд;

10. Муқаррароти илмӣ оид ба зарурияти инкишофи муносибатҳои мезосатҳи ҳамгирой ҳамчун воситаи ба даст овардани "бартарияти ҳамгирой" ва яке аз роҳҳои татбиқи ҳадафҳои стратегии миллии кишвар асоснок карда

шудааст. Дар кори диссертатсионӣ муайян карда шудааст, ки амалӣ гаштани лоиҳаҳои минтақавию байналмилалии нақлиётию коммуникатсионӣ, ҳамзамон ташаккули механизми савдои хориҷии мақсаднок ва «долонҳои сабз», инчунин ба «долонҳои иқтисодӣ» табдил гардидани «долонҳои транзитӣ» ва ниҳоят ташкили кластерҳои фаросарҳадӣ дар шакли кооператсияи истеҳсолоти саноатӣ ва агросаноатӣ, бартарияти ҳамгироии минтақавии Тоҷикистонро тақвият бахшида, майли интиҳоии ҳамгироии минтақаҳои кишварро ба ҷараёни ҳамгироии минтақавӣ афзуда, раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии миллии кишварро тадриҷан таъмин менамояд;

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

- ҷаҳонишавӣ ҳамчун тамоюли инкишофи кушодагии иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон имконияти шароити рушдро таъмин намуда, худи рушди мутавозинро барои ҳамаи кишварҳо кафолат намедиҳад, ки он аз “норасоии ҷаҳонишавӣ” дарак медиҳад ва барои иқтисодиёти кушоди кишварҳои рӯ ба инкишоф он бо воситаи тақвияти ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ бартараф карда мешавад;

- категорияи иқтисодии “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” шакли зуҳуроти тамоюли ҷаҳонишавии кишварҳои рӯ ба инкишоф буда, характер ва мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодиро ифода намуда, шакли ғайрихатии ҳамгироии иқтисодӣ мебошад;

- назарияҳои мавҷудаи бартариятҳои нисбӣ, омилӣ ва рақобатии мавҷуда вазъи рушди кишварҳои рӯ ба инкишофро, ки характери иқтисодиёти кӯшодаро доранд, инъикос намекунанд ва онҳо бештар аз бартарияти ҳамгироӣ аз ҳисоби ташаккули самараи синергетикии ҳамгироӣ дар шакли самараи “долонҳои сабз” дар ҷарёни амали гардидани лоиҳаҳои инфрасохтори муштарак дар намуди бунёди долонҳои нақлиётию коммуникатсионӣ ва энергетикӣ, самараи “истифодаи якҷояи захираҳои иқтисоди наздисарҳадӣ” ва ба даст овардани самараи “механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда” дар доираи минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ, манфиатдор мегарданд. Дар

диссертатсия нишон дода шудааст, ки ба вуҷуд омадани бартарияти мазкур имконияти васеъ намудани назарияи бартариятҳоро дар илми иқтисод дорад;

- “минтақаи дорои имконияти ҳамгирої” ҳамчун категорияи иқтисодии ифодакунандаи қонунияти майли интиҳоии минтақаҳои кишварҳои ҷаҳон ба муносибатҳои ҳамгирої асоснок карда шуда, он ҳамчун шакли ғайрихатии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар шароити муосир мушаххас гардидааст. Асоси моддии ташаккули ин минтақаи ҳамгирої ва қонунияти мазкурро сармояи инфрасохторӣ, ҳиҷрати қувваи корӣ, паст кардани хароҷотҳои транзаксионӣ бо воситаи ташаккули механизми ҷуброн дар низоми савдои беруна, ташкил менамоянд;

- дар ҷараёни ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳаракати мутақобилаи омилҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ асоси ташаккули “минтақаи дорои имконияти ҳамгирої” гардида, механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда дар заминаи рушди савдои мақсадноки байниминтақавии наздисарҳадӣ, байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавӣ ба роҳ монда мешавад. Дар диссертатсия чунин шаклҳои савдои мақсаднок дар асоси нишонаҳо ва хосиятҳои ҳамгирої дар сатҳи мезоиқтисодиёт (савдои байниминтақавии наздисарҳадӣ, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, кластери фаросарҳадӣ, гуруҳҳои молиявию саноатӣ (ГМС) ва татбиқи якҷояи лоиҳаҳои инфрасохторӣ) муайян карда шудаанд;

- арзёбии иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тафсири он аз нигоҳи ба даст овардани самараи “минтақаи дорои имконияти ҳамгирої” нишон медиҳад, ки нақши кишварҳои хориҷи наздик дар воридот ва кишварҳои хориҷӣ дур дар содирот бештар аст, ки аз амалӣ нагаштани механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда дар савдои байналхалқии кишвар шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон дар диссертстия нишон дода шудааст, ки дар баробари пурра амалӣ нагаштани механизми мазкур, инчунин норасоии сармояи хориҷӣ дар иқтисоди кушоди Тоҷикистон низ ба назар мерасад. Асоснок гардид, ки айни замон ҷуброни ин норасоиҳо дар тавозуни пардохти кишвар аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳамчун даромад аз содироти қувваи корӣ ва омили истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ҷуброн карда мешавад;

- амалӣ гаштани лоиҳаҳои байналмилалии инфрасохтории нақлиётӣ, коммуникатсионӣ, энергетикӣ ва мавҷудияти захираҳои бузурги обию энергетикӣ ва туристию рекреатсионӣ, инчунин тамоили афзоиши воридот нисбат ба содирот ва норасоии сармояи хориҷӣ дар Тоҷикистон омилҳо ва нишондиҳандаҳое мебошанд, ки аз мавҷудияти майли интиҳоии шаҳру ноҳияҳои кишвар, ки дар масири долонҳои нақлиётию коммуникатсионии байналхалқӣ ва минтақавӣ ҷойгиранд (Душанбе, Ваҳдат, Файзобод, Нуробод, Турсунзода, Айнӣ, Бохтар, Данғара, Кулоб, Қурғонтеппа, Ҷиргатол, Лахш, Дустӣ, Панҷи поён, Кулма, Қароқурум, Шикеф, Ишкошим, Хуҷанд, Конибодом ва дигар), ба ҷараёни мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ  шаҳодат медиҳанд;

- дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки долонҳои байналмилалӣ ва минтақавии нақлиётӣ дар доираи лоиҳаҳои Як камарбанд-Як роҳ, ТРАСЕКА, ЦАРЕС, ҳудуди минтақаҳои Шимол-Ҷануб ва Шарқ-Ҷануб, инчунин татбиқи лоиҳаҳои энергетикии CASA-1000, СПЕКА, лоиҳаи Рақамикунонии CASA-1000 ва ғайра, ки кишвар дар масири ин долонҳои иқтисодӣ, минтақаҳо ҷойгир аст ва иштирокчии бевосита дар онҳо мебошад, ҳамчун шаклҳои зоҳиршавии самараи бартарияти ҳамгироӣ буда, ҳамзамон пешбинӣ мегардад, ки ташкили кластерҳои фаросарҳадии туристию рекреатсионии кишвар бо Ҷумҳурии Қирғизистону Узбекистон, кластерҳои агросаноатию логистикӣ ва шабакаҳои иттилоотию тиҷоратӣ бо кишварҳои Осиё ва Аврупо, метавонад муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ дар сатҳи мезоиқтисодиёти кишварро инкишоф диҳад;

- ба асосҳои институтсионалии ташаккули мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ассотсиатсияҳои истифодабарандагони захираҳои табии минтақа, мақоми ваколатдор ва ҳайати махсуси байниминтақавӣ, созишномаҳои байнидавлатию минтақавӣ, конвенсияҳо ва механизми шарикии бахши хусусӣ ва давлатии фаросарҳадӣ, платформаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои ҳамкории минтақаҳо дар самтҳои гуногун ва истифодаи технологияҳои рақамӣ, дохил мешаванд. Дар диссертатсия асоснок мегардад, ки ин ниҳодҳо воситаи асосии таъмини ҳаракати кишвар ба сӯи Аврупои бузург ҳамчун самти афзалиятноки ташаккули

“минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” ва усули рафъи асимметрия дар ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ мебошад;

- инкишофи муносибатҳои мезосатҳи ҳамгироӣ ҳамчун воситаи ба даст овардани самараи “бартарияти ҳамгироӣ” бо воситаи: а) **амалӣ гаштани лоиҳаҳои минтақавию байналмилалии нақлиётию коммуникатсионӣ** (роҳҳои нақлиётӣ, хати барқу газ, алоқаи интернетӣ ва ғ.); б) **диверсификатсияи ҷуғрофӣ ва сохтории савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун тиҷорати мақсаднок** (бар ивази содироти меваю сабазавоти аз лиҳози экологӣ тоза, молҳои саноати сохтмонӣ (намак, сулфат, грунт, сангҳои қимматбаҳо, гипс, семент, рангҳои сохтмонӣ, сурма, висмут, олово, шиша ва маснуотҳои аз онҳо ва ғ.), маснуоти саноати сабук (либосворӣ, поайфзол, қолинҳо ва ғ.), молҳои саноати кимиё ва доруворӣ, хизматрасониҳои нақлиётию коммуникатсионӣ ва туристӣ воридоти таҷҳизоту технологияи муосири истеҳсолию иноватсионӣ ва ғ.); в) **ташкил ёфтани корхонаҳои истеҳсолию тиҷоратӣ** дар масири «долонҳои транзитӣ» ҳамчун раванди табдили он ба «долонҳои иқтисодӣ»; г) ва **ташкили кластерҳои фаросарҳадӣ** (туристию рекреатсионӣ, агросаноатӣ, обию энергетикӣ ва ғ.), роҳҳои татбиқи ҳадафҳои стратегии миллии кишвар мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ҷанбаҳои назариявии тадқиқоти рисола, моҳият ва мундариҷаи равандҳо, қонуниятҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити ҳамгироии минтақавӣ, маҷмӯи ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятнок барои истифодаи васеи амалӣ нигаронида шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои муайян намудани устувории шароити савдои хориҷии минтақаҳо, рушди минтақа ҳамчун субъекти иқтисоди кушоди миллӣ дар ҷанбаҳои тиҷорату сармоягузорӣ, инчунин ба низом даровардани оқибатҳои мусбӣ ва манфии кушодагии иқтисодии минтақаҳо метавонад дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомот ва идораҳои ваколатдор, ки ба татбиқи амалии сиёсати иқисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти гузариш машғуланд, татбиқ карда шавад.

Маводҳои тадқиқотӣ метавонанд дар таълими фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Макроиқтисод», «Иқтисоди институтсионалӣ», «Иқтисоди байналмилалӣ», «Иқтисоди минтақавӣ», инчунин курсҳои махсуси рушди сиёсати иқтисоди хориҷӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) банди 1.1... қонуниятҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ – давлатӣ; ҳамбастагии равандҳои иқтисодию сиёсӣ дар сатҳи миллию давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, тахдидҳои ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он; ташаккули сиёсати иқтисодии (стратегия) давлат, 1.3... назарияи иқтисодиёти байналмилалӣ, назарияи иқтисодиёти минтақавӣ: назарияи идоракунии низомҳои иқтисодӣ, 1.4... назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ, назарияи иқтисодиёти гузариш ва шаклдигаркунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳлили таҳқиқоти диссертатсионӣ ва интишороти асосии муаллиф саҳми шахсии ӯро дар ба даст овардани натиҷаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот муайян мекунад. Аз ҷумла, муаллиф бори нахуст роҳҳои ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодии иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, равандҳои мезосатҳи ҳамгироиро муайян намуда, равиши мушаххаси консептуалии иштироки самарноки кишвар дар раванди ҷаҳонишавии муосирро асоснок ва пешниҳод  намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Апробатсияи мавзуи таҳқиқот дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, (суратҷаласаи №1 аз 30.08.2023,) гузаронида шудааст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърузаҳои шифоҳӣ пешниҳод гардида, дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла: Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: “Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ”,  (Душанбе,

2021), «Приоритетные научные направления XXI века: от теории к практике», (Мурманск, 2015), «Современное общество: научный взгляд молодых»,. (Челябинск, Федерация Россия 2015), Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи: «Арзёбии ҳолати соҳибкории хурдуд миёна дар ҶТ» бахшида ба Солҳои рушди саноат 2022-2026. (Душанбе 2023), Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 30- солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021), «От исследований к политике, от политики к практике в количественных социально-экономических исследованиях в эру современных информационных технологий», (Душанбе 2015), (Душанбе 2023), «Государственные инвестиции, налогообложение и их воздействия на экономический рост», (Душанбе 2014), Материалы республиканской конференции посвящены дню финансовых работников, (Душанбе 2011), Материалы республиканской конференции Академии наук Республики Таджикистан на тему «Молодёжь и современная наука» (Душанбе 2012) ироа шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 61 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии матни муаллифӣ 950 саҳ., аз ҷумла, 6 монография бо ҳаҷми 27,2 ҷ.ч. 2 мақолаи SCOPUS ва 30 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ 70,1 ҷ.ч. нашр карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 16 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Кор дар 414 саҳифа, 51 ҷадвал 10 расм, 8 диаграмма ва 11 замима оварда шудааст. Рӯйхати адабиётҳои истифодагардида 338 номгӯйро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИ КУШОД ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ ХОҶАГИИ ҶАҲОНИ МУОСИР

## § 1.1. Назарияи муосири иқтисоди кушод: муаммоҳои умумии ташаккул ва татбиқи амалӣ

Яке аз хусусиятҳои муҳими рушди хоҷагии ҷаҳони муосир босуръат пеш рафтани раванди ҷаҳонишавӣ мебошад. Ҷанбаи иқтисодии ҷаҳонишавӣ афзоиши чандинкаратаи гардиши молу хидматҳо, сармоя ва иттилоот, инчунин байналмилаликунонии раванди истеҳсолот ва афзоиши ҳаракати одамон дар миқёси байналмилалиро дар бар мегирад. Ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонро метавон ҳамчун афзоиши вобастагии мутақобилаи иқтисоди миллӣ, таъсири мутақобила ва бо ҳам пайвастани соҳаҳо ва равандҳои мухталифи хоҷагии ҷаҳонӣ тавсиф кард. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба тамоми низомҳои шаклгирӣ ва усулҳои сиёсати макроиқтисодии давлатӣ таъсир расонида, нақши омилҳои беруниро дар рушди иқтисодиёти миллӣ ба таври назаррас афзоиш медиҳад.

Дар марҳилаи кунунии ҷаҳонишавӣ масъалаи дурнамои рушди иқтисоди миллӣ аз ҳама муҳим аст. Гап сари он аст, ки дар шароити муосир як навъ зиддият вуҷуд дорад. Зиддият дар он аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ иқтисодҳои миллӣ бо ҳам пайваст гардида, барои бозори хориҷӣ кушода мегарданд, ҳамкориҳои иқтисодӣ рушд карда, сарҳадҳои иқтисодии миллӣ аз байн меравад, ҷараёни ҳаркати мол, сармоя ва хидматҳо бо монеаҳои кам дучор мешаванд. Аз тарафи дигар бошад, барои кишварҳои алоҳида ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити иқтисоди кушод мавзӯи мубрам мегардад. Дар ин маврид зарур аст, ки ҳар як кишвар қобилияти ҷаҳонишавии худро дар заминаи омилҳои ҷаҳонишавӣ омӯзад ва давра ба давра ба ин раванд ҳамроҳ шавад.

Пайдоиши ҷаҳонишавӣ ҳамчун як низоми ягонаи ҷаҳонии иқтисодӣ набояд ҳамчун як раванди кутоҳмуддат, балки раванди дарозмуддат баррасӣ гардад. Иқтисоди ҷаҳон дар тӯли таърихи инкишофи худ ба ҳолати ҷаҳонишавӣ гузашт.

Бинобар ин, мо метавонем дар бораи намунаҳои муайяни таърихии раванди ҷаҳонишавӣ таҳлилҳо гузаронем ва дар асоси он муайян намоем, ки шаклҳои ҷаҳонишавӣ кадомҳоянд ва онҳо то чӣ андоза метавонанд ба табиати рушди иқтисодиёти миллӣ таъсир расонанд. Яъне ҷаҳонишавӣ имкониятҳои нави рушди устуворро фароҳам меорад ва ё баръакс, хавфҳои иловагиро, ки бо пайдоиши тамоюлҳои буҳронӣ алоқамананданд, эҷод мекунад. Равандҳои муосири инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ, ки дар шакли буҳронҳо ва таҳримҳо зоҳир гашта истодаанд, масъалаи таъсири омилҳои ҷаҳонӣ ба рушди иқтисодиёти миллии дорои сатҳи баланди иқтисоди кушодро боз ҳам шадидтар мегардонад.

Аммо таҷриба нишон дод, ки имрӯз ҳеҷ як иқтисоди миллӣ, новобаста аз андозаи кишвар ва сатҳи рушди он, бе такя ба иқтисоди беруна самаранок рушд карда наметавонад. Бояд қайд кард, ки раванди такя ба захираҳои дохилӣ як монеаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад, зеро он боиси маҳдудияти истифодаи оқилонаи захираҳои миллӣ гардида, дар ниҳоят гузаштан ба иқтисоди бозаргониро душвор месозад. Аз тарафи дигар, ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияи рушди иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ давлат бояд равандҳоеро, ки дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба амал меоянд, бояд ба назар гирад. Зеро дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ иқтисодҳои кушод ташаккул меёбанд ва "афзоиши кушодагии иқтисод", ки хусусияти умумӣ пайдо мекунад, ҳамчун намунаи муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ амал мекунад ва дар навбати худ равишҳои навро вобаста ба таҳлили тараққиёти хоҷагии халқ дар ин шароит касб мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи ҳамкории низоми хоҷагии миллӣ бо бозори ҷаҳонӣ, дараҷаи кушодагии он  ҳануз аз пайдоиши иқтисоди сиёсии классикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва то имрӯз моҳияти худро гум накарда, баръакс муҳим гашта истодааст.[2]

---

1. Ба таври возеҳ нигаред ба: Қаюмов Н.К. Глобализационные процессы // Н.К.Қаюмов Назаров Т.Н., Маҳмудов И.И., Раҳимов Р.К., Умаров Х.У. Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2003. - № 4. – С. 5-63. Л.Х Саидмуродов. Республика Таджикистан в системе современных связей: модель малой открытой экономики.-Душанбе.: Дониш, 2021.-С.109-110.  Х.А. Одинаев. Развитие межрегиональной торговли в условиях экономиической интеграции.-Душанбе: «ЭР-граф», 2020.-172 с. Кодирзода Д.Б., Солиева Н.Ш. Факторы развития региональной экономической интеграции в условиях глобализации.-Душанбе: «Типография ТНУ», 2021.-184 с.

Бояд қайд кард, ки масъалаҳои вобаста ба афзоиши сарвати миллат тавассути низоми иқтисоди кушод, яъне савдои байналхалқӣ, аз ҷониби намояндагони мактаби меркантилистӣ Т. Мен, Ҷ. Колберт, А.Серра аввалин маротиба омӯхта шудааст. Баъдан он дар асарҳои намояндагони иқтисоди сиёсии классикӣ (У.Петӣ, А. Смит, Д. Рикардо, Ҷ.Б. Сей, Ҷ. С. Мил ва дигарон), иқтисоди сиёсии марксистӣ (К. Маркс, Ф. Энгелс, В. И. Ленин) ва мактаби неоклассикӣ (Э. Хекшер, Б. Олин, Т. Рибчинский, В. Леонтев ва дигарон) дида баромад шуданд. Бо дарназардошти рушди муносибатҳои иқтисодии кишварҳо баъдан назарияҳои алтернативии муосирро дар ин самт назарияҳои фаъолияти тиҷорати хориҷии фирмаҳо (С. Робок, К. Сисмонд, С. Линдер, П. Бакли ва дигарон), назарияҳои неотехнологӣ (К. Ланкастер, П. Кругман, Р. Вернон ва М. Познер) муаррифӣ мекунанд. М. Портер бошад назарияи бартариҳои рақобатпазирии байналмилалиро коркард намуд, ки он ба рушди низоми иқтисоди кушод таҳаввулоти сифатиро ворид намуд (нигаред ба ҷадвали 1.1.).

Бояд тазаккур дод, ки дар давраи аввал таҳаввулоти назарияи иқтисоди кушод асосан ба масъалаи тиҷорати озод (либерализатсия) такя менамуд. Яъне, иқтисоди кушод танҳо аз нигоҳи озодии фаъолияти тиҷорати беруна баҳо дода мешуд ва аз он асосан мамлакатҳои мутараққии капиталистӣ манфиатдор буданд. Зеро онҳо дар натиҷаи тиҷорати молҳои саноатӣ даромади бештар ба даст оварда, давлатҳои қафомонда ба онҳо ҳамчун таъминкунандаи ашёи хом ва бозори фуруш хизмат менамуданд.

Албатта ин ҳолат гарчанде пурра аз байн нарафта бошад ҳам, вале он то андозае коҳиш ёфта, давлатҳои алоҳидаи дар ҳолати рушд қарор дошта тавонистанд давра ба давра мавқеи худро дар бозори ҷаҳонӣ мустаҳкам намуда, аз иқтисоди беруна самаранок истифода баранд. Ба ин давлатҳо метавон кишварҳои нави саноатӣ Ҷопон, Тайван, Сингапур ва Кореяи Ҷанубиро мансуб донист, ки дар натиҷаи татбиқи стратегияи рушди муносибатҳои байналхалқӣ тавонистанд ба рушд ноил гарданд.

Назарияи иқтисоди кушод дар асарҳои В. Ойкен, Ф. Хайе, Ж. Монне ва Л. Эрхард дар сатҳи созмонҳои минтақавӣ таҳлил ва баррасӣ гашта, қисман ба

инъикоси манфиатҳои рушди иқтисоди кушоди кишварҳои рӯ ба тараққӣ равона карда шудаанд.

**Ҷадвали 1.1. - Таҳаввулоти назарияи кушодагии иқтисодиёт**

| Самтҳо | Намояндагон | Андешаи асосӣ | Захираи омилҳое, ки ба кушодагии иқтисодиёт такон медиҳанд |
|---|---|---|---|
| меркантилизм | Т.Мен, А. Серра, А. Монкретен, Ҷ. Колберт ва дигарон | Барои пур кардани хазинаи давлат металлҳои қиматбаҳо бештар бояд ворид намуд | Меҳнат |
| иқтисоди сиёсии классикӣ | У.Петӣ, А.Смит, Д.Рикардо, Ж.Б.Сэй, Ҷ.С.Милл ва дигарон | Мубодилаи молҳо дар заминаи истеҳсоли молҳо асосан боиси афзоиши сарвати ҳамаи миллатҳо мегардад | Меҳнат |
| иқтисоди сиёсии марксистӣ | К.Маркс, Ф.Энгелс, В. И. Ленин | Раванди худтанзимкунии сармоя, ки аз иқтисоди миллӣ берун мебароянд, сабаби инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ мегардад | Сармоя |
| мактаби неоклассикӣ | Э.Хекшер, Б.Олин, Т.Рибчинский, В. Леонтев ва дигарон | Мубодила боиси баробар шудани нархҳои омилҳои истеҳсолот мегардад | Меҳнат, сармоя |
| назарияи фаъолияти тиҷорати хориҷии ширкатҳо | С.Робок, К.Сисмонд, С.Линдерт, П.Бакли ва дигарон | Фирмаҳо барои ба даст овардани самараи миқёс фаъолияти иқтисодии хориҷиро анҷом медиҳанд | Меҳнат, сармоя, қобилияти соҳибкорӣ |
| назарияи неотехнологӣ | К. Ланкастер, П. Кругман, Р.Вернон, М.Познер ва дигарон | Мубодила тавассути рушди технология сурат мегирад | Технология |
| назарияи бартарии рақобатпазирии байналмилалӣ | М. Портер | Мубодила натиҷаи ташаккули афзалиятҳои рақобатпазирӣ аст | Меҳнат, сармоя, технология, инноватсия, қобилияти соҳибкорӣ |
| назарияи бартарияти ҳамгироӣ | В. Ойкен, Ф Хейк, Ж. Монне ва Л. Эрхард. | Шароити бехтари тиҷорати ва истеҳсолӣ | Захираҳои табии ва иқтисодӣ (мехнат, сармоя ва озодии фаъолият) |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Меъёрҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии арзёбии дараҷаи кушода будани иқтисод имрӯз дар адабиёти иқтисодӣ, аз ҷумла дар ҳуҷҷатҳои низоми мавҷудаи бисёрҷонибаи танзими тиҷорати байналмилалӣ (ГАТТ-АГТГ), хеле маҳдуд нишон дода шудаанд. Зеро он «қисман ба муносибати умумӣ вобаста аст, ки он асоси фаъолияти АГТГ (ГАТТ) буд. Азбаски худи АГТГ на ҳамчун як созмони байналмилалӣ, балки ҳамчун созишномаи тарафҳои (иштирокчиёни) аҳдкунанда баррасӣ мешуд, пас додани ин ё он мақом ба ягон кишвар танҳо маънои ризоияти боқимондаи иштирокчиён бо оқибатҳои ҳуқуқӣ ва амалие, ки аз ин мақом бармеояд, мебошад».[3]

Аз ин рӯ, дар доираи СУС ягон формулаи ҳуқуқии мафҳуми «иқтисоди кушод» вуҷуд надорад ва аз ин рӯ, нишондиҳандаи дараҷаи кушода будани иқтисод монеаи расмӣ барои иштирок дар СУС ва дигар созмонҳои байналмилалӣ нест. Аммо, дар амал, «иштирок дар онҳо бо либерализатсияи низоми тиҷорат алоқаманд аст, аммо дараҷаи он на аз рӯйи меъёрҳои возеҳ, балки бо мувофиқаи иштирокчиёни дигар бо сатҳи либерализатсияи низоми савдои ҳар як иштирокчӣ муайян карда мешавад».[4]

Дар амал бошад, кушодагии иқтисодиёт на танҳо барои тиҷорат, балки он шароит барои тиҷорат, сармоягузорӣ, истеҳсолот ва умуман ҳаракати озоди ҳамаи омилҳои муосири истеҳсолот мебошад.

Яъне, категорияи "кушодагӣ" наметавонад ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафи пайвастан ба ягон созмони байналмилалӣ ё дигар ҳадафҳои кӯтоҳ, миёна ё дарозмуддат истифода шавад. Ин шароитест, ки муносибатҳои низоми иқтисодии миллӣ дар шароити вобастагии мутақобилаи иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Яъне "иқтисоди кушод" мафҳуми васеъ ва гуногунҷабҳа буда, он бо маҷмӯи чораҳои мушаххас маҳдуд намешавад. Дар айни замон, нисбати истилоҳи иқтисоди кушод нуқтаҳои зиёде мавҷуданд.

---

3. Щебарова, Н.Н. Механизм формирования соотношения свободы торговли и протекционизма и его воздействие на позиции России в мировой торговле: автореферат дис. ... д.э.н. 08.00.14 [Текст] / Н.Н. Щебарова. - Москва, 2004. – С.56.- С. 29.

4 Ҳамон ҷо саҳ.48.

Аз рӯйи таърифи умумӣ, иқтисоди кушод ин низоми иқтисоди миллӣ аст, ки бо иқтисоди ҷаҳонӣ тавассути тиҷорати хориҷӣ, ҳаракати сармоя ва ҳаракати захираҳои молиявӣ ҳамкорӣ мекунад. Ба андешаи мо дарки иқтисоди кушод бояд танҳо дар доираи масъалаҳои умумии ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд наояд. Дар он бояд масъалаи ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ бояд якҷоя ва мутаносибан арзёбӣ гардад. Зеро ҷаҳонишавӣ ба кишварҳо гарчанде имкони рушдро муҳайё созад ҳам, вале онро кафолат намедиҳад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити муосир кафолати рушдро барои кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон то андозае минтақагароӣ таъмин месозад ва ин аст, ки дар шароити муосир кишварҳое ҳастанд, ки низомҳои иқтисодии миллии худро маҳз тавассути минтақагароӣ мекушоянд.

Пас метавон чунин хулоса намуд, ки "иқтисоди кушод ин низоми иқтисоди миллӣ аст, ки дар он ҳама шаклҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мавҷуд аст ва ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ рақобати доимиро аз берун эҳсос карда, имкониятҳо барои амалисозии бартариятҳои рақобатии кишвар чӣ тавассути ҷаҳонишавӣ ва чӣ тавассути раванди минтақагароӣ фароҳам оварда шуда, рушд таъмин карда шавад. Сарҳади кушодагии иқтисодиёт бошад ҳамон ҳолатест, ки низоми иқтисоди кушод наметавонад ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ баромад намояд".

Бояд таъкид созем, ки дар илми иқтисод вобаста ба дараҷаи кушодагии иқтисодиёт таҳқиқотҳои зиёде аз ҷониби гуруҳҳои коршиносони созмонҳои бонуфузи байналмилалии иқтисодӣ гузаронида шудаанд. Бештари онҳо исбот месозанд, ки бо афзоиши кушодагии иқтисод некӯаҳволии сокинони кишвар боло меравад. Усули омӯзиши дараҷаи кушода будани иқтисод аз нуқтаи назари муайян кардани ҳиссаи истеҳсолоти миллӣ, ки бо сектори беруна, яъне савдои берунӣ алоқаманд аст, иборат мебошад. Бояд қайд намуд, ки вобаста ба ин масъала дар назарияи иқтисод, назария ва равишҳои гуногун аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ барои арзёбии кушодагии иқтисоди миллӣ меъёрҳои гуногуни ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатӣ пешниҳод карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки меъёрҳои маъмултарин, нишондиҳандаҳои квотаи содирот, воридот ва савдои хориҷӣ мебошанд. Нишондиҳандаи аз ҳама абстрактии кушода будани иқтисоди миллӣ категорияи квотаи савдои хориҷии кишвар мебошад (ҳамчун таносуби маблағи содирот ва воридот ба ММД), ки аҳамияти робитаҳои хориҷиро дар рушди низоми иқтисоди миллӣ нишон медиҳад. Масалан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда дар тамоми давраи ислоҳоти иқтисодӣ хеле баланд буда, аз 210% дар соли 1995 то ба 72,6% дар соли 2021 ташкил менамояд.

Ҳамзамон, квотаи тиҷорати хориҷӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва нишондиҳандаи ҷалби кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат маҳдуд аст, зеро он тавсифи сифатии амалиёти тиҷорати хориҷиро нишон намедиҳад. Он наметавонад фоида ва зиёнҳоро, ки дар рушди равобити иқтисодии хориҷии кишвар ба вуҷуд меоянд, шарҳ диҳад. Пеш аз ҳама, гардиши савдои хориҷӣ бояд ба чунин дараҷае расад, ки он ба ҳавасмандгардонии рушди умумии иқтисодӣ замина гузорад. Иқтисоди кушод бояд ҳам бо содироти калон ва ҳам воридоти калон тавсиф карда шавад, зеро мубодилаи тарафайн на танҳо барои рафъи мушкилоти афзоиш, балки барои ғанӣ гардонидани доираи воситаҳои истеҳсолот ва молҳои истеъмолӣ хизмат мекунад.

Барои иқтисоди кушода хос аст, ки тақсимоти байналмилалии меҳнат ба қабули қарорҳои иқтисодӣ оид ба ташаккули сохтори дохилии истеҳсолот таъсир расонад ва асосан ба пайдоиши соҳаҳои нав, истеҳсоли маҳсулоти нав мусоидат кунад.

Мавҷудияти иқтисоди кушод имкон медиҳад, ки аз тақсими байналмилалии меҳнат фоида ба даст оварда шуда, афзоиши миқёси истеҳсолотро таъмин намояд, инчунин дастовардҳои ҷаҳонро дар соҳаи технология, технологияи истеҳсоли маҳсулоти нав дастрас намояд.

Дар навбати худ, дар иқтисоди кушод захираҳои кишвар ба тақсими байналмилалии меҳнат тавассути фишорҳои иқтисодӣ ё ғайрииқтисодӣ ҷалб карда мешаванд. Иштирок дар чунин тақсимоти меҳнат на танҳо ба рушди онҳо мусоидат мекунад, балки иқтисодиёти онҳоро ба манфиатҳои кишварҳои

пешрафта тобеъ мекунад.[5] Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, оғози раванди ҷаҳонишавӣ аз мавҷудияти се шарти пешакӣ (технологӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ) вобастагӣ дошта, дар натиҷаи рушди қаблии иқтисоди ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст. Агар шарти технологӣ бо такмили мунтазами технологияҳои истеҳсолот ва мутаносибан афзоиши иқтидори истеҳсолот вобаста бошад, пас шарти иқтисодӣ бо зарурати дарёфти роҳҳои кам кардани хароҷоти истеҳсолот алоқаманд аст. Аммо, шарти фарҳангӣ маънои онро дорад, ки бо тамоми гуногунрангии фарҳангҳо ва вижагиҳои тафаккури миллӣ, принсипҳои муайяни ягонаи муносибатҳои иқтисодӣ ташаккул мeёбанд, ки то андозае дар саросари ҷаҳон қабул шудаанд.

Дар шароити муосир, дар шароити табиӣ ва иқлимии фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳои алоҳида тафовутҳои зиёд мавҷуданд ва сатҳи рушди иқтисодии кишварҳои алоҳида ба таври назаррас фарқ мекунанд. Ин ҳолат боис мегардад, ки омӯзиши масъалаҳои минтақагароӣ ё фаъолияти иқтисоди кушодаи миллӣ дар доираи гуруҳҳои ҳамгироии минтақавӣ, ҳамчун роҳи осони (ибтидоии) ташаккули иқтисоди кушод дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ гардад. Ҳамин тариқ, дурнамои раванди ҷаҳонишавӣ аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза пешакӣ шартҳои пешбинишуда дар оянда худро тасдиқ хоҳанд кард ва ҳамчун омили воқеии ташаккулёбандаи табиати кушоди иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ амал мекунанд.

Аз ин рӯ, масъалаи хеле муҳим дар ин маврид ҷанбаи дараҷаи ҷалби иқтисодиёти кишвар ба иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Масалан, сатҳи вобастагии воридотро аз рӯйи категорияи квотаи воридот арзёбӣ кардан мумкин аст (таносуби воридоти молҳо ба ММД). Он нишон медиҳад, ки барои истеҳсоли ММД кадом захираҳои дохилӣ маҳдуд аст ва он аз берун ҷуброн карда мешавад. Квотаи баланди воридот аз он шаҳодат медиҳад, ки нуқтаи самаранокии (бозори) тақсимоти оптималии захираҳо аз хатти иқтидори истеҳсолии кишвар хеле дур

5.Щебарова, Н.Н. Механизм формирования соотношения свободы торговли и протекционизма и его воздействие на позиции России в мировой торговле: автореферат дис. ... д.э.н. 08.00.14 [Текст] / Н.Н. Щебарова. - Москва, 2004. – С.56.

аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда дар тамоми давраи ислоҳоти иқтисодӣ хеле баланд буда, аз 145% дар соли 1995 то 39,3% дар соли 2020 омада расидааст.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки нишондиҳандаи воқеии иштироки кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнатро аз нуқтаи назари ҷалби захираҳои як кишвари алоҳида ба иқтисодиёти ҷаҳон, категорияи квотаи содирот (таносуби содироти мол ба ММД) нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда дар навбати худ дараҷаи вобастагии иқтисоди миллиро аз фурӯши молҳои дохилӣ ба бозорҳои кишварҳои дигарро нишон дода, аз татбиқи иқтидори содиротии кишвар дарк дода, дар навбати худ талаботи бозори ҷаҳонӣ ба захираҳои кишварро таҷассум менамояд. Ҳар қадар квотаи содирот зиёд бошад, ҳамон қадар захираҳои кишвар ба тақсимоти байналмилалии меҳнат бештар ҷалб карда мешаванд. Андозаи квотаи содирот аз фарқи байни ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ҳаҷми истеъмол дар дохили кишвар вобаста аст. Ҳамзамон андоза ва сохтори квотаи содиротро метавон барои муайян кардани самти махсусгардонии кишвар дар тиҷорати байналмилалӣ истифода бурд. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон аз он баҳогузорӣ кард, ки коркарди пахта ва алюминий нисбат ба ҳисоби миёнаи ҳамаи дигар намудҳои маҳсулоти миллӣ баландтар аст.

Дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ квотаи содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои ислоҳот ба таври мӯътадил устувор аст, ки ин тағйирнопазирии воқеии системаи муносибатҳои иқтисодиро дар маҷмуи муносибатҳои иқтисодии хориҷии кишвар нишон медиҳад. Агар дар соли 1995 квотаи содирот ба 65% расида бошад, пас он дар соли 2021 ба 10,3% баробар гаштааст.

Дар маҷмуъ, барои ҳисоб намудани нишондиҳандаи кушодагии иқтисодиёт усули ҳисобкунии пешниҳоднамудаи Ю.В.Шишков ва В.В. Соколов хеле қулай аст. Ба андешаи онҳо, ҳангоми арзёбии дараҷаи кушода на танҳо таъсири тиҷорати хориҷӣ, балки ҳаракати байналмилалии сармоя низ ҳамчун омили асосии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба назар гирифта мешавад.

Мувофиқи ин усул, дараҷаи кушоди иқтисоди миллӣ бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\frac{0,5(а + в + с) * 100}{ММД}$$

дар инҷо, а - гардиши савдои хориҷӣ; в - гардиши берунии хидматҳо; с - гардиши сармоягузориҳои дарозмуддат мебошад.

Бояд қайд кард, ки аҳамияти ин равиш дар он аст, ки он имкон медиҳад тағйироти сохториро дар иқтисоди кушода назорат намуда, вобаста ба он механизмҳои рушдро роҳандозӣ намуд.

Маълумот дар ҷадвали 1.2. дараҷаи кушода будани Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи методологияи пешниҳодшуда нишон медиҳад. Дар он мо метавонем бинем, ки иқтисодиёти кишвар тамоили кушодагӣ дорад ва дар он тағйиротҳои сохторӣ кам ба мушоҳида мерасад. Яъне воридот нисбат ба содирот зиёд буда, ҳиссаи сармояи хориҷӣ ба таври назаррас афзоиш наёфтааст.

**Ҷадвали 1.2. - Дараҷаи кушоди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи методологияи Ю.В.Шишков ва В.В. Соколова**

| **Солҳо** | **а) гардиши савдои хориҷӣ** | **в) гардиши берунаи хидматҳо** | **в) гардиши берунаи сармоягузориҳои дарозмуддат*** | **ММД миллион доллар** | **Дараҷаи кушод (%)** |
|---|---|---|---|---|---|
| **2000** | 1459,3 | 119,3 | 23,1 | 991 | 80,8 |
| **2001** | 1339,1 | 117,8 | 8,1 | 1056 | 69,3 |
| **2002** | 1457,5 | 145,1 | 36,1 | 1212 | 67,6 |
| **2003** | 1677,9 | 128,7 | 31,6 | 1309 | 70,2 |
| **2004** | 2106,3 | 193,1 | 22,6 | 1940 | 60 |
| **2005** | 2238,8 | 163,2 | 174,8 | 1567,3 | 82,2 |
| **2006** | 3124,4 | 287,4 | 305,8 | 2809,7 | 66,2 |
| **2007** | 4015,3 | 432,1 | 653,4 | 3715,0 | 68,6 |
| **2008** | 4681,3 | 504,2 | 988,4 | 5207,9 | 59,3 |
| **2009** | 3579,9 | 392,4 | 1305,2 | 5031,3 | 52,4 |
| **2010** | 3851,6 | 154,7 | 1502,6 | 5614,7 | 49,1 |
| **2011** | 4463,3 | 610,3 | 161,4 | 6523,6 | 48,1 |
| **2012** | 5138,1 | 654,5 | 391,4 | 7593,0 | 40,7 |
| **2013** | 4988,8 | 557,3 | 341,1 | 8506,3 | 34,6 |
| **2014** | 5274,7 | 505,9 | 377,4 | 9241,6 | 33,3 |
| **2015** | 4326,2 | 432,8 | 470,9 | 7852,8 | 33,3 |
| **2016** | 3929,9 | 368,3 | 434,2 | 6980,9 | 33,8 |
| **2017** | 3972,9 | 374,2 | 354,5 | 7146,0 | 32,9 |
| **2018** | 4224,3 | 456,0 | 326,7 | 7522,9 | 33.3 |
| **2019** | 4523,7 | 463,1 | 346,5 | 7903,5 | 33,7 |
| **2020** | 4557,8 | 271,8 | 162,5 | 8013,8 | 31,1 |
| **2021** | 6359,1 | 300,3 | 342,2 | 8753,1 | 39,9 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон дар рақамҳо. Маҷмӯаи оморӣ. Душанбе, 2023 сол. С. 332-370.

** ҳамчун сармоягузории дарозмуддат маълумот дар бораи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Тоҷикистон истифода шудааст.*

Усули мазкур гарчанде аз тарафи бисёр муҳаққиқон дастгири ёфта бошад ҳам, вале он универсалӣ нест. Нуқтаи назари дигаре вуҷуд дорад, ки ҳангоми ҳисоб кардани дараҷаи кушодагии иқтисодиёт ҷузъҳои тавозуни пардохт, ба монанди пардохт ва интиқоли муҳоҷирони меҳнатӣ бояд истифода шаванд, зеро бидуни ба назар гирифтани онҳо, дараҷаи кушода будани иқтисоди миллӣ пурра ҳисоб карда намешавад.[6]

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ин нишондиҳанда иқтисодиёт хеле кушода арзёбӣ мегардад. Агар ин нишондиҳандаро ба назар гирем, пас дараҷаи кушодагии иқтисодиёти Тоҷикистон дар соли 2001 ба 73,7%, соли 2002 - 75,9% ва соли 2019 – ба 50,1% баробар мегардад, ки он аз дараҷаи баланди кушодагӣ шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки интиқоли қонунии муҳоҷирони меҳнатӣ нисбати интиқоли ғайриқонунӣ хеле кам аст ва тибқи баъзе ҳисоботҳо ҳиссаи баландро ташкил медиҳанд.[7]

Тадқиқотҳое, ки дар ҷумҳурӣ гузаронида шудаанд, вазъи кунунии муҳоҷирати меҳнатиро дар заминаи либерализатсияи муносибатҳои беруна, дуализми (берун ва дохилӣ) бозори меҳнат ва қувваи кории тахассуснок ва бетахассус арзёбӣ менамоянд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки баҳодиҳии миқдории дараҷаи кушодагии иқтисодиёт имкон намедиҳад, ки дараҷаи кушода будани низоми хоҷагии халқро пурра арзёбӣ намуд, зеро таъсири иқтисоди беруна ба фаъолияти босамари низоми иқтисодии миллӣ зарууртар аст. Ҳар қадар таъсири он сабабгори рушд гардад, ҳамон қадар он самараноктар аст ва баръакс.

Аз нуқтаи назари методологӣ ва мутаносибан, аз мавқеи дар адабиёти иқтисодӣ овардашуда, мо имкон пайдо мекунем, ки тавассути нишондиҳандаҳои зерин тавсифи сифатии кушода будани иқтисодиёти миллиро диҳем:

---

[6] Охлопкова Н.В. Глобализация рынка труда и открытая экономика. На материалах Республика Саха (Якутия). М., 1999, С.61.

[7] Республика Таджикисан на пути к открытой экономики. Коллективная монография под общей редакции Саидмуродова Л.Х., Душанбе-2008. Стр.143

1. дар иқтисоди миллӣ қариб ҳама намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ пайваста бо рақобати бозорҳои байналмилалӣ дучор меоянд;

2. дар иқтисоди миллӣ ба ҳама бозорҳо таъсири беруна мавҷуд аст;

3. содирот дар чунин иқтисод хусусияти махсус дорад, ҳаҷми он нисбат ба ҳаҷми воридот бояд зиёд бошад;

4. самтҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ асосан ба импулсҳое, ки аз бозорҳои ҷаҳонӣ меоянд, мувофиқанд;

5. дараҷаи ҳифзи истеҳсолоти миллӣ бояд муайян карда шавад.[8]

А. Солехзода дар робита ба хусусиятҳои сифатии иқтисоди хурди кушод муносибати комилан дигарро пешниҳод мекунад. Ба андешаи Солеҳзода А. хусусияти сифатии иқтисоди хурди кушод дар "афзоиши тавоноии миллии давлат зоҳир мешавад, ки онро метавон ҳамчун қудрати иқтисодӣ тавсиф кард”.[9] Дар робита ба ин, аз ҷиҳати қудрати иқтисодӣ, ин се гурӯҳи имкониятҳоро дар назар дорад, ки баъдан ба коҳиши таъсири манфии беруна ба иқтисодиёти кишвар оварда мерасонанд;

1. Ташаббусҳои байналмилалӣ ва минтақавии ҳукумат, ки ҷараёни афзоиши захираҳои молиявӣ ва иқтисодиро дар бар мегиранд.

2. Ноил шудан ба ҳолати амнияти иқтисодӣ ва истиқлолият, ки қобилияти кишварро барои муқовимат ба таҳдидҳои беруна ва зинда мондан дар ҳолатҳои бӯҳрон бе кӯмаки беруна афзоиш медиҳад.

3. Қобилияти пешбурд ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсии кишвар дар ҳама сатҳҳои сиёсати хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, бахусус дар доираи институтҳои байналмилалӣ, гуруҳҳои ҳамгирой, ки кишвар дар онҳо иштирок мекунад.[10]

---

[8] Проблемы адаптации внешнеэкономических связей России к условиям открытой экономики. Под ред. проф. Осьмовой М.Н. - М., 1997. - С.4.

[9] Солеҳзода А.А. Формирование национальной силы государства в стратегических документах обеспечения экономической безопасности Таджикистана/ Солеҳзода А.А., Кабилов Д.Б./ Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019.- №3. Часть II. – С.5-9.

[10] Солехзода А. Оценка качественных характеристик малой открытой экономики Таджикистана// Вестник «Финансы и экономика» ТГФЭУ, Душанбе -2019,. №3, саҳ. 76

Чунин арзёбӣ ба хусусиятҳои кушода будани иқтисодиёт аз нуқтаи назари вазифаи стратегии давлат оид ба гузариш ба марҳилаи сифатан нави сиёсати фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар муҳим аст. Ин сиёсат бояд ба бартарии рақобатпазирии кишвар асос ёбад ва ба пайдоиши иқтидори "самараи намоиш"-и иқтисоди хурди кушод мусоидат кунад, ва он метавонад танҳо дар доираи созишномаҳои минтақавӣ ё дар ҳудуди алоҳида ё гуруҳи кишварҳо ба амал биёяд.

Тавре ки баъдтар нишон дода мешавад, хусусияти сифатӣ барои арзёбии кушода будани системаи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтар аст ва аз ин нигоҳ иқтисодиёти кишвар дигар аз нигоҳи миқдорӣ он қадар кушода нахоҳад буд.

Усулҳои дар боло зикршуда барои арзёбии дараҷаи кушода будани иқтисод асосан нуқтаи назари анъанавиро, ки дар адабиёти иқтисодӣ мавҷуданд, инъикос мекунанд. Ҳамзамон, равишҳои муосир бештар прагматикӣ мебошанд ва аз ин рӯ ба кушодани иқтисод дар робита ба он, ки кишвар сиёсати либералии тиҷоратро қабул кардааст ё не, баҳо медиҳанд.

Иқтисодчиён Ҷ.Сакс ва А.Уорнер шохиси кушодагии иқтисодиётро пешниҳод карданд, ки дар якчанд таҳқиқоти амалӣ васеъ истифода мешуд (индекси Сакс-Уорнер). Аз рӯйи ин шохис, кишварҳо ба ду гуруҳ тақсим мешаванд:

1. Кушода;

2. Пӯшида.

Онҳо қайд мекунанд, ки иқтисодиёт "пӯшида" аст, агар яке аз меъёрҳои зерин дар он кишвар вуҷуд дошат бошад:

- тарифи миёна дар кишвар зиёда аз 40%;

- монеаҳои тарофавӣ ба ҳисоби миёна зиёда аз 40% воридотро фаро мегиранд;

- монополияи давлатӣ оид ба муҳимтарин молҳои содиротӣ вуҷуд дорад;

- қурби асъор дар бозори ғайрирасмӣ аз бозори расмӣ 20% фарқ мекунад;

- Иқтисод иқтисоди бозорӣ нест.[11]

Қайд намудан бамаврид аст, ки вобаста ба таҳқиқоти мо, ҳисобҳои тарофаи миёнавазни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир, тамоюли афзоиши кушодаи кишварро нишон медиҳад. Агар дар нимаи солҳои 90-ум тарофаи миёнавазнӣ беш аз 40% бошад, пас дар соли 2001 он 10% ва дар соли 2004 - 8% буд. Пас аз ворид шудан ба СУС (декабри соли 2013) ин нишондиҳанда 8,6 % - ро ташкил менамояд.

Монополияи давлатӣ дар кишвар молҳои асосии содиротӣ вуҷуд надоранд ва фарқи байни қурби расмӣ ва ғайрирасмии асъор воқеан ночиз аст. Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари шохиси Сакса-Уорнер Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба гуруҳи кишварҳои кушод нисбат дод.

Аммо, ба назари мо, ин шохис барои инъикоси дараҷаи тағйироти институтсионалӣ дар иқтисод бештар аз арзёбии таъсири маҳдудиятҳои тиҷорат заруртар аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ дигар меъёрҳои миқдории иқтисоди кушод мавҷуданд, ки ба арзёбии дараҷаи либерализатсияи низоми савдо асос ёфтаанд. Масалан, реҷаи савдо кушода ҳисобида мешавад, агар маҳдудиятҳои миқдорӣ дар шаклҳои сахттарини онҳо - маҳдудиятҳо, квотаҳо ва иҷозатдиҳӣ ба 10% -и воридот ё содирот, ё шаклҳои сабуки маҳдудиятҳои миқдорӣ, масалан, автоматӣ ба камтар аз 25% воридот ё содирот дода мешавад. Аммо, дар айни замон сатҳи меъёри миёнавазни тарифи гумрукӣ набояд аз 25% зиёд бошад.[12]

Ҳамин тариқ, арзёбии дараҷаи кушода будани низоми иқтисоди миллӣ барои таҳқиқоти муқоисавӣ ва андешидани чораҳои мушаххас дар раванди татбиқи манфиатҳои иқтисодии хориҷии кишвар муҳим аст.

Аммо, баҳодиҳии кушодагӣ худ аз худ ягон «бори» методологиро намебардорад. Муҳим арзёбӣ нест (гарчанде ки албатта ҳамеша зарур аст), балки аҳамияти кушодагӣ барои амалисозии манфиатҳои иқтисодии миллӣ, ба монанди

---

[11] Sachs,J., A.Warner. Economic Reform and the Process of Global Integration. Brookings Paper on Economic Activity, 1995. vol. 1.

[12] Данильцев А.В. Международная торговля: инструменты регулирования. - М., 1999. - С.275. Данильцев А.В. Международная торговля: инструменты регулирования. - М., 1999. - С.275.

таъмини рушди иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва нобаробарии даромад мебошад.

Таҳқиқоте, ки коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ анҷом медиҳанд, нишон медиҳад, ки ду роҳи асосии таъсиррасонии кушодаи низоми иқтисодиёти миллӣ ба фаъолияти иқтисодии он вуҷуд дорад.

Аввалан, ин азнавтақсимкунии захираҳо дар натиҷаи либерализатсияи тиҷорати хориҷӣ ва истифодаи самараноки онҳо (бозор) мебошад.

Сониян, ин дастрасии бештари технологияҳо ва захираҳои молиявию зеҳнии хориҷӣ тавассути рушди тиҷорати байналмилалӣ ва сиёсати ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад.

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти муқоисавии кишварҳои мухталиф собит гардидааст, ки кушода будани иқтисод бо суръати рушди иқтисод алоқаманд аст, хусусан дар кишварҳои камтар рушдёфта.[13] Кушишҳо барои муайян кардани ин робита дар бисёр таҳқиқотҳо дар асоси таҳлили бисёрзинагӣ (бисёрвазъӣ)-и эконометрикӣ[14] сурат гирифтаанд, ки онҳо собит сохтанд, ки кушодани тиҷорат воқеан ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад ва тадриҷан ба як омили хеле таъсирбахш табдил меёбад.

Натиҷаҳои тадқиқоти Д. Доллар ва А. Крау нишон дод, ки дар солҳои 60-ум дар кишварҳои пешрафта суръати афзоиш нисбат ба кишварҳои дар ҳоли рушд баландтар буд (он замон ҳарду гурӯҳи кишварҳои рӯ ба тараққӣ зиддиглобализаторҳо буданд). Дар солҳои 70-ум суръати афзоиш тақрибан дар ҳама кишварҳо яксон буд. Аммо, дар солҳои 80-90-ум гурӯҳи глобализаторон суръати афзоишро мунтазам афзоиш медоданд, ки нисбат ба кишварҳои пешрафта ва дар кишварҳои зидди глобализатсия хеле баландтар буд.[15]

Дар асоси ин таҳлили муқоисавӣ метавон хулоса кард, ки гарчанде ки кушодагии иқтисодиёт ба суръати рушди иқтисоди мусоидат кунад ҳам, вале он

---

[13] Lindert P.H., Wiliamson J.G. Does Globalization Make the World More Unequal in Bordo et al. (Eds.), 2003, pp. 227-276.

[14] Sachs,J., A.Warner. Economic Reform and the Process of Global Integration. Brookings Paper on Economic Activity, 1995. vol. 1.; Frankel J., Romer D. Does Trade Cause Growth? //American Economic Review, 1998.

[15] D. Dollar, A.Kraay Trade, Growth and Poverty. World Bank Policy Research Working Paper 2615, 2001.

суръати ягонаи рушд ва баробарии даромаднокиро барои ҳамаи кишварҳо якхела таъмин намекунад. Бо вуҷуди ин, тадқиқотҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд, ночиз будани таносуби вобаста будани иқтисодиёт ва динамикаи рушди иқтисодиро нишон доданд[16], ки он асосан бо сабаби мавҷуд будани монеаҳои сершумор дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки мушкилтарин масъала мушкилоти робитаи кушодагӣ ва камбизоатии аҳолӣ мебошад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ, меъёри паҳншудаи сатҳи камбизоатӣ шумораи одамоне мебошад, ки бо 1 доллар дар як рӯз ё камтар зиндагӣ мекунанд. Тибқи таҳлили Бонки Ҷаҳонӣ дар аввали соли 2020, дар кишварҳои тараққикарда ва иқтисоди гузаранда ин рақам аз 1 миллиарду 237 миллиони соли 1990 то 1 миллиарду 100 миллион дар соли 2020 коҳиш ёфтааст. Дар ҷадвали 1.3. тақсимоти минтақавии аҳолӣ бо камтар аз 1 доллар дар як рӯз зиндагӣ нишон дода шудааст.

Тавре ки аз маълумотҳои ҷадвал дида мешавад, аз соли 1990 то 2019 коҳиши шумораи камбизоатон бештар дар Чин ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба назар мерасад. Илова бар ин, дар минтақаҳои Осиёи ҷанубӣ ва Африкаю Саҳрои Кабир, инчунин Шарқи наздик ва Америкаи шимолӣ шумораи камбизоатон баръакс афзудааст. Шубҳае нест, ки коҳиши камбизоатӣ дар Чин ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо стратегияҳои муваффақи рушди содирот ва рушди устувор сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, тасодуфӣ нест, ки Бонки Ҷаҳонӣ дар бораи дурнамои иқтисодии ҷаҳонӣ ҳануз дар соли 2004 ба хулосае омада буд, ки минбаъд либерализатсияи тиҷорат дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон метавонад ба коҳиши хеле назарраси шумораи камбизоатон оварда расонад.

Дар ҳамин ҳол, бояд қайд кард, ки дар кишварҳои дорои иқтисоди гузариш дар тӯли солҳо сатҳи камбизоатӣ афзоиш ёфтааст. Аммо, ин маънои онро надорад, ки ин вазъ бо иқтисоди кушод алоқаманд аст. Ба ақидаи мо, ин пеш аз ҳама ба душвориҳои давраи гузариш вобастагӣ дорад. Дар мавриди сатҳи

---

[16] Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Махмудов И.И., Рахимов Р.К., Умаров Х..У. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана // Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2003. N4, - С. 18.

камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки то соли 2030 он то 11,6% коҳиш ёбад, дар муқоиса бо 83% дар соли 2000.[17]

**Ҷадвали 1.3. - Аҳолӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки бо камтар аз 1 доллар дар як рӯз зиндагӣ мекунанд**

| | **Аҳолӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки бо камтар аз 1 доллар дар як рӯз зиндагӣ мекунанд (млн.)** | | **Сатҳи камбизоатӣ (%)** | |
|---|---|---|---|---|
| | **1990 с.** | **2020 с.** | **1990 с.** | **2020 с.** |
| Осиёи Шарқӣ | 470 | 261 | 29,4 | 14,5 |
| Бе назардошти ҶМЧ | 110 | 57 | 24,1 | 10,6 |
| Осиёи Ҷанубӣ | 466 | 432 | 41,5 | 31,9 |
| Африка ва Саҳроҳои Кабир | 241 | 323 | 47,4 | 49 |
| Америкаи лотинӣ | 48 | 56 | 11 | 10,8 |
| Шарқи наздик ва Америкаи Шимолӣ | 5 | 8 | 2,1 | 2,8 |
| Осиёи Ҷануби ва Аврупои Шарқӣ | 6 | 24 | 1,4 | 4,2 |
| ҲАМАГӢ | 1237 | 1100 | 28,3 | 21,6 |

**Сарчашма:** Бонки Ҷаҳонӣ. Дурнамои иқтисодии ҷаҳонӣ 2020. Вашингтон, 2020**.**

Дар баробари ин, албатта, метавон хулоса кард, ки иқтисоди кушод ҳам ба суръати рушди иқтисод ва ҳам ба коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ таъсири мусбат мерасонад. Дар айни замон, метавон ақидаи академик Р.Қ.Раҳимовро мисол овард: "Дар асоси тадқиқоте, ки Бонки Ҷаҳонӣ анҷом додааст, мо тавонистем фоизи миқдории коҳишёбии камбизоатиро бо афзоиши 1% - и ММД ба сари аҳолӣ муайян намоем. Ҳисобҳо нишон доданд, ки афзоиши 1% -и ММД ба сари аҳолӣ сатҳи камбизоатиро 0,7% коҳиш медиҳад".[18]

Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикршуда оид ба кушодани низоми хоҷагии халқ метавон хулоса кард, ки ташаккули "модели кушод"-и рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорои афзалиятҳои потенсиалӣ мебошад, ки бояд дар ҷумҳурии мо истифода шаванд. Дар ин маврид, бояд қайд намуд, ки иқтисоди кушод зери таъсири тамоюл ва давраҳои рушди иқтисодиёти ҷаҳон қарор мегирад. Махсусан сохтори ғайрисаноатии содироти кишвар ба он мутобиқ мегардад.

[17] Ба таври возеҳ нигаред ба: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, №636 тасдиқ шудааст. Душанбе-2016. 88 саҳ. Саҳ. 79-80.
[18] Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста //Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2003, N1. - С. 39.

Бояд қайд намоем, ки ҳангоми омӯзиши тамоюлҳои муосири рушди иқтисоди кушода ба он бояд таваҷҷуҳ зоҳир намоем, ки рушди он аз як тараф аз тамоюли рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва аз тарафи дигар аз даврагии рушди он вобастагӣ дорад. Айни замон новобаста аз он ки давраҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ омухта шуда бошад ҳам, вале таъсири он ба иқтисодҳои миллӣ кам омухта шуда, таъсири якҷояи тамоюл ва даврагии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ба иқтисодҳои миллӣ бошад умуман омухта нашудааст. Тавре ки мо медонем, таҳлили даврӣ дар асоси баррасии намунаҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ аз нуқтаи назари давраҳои калони фаъолияти иқтисодӣ аз ҷониби Н.Д.Кондратев (давраҳои технологӣ), давраҳои миёнаи фаъолияти иқтисодӣ аз ҷониби С.Кузнетс, давраҳои кутоҳмуддат аз ҷониби К.Жугляр ва давраҳои тиҷоратии Ҷ. Китчин ва ғайра гузаронида шудаанд.[19]

Масалан, тадқиқоти муосири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки агар давраи калони фаъолияти иқтисодии Н.Д.Кондратьев дар марҳилаи манфӣ бошад ва динамикаи манфӣ дошта бошад, пас дар ҳамин давра давраи миёнаи фаъолияти иқтисодии С.Кузнетс (-/0) ташкил медиҳанд.

Аммо даври хурди фаъолияти иқтисодии К.Жугляр одатан дар марҳилаи мусбат қарор дорад ва тамоюли афзоиши мусбат дорад, дар ҳоле ки давраи тиҷоратии фаъолияти иқтисодии Ҷ. Китчин дар пасттарин марҳилаи манфии худ қарор дорад.[20]

Таҷассуми ин равиш дар иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таъсири ин давраҳо ба иқтисодиёти миллӣ танҳо дар шароити кушода имконпазир аст. Аз ин рӯ, кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ роҳи халосиро аз таъсири омилҳои беруна дар доираи раванди минтақасозӣ, яъне ҳамроҳ шудан ба ҳама гуна гуруҳи ҳамгироии минтақавӣ бо мақсади ҷаҳонишавӣ мебинанд. Дар

---

[19]Тебекин А.В. Закономерности и современные тенденции развития мирового хозяйства: факторы, определяющие динамику и направление инновационного развития // Вестник Московского университета имени С. Ю. Витте. Серия 1: Экономика и управление. 2012. №1 (1). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/zakonomernosti-i-sovremennye-tendentsii-razvitiya-mirovogo-hozyaystva-faktory-opredelyayuschie-dinamiku-i-napravlenie (санаи муроҷиат): 31.08.2023).
[20].Алексей, В.Т. Закономерности и современные тенденции развития мирового хозяйства: факторы, определяющие динамику и направление инновационного развития [Текст] / В.Т. Алексей // Вестник Московского университета имени С. Ю. Витте. Серия 1. Экономика и управление•2012’1. - С.34-38.

таҳқиқоти мо баъдан исбот мегардад, ки ин раванд тадриҷан шакли моддиро дар намуди “мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ” касб мекунад, ки мақсади асосии фаъолити сиёсатии иқтисодии он ба даст овардани самараи максималӣ аз ҷаҳонишавӣ ва минтақасозӣ мебошад.

Муҳиммияти методологии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки муаммоҳои кушодагии иқтисодиёт на танҳо аз рӯйи мавқеи географӣ ва дигар омилҳои иқтисодӣ бояд баррасӣ гардад, балки аз нигоҳи тағйиротҳои таркибии муносибатҳои иқтисодие (дар ин ё он сатҳ), ки ҳангоми кушодагии иқтисодиёти кишвар ба хоҷагии ҷаҳонӣ ба вуҷуд меоянд, бояд баррасӣ карда шаванд.

Албатта ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки дар кишвар он механизм ва ниҳодҳое, ки то ҳануз рушд накардаанд ва ё умуман вуҷуд надоранд, рушд намоянд. Барҳам додани фарқиятҳо дар низоми моликиятдорӣ байни низомҳои иқтисодиёти минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ ба афзоиши рақобат, хусусигардонии минбаъда, рушди бозори коғазҳои қимматнок ва самаранокии низоми бонкию қарзӣ ва суғуртаи амалиёти содироту воридот мусоидат хоҳад кард.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки иқтисоди кушода ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва марҳилаи кунунии қонунияти инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ падидаи нав нест ва роҳи тӯлонии таърихӣ дорад. Албатта дорои роҳи тӯлонии таърихӣ он дорои ихтилофҳои зиёд низ мебошад. Шаклҳои муосири зуҳуроти ихтилофоти онро мо дар таҳримҳо ва ҷангҳои тиҷоратӣ байни кишварҳои дорои иқтисодиёти рушдкарда мебинем, ки тайи солҳои охир хеле авҷ гирифтаанд. Дар ин маврид аз нигоҳи методологӣ зарур аст, ки иқтисоди кушода дар доираи зернизоми хоҷагии ҷаҳонӣ омӯхта шавад, зеро маҳз чунин таҳлил метавонад ба ҳама саволҳо оид ба таъсири самарабахши ҳамгироии кишварҳои гуногун дар раванди ҷаҳонишавӣ посухи дуруст диҳад.

Муҳим он аст, ки на ҳама кишварҳо дар шароити кушода будан фоидаи якхела мегиранд, махсусан кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар он бисёр вакт аз фоида бенасиб мемонанд. Ин бори аввал дар ҷомеаи капиталистӣ мушоҳида шуда буд ва аввалин бор олимони ғарб таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Назарияи ҷаҳон ҳамчун

таҳлили системаҳо аз ҷониби А.Валлерштейн, назарияи мубодилаи нобаробарарзиши А.Эммануэл ва дигар тарафдорони автаркия исбот карданд, ки танҳо аз кушодагии иқтисод марказҳо (кишварҳои тараққикарда) даромад мегиранд ва музофотҳо манбаи афзоиши даромади онҳо мебошанд. Аз он лаҳза сар карда, баҳс байни ҷонибдори автаркия ва кушодагии иқтисодиёт сар шуд. Мавҷудияти ин назарияҳо ва муқарраротҳо имкон медиҳад, ки мавқеи кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон ҳамчун иқтисоди кушода омухта шаванд.

Кишварҳои дорои иқтисоди рӯ ба тараққӣ дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ мақоми махсусро ишғол мекунанд. Дар солҳои охир, ин кишварҳо аз ҳама бештар кушода будани иқтисодиёти худро нишон доданд. Аммо, тавре ки таҳқиқоти инфиродӣ нишон медиҳанд, хусусияти ташаккули кушодагӣ дар иқтисодиёти рӯ ба тараққӣ аз кишварҳои пешрафта куллан фарқ мекунанд. Танҳо дар охири асри гузашта симои иҷтимоию иқтисодии иқтисоди ҷаҳонӣ амалан ба куллӣ тағйир ёфт. Зеро низоми сотсиализм пош хӯрда, Иттиҳоди Шуравӣ ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил табдил ёфт. Чунин субъектҳои иқтисодии ҳудудӣ ба монанди Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Сингапур ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои индустриалии Ғарб расиданд, ва чунин кишварҳо ба монанди Чин, Ҳиндустон, Бразилия ба қатори иқтисодиёти босуръат рушдкунада ворид шуда, кишварҳои постиндустриалии Ғарбро дар арсаи иқтисоди ҷаҳонӣ пайваста танг мекунанд.

Хусусияти фарқкунандаи раванди кушода будани иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар он аст, ки онҳо дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ тавассути ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ иштирок мекунанд. Яъне, кушодагии иқтисод тавассути механизмҳои ҳамгироӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, нақши гуруҳҳои ҳамгироии минтақавӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамчун марҳилаи нав дар рушди иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ меафзояд.

Ҳамаи тамоюлҳои зикршуда дар шароити рушди муттасили ҷаҳонишавӣ - ҳамчун марҳилаи иқтисодиёти ҷаҳонии асрҳои XX-XXI, раванди

минтақагароиро ҳамчун падидаи муҳим ва тадриҷан ҳамчун қонунияти инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ арзёбӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, агар ҷаҳонишавӣ дар заминаи либерализатсия, муттаҳидсозии байналмилалии қоидаҳо ва меъёрҳои ҳаракати омилҳои истеҳсолот ва боиси аз байн бурдани сарҳадҳои миллӣ гардад, пас раванде, ки ба муқобили он мусоидат мекунад ин минтақагароии иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Маҳз минтақагароӣ ҳамчун раванди наздикшавии кишварҳо, ки асосан аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бо ҳамдигар наздик мебошанд ва талошҳояшонро барои муқовимат ба тамоюлҳои харобиовари ҷаҳонишавӣ муттаҳид менамоянд. Дар натиҷаи минтақагароӣ марказҳои рушди бисёрқутбӣ ба вуҷуд омада, ба ин васила суботи вазъи иқтисоди ҷаҳон таъмин мегардад.

Дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ, минтақасозӣ ба яке аз шаклҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Тағйироти маҷмӯӣ дар Аврупо, Амрико, минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором исботи на танҳо шиддати ташаккули маҷмааҳои минтақавии иқтисодӣ, балки гуногунии механизмҳо ва роҳҳои ба ҳам наздик кардани иқтисодиётҳои миллӣ, ба даст овардани самараи фузунсоз ("мултипликативӣ") аз ҷониби кишварҳо, минтақаҳо ва дар маҷмӯъ ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Ҳудудҳои калони иқтисодӣ (бозори дохилии Аврупо, минтақаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ, минтақаҳои бавуҷудомадаистода дар Амрикои Ҷанубӣ, Ҷазираҳои Арабҳо ва дигар минтақаҳо) имкон медиҳанд, ки аз онҳо аз самараи "миқёс" истифода баранд ва шароити нави тиҷоратиро ҳам барои ширкатҳои ватанӣ ва ҳам хориҷӣ эҷод кунанд.

Ба назари мо, ҷаҳонишавӣ дар ҳама зуҳуроти худ, аз рӯйи табиати худ раванди объективӣ мебошад. Аммо, қувваҳои пешбаранда ва воситаҳои амалисозии он хусусияти ғазб-маҳвкунанда (наступательно-поглощающий) доранд, ки дар робита ба он раванди минтақасозӣ як навъ шакли шарикӣ мебошад, ки он метавонад хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва қавмии ҳар як миллатро ҳифз намояд ва барои рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҳар як

кишвар ҷиҳати таъмини ҳадафҳои миллии кишвар, махсусан манфиатҳои иқтисодӣ ва таъмини бехатарии он  мусоидат намояд.

Таҳлили таҳқиқотҳое, ки ба масъалаҳои ҳамгироӣ бахшида шудаанд, аз пайдоиши сатҳи нави ҳамгироӣ шаҳодат медиҳанд ва онҳо ҳамгироии кишварҳоро на танҳо ҳамчун раванди воридшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ, балки пеш аз ҳама ҳамгироии кишварҳое муаррифӣ мекунанд, ки як минтақаи ягонаанд, ки аз иқтисодиётҳои миллии гуногун иборат буда, як "мезосатҳи ҳамгироиро дар минтақа" ташкил менамоянд (нигаред ба ҷадвали 1.4.).

**Ҷадвали 1.4. - Тафовут дар байни равандҳои "ҳамгироии кишварҳо дар сатҳи макро ва микроиқтисод" ва "ҳамгироии кишварҳо дар сатҳи мезоиқтисод"**

| Макро ва микросатҳи ҳамгироӣ | Мезосатҳи ҳамгироӣ |
|---|---|
| 1.Дар сатҳи микро, макроиқтисодӣ, сурат мегирад. | 1. Дар сатҳи мезоиқтисод, минтақаҳо, байниминтақаҳо сурат мегирад. Дар ин маврид минтақаҳо ҳамчун субъекти алоҳидаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ баромад мекунанд. |
| 2. Ҳамгироии байнидавлатӣ. | 2. Ҳамгироии корпоративӣ-алоҳида |
| 3.Созмонҳои идоракунии байниҳукуматӣ таъсис дода мешавад. | 3. Идораи байниҳукуматиро дар назар надорад, идоракунии ғайримарказнокро дар бар мегирад. |
| 4.Чор давраро дар бар мегирад: ҳамгироии тиҷоратӣ, иқтисодӣ, арзӣ ва сиёсӣ. | 4. Ба ташкили иттиҳоди тиҷоратӣ ва иқтисодӣ асос мeёбад ва дар он иттиҳоди арзию сиёсӣ ғайриимкон аст. |
| 5.Мақсади асосӣ ҳамгироии пурраи арзию сиёсӣ. | 5. Мақсади асосӣ муайян кардани қоидаҳои тиҷорат ва сармоягузории минтақавӣ мебошад. |
| 6.Таъсиси фазои ягонаи иқтисодии кишварҳои аъзо бо сохтори ягонаи истеҳсолию тиҷоратӣ. | 6. Таъсиси минтақаҳои озоди тиҷоратӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва ҳамкории шабакавӣ бо дарназардошти имконияти ҳар як минтақа. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дараҷа ва сатҳи иштироки минтақаҳои як кишвар ба раванди ҳамгироии байналмилалӣ бевосита аз сатҳи рушди худи минтақа вобаста аст, ки дар навбати худ бо равандҳои сармоягузорӣ дар кишварҳо алоқаманд аст, яъне аз: тақсимоти захираҳои молиявӣ байни кишварҳои минтақа, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои минтақаҳо; маблағгузориҳои давлатӣ ба лоиҳаҳои калони саноатӣ, иҷтимоӣ ва ғайра. Ба андешаи мо, сатҳи рушди чунин "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ", яъне “мезосатҳи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ” на

танҳо ба омилҳои экзогенӣ, балки ба омилҳои эндогенӣ, ки онҳо рақобатпазирии кишварҳои минтақаҳоро баланд мебардоранд ва ҳамчун шарти объективии ҳамгироии иқтисодӣ хизмат мекунанд, вобаста аст.

Ба андешаи мо "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ", ки аз маҷмӯи минтақаҳои ҳамгироишудаи кишварҳои алоҳида иборат аст, дар иқтисоди миллӣ ба вуҷуд омада, онҳо минтақаҳои рушдёфта гардида, бо потенсиалӣ назарраси сармоягузорӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, хавфҳои камтарини иқтисодӣ ва сиёсӣ, бо ҷойгиршавии мусоид, бозори пуриқтидор ва ҷалби сармояи фаромиллӣ қувват бахшида, ба нуқтаи инкишофи иқтисоди миллӣ табдил меёбанд.

Хулоса, бояд қайд кард, ки иқтисоди кушодро наметавон ҳамчун як либерализатсияи хаттии равобити иқтисодии хориҷӣ шарҳу тавзеҳ дод. Раванди кушодагии иқтисодиёт бисёрҷанба буда, дар он ҳифзи ягонагии манфиатҳои иқтисодии дохилӣ ва берунии низоми иқтисодӣ ҷузъи асосии рушд мебошад.

Ҳамгироӣ дар чаҳорчубаи "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" ҳамчун як ҳолати махсус ё ягонаи ҷаҳонишавӣ хусусияти ҳамкории иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ дар сатҳи дувуми ҷаҳонишавӣ (дар байни макро ва микросатҳи ҳамгироӣ) мебошад, ки дар он миқёси "пайвастшавӣ" (взаимопереплетение) сахттар ва душвортар мегардад. Агар мо тахмин кунем, ки таъсири иқтисоди ҷаҳонӣ ба иқтисоди миллӣ бо чунин омилҳо, ба монанди фароҳам овардани имконият барои иштирок дар байналмиллалигардонии пешрафти илмӣ -техникӣ, инчунин ворид шудан ба блокҳои минтақавии иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва иттилоотӣ муайян карда шавад, пас дар доираи " мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ " иқтисоди кушода импулсҳои навро барои тағйир додани сиёсати иқтисодии худ ва ба таври мушаххас татбиқ намудани бартариятҳои нисбии худ аз таъсири минтақагароӣ мегирад. Ин самара дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як иқтисоди кушоди миллӣ дар ташаккули сиёсати иқтисодию тиҷоратии минтақавӣ ширкат мекунад ва ба ташаккул ва рушди лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва ғайра дар минтақа мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, дар раванди ташаккул ва татбиқи амалии иқтисодиёти ҷаҳонӣ қонунияти зеринро пешниҳод кардан мумкин аст: дар шароити ҳукмронии

низоми иқтисодии бозорӣ инкишофи минбаъдаи раванди ҷаҳонишавӣ дар асоси дохил намудани шаклҳои ғайрибозорӣ ва ё коллективии идоракунии иқтисодиёт сурат мегирад, ки он ба «бартараф кардани» норасоии ҷаҳонишавӣ[21] нигаронда шудааст ва ба фикри мо он танҳо дар доираи «мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ»-и муайян, ки он ҳамчун асоси моддии ҷаҳонишавӣ аст, ба вуҷуд меояд.

## 1.2. Қонуният ва махсусиятҳои тамоили инкишофи иқтисоди кушоди муосир

Ба вуҷуд омадани низомҳои шабакавии истеҳсолию тиҷоратӣ, ки бештари кишварҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст, маънои ба марҳалаи сифатан нав гузаштани байналмилаликунонии истеҳсолот, яъне марҳилаи фаромилликунонии иқтисоди мамлакатҳои алоҳида мебошад. Ин низомҳо дар тамоми қитъаҳо амалиёт мегузаронанд ва онҳо сохторҳое мебошанд, ки дар кишварҳои алоҳидаи мустақил дастаҷамъона (амудӣ, уфуқӣ) фаъолияти иқтисодию тиҷоратиро ба роҳ монда, комбинатсияи самараноки истифодаи омилҳои истеҳсолиро ба роҳ мемонанд. Хусусияти муҳими иқтисодиёти муосири хоҷагии ҷаҳонии муосир тақвияти фаромилликунонии истеҳсолоту тиҷорат ва сармоягузорӣ мебошад. Ин раванд боиси аз байн рафтани марзҳои байни бозорҳои миллии молҳо, хизматрасониҳо, сармоя, қувваи корӣ, ба ҳам пайвастани иқтисодиёти миллӣ ва дар ниҳоят ташаккули иқтисоди кушод мебошад.

Ҷаҳони ҳозира, сарфи назар аз зиддиятҳо ва тафовутҳои куллии байни давлатҳо, ба ҳамдигар алоқаманд ва вобаста буда, ягонагии томро ифода мекунад. Ин аз ҳамгироии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, нақши муосири воситаҳои иттилоотӣ ва алоқа, инчунин характери фарогирии инқилоби илмию техникӣ вобаста аст. Дар ин маврид, зарур аст, ки ҷараён ва қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ ҷиҳати муайян намудани тамоил ва қонуниятҳои

[21] Фейгин Г.Ф. Закономерности глобализации и развитие национальных экономик: автореферат дис. ... д.э.н. 08.00.01 [Текст] / Г.Ф. Фейгин. – Санкт-Петербург, 2009. – С.38.

рушд омӯхта шавад. Зеро иқтисоди ҷаҳон, ки аз маҷмуи иқтисодҳои кушоди миллӣ иборат мебошад, дар навбати худ ба ҳар иқтисоди миллӣ бетаъсир буда наметавонад. Яъне, ҷаҳонишавӣ ҳамчун як низоми иборат аз ҷузъҳо метавонад ба раванди фаъолияти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии кишварҳо таъсир расонад. Новобаста аз он ки таъсири мутақобила (бумеранг) низ вуҷуд дорад, яъне ташаккули иқтисоди ҷаҳонӣ аз рушди кишварҳо ё минтақаҳои иқтисодии алоҳида низ вобастагӣ дорад, вале дар мисоли кишварҳои рӯ ба тараққӣ ё хурди кушод аксар вақт таъсири иқтисоди ҷаҳон бештар аст.

Ба ақидаи мо нуқтаи ибтидоии таҳлили хоҷагии ҷаҳонӣ ин ягонагии иқтисоди ҷаҳонӣ ва дар шаклҳои гуногуни хоҷагиҳои миллӣ зоҳиршавандагии он мебошад. Ҳама хоҷагиҳои миллӣ то андозае бо ҳам алоқаманданд ва дар доираи алоқаҳои муайян ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Аз ин ҷост, ки зери мафҳуми иқтисоди ҷаҳон низоме дар назар дошта мешавад, ки дар он иқтисоди миллии мамлакатҳои алоҳидаи ба он дохилшаванда ба ҳам мепайвандад ва дар айни замон ба равандҳои фаъолият ва рушди самтҳои алоҳидаи иқтисодиёти якдигар таъсир мерасонад.

Шиддатнокӣ ва вусъати робитаҳои иқтисодии байни мамлакатҳои алоҳида ва гуруҳҳои онҳо дар шакли умумӣ ба дараҷаи инкишофи тақсимоти меҳнат дар дохили бозори миллӣ, инчунин дар миқёси байналхалқӣ ва байниминтақавӣ алоқаманд буда, аз дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт ва сохтори иқтисодиёти ин мамлакатҳо муайян карда мешавад.

Агар дараҷаи тараққиёти ин ё он мамлакат бо ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ё арзиши даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ шаҳодат диҳад, пас сохтори истеҳсолии он, намудҳои истеҳсолоти неъматҳо ва дараҷаи имконпазири алоқаи иқтисодии ин кишвар бо дигар мамлакатҳоро нишон медиҳад. Пас, мо вобастагии зеринро гуфта метавонем, ки: дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт ва сохтори истеҳсолот ҳар қадар баландтар бошад, доираи алоқаҳо чӣ дар дохили ин ё он хоҷагии халқ ва чӣ дар тамоми хоҷагии ҷаҳон ҳамон қадар васеътар мешавад.

Омилҳоеро, ки зарурияти ташаккули алоқаҳои берунии иқтисодиёти миллиро муайян мекунанд, пеш аз ҳама, ин дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат мебошад, ки бо ҳаҷми даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ чен карда мешавад. Яъне даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ ҳар қадар зиёд бошад, ҳамон қадар имкониятҳои инкишофи алоқаҳои иқтисодии мамлакат бо мамлакатҳои дигар васеътар мешаванд. Зеро дар натиҷаи афзоиши даромади аҳолӣ бозори дохилӣ васеъ гашта, ҷолибияти ҷалби сармоягузорон ҳамчун фазои муносиби сармоягузорӣ ва тиҷорати берунӣ, инчунин механизми ба даст овардани самараи миқёсро ба иқтисоди миллӣ тақвият медиҳад. Ин аст, ки бештар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, махсусан кишварҳои дорои иқтисоди хурд ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати иқтисоди кушодро интихоб намуда, давра ба давра чиҳати ба даст овардани самараи миқёс ин равандро тақвият медиҳанд.

Омили дигаре, ки раванди кушодагии иқтисодиётро тақозо менамояд, мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ мебошад, Агар дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат ба муносибатҳои самарабахши берунии хоҷагии халқ танҳо дар дараҷаи муайяни тараққиёти саноат зоҳир шавад, пас дар иқтисодиёти рӯ ба тараққӣ захираҳои ашёи хом ҳам дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ нақши калон мебозад. Яъне кишвар дар иқтисоди чахон содиркунанди ашёи хом мегардад, ки ин ҳолат айни замон дар бисёр кишварҳои пасошуравӣ ба назар мерасад. Дар ин маврид зарур аст, ки барои таъмини рушди мутавозин дар баробари мавҷудияти ашёи хом, инчунин бояд рушди иқтисодиёт низ таъмин бошад. Дар акси ҳол дар бисёр кишварҳо аз содироти ашёи хом «бемории голландӣ» ба вуҷуд меояд, ки таъсири манфии мавҷудияти захираҳои табииро ба вуҷуд меоранд.

Ҳаҷми зиёди захираҳо ва сатҳи баланди рушди иқтисодӣ, ки дар Канада, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба назар мерасад, ба таҳкими робитаҳои беруна мусоидат намекунад, зеро ин захираҳоро дар доираи иқтисодиёти дохилӣ коркард ва истифода бурда мешаванд. Дорои захираҳои калон ва истеҳсоли номгӯйи молҳои маҳдуд мамлакатҳои сусттараққикардаро маҷбур мекунанд, ки барои таъмини талаботи дохила робитаҳои беруниро вусъат диҳанд. Албатта, дар

ин ҷо бояд фарқиятҳои сохтори содиротро, ки дар заминаи ин захираҳо ба вуҷуд меоянд, бояд ба назар гирифт, яъне дар содироти кишвар хиссаи ашёи хом, маҳсулоти нимтайёр ва маҳсулоти тайёр дар мувозинат бояд бошад. Чунин вазъ аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки характери кушодагиро интихоб намудаанд, тақозо менамояд, ки раванди кушодагии иқтисодиётро яку якбора ба роҳ намонда, давра ба давра ба ҷараёни ҷаҳонишавӣ ворид гарданд. Махсусан нисбати соҳаҳои навтаъсис, ки ба коркарди ашёи хоми ватанӣ равона гардидаанд, бояд то андозае сиёсати демпингӣ муҳофизат карда шаванд.

Вобаста ба дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт норасоии захираҳои дохилӣ зарурияти муносибатҳои берунии мамлакатро афзун мегардонад ё баръакс. Ҳар қадар сатҳи тараққиёти иқтисодиёт баланд бошад ва захираҳо маҳдуд, ҳамон қадар доираи чунин робитаҳо васеътар мешаванд. Зеро рушд ва тараққиёт захираҳои бештарро тақозо менамоянд, ки онро аз ҳисоби иқтисоди беруна таъмин кардан мумкин аст.

Омили дигаре, ки ба рушди муносибатҳои берунӣ кишварҳоро водор месозад, ин ба хусусияти бозори дохилӣ марбут аст.  Ҳар қадар бозори дохилӣ васеъ бошад, ҳамон қадар савдои хориҷӣ зиёд мегардад ва баръакс.  Аммо дар ин ҷо ҳаҷми бозори дохилӣ танҳо аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ нею, балки иқтидори он, яъне аз ҷиҳати даромад ва қобилияти харидории аҳолӣ, инчунин тафовути талабот аҳамияти калон дорад. Бозори васеи дохилӣ, ки дар он талабот гуногунсамт (диверсифицированный) ва ё гуногунранг  (дифференцированный) аст, назар ба талаботи тафриқанашуда барои рушди муносибатҳои беруна бештар майл дорад. Албатта дар ин ҳолат рушди муносибатҳои байналмилалӣ ба иқтисодиёти кишварҳои алоҳида мавқеи хоса пайдо намуда, ин кишвар таҳти таъсири тамоюл ва қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ қарор мегиранд.

Вобаста ба ин, дар иқтисоди байналхалқӣ се қонунияти асосии рушди иқтисоди ҷаҳон муайян карда шудаанд, ки чунинанд:

1. Тақвияти авҷгирии характери кушодагиии иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида ва гуруҳҳои онҳо; дар шакли умумии он натиҷаи инкишоф додани ивазшавӣ, инчунин гуногунсамтии истеҳсолот мебошад;

2. Тақвияти байналмилалигардонии тараққиёти техникӣ, махсусан таҳқиқоти илмӣ, ки мавқеъ ва нақши омилҳои алоҳидаи истеҳсолот, инчунин соҳаҳои саноат ва зерсоҳаҳои иқтисодиётро дар тараққиёти иқтисодиёт ва самарабахшии он хеле тағйир медиҳад;

3. Тақвияти истифодаи модели бегона, ки онро дар адабиётҳои иқтисодӣ «самараи тақлид», ё «самараи намоиш» меноманд.[22]

Ҳангоми мавҷудияти алоқаҳои иқтисодии ин ё он мамлакат ва дигар мамлакатҳо маънои онро надорад, ки вай иқтисоди кушод дорад. Дар замони муосир иқтисодиёти қариб ягон кишвар тамоман пушида буда наметавонад ва бе алоқа бо дигар мамлакатҳо ягон давлат тараққӣ карда наметавонад. Барои он, ки иқтисодиёти ин ё он кишвар кушода эътироф шавад, кадом шартҳо бояд риоя шаванд? Пеш аз ҳама, муомилоти савдои хориҷӣ бояд ба чунин дараҷа расад, ки вай ба рушди умумии иқтисодиёт мусоидат кунад. Яъне сарҳади кушодагии иқтисодиёт ҳамон ҳолатест, ки муносибатҳои хориҷии кишвар ба рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани таъсири манфии иқтисоди берунӣ кишварҳо сиёсати протексионистиро ба кор мебаранд, ки онро ҳудуди интиҳоии кушолагии иқтисоди кушод арзёбӣ намудан мумкин аст.

Муомилоти савдои хориҷӣ умуман ангезандаи рушди иқтисодӣ гардида, метавонад ба самти рушди иқтисодиёт таъсир расонад. Иқтисоди кушод бояд ҳам содироти калон ва ҳам воридоти калонро дар бар гирад, зеро мубодилаи байниҳамдигарӣ на танҳо барои бартараф намудани норасоиҳои молҳои истеъмолӣ, балки ба таъмин намудани истеҳсолоти ватанӣ ба воситаҳои истеҳсолот ва технологияи инноватсионии пешқадам ҳам хизмат мекунад.

Дар иқтисодиёти каму беш характери пушидадошта сохтори истеҳсолот аз як тараф ба сохтори захираҳои дар мамлакат мавҷудбуда ва аз тарафи дигар ба сохтори талаботи дохилӣ вобаста аст. Барои иқтисоди кушод характернок аст, ки тақсимоти байналхалқии меҳнат ба қабули қарорҳои иқтисодӣ оид ба ташаккули

[22] Л.Х. Саидмуродов. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. «Ирфон». Душанбе.-2005. С.125.

сохтори дохилии истеҳсолот таъсир расонда, бештар ба пайдоиши соҳаҳои нави саноат ва истеҳсоли маҳсулоти нав мусоидат кунад. Вобаста ба ин метавон қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати дорои иқтисоди кушод эътироф гашта, раванди саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи стратегии кишвар эълон гардидааст. Дар ин маврид зарур аст, ки муносибатҳои байналмилалии иқтисодии кишвар бояд ба содироти молҳои дорои арзиши баланд ва воридоти таҷҳизоту технологияҳои муосири инноватсионии истеҳсолӣ нигаронида шуда бошад. Савдои хориҷии кишвар, ки дар асоси принсипи таъмини эҳтиёҷоти кишвар бо воситаи пешниҳоди имконоти содиротии он ба роҳ монда мешавад, савдои ҳадафнок мебошад, ки он аз ортодоксияи тавозуни  талабот ва таклифоти бозорӣ бо унсури ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда фарқ мекунад (дар боби минбаъда ба таври васеъ пешниҳод карда мешавад).

Дар кишварҳои мутараққӣ иқтисоди кушод имкон медиҳад, ки аз тақсимоти байналхалқии меҳнат баҳра баранд ва афзоиши миқёси истеҳсолотро таъмин намуда, дастовардҳои ҷаҳониро дар соҳаи технология, технологияи истеҳсоли маҳсулоти нави инноватсионӣ дастрас намоянд.

Мамлакатҳои сусттараққикарда баъзан ба тақсимоти байналхалқии меҳнат бо роҳи маҷбуркунии иқтисодӣ ё ғайриқтисодӣ ҷалб карда мешаванд. Иштирок дар чунин тақсимоти меҳнат на танҳо ба тараққиёти онҳо мусоидат намекунад, балки иқтисодиёти онҳоро ба манфиатҳои мамлакатҳои тараққикарда тобеъ мегардонад.[23] Ҳодисаи ивазшавӣ (трансформация), ки аксаран дар мамлакатҳои рӯ ба тарққӣ характери маҳдуд дорад, торафт вусъат меёбад. Сабаби ин нобаробар тараққӣ кардани соҳаҳои алоҳидаи саноат ва умуман соҳаҳои истеҳсолот дар кишварҳо мебошад. Суръати афзоиши истеҳсоли молҳои алоҳида, инчунин талабот ба онҳо дар кишварҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, афзоиши нобаробар ҳам аз ҷониби арза ва ҳам аз ҷониби тақозо вуҷуд дорад.

[23] Л.В. Кривошеева. Проблемы и факторы формирования открытой экономики. //Известия ПГПУ. №1(5), саҳ. 190-195. Пенза.-2006 сол.

Имконияти ба вуҷуд омадани иқтисоди кушодро аз ҳамин нуқтаи назар дида мебароем. Чуноне ки қайд карда шуд, капитализм аз аввал ҳамчун низоми иқтисоди кушод  инкишоф ёфтааст. Тараққиёти Британияи Кабир мисоли классикии ба вуҷуд омадани иқтисоди кушод дар робита бо тараққиёти саноат дар ин кишвар шуда метавонад.

Чунин ҳодисаҳо ба ин ё он дараҷа, агар умуман набошад ҳам, дар аксарияти мамлакатҳое, ки дар асри 19 ба роҳи саноатикунонӣ дохил шуда буданд, мушоҳида карда мешуданд. Дуруст аст, ки истеҳсолоти мошинӣ дар ҳамаи соҳаҳои асосии саноат, ки аз нуқтаи назари тараққиёти ҳозира аҳамияти ҳалкунанда доранд, дар давраҳои гуногун пайдо шуданд.

Чунин хусусияти қисман ё тамоман кушода будани иқтисодиёти мамлакатҳое, ки ба роҳи тараққиёти саноатӣ дохил шудаанд, дар гузашта дар шакли кашфиёти техникӣ, тараққиёти соҳаҳои алоҳидаи саноат ва ғайра шартҳои муайяне доштанд. Бинобар ин, характери каму беш кушода будани иқтисодиёт ба ин ё он дараҷа аз он вобаста аст, ки то кадом андоза кишвар барои дастраси ба технологияи нав кушиш менамояд, ё истеҳсолоти барзиёдатияшро чи гуна метавонад тақсим намояд. Вобаста ба ин метавон қонунияти ягонаи умумиро чунин шарҳ дод: ҳар қадар дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти ин ё он мамлакат баланд бошад, ҳамон ҳадар алоқаи он бо иқтисодиёти дигар мамлакатҳо, ё аз ҳисоби рушди имкониятҳои содиротӣ, ё бобати таъмини талаботи афзоянда ба воридоти ашёи хом, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, саноатӣ ва озуқаворӣ васеътар мешавад. Дар ин маврид метавон як вобастагии иқтисодиро, ки ба иқтисодиёти хурди кушод тааллуқ дорад баён намуд. Барои иқтисодиёти хурди кушод, чун Тоҷикистон рушди содирот аз рушди воридот вобастагӣ дошта, тамоили онҳо доимо якхелаанд.

Аз ин рӯ, воридоти таҷҳизоту технологияи муосир, рушди истеҳсолоти саноатӣ ва асосан истифодаи технологияи муосири истеҳсолӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон, ки мушоҳида мегардад, раванди модернизатсиякунонии иқтисоди миллӣ буда, раванди кушодагии иқтисодиётро метезонад.  Яъне дар баробари рушди иқтисодиёт  кушодагии иқтисодиёт васеъ ва калон шудан мегирад,  вале

он характери якранга ва якхела надорад. Он бештар вобаста аст аз онки то чӣ андоза истеҳсолоти мошинӣ ва дар айни замон рушди илму техника дар соҳаҳо татбиқ мегарданд. Ҳар қадар соҳаҳо пешрафта гардида, дар он навгониҳои илму техника зиёд мушоҳида гардад, ҳамон қадар барои ба даст овардани самараи микёс кишвар маҷбур мешавад барои ҳамон соҳа иқтисодиёташро кушода намоянд. Барои он соҳаҳое, ки ҳануз рушд наёфтаанд, сиёсати иқтисоди кушод то андозае дар шакли протексионизм маҳдуд карда мешавад.

Азбаски техникаи истеҳсолии иноватсионии муосир асосан дар мамлакатҳои пешрафтаи саноатӣ ба вуҷуд омада истодаанд, давлатҳои қафомонда ва рӯ ба тараққиро зарур аст, ки барои оғози саноатикунонӣ иқтисодиёташонро барои воридоти технология кушоянд. Чунин сиёсати кушодагии иқтисодиётро нисбат ба Ҷопон кишварҳои нави саноатӣ ба монанди Сигнгапур, Тайван ва Кореяи ҷанубӣ дар амал татбиқ намуда, ба рушди босуръат ноил гардиданд. Асосҳои назариявии ин равандро дар иқтисодиёти байналхалқӣ назарияи "қозҳои паррон" асоснок менамояд. Тибқи ин назария Ҷопон техника ва таҷҳизотҳои истеҳсолии худро, ки сикли интиҳоии ҳаёти молҳои истеҳсолияшро таъмин менамуд, ба кишварҳои Сингапур, Тайван ва Кореяи ҷанубӣ интиқол медод.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисоди ҷаҳонӣ соҳаҳои гуногуни пешқадам пайдо мешаванд, ки бо соҳаҳои иқтисодиёти ин ё он кишвар ё гуруҳи кишварҳо мувофиқат намекунанд. Ин нобаробар будани тараққиёти иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида ва дар байни онҳо нобаробар тақсим шудани захираҳоро инъикос мекунад.

Байналмилаликунонӣ дар вусъат ва амиқ шудани робитаҳои технологӣ ва иқтисодии байни корхонаҳои алоҳидаи ширкатҳои бузург, кишварҳо ва минтақаҳои том ифода меёбад ва он тавассути каналҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки байналмилаликунонӣ асосан бо роҳи мубодилаи воситаҳои истеҳсолот ва донишҳои технологӣ, инчунин дар шакли махсусгардонӣ ва кооператсияи байналхалқӣ, инчунин ба низоми ягонаи истеҳсолӣ ва истеъмолкунанда пайвастани марказҳои истеҳсолӣ ва илмӣ ба

вуҷуд меояд. Кишварҳои тарраққардаи саноатӣ тавассути кооператсияи истеҳсолӣ ва ҳаракати байналмилалии захираҳои истеҳсолӣ раванди байналмилаликунонии бартариятҳои техникии худро вусъат бахшида, самараи бартарияти рақобатиро дар шакли «бартарияти ба дастовардашуда» таъмин менамояд. Яъне ин кишварҳо захираи табии худро ҳамчун бартарияти омилӣ ва нисбӣ истифода набурда, дар заминаи инкишофи экосистемаи технологӣ ба истеҳсоли техника ва мошинҳои истеҳсолии муосир махсус гардида, бартарияти технологиро «ба даст» меоранд. Барои байналмилаликунонии ин бартарият кишварҳои тараққикардаи саноатӣ ташаккули инфрасохторҳои умумиҷаҳонии моддию иттилоотӣ, ташкилию иқтисодӣ, мубодила ва ҳаракати байналхалқии омилҳои истеҳсолотро тақвият мебахшанд. Чунин раванди байналмилаликунонии истеҳсолот ҷараёни тақсимоти меҳнатро тағйир дода, тамоили нави инкишофи муносибатҳои байналмилариро дар тақсимоти байналхалқии меҳнат таҷассум менамояд. Яъне, агар қаблан тақсимоти меҳнат дар байни кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ асосан ба фарқиятҳои табиию географӣ асос ёфта бошад, пас айни замон дар баробари саноатикунонии иқтисодиёт аҳамияти омилҳои технологӣ ва иқтисодӣ дар тақсимоти байналхалқии меҳнат бо тадриҷ меафзояд.

Баробари афзудани миқёс ва дараҷаи техникии истеҳсоли мошинҳо сарҳадҳои миллӣ торафт тангтар мешаванд. Истеҳсолот давра ба давра ба захираҳои воридотӣ нигаронида шуда, бозори миллиро торафт бештар фаро мегирад. Истеҳсолкунандагон бозори ашёи хомро дар дигар кишварҳо ва минтақаҳои он ҷустуҷӯ мекунанд.[24]

Ҳохиши баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ, зарурати дарёфти техника ва технологияи нав ва захираҳои ками истеҳсолот кишварҳоро маҷбур мекунад, ки истеҳсолоти фаромиллиро ташаккул дода, ҳарчи бештар соҳаҳои минтақаҳои кишвар ба раванди ҷаҳонишавӣ водор созад. Маҳз дар ана ҳамин маврид қадами аввал дар ин роҳ, яъне махсусгардонӣ ва кооператсияи

[24] Борисов Б.Р. Экономическая теория: Учебное пособие – М. Юрайт. С 303 – 467.

байнисоҳавии байналхалқӣ мебошад, ки соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолии мамлакат ва минтақаҳои онро ба маҷмааи байнисоҳавии байналхалқии истеҳсолӣ пайваст мекунад. Яъне, дар ин маврид қадами аввал ҳамгироии мезоиқтисодӣ ба вуҷуд меояд. Ба ин гуна маҷмааҳои шабакавию фаросарҳадии байналхалқӣ истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни саноатӣ, маҷмааи агросаноатӣ ва ғайраро мисол овардан мумкин аст, ки мавҷудияти онҳо ба инфрасохтори нақлиёти тараққикарда сахт вобастагӣ дорад. Чунин маҷмааҳои истеҳсолии якҷоя кооператсияи байналхалқии истеҳсолӣ ва кооператсияи дохилисоҳавии истеҳсолот ва илмро тақвият бахшида, раванди берун аз сарҳади давлатӣ баромадани тақсимоти байналхалқии техникии меҳнатро (байналмилакунонии меҳнат) тақвият мебахшад.

Чуқуртар шудани махсусгардонӣ ва кооператсияи байналхалқии истеҳсолот боиси афзудани муомилоти байналхалқии қисмҳои истеҳсолот гардид. Ҳамин тариқ, тақрибан 1/3 тамоми воридоти ҷаҳонӣ ва 3/5 савдои мошину таҷҳизот ба таъминоти ҷузъҳо рост меояд. Ба ғайр аз ин, дар мубодилаи байналхалқии мол қисмҳо, васлҳо ва ҷузъҳои истеҳсолот васеъ мегарданд. Дар баробари ин, васеъ гаштани муомилоти байналхалқӣ афзоиши муомилоти савдои беруниро инкишоф медиҳад. Ҳамин тариқ, шакли баланди байналмилаликунонии истеҳсолот иттиҳодияҳои истеҳсолии байналхалқӣ ва илмию истеҳсолиро ба вуҷуд меоранд, ки онҳо мезосатҳи ҳамгироиро таҷассум менамоянд.

Дар байни омилҳои муҳимтарини байналмилаликунонии ҷаҳонӣ пеш аз ҳама ҳаракати байналхалқии захираҳои молиявию истеҳсолиро қайд кардан лозим аст, ки вобастагии байниҳамдигарии фаъолияти иқтисодии мамлакатҳои гуногунро нишон медиҳад. Дар баъзе мавридҳо содироти сармоя ба кооператсияи байналхалқии истеҳсолӣ, ташкили низоми фурӯш ва хизматрасонии корпоративии мошину таҷҳизот ва бо пул таъмин намудани савдои берунаро таъмин менамояд. Ҳамин тавр, содироти сармоя ҳам сабаб ва ҳам натиҷаи байналмилаликунонии муносибатҳои иқтисодӣ мебошад.

Солҳои 70-уми асри гузашта тамоюли сармоягузории ШФМ ба филиалҳояшон, ки ба содироти молҳои мубодилашаванда нигаронида шуда буданд, хеле авҷ гирифт Ин раванд ҳамчун тамоили қарздиҳии байналмилалӣ ва муҳоҷирати сармоя ҳануз ҳам идома дорад. Дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ муҳоҷирати байналмилалии сармоя омили асосии байналмилаликунонӣ мебошад.

Барои мамлакатҳои тараққикарда ҷалби сармояи хориҷӣ ба мақсади тараққӣ додани иқтидори истеҳсолии инноватсионӣ ва ҳарбӣ хизмат мекунад. Муҳим онро бояд донист, ки муҳоҷирати сармоя байни кишварҳои пешрафта шабакаи васеи робитаҳои иқтисодӣ, технологӣ ва илмиро байни ширкатҳои ин кишварҳо ба вуҷуд меорад. Аксарияти ин робитаҳо ба муносибатҳои дохиликорпоратсионӣ алоқамандaнд, яъне савдо асосан байни ширкатҳо ва корхонаҳое сурат мегиранд, ки сармояи умумӣ доранд.

Равандҳои васеъшавии истеҳсолот, ки қариб ҳамаи кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳонро фаро мегиранд, асосан аз ҳисоби интиқоли технологияҳои нав аз ҷониби давлатҳои пешрафта ба амал меоянд  ва ин равандро аксар вақт ҳамчун «трансфери технология» маънидод мекунанд. Дар аксар вақт  худи технология интиқол карда шуда, баъзан усулҳои муайяни истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, технология дар шакли мошинаҳо, таҷҳизот, конструксия, низоми гуногуни техникӣ (нақлиёт, телекоммуникасия ва ғайра), ки метавонанд маҳсулоти доройӣ нишондиҳандаҳои хеле баланди техникӣ-иқтисодиро ба вуҷуд биёранд, ва он аз параметрҳои маҳсулоти қаблан истеҳсолшаванда хеле фарқ мекунанд.

Агар дар соли 1960 дар иқтисоди ҷаҳон тиҷорати технология  бештар аз 1 миллиард долларро ташкил намуда бошад, он дар солҳои 1970-3 млрд. долл., соли 1980-9 млрд. доллар ва  дар аввали солҳои 1990-ум аллакай ба 20 млрд. доллар баробар гашт.   Айни замон ин нишондод ба зиёда аз 47 млрд. долл. баробар гаштааст, ки он аз авҷгирии раванди “қозҳои паррон” дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир шаҳодат медиҳад. Дар гардиши савдои байналмилалии молу хизматрасониҳои умумиҷаҳонӣ ин арзиши ночиз бошад ҳам, вале дар саросари ҷаҳон дар асоси иҷозатномаҳои литсензинии хориҷӣ маҳсулотҳое  истеҳсол

мешавад, ки арзиши он тибқи ҳисобҳои гуногун аз 500 то 900 миллиард долларро ташкил медиҳанд.

Албатта, содиркунандагони технология ва технологияи инноватсионӣ кушиш мекунанд, ки бартарии илмию технологии худро нигоҳ доранд. Онҳо кушиш менамоянд технологияи пурраи истеҳсолиро интиқол надиҳанд. Онҳо асосан қисматҳои маҳдуди технологиро интиқол медиҳанд, ки занҷираи истеҳсолиро ташкил намояд. Ба вуҷуд овардани истеҳсоли бузурги маҳсулоти электронии маишӣ дар мамлакатҳои рӯ ба тараққии  Осиё ва ҶМЧ ба истифодаи микросхемаҳое асос ёфтааст, ки аз 9/10 он дар ШМА ва Япония истеҳсол мешаванд. Аз тарафи Ҷопон ба ин кишварҳо технологияи васлкунии қисмҳо дода шуда, ҷузъҳо ва микросхемаҳо ба онҳо фурӯхта мешавад, аммо технологияи охирин, яъне истеҳсоли томи молҳо  муддати дароз ҳамчун бартарияти Ҷопон ошкор карда намешавад ва истеҳсоли он дар Ҷопон боқӣ мемонад.

Бояд тазккур дод, ки интиқоли технология ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ "натиҷаи бумеранг"-ро эҷод мекунад: технологияи воридшуда, ки ин кишварҳо азхуд кардаанд, ба онҳо имкон дод, ки рақибони қавӣ барои содиркунандагони ин технология гарданд. Аз ин рӯ, аз тарафи кишварҳои рӯ ба тараққӣ тамоюли интиқоли танҳо он технологияҳо вуҷуд дорад, ки он барои худи онҳо муфид бошад. Яъне, онҳо тавонанд он молҳои тайёрро барои истеҳсолоти худ ба даст оранд, ки барои истеҳсоли он дар кишварашон ё захираи табиӣ ё иқтисодӣ камёфт аст.

Дар солҳои 70-уми асри XX дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «муҳоҷирати истеҳсолот» ба миён омад, ки он сарҳади ҷуғрофияи истеҳсолиро тадриҷан васеъ намуд. Муҳоҷирати васеи дохилӣ ва байнидавлатӣ дар давлатҳои тараққиёфта хеле авҷ гирифт. Онҳо на танҳо ҳавасмандии асосии иқтисодии ҳаёти иқтисодии худ - ба даст овардани фоидаи максималиро вайрон намекунанд, балки инчунин бо истифода аз комёбиҳои пешравии илму техника имкон пайдо мекунанд, ки фоидаи иловагиро ба даст оранд. Масалан, дар  Ҷопон истеҳсоли алюминияи аввалия комилан аз байн рафта, корхонаҳои он ба Чин фурӯхта шуданд.

Дар саноати нитрогении Ҷопон ва дигар соҳаҳои нисбатан оддии электронии он (радио, телевизор ва ғайра) низ раванди интиқоли технологияи он ба дигар кишварҳои ҳамсоя ба вуҷуд омад. Имруз қариб ин соҳаҳо тамоман дар Ҷопон фаъолият надоранд, ҳол он ки Ҷопон дар ин соҳаҳо содиркунадаи асосӣ дар ҷаҳон мансуб меёфт. Қисми зиёди корхонаҳои истеҳсоли ин гуна маҳсулот ба мамлакатҳои саноатии Осиёи Ҷанубию Шарқӣ фурухта ва ё дода шуданд. Ширкатҳои мошинсозии Ҷопон дар Иёлоти Муттаҳида, ки харидори асосии онҳо буданд, заводҳо сохтанд. Аммо дар соҳаҳое, ки маҳсулоти гаронарзиш истеҳсол мекунанд (техникаи аэрокосмикӣ, таҷҳизоти мураккаби электронӣ, яроқи вазнин), мавқеи асосӣ доимо дар дасти итсеҳсолкунандагони асосӣ мемонад.

Дараҷаи байналмилаликунонӣ, ки дар мамлакатҳои алоҳида дар сатҳҳои гуногун қарор дорад, аз нобаробар инкишоф ёфтани ин раванд дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад. Яъне, на ҳама технологияи истеҳсолӣ интиқол (байналмилаликунонӣ) мегарданд. Тафовути дараҷаи иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, дар навбати аввал, ба дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт, ва баъдан ба миқёси бозори дохилӣ вобаста аст. Дар кишварҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешрафта ҳаҷми истеҳсолот асосан ба бозори пуриқтидори дохилӣ нигаронида шудааст. Ҳиссаи савдои берунӣ дар маҳсулоти миллии мамлакатҳои хурд, махсусан дар мамлакатҳое, ки махсусгардонии маҳдуди истеҳсолот доранд, калон аст. Ҳиссаи содирот дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҳама бештар дар Гонконг (95%), Люксембург (82%), Белгия (74%), Ирландия (53%), Ҳолланд (58%), Арабистони Саудӣ (54%), Венгрия (49 фоиз) ба назар мерасад.

Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ майл ба бозори ҷаҳонӣ асосан ба истеҳсоли бисёр навъҳои ашёи хом хос аст. Вале, суръати рушди истеҳсолоти молҳои тайёр нисбат истеҳсол ва фуруши ашёи хом хеле қафо мемонад, ки он ба қафомонии иқтисодиёти кишвар оварда мерасонад. Дар баробари ин, содироти ин кишварҳо аксар вақт бо муносибатҳои суст инкишофёфтаи молию пулӣ алоқаманд мебошад, ки вобастагии онҳоро аз кишварҳои тараққикарда боз ҳам афзун менамояд.

Маҳсулоти саноатии ба дараҷаи баланд коркардшуда аз ҳудуди як мамлакат баромада, ба ин соҳаҳо характери байналхалқӣ медиҳад. Яъне, имрӯзҳо саноати Япония метавонад талаботи тамоми ҷаҳонро ба дастгоҳҳои нусхабардорӣ, видеомагнитофон, «микрочипҳо» конеъ гардонда тавонад. ШФМ аз кишварҳои хурди Аврупо (Ҳолланд, Шветсия, Швейтсария) зиёда аз 80% маҳсулоти худро ба дигар кишварҳо содир мекунанд. Ин тамоюл дар айни замон дар савдои байналхалқӣ аз афзоиши ҳиссаи содироти мошину таҷҳизот, молҳои химиявӣ ва ғайра шаҳодат медиҳад.

Содироти анъанавӣ тадриҷан бо истеҳсолоти хориҷӣ иваз карда мешавад, яъне он ҳамчун «ба сифати алтернатива ба содирот» мусоидат мекунад. Ташаккули шабакаи шӯъбаҳои молиявии хориҷӣ, истеҳсолӣ, фурӯш ва таҳқиқотии фирмаҳо дар кишварҳои гуногун ширкатҳо – содиркунандагони сармояро дар шакли пулию молӣ ба ширкатҳои фаромиллӣ (ШФМ) табдил дод. ШФМ дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон шабакаи васеи корхонаҳои истеҳсолиро ба вуҷуд овардаанд, ки аксар вақт онҳо алоқаҳои равандҳои ягонаи технологиро ба роҳ мемонанд. Албатта онҳо имконияти милликунонии корхонаҳоро аз тарафи мамлакатҳо маҳдуд месозанд. Дар муқоиса ба онҳо имрузҳо тарҳи нави истеҳсоли ҷаҳонӣ дар шакли низомҳои махсуси шабакавӣ ва фаросарҳадӣ ба вуҷуд омада истодаанд, ки имконияти милликунонии корхонаҳоро нисбат ба ШФМ васеъ намуда, барои таъмини тавозуни мусбии манфиатҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки соҳаҳои пешқадами саноат, ки дараҷаи тараққиёти иқтисодиётро инъикос менамоянд, аз рӯйи моҳияти худ характери иқтисодиёти кушодро мегирад. Ин падидаро байналмилаликунонии истеҳсолоти ҷамъиятӣ меноманд, ки чи аз ҷиҳати техника ва ҳам аз ҷиҳати миқёси истеҳсолот (таъминот) ва ҳам аз ҷиҳати талабот характери байналхалқӣ пайдо мекунад.

Бояд қайд намуд, ки инкишофи ҳамаҷонибаи корпоратсияҳои байналхалқӣ, инчунин хеле зиёд шудани содироти мошину таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт сабаби рушди содироти сармоя мегардад, ки ин раванд байналмилаликунонии сармояро боз меафзояд. Дар натиҷа ивазшавӣ ва ё пуркунии раванди

байналмилаликунонии сармоя ва технология ба вуҷуд омада, ҳаракати пай дар пайи омилҳо ба вуҷуд меояд. Дар баробари ин, сармояи содиротӣ бо соҳаҳои илмталаб алоқаманд аст, ки бо динамикаи баланди рушд хос буда, барои дигаргуниҳои сохторӣ дар иқтисодиёт замина фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, дар давоми чанд даҳсолаи охир сармояи содиротӣ на танҳо ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ, балки ба кишварҳои пешрафта низ равона карда шудааст. Кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон низ ҷиҳати рушди истеҳсолоти худ ба сармоя ниёз дошта, аз ҳисоби содироти молҳои гаронарзиши худ воридоти онро ҷуброн мекунанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки байналмилаликунонии сармоя яке аз шаклҳои муҳимтарини робитаҳои байни мамлакатҳо буда, нуқтаи авҷи ин раванд ба вуҷуд овардани иқтисоди кушод мебошад. Аммо иқтисоди кушод ҳамчун зуҳуроти муосири ҷаҳонишавии кишварҳои ҷаҳон мафҳуми содда ва якранга набуда, раванди мураккаб ва серпаҳлу аст, ки таъсири он ба кишварҳо гуногун буда метавонад. Яъне ин ҳодисаи иқтисодӣ чун дигар падидаҳои иқтисодӣ дорои зиддиятҳои диалектикии дохилӣ ва берунӣ буда, муайян ва бартараф кардани онҳо таҳқиқоти мушаххасро тақозо менамояд. Ҳамчун ҳодисаи таърихии иқтисодӣ дар раванди ҷаҳонишавии муосир “нав” гашта, омузиши ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Ба ақидаи мо нақши давлат дар он коста нагашта, баръакс меафзояд. Мавҷудияти ШФМ, ГМС ва дигар сохторҳои байналмилаликунонии омилҳои ҷамъиятӣ заминаи фаъолияти иқтисодиёти байналхалқӣ буда, барои татбиқи манфиатҳои миллӣ бояд аз тарафи давлат идора карда шаванд. Таъсири гуногуни давлат ва бозорро ба иқтисоди миллӣ таҳлил намуда, Л. Ралдигин, Р. Энтов ва Ю. Сумачёв қайд мекунанд, ки “Новоба аз он ки “нокомии бозор” мавҷуд аст, бояд аз муносибатҳои бозорӣ даст накашид, ва монанди он “нокомии давлат” бояд мавқеи давлатро дар танзими иқтисодиёти миллӣ коста нагардонад. Зеро бисёр ҳолатҳои манфии тақсимоти ғайрисамараноки сарвати миллӣ ва амволи давлатӣ маҳз дар фаъолияти ғайрифаъоли кишвар дар иқтисодиёт дида мешавад”.[25] Аз ин бармеояд, ки

[25] Ралдыгин А., Сумачёв Ю., Энтов Р. Государственная компания: сфера проявления провалов государства или провалов рынка. Вопросы экономики.-2015 №1.-С.47.

“нокомии ҷаҳонишавӣ” низ мавҷуд аст ва он асосан дар қафомонии давлатҳои рӯ ба тараққӣ аз кишварҳои пешрафтаи саноатӣ зоҳир мегардад. Аммо, “нокомии ҷаҳонишавӣ” маънои маҳдуд кардани иқтисоди кишвар аз муносибатҳои байналмилалиро ифода накарда, зарурияти таҳқиқи илмии иқтисоди кушодро дар шакли муосир тақозо менамояд.

Чӣ хеле, ки дар боло қайд карда шуд, иқтисоди кушод зери таъсири ҳам тамоил ва ҳам қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ қарор мегирад. Ин аст, ки буҳронҳои бардавоми солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки назарияи муосири иқтисоди кушод низ ба буҳрон гирифтор шуда, наметавонад роҳи баромад аз ин буҳрони ҷаҳониро нишон диҳад. Яке аз сабабҳои асосии коста гаштани иқтидори илмии назарияи иқтисоди кушод аз он иборат аст, ки кишварҳо механизм ва роҳҳои мубориза ба чолишҳои иқтисоди ҷаҳониро коркард накарда, танҳо ҳама кушиш менамоянд исбот кунанд, ки ҷаҳони имрӯза таҳти таъсири қонуниятҳои инкишофи хоҷагии капиталистӣ қарор дорад.

Ба фикри мо механизми моддии мубориза бо чолишҳои ҷаҳонӣ вуҷуд дорад ва он дар шакли идораи коллективии иқтисодиёт, яъне ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад. Маҳз фаъолияти дастаҷамъона ва муттаҳид дар шакли минтақагароии муносибатҳои иқтисодии берунӣ метавонад ба чолишҳои муосири ҷаҳонӣ истодагарӣ намуда, “нокомии ҷаҳонишавиро” бартараф созад. Азбаски дар иқтисоди ҷаҳонӣ сохтори ягонаи идоракунанда мавҷуд набуда, иқтисоди бозорӣ нокомиҳоро дар танзими иқтисодиёт ба вуҷуд меорад, баръакси ақидаи либералӣ ва неолибералӣ, нақши фаъолияти давлат дар таъмини рушд хеле меафзояд. Таҷриба нишон дод, ки маҳз дар давраи буҳрони молиявӣ ва иқтисодии солҳои 2007-2009 давлатҳои абарқудрати капиталистӣ ба ширкатҳои фаромиллӣ ва бонку ташкилотҳои соҳавии худ имтиёз ва кумакҳои калони молиявӣ расонида, барои аз байн нарафтани онҳо, ки метавонистанд ба бесарусомонии рушди ҳоҷагии ҷаҳонӣ ва оқибатҳои ногувори иҷтимоӣ ба инсоният оварда расонад, мусоидат намоянд. Яъне дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, ки дар доираи ҳамгироиҳои

минтақавии иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, характери ҷаҳонӣ пайдо намуда, тамоил ва самти инкишофи хоҷагии ҷаҳониро муайян мекунанд.

Рушди бемайлони ҷаҳонишавӣ, байналмилаликунонии истеҳсолот ва авҷгирии тақсимоти байналхалқии меҳнат сиёсати анъанавии рақобатпазирии давлатҳои алоҳидаро бесамар менамояд. Дар ин маврид, зарурияти дарёфти шаклҳои нави ҳамкориҳои байналмилалӣ ба миён меояд, ки он тавонад рушди дилхоҳ кишварро дар арсаи байналмилалӣ таъмин намояд. Ба фикри мо, яке аз чунин шаклҳо ҳамгироии кишвар бо иттифоқҳои байнидавлатӣ ва маҷмааҳои бузурги минтақавии иқтисодӣ мебошад. Дар шароити имрӯза ҳамгироиҳои иқтисодии минтақавӣ на танҳо воситаи таъмини иқтисоди миллӣ аз рақобати бозори ҷаҳонӣ мебошад, он инчунин механизми санҷидашудаи таъмини рушди ҳар як кишвари алоҳида мебошад.

Чи хеле, ки таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ ва махсусан таҷрибаи собиқ ИҶШС ва имрӯзаи ИА нишон медиҳад, дар доираи ҳамгироиҳои иқтисодӣ муносибатҳои байнидавлатӣ дар асоси тамоюл ва рушди қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ ба амал бароварда мешавад. Аммо, дар садсолаи охир ин равиш аз нигоҳи назариявӣ рушд наёфта, коркардҳои назариявӣ танҳо ба масъалаҳои таъмини самараи умумии тиҷорати байналхалқӣ ё дар сатҳи микроиқтисод (назарияи бартарияти нисбии Д. Рикардо, Хекшер-Олин-Самуэлсон, Столпер-Самуэлсон, Рыбчинский, Хекшер-Олин-Веннек, самараи тақвияти Ҷонс ва назарияи бартарияти омилии Самуэлсон-Ҷонс ва Леонтев, бадали омили истеҳсолот ва талабот) ва ё самараи алоҳидаи тиҷорати байналхалқӣ дар сатҳи макроиқтисод (назарияи бартарияти рақобатии П. Линдер ва М. Портер, нобаробарии технологии Познер ва модели ҷозибаи Я. Тинбергену прогресси техникии Ҷ. Хикс) нигаронида шуда буду халос.

Аммо, бояд қайд намуд, ки қонуни диалектикии ягонагии умумӣ, махсус ва алоҳидагӣ наметавонад танҳо дар асоси инкишофи умумӣ ё алоҳидагӣ зоҳир шавад. Умумӣ ё алоҳидагӣ наметавонад бе махсус вуҷуд дошта бошад. Ҳамзамон, аз нуқтаи назари мантиқи диалектикӣ маҳз “фарқияти байни умум ва

махсус ҳамон чизест, ки инкишофро ба вуҷуд меорад.[26]" Дар ин маврид, сарчашмаи рушди иқтисоди кушод зиддияти байни умум ва махсус, умум ва алоҳида, яъне зиддият байни тарафҳои алоҳидаи ягонагии томи умум, махсус ва алоҳидагӣ мебошад ва он бояд аз махсус ҷудо набошад.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқотии мо бояд қайд намуд, ки дилхоҳ низоми иқтисоди миллии характери иқтисоди кушод дошта, ҳангоми муайян кардани манфиатҳои байналхалқии худ ба қонуниятҳои умумии инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ такя намуда, дар чаҳорчубаи умумӣ фаъолият менамояд. Ҳамзамон, мутаносибан ҳангоми ҷалб намудани субектҳои иқтисоди байналмилалӣ барои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ дар чаҳорчубаи алоҳидагӣ фаъолият намуда, манфиатҳои худро дар чаҳорчубаи махсус, яъне шароити ҳамгироии иқтисодӣ, ки сарчашмаи инкишофи хоҷагии ҷаҳони муосир мебошад, амалӣ менамояд.

Дар ин маврид гап сари он меравад, ки бояд байни макро ва микросатҳи таҳлили хоҷагии ҷаҳонӣ бояд аз нигоҳи назариявӣ иқтидор (потенсиал)-и мезосатҳ таҳлил қарор гирад. Мезосатҳи таҳлили  назарияи фазоии (пространственную) тиҷорати байналхалқиро васеъ менамояд, ки давлатҳои дорои иқтисоди кушод маҳз дар ин сатҳ бартариятҳои навро ба даст меоранд. Ин мезосатҳро дар иқтисоди ҷаҳон ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (ҳудудӣ) ташкил менамояд. Равиши мазкур дар назарияи иқтисодиёти байналхалқӣ аз нигоҳи он ки характери мезосатҳро дорад, нав буда, бартариятҳо барои кишварҳои дорои иқтисоди кушод дар ҳоле ба даст меояд, ки агар чунин шароитҳо ба монанди; татбиқи якҷояи (коллективӣ) лоиҳаҳои инфрасохтори байналхалқӣ, ба монанди долонҳои байналхалқии нақлиётию энергетикӣ ва коммуникатсионӣ, якҷоя истифода бурдани захираҳои иқтисодии умумии минтақаҳои наздисарҳадии кишварҳои ҳамсарҳад  ва инчунин механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиротшаванда байни кишвар ё минтақаҳо вуҷуд дошта бошад.

---

[26] Маркс К. Сочинение.. 2. изд. Т 46, ч.I. /К. Маркс, Ф. Энгельс. – Издательство политической литературы Москва • 1968. 317стр.- С.21

Таҳқиқоти минбаъдаи мо, яъне мезосатҳи таҳлили иқтисоди ҷаҳон, бо қонуниятҳои эътирофгаштаи инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ дар иқтисоди байналхалқӣ ба монандӣ; тақвияти характери кушода гирифтани низоми иқтисодиёти миллии кишварҳо, тақвияти байнлмилаликунонии прогресси техникӣ ва назарияи самараи намоиш зич алоқаманд буда, ҳамзамон қонунияти нави инкишофи хоҷагии ҷаҳониро муайян мекунад. Ин қонуният мазмуни онро дорад, ки барои иқтисоди кушод самараи синергетикӣ ҳамон вақт ба даст меояд, ки агар дар он тамоили тақвияти "майли интиҳоии минтақаҳои давлатҳои дорои иқтисоди кушод ба раванди ҳамгироии минтақавии иқтисодии мушаххас" (нигаред ба расми 1.1.) ба вуҷуд омада истода бошад.




**Расми 1.1. - Рушди қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дар ҳамин давраи таҳқиқот кифоя аст қайд намоем, ки мо атрофи минтақаи (ҳудуди) ҳамгирошудае сухан меронем, ки дар он кишварҳои ҳамгирошуда (аъзо) аз як тараф қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳониро риоя намуда, аз тарафи дигар, аз ин шакли муносибати байналхалқӣ самараи мушаххасро ба даст меоранд. Категорияи иқтисодие, ки ин низоми муносибатро ифода мекунад, ба фикри мо ин категорияи "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" (интеграционый мезорегион) мебошад, ки он дар марҳалаи кунунии таҳқиқоти назариявӣ, яъне

ҳангоми гузариш аз абстраксия ба мушаххас (конкретному) ба асосноккунии таърихию мантиқӣ ниёз дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мақсади асосии ҳама гуна созмонҳои ҳамгироӣ ин дастгирӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва байналхалқӣ бобати таъмини ҷараёни ташкил ва фаъолияти озоди соҳибкории хурд ва миёна (СХМ), корхонаҳои муштарак (КМ), гуруҳҳои молиявию саноатии байналмилалӣ (ГМС) ва дигар шаклҳои ҳамкорӣ мебошад, ки онҳо рушд ва инкишофи занҷираи технологии ҳаракати селаи молию пулиро ба вуҷуд меоранд. Маҳз ин занҷираи бавуҷудомада метавонад ҳолати оптималии фаъолиятро дар шароити дигаргуншавии фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ, илмӣ ва тиҷоратӣ таъмин намояд.

Ҷараёни ворид шудани кишварҳо ба гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳодисаи объективӣ ва қонунияти муосири инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад. Ин ба он оварда мерасонад, ки кишварҳои аъзо аз ин ҳамгироӣ самараи системавиро ба даст меоранд, ки он дар сурати ба роҳ мондани тиҷорати дуҷониба ба даст оварда намешавад. Аз тарафи дигар чунин сиёсати ҳамгироии давлатҳо натиҷаи инъикоси тағйиротҳои сифатиест, ки дар ҳоҷагии ҷаҳонӣ тайи солҳои охир шароитро барои муттаҳидшавии самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд овардааст.

Аз ҷумла, дар ҷаҳони имрӯза шиддатнокии ҳаракати мутақобилаи сармоя афзоиш ёфта, тиҷорати байналхалқӣ ва ҳиҷрати қувваи корӣ васеъ гашта истодааст. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ вобаста ба танзими самараноки муносибатҳои байналхалқӣ (аз ҷумла бо воситаи меъёрҳои гуногуни тарифӣ-гумрукӣ, меъёрҳо ва механизмҳои пардохту сиёсати арзию қарзӣ, сиёсати содиротию воридотӣ ва ғ.) аллакай механизми мушаххас ва боваринок коркард карда шудааст.

Ба ғайр аз ин, истифодаи васеи техника ва технологияи пешқадам дар истеҳсолот ҳосилнокии меҳнатро ба маротиб боло бурда, барои моли истеҳсолшуда бозори дохилӣ танг гардида, барои баромадан ба бозори беруна зарурат бештар гашта истодааст. Барои ин кишварҳоро зарур аст, ки ҳарчӣ

бештар барои таъмини гардиши озоди молҳо тамоми монеаҳоро аз байн баранд. Ва охирон, дар бозорҳои ҷаҳонӣ характер ва миқёси рақобат ба таври куллӣ тағйир ёфтааст. Бо тадриҷан рушд кардани иқтисоди миллӣ, чуқуршавии тақсимоти байналхалқии меҳнат дар кишвари мушаххас рақобатро на танҳо дар байни фирмаҳо балки  кишварҳо ва гуруҳи кишварҳо ба вуҷуд меорад. Барои рақобат намудани кишвари хурди дорои иқтисоди кушод бо кишварҳои тараққикарда онҳоро зарур аст, ки муттаҳид гарданд.

Бояд қайд намуд, ки аз давраи оғози соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати “дарҳои кушод”-и фаъолияти иқтисодии хориҷиро пеша намудааст, ки асоси онҳоро принсипҳои зерин:  кушода ва озод (либерализатсия) будани иқтисодиёт, кушода будан барои ҳама гуна муносибатҳо, баробарӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд, дахолат накардан ба масъалаҳои дохилии дигар давлатҳо, ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаҷониба бо назардошти манфиатҳои миллӣ-давлатии худ, дар асоси боварии том барақарорсозӣ ва рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо ташкилотҳои молиявию иқтисодӣ, риояи ҳуқуқ ва меъёрҳои байналмилалӣ ва давра ба давра гузаштан ба стандартҳои байналмилалӣ,  ташкил менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар такя бо принсипҳои  мазкур тавонист муносибатҳои иқисодию дипломатии худро бо бисёр кишварҳо ба роҳ монда, ба ин васила паёмадҳои манфии давраи гузариш ба иқтисоди бозориро бартараф созад.

Зарурияти бозсозии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҷумҳурӣ инчунин аз инҳо иборат буд:

Якум, бо ба даст овардани истиқлолият имконияти дар сатҳи пештара мондани муносибатҳои байналхалқиро мондан набуд. Зеро дар он ҳолат кишвар наметавонист аз самараи тақсимоти байналхалқӣ баҳра барад ва ҳамчун кишвари пушида берун аз иқтисоди ҷаҳонӣ қарор гирад;

Дуюм, механизми қаблии иқтисодиёти банақшагирӣ нодаркор гашт ва зарурияти ташаккули механизмхои нав, санаду меъёрҳои нав ба миён омад, ки

барои гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва рушди муносибатҳои байналхалқӣ зарур буд;

Сеюм, дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳамчун омили рушди даромади миллӣ, сарфаи хароҷот, рушди сатҳи технологии истеҳсолот, васеъшавии бозори истеъмолӣ ва рушди сатҳи зиндагӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи ин омил дар амал зарурияти гузаронидани тамоми низоми фаъолияти иқтисодӣ ба марҳилаи нав, ки барои рушди иқтисодии кишвар мусоидат менамуд, ба миён овард;

Чорум, фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар зернизоми хоҷагии ҷаҳонро (гарчанде қисмати хурдро ҳам бошад) ташкил менамояд ва ин зарурияти ба меъёр ва қоидаҳои байналхалқӣ мутобиқ намудани онро ба миён мегузорад;

Панҷум, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ин воситаи алоқаи иқтисоди миллӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ ҳам дар самти техникӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Мақсади асосии ислоҳоти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ асосан ба татбиқи ҳадаф ва вазифаҳои миллӣ нигаронида шудааст.

Хоҳиши ҳамгироии кишварҳо ба хоҷагии ҷаҳонӣ дар сатҳи маҷмааҳои мушаххаси минтақавӣ-истеҳсолӣ, ки заминаи объективии ҳамкориҳо мебошанд, шарикии кишварҳо ва минтақаю соҳаҳои онро барои рушд ба вуҷуд меорад.

Чӣ хеле, ки дар боло қайд карда шуд, ягон иқтисоди миллӣ новобаста аз ҳаҷм ва суръати рушди иҷтимоӣ ва иқтисодияш наметавонад дар алоҳидагӣ рушд намояд. Барои ҳар як кишвар дастовардҳои навини техника ва технология, сармоя ва дигар омилҳои истеҳсолот басанда нест ва албатта барои ин кишварҳо ба ҳамкории иқтисодӣ майл менамоянд. Дар ин ҳолат бояд сиёсати фаъолияти иқтисоди берунии ҳар кишвар бо назардошти манфиатҳои дигар иштирокчиёни ин муносибат бояд ба роҳ монда шавад.

Ҷаҳонишавӣ рақобати байни кишварҳо ва субъектҳои хоҷагии ин кишварҳоро метезонад. Барои ҳамин, ба ҷои парокандашавии манфиатҳои истеҳсолии асрҳои XIX ва XX имрӯз ҳамкории байналхалқӣ ба вуҷуд омадааст, ки он рушди сатҳи илмӣ-техникии молҳо ва тамаркузи коркарди илмӣ ба соҳаҳои афзалиятнокро таъмин намуда истодааст. Бисёре аз кишварҳо дар сохтори

истеҳсолии худ истеҳсоли мол ё соҳаҳоеро муайян намудаанд, ки онҳо дар он бартарияти нисбӣ ё мутлақро дошта, дар истеҳсоли он омилҳои истеҳсолиро кам ё самаранок истифода мебаранд. Дар натиҷа байни кишварҳои аз ҷиҳати технологӣ рушдёфта ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо фарқият ба вуҷуд омадааст. Баъзе аз кишварҳо ба истеҳсоли молҳои инноватсионӣ махсусгардонидашуда, қисмати дигарашон ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, ки сатҳи коркардашон паст аст, машғул мебошанд.

Аммо, новобаста аз бартарияти нисбӣ ё мутлақ бисёре аз кишварҳо ба истеҳсол ва хизматрасониҳое даст мезананд, ки дар он ягон бартарият надоранд. Ин ҳолат бехатарии иқтисодии кишварҳоро зери таҳдид қарор медиҳад, махсусан барои он кишварҳое, ки ба истеҳсоли ашёи хом нигаронида шуда, аз воридоти таҷҳизоту технология ва инноватсия сахт вобастагӣ доранд. Дар ин сурат, давлат барои ҳавасманд намудани соҳаҳои нав, ки пештар дар он бартарӣ надошт, метавонад бартариро дар ин соҳаҳо бо воситаи ташкил намудани минтақаҳои ҳамгироишаванда таъмин намояд.

Дар ин ҳолат таҷрибаи давлатҳои тезтараққикардаи Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхтанист. Дар ин кишварҳо қувваи кории арзон сарчашмаи ҷалби сармояи хориҷӣ гашта, даромад аз фуруши ашёи хом пурра ба рушди истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ баланд равона карда шуд. Ин кишварҳо дар заминаи дастгирии давлатӣ ва тақвияти ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ тавонистанд бартарияти нисбиро нисбат ба давлатҳои каму беш аз ҷиҳати техникӣ тараққикарда ба даст оранд.

### 1.3. Махсусиятҳои тақвияти ҳамгироии давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар низоми иқтисоди кушод

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва авҷгирии бошиддати тақсимоти байналмилалии меҳнат ҳеҷ як кишвар наметавонад дар алоҳидагӣ ба рақобати шадиди бозори ҷаҳонӣ тоб орад. Ин вазъият водор месозад, ки кишварҳои алоҳида барои таъмини рушди иқтисодии худ шаклҳои нави ҳамкории байналмилалиро ҷустуҷӯ намоянд. Таҷрибаи иқтисоди кушоди мамлакатҳои

ҷаҳон собит месозад, ки яке аз ин шаклҳои муҳим, ҳамгироии минтақавӣ мебошад.

Ҳамгироии минтақавӣ натанҳо роҳи ҳифзи бозори ҷаҳонӣ аз рақобат, балки роҳи таъмини рушди мустақили ҳар як кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, дурнамои рушди кишварҳое, ки ба созмонҳои ҳамгирой шомиланд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба татбиқи стратегияи миллии кишвари соҳибихтиёр ва муайянсозии ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ тавассути ташаккули шаклҳои гуногуни кооператсияи саноатӣ ва шабакавӣ, ташкили корхонаҳои муштарак, минтақаҳои тиҷорати озод ва бозори умумӣ равона карда шавад. Танҳо бо истифода аз иқтидорҳои иқтисодӣ ва захираҳои ҳудудии якдигар, якдигарро дар рушди ҳамгироии минтақавӣ пурра кардан, кишварҳо метавонанд бозори маҳдуд ва парокандаи худро васеъ намуда, истеҳсолоти рақобатпазири муосирро ба роҳ монанд.

Равандҳои муосири иқтисоди ҷаҳонӣ - бухронҳои энергетикӣ ва молиявию иқтисодӣ - нишон медиҳанд, ки давлатҳои ҳар як минтақа бояд кушишҳои худро бобати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ муттаҳид созанд. Яъне дар ҳамбастагӣ ба таъсири манфии равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ мубориза баранд. Танҳо ҳамкории мутақобилан судманд дар асоси ҳамгироии зичи байниминтақавӣ метавонад кишварҳоро ба чолишҳо ва таҳдидҳои нав, ки асосан ба раванди афзоиши ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ вобастаанд, тобовар намояд ва барои таъмини манфиатҳои миллии онҳо мусоидат намояд.[27]

Давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар низоми хоҷагии кушод мавқеи хоса доранд. Дар бештари таҳқиқотҳо онҳо ҳамчун кишварҳои таъминкунандаи ашёи хом барои кишварҳои саноатии пешрафта арзёбӣ мегарданд.

Новобаста аз он, ки таҳқиқотҳои тайи солҳои охир гузаронидашуда аз таъсири мусбии ҷаҳонишавӣ ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ нисбат ба давлатҳои тараққикарда шаҳодат диҳанд ҳам, вале «ҳамаи дастовардҳои даҳсолаи охири ҷаҳонишавӣ муаммои бартараф кардани нобаробарии байни давлатҳои

[27] Черковец О. Европейский союз: уроки интеграции // Экономист. 1998. №10 с.74-84.

тараққикарда ва рӯ ба тараққиро, ки аз солҳои 70-ум инҷониб дар маркази диққати тарафдорони реҷаи нави хоҷагидории ҷаҳонӣ мебошад, аз байн набурдааст.

Ба 21%-и аҳолии кишварҳои бой 86%-и ММД-и ҷаҳонӣ рост омада, ба 21%-и аҳолии кишварҳои қашшоқ бошад, 18%-и ММД-и рост меояд. Аз руйи таҳлилҳои СММ «фарқият байни давлатҳои рӯ ба тараққӣ ва тараққикарда ҳар даҳсолаҳо афзоиш ёфта истодааст. Агар дар соли 1820 ин нишондиҳанда ба 3:1 баробар бошаду, дар соли 1913-ба 11:1, пас соли 1950 он ба 35:1, соли 1973-ба 44:1; соли 1992-ба 72:1 ва соли 2002-ба 75:1 баробар гашт».[28] Нобаробарии мавҷуда ин на танҳо «оқибатҳои мустамликавӣ»[29] ва «тақдири таърихӣ» аст, балки он натиҷаи ҳамкориҳои нобаробарӣ ва ноадолатона, инчунин истифодаи нодурусти фишангҳои сиёсати иқтисодӣ мебошанд, ки давлатҳои ҷаҳонро дар шароити гуногуни фарққунанда мондааст.

Бояд қайд намуд, ки кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз интихоби модели иқтисоди кушод манфиатдоранд. Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда собит месозанд, ки аз иқтисодиёти кушод давлатҳо бурд мекунанд. Ин бурд асосан дар натиҷаи тақсимоти байналхалқии меҳнат дар шакли махсусгардонии истеҳсолот ва тиҷорат ба вуҷуд меояд. Таҳлилҳо исбот менамоянд, ки давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар алоҳидагӣ қобилияти таъмини рақобатпазирии иқтисодиро надоранд. Барои ин дар давраи миёнамуҳлат зарур аст, ки методҳои дастаҷамона ворид шудан ба раванди ҷаҳонишавиро истифода намоянд, яъне механизми ҳамгироии минтақавии иқтисодиро бояд истифода намоянд.

Гуруҳҳои ҳамгироие, ки аз ҷониби кишварҳои рӯ ба тараққӣ ташкил карда мешаванд, ҳадафи асосиашон пеш аз ҳама берун овардани кишварҳояшон аз мувозинати статикӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

---

[28] «Экономическая глобализация». Захираи электронӣ: http://www.ecgb.ru/strany-s-raznym-urovnem-razvitiya.html). (Санаи муроҷиат: 31.08.2023).

[29] Ба таври возеҳ нигаред ба: Сафаров Б.Г. Мезоуровневая интеграция как результат самодвижения открытой экономики регионов страны (научная статья). Финансово-экономический вестник, ТГФЭУ, №4(24), Душанбе, 2020, ISSN2663-0389. – С. 42-49

Масалан, шакли пешрафтаи ташкилии ҳамкориҳои ҳамгироӣ дар кишварҳои Америкаи Лотинӣ МЕРКОСУР - Бозори умумии кишварҳои ҷанубӣ мебошад, ки аз Аргентина, Бразилия, Парагвай ва Уругвай иборат аст. Кишварҳои узви МЕРКОСУР 50%-и, маҷмӯи маҳсулоти дохилии минтақаро истеҳсол карда, 45%-и аҳолӣ дар он зиндагӣ мекунанд. Инчунин 40%-и сармояи мустақими хориҷӣ ва 33%-и тиҷорати хориҷии кишварҳои Амрикои Лотинӣ ба кишварҳои узви МЕРКОСУР рост меояд.

Дар чаҳорчӯбаи МЕРКОСУР муассисаҳои болоӣ, ки аз сатҳи миллӣ боло мебошанд, ба мисли Шӯрои Бозори Умумӣ, вазирони корҳои хориҷӣ, Гуруҳи Бозори Умумӣ ва комиссияҳои соҳавӣ ҳамчун мақоми доимии иҷроия, ки тобеи Гуруҳи Бозори Умумӣ мебошанд, таъсис дода шуданд. Дар доираи ин гуруҳ бекор кардани ҳама боҷҳо ва маҳдудиятҳои тарифӣ дар тиҷорати мутақобилаи байни чаҳор кишвар ва таъсиси минтақаи озоди тиҷоратӣ, ки ҳаракати озоди сармоя ва қувваи кориро пешбинӣ мекунад, ҷорӣ намудани тарифи ягонаи гумрукӣ ва ташкили иттиҳоди гумрукӣ пешбинӣ шуда буд. Аммо, таъсиси чунин созмонҳои болоӣ ба самарае, ки кишварҳои пешрафта, масалан, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар ҷараёни ҳамгироӣ ба даст овардаанд, мусоидат накард. Таҷрибаи фаъолияти нобарори МЕРКОСУР нишон медиҳад, ки раванди ҳамгироии кишварҳои рӯ ба тараққӣ бояд пеш аз ҳама бо ташкили минтақаи мезоҳамгироӣ равона карда шавад ва танҳо ин механизм қодир аст иқтисодиёти кишварҳои ҳамгироро ба эътидол орад.

Масалан, дар Аргентина ва Бразилия таваррум аз ҳисоби афзоиши воридот пешгирӣ карда шуда, танзими сиёсати тарифӣ ба "суст" шудани суръати таназзули иқтисодӣ ва ғайра мусоидат намуд. Дар солҳои 1991-1993, дар замоне, ки суръати рушди иқтисодӣ дар Бразилия хеле паст буд, саноати миллӣ тавонист ба туфайли дастрасӣ ба бозори Аргентина, ки иқтисодиёти он замон дар ҳоли рушд буд, тараққӣ намояд. Ин боиси ба даст овардани тавозуни мусбат дар тиҷорати мутақобила ва нигоҳ доштани сатҳи шуғл гардид. Дар солҳои 1994-1995 вазъият байни Аргентина ва Бразилия ба таври баръакс: - таназзул дар Аргентина ва оғози болоравӣ дар Бразилия. Кишварҳо сенарияи қаблан

таҳияшударо иҷро карданд ва акнун дар Аргентина ҷанбаҳои мусбати ҳамкорӣ дар МЕРКОСУР ба назар мерасид. Таҷрибаи ҳамгироии ин кишварҳо нишон медиҳад, ки таъсири механизми ҷуброн барои мувозинати талабот ва пешниҳод ба молҳои тиҷоратӣ дар мезосатҳи ҳамгироии минтақавӣ кофӣ нест. Ҳамзамон, дар доираи ҳамгироии минтақавӣ ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои коллективии нақлиётӣ, коммуникатсионӣ ва энергетикӣ, ки хусусияти мезосатҳро (фазоӣ (ҳудудӣ)) доранд, муҳим мебошанд. Дар ин маврид муҳим он пешниҳоди назариявӣ аст, ки дар кишварҳои дорои иқтисоди кушод майли интиҳоӣ ба ҳамгироии минтақавӣ доимо авҷ мегирад.

Ба монанди ин шакли ҳамгироӣ метавон чунин гуруҳҳои ҳамгироиро номбар кард:

1. Паймони Анд (Боливия, Венесуэла, Колумбия, Перу ва Эквадор);

2. Бозори умумии Амрикои Марказӣ (Гватемала, Гондурас, Коста - Рика, Никарагуа ва Салвадор);

3. Ҷамъияти Кариб (КАРИКОМ)- 14 кишвари англисзабони Кариб;

4. Дар Африқои Ғарбӣ - Иттиҳоди иқтисодии давлатҳои Африқои Ғарбӣ (ЭКОВАС);

5. Бозори умумӣ барои Африқои Шарқӣ ва Ҷанубӣ (КОМЕСА);

6. Ҷамъияти Рушди Африқои Ҷанубӣ (САДК);

7. Дар Африқои Марказӣ - Иттиҳоди гумрукӣ ва иқтисодии Африқои Марказӣ (ЮДЕАК);

8. Дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ - Ассотсиатсияи миллатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН-4) - (асосан чор кишвар - Индонезия, Малайзия, Тайланд, Филиппин);

9. Шӯрои ягонагии иқтисодии араб (САЭЕ);

10. Шӯрои ҳамкорӣ барои кишварҳои арабии халиҷи Форс (АФЭСР).

Мушкилоти асосии равандҳои ҳамгироӣ дар ин кишварҳо ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллии давлатҳо ва дарёфти механизмҳои самарабахш аз таъсири ҳамгироӣ мебошад.

Ҳамин равандҳо ба ҷараёнҳои ҳамгироӣ дар кишварҳои низоми шӯравии пешина табдил ёфтаанд, ки дар раванди ҳамгироӣ ду ҳадафи асосиро пайгирӣ мекард: 1) эҷоди фазои ягонаи иқтисодӣ барои воруди муштарак ба бозори ҷаҳонӣ; 2) барқарорсозии робитаҳои иқтисодии "харобшуда" дар асоси принсипи бозорӣ мебошад.

Масалан, дар аввали солҳои 90 - уми асри XX, кишварҳои Аврупои Марказӣ (Маҷористон, Полша, Словакия ва Ҷумҳурии Чехия) дар раванди либерализатсияи тиҷорати хориҷӣ, ки дар қитъаи Аврупо ҷараён дошт, фаъолона иштирок мекарданд. Дар моҳи декабри соли 1992, ин чаҳор кишвар Созишномаи тиҷорати озоди Аврупои Марказиро (CEFTA) имзо карданд, ки ба он Словения моҳи январи соли 1996 ҳамроҳ шуд. Созишнома таъсиси минтақаи тиҷорати озодро дар назар дошт. Вазифаи асосии созишномаи тиҷорати озод аз таъсиси сиёсати тиҷорати устувор ва пешбинишавандаи кишварҳои минтақаи Аврупои Марказӣ иборат аст, ки ба истеҳсолкунандагони миллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ шароити муътадили фаъолият дар бозорҳои миллии ин кишварҳоро кафолат медиҳад[30]. Дар соли 1993, ҷумҳуриҳои собиқи ИҶШС - Эстония, Латвия, Литва Минтақаи савдои озоди Балтика (BFTA)-ро таъсис доданд, ки ҳадафи ниҳоии дохил шудан ба низоми иқтисодӣ ва сиёсии ИА мебошад.

Тавре ки маълум аст, самти умумии равандҳои ҳамгироӣ дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ташкили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) мебошад. Хусусияти асосии ҳамгироии ИДМ ин хусусияти бисёрсатҳа, яъне ҳамгироии ғайрихаттии он мебошад.

Ҳуҷҷатҳои асосии раванди ҳамгироӣ дар давраи аввали ташаккули ИДМ инҳо буданд:

-Оинномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (12 давлати ИДМ, 1993);

-Шартнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди иқтисодӣ (12 давлати ИДМ, 1993);

-Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди гумрукӣ (Беларус, Қазоқистон ва Русия соли 1995, Қирғизистон-1996 с, Тоҷикистон- 1999 с.);

[30] Щербанин Ю.А. и др. Международные экономические отношения. Интеграция. Учебное пособие для вузов. М., ЮНИТИ, 1997-671с.

-Созишнома оид ба амиқсозии ҳамгироӣ дар минтақаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ (Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Русия, 1996, Тоҷикистон, 1999);

Шартнома дар бораи Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ (Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон, 26 феврали соли 1999).

Ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳамгироӣ бошад аз инҳо иборат мебошанд:

- дар оянда таъсиси Иттиҳоди давлатҳои ҳамгирошуда;

- ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ, ки фаъолияти муассири бозори муштараки молҳо, хидматҳо, сармоя ва қувваи кориро таъсис дода, рушди низомҳои ягонаи нақлиётӣ, энергетикӣ ва иттилоотиро пешбинӣ мекунад.

Мақомоти роҳбарикунандаи ҳамгироӣ инҳо мебошанд:

1. Шурои байнидавлатӣ мақоми олии роҳбарикунанда мебошад. Ин Шӯро стратегияи ҳамгироиро таҳия намуда, марҳилаҳои асосии ҳамкориро муайян мекунад ва қарорҳои мувофиқ қабул намуда, рафти иҷрои онҳоро назорат мекунад.

2. Шурои сарони кишварҳо - барои ҳалли саривақтии масъалаҳои дорои хусусияти байниҳукуматидошта таъсис дода шудааст.

3. Кумитаи байнипарлумонӣ - ин мақоми ҳамкории байнипарлумонӣ оид ба рушди заминаи ҳуқуқии ҳамгироӣ мебошад.

4. Кумитаи ҳамгироӣ, ки мақомоти доимии иҷроия мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали истиқлолият ҷонибдори фаъоли роҳандозии ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалии ҳамгироӣ буд. Яке аз чунин созмонҳои афзалиятнок Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - ИДМ мебошад, ки Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсиси он узви он мебошад. Ба ҳамгироӣ дар дохили ИДМ аҳамияти махсус дода, Тоҷикистон дар ҳама масъалаҳои ҳамкории дохили ин сохтор фаъолона иштирок мекунад.

Бояд қайд кард, ки тайи солҳои охир кишварҳои ИДМ дар соҳаи равандҳои ҳамгироӣ ба сатҳи ҷиддӣ нарасидаанд ва дар натиҷа дар соҳаи фаъолияти иқтисодии берунӣ беҳбудиии ҷиддӣ ба назар нарасид. Маълумотҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки ҳиссаи кишварҳои ИДМ дар гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ аз 80,3% дар соли 1991 то 63,9% дар соли 2000,

соли 2015 47,3% ва дар соли 2021 то 49,06 % коҳиш ёфтааст. Ин тамоюли коҳиш дар амалиётҳои содиротию воридотӣ низ мушоҳида мешавад. Ҳиссаи маҳсулоти ба кишварҳои Иттиҳод содиршаванда дар давраи баррасишаванда аз 78,8% дар соли 1991 то 47,7% дар соли 2000, 25,4% дар соли 2015 ва дар соли 2021 25,4% воридоти молҳо бошад мутаносибан – 82,0%, 82,9%, 52,9%, 60,4-ро ташкил менамояд.[31]

Ҳамин тариқ, самаранокии ҳамгироӣ дар дохили ИДМ ҳанӯз ҳам паст аст. Сабаби асосӣ аз он иборат аст, ки дар саросари ИДМ бухрони системавӣ ҳукфармо буда, вобастагии кишварҳои ИДМ аз захираҳои молиявии кишварҳои хориҷи ИДМ, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ, зиёд аст. Ба ғайр аз ин омилҳои сиёсӣ, ки дар дохили кишварҳои ИДМ мавҷуд аст, самараи ҳамгироиро коста мегардонад. Илова бар ин, дар доираи ИДМ баъзе камбудиҳо аз тарафи худи аъзоҳо ошкор гардид, ки онҳо сабаби таъсиси иттиҳодияҳои нави байнидавлатӣ, ба монанди Иттиҳоди гумрукӣ, ки баъдан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕврАзЭС) табдил ёфт, Ҷомеаи иқтисодии Осиёи Марказӣ (баъдан ба Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ (СҲОМ) мубаддал гашт), гардиданд. Тоҷикистон дар ҳамаи созмонҳои байнидавлатии дар боло зикршуда намояндагӣ дорад ва дар баробари онҳо узви Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО-СҲИ) ва Созмони Ҳамкории Исломӣ (СҲИС) мебошад. Ҳамкорӣ бо ин созмонҳо якхела нест - бо баъзеяшон хеле рушд ёфта, бо баъзеи дигарашон муносибатҳо танҳо расмӣ аст.

Дар фазои пасошуравӣ кӯшиши таъсиси як иттиҳодияи дигари ҳамгироии минтақавӣ - Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ (ИИОМ) сурат гирифт. Созишнома 30 апрели соли 1994 ба имзо расид, ки аъзои он Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Қирғизистон буданд. Соли 1998 номи кории иттиҳодияи минтақавӣ тасдиқ карда шуд (ИИОМ). Худи ҳамон сол Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ин созмон гардид.

[31] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022с. Саҳ:312

Ҳадафи умумии таъсиси ИИОМ, хоҳиши кишварҳои ҳамгирошуда барои барқарор кардани робитаҳои харобшудаи саноатӣ ва ноил шудан ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ дар соҳаи нақлиёти роҳи оҳан, сиёсати монополистӣ, ҳаракати қувваи корӣ, кооператсияи саноатӣ, истифодаи сӯзишворӣ, энергетика ва захираҳои об ва рушди илму техника мебошад. Давлатҳои аъзои ин созмон созишномаҳои дуҷонибаро дар бораи тиҷорати озод, ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ ва пешгирӣ аз андозбандии дукарата аз даромад ва амвол имзо карданд.

Аммо, дар доираи ИИОМ мутаассифона, нишонаҳои мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ рушд накарданд ва ин созмон барҳам хурд. Майли интиҳоии ҳамгироии кишварҳо барои кушодани иқтисод ба вуҷуд наомад. Ба ғайр аз ин, кишварҳо барои таъсиси "долонҳои сабз" дар заминаи татбиқи лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ ба монанди ташаккули долонҳои байналмилалии нақлиётию коммуникатсионӣ ва иттилотӣ ба мувофиқа нарасиданд. Раванди ҳамгироӣ истифодаи якҷояи захираҳои минтақаҳои наздисарҳадии кишварҳои ҳамгироишударо таъмин накард ва чун Бразилия ва Аргентина натавонистанд аз самараи механизми ҷубронӣ мувозинати арза ва тақозо ба молҳои савдошаванда дар минтақаҳои хамгирошаванда ноил шаванд.

Қариб ҳамин вазъ дар таъсиси Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕврАзЭС) ба вуҷуд омад. Қадами аввал дар роҳи таъсиси АвруОсиё таъсиси иттиҳоди гумрукӣ байни Русия, Беларус ва Қазоқистон буд. Моҳи марти соли 1996 Қирғизистон ва соли 1998 Тоҷикистон ба Иттиҳоди гумрукӣ (ИГ) ҳамроҳ шуд. Аммо мақсадҳои гузошташуда амалӣ нашуданд. Ин яке аз сабабҳои табдили ИГ ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дар соли 2000 буд.

Шартнома дар бораи таъсиси АвруОсиё 10 октябри соли 2000 дар Остона ба имзо расид, ки ба он панҷ кишвар имзо намуданд ва он аз 30 майи соли 2001 эътибор пайдо кард. АвруОсиё ҳамчун созмони минтақавӣ, ки манфиатҳои миллии кишварҳои аъзоро дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд ҳифз намояд, мебоист

барои ворид шудани кишарҳои аъзо ба бозори ҷаҳонӣ мусоидат намуда, ҳамзамон ба ҳамгироишавии иқтисоди ҷаҳон суръат мебахшид.[32]

Илова бар ин, АвруОсиё бояд барои мутобиққунии қонунгузориҳои миллӣ ва татбиқи чораҳое, ки барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишварҳои аъзо ва азнавсозии он мусоидат намояд, нигаронида шуда буд. Дар тӯли солҳои фаъолияти АвруОсиё 215 шартномаи байналмилалӣ қабул ва амалӣ карда шуд. Дар сохтори он 23 шӯро ва комиссияҳо таъсис дода шуда, 33 меморандуми ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва созмонҳои молиявӣ ва иқтисодӣ ба имзо расонида шуданд. АвруОсиё дар Асамблеяи генералии СММ мақоми нозирро дошт.

Тоҷикистон дар баробари Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Беларус яке аз аъзоҳои он буд. Самаранокии АвруОсиё барои ҳар як узви он гуногун буд. Азбаски АвруОсиё асосан мушкилоти тиҷорати мутақобиларо ҳал мекард, тамоюли рушди тиҷоратии кишвар дар ин созмон ғайриқаноатбахш буд. Дар давраи аз соли 2000 то 2015 содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои АвруОсиё 20,0%кам шуда, воридот 8,4 маротиба афзоиш ёфт, ки ин ифодаи бесамарии тиҷорати хориҷии кишвар дар дохили ин созмон буд. Ҳамгирой сатҳи муайяни рушди кишварҳои иштирокчиро пешбинӣ мекард. Дар ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,3%, дар ҳоле ки ҳиссаи Русия - 87,9%, Қазоқистон - 7% ва Беларус - 3,1%-ро ташкил медод.

Аз 1 июли соли 2010 Иттиҳоди нави гумрукӣ (ИГ) иборат аз се давлат - Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Русия ба фаъолият оғоз кард. Дар моҳҳои ноябр -декабри ҳамон сол, аъзои ИГ бастаи созишномаҳоеро имзо карданд, ки онҳо заминаи ҳуқуқии фазои ягонаи иқтисодиро муайян карданд ва ҳадафи асосии онҳо таъмини рушди иқтисодӣ тавассути сиёсати ҳамоҳангшудаи иқтисодӣ мебошад. Бозори ягонаи ҳаракати озоди молҳо, хидматҳо, сармоя ва қувваи корӣ таъсис дода шуд.

---

[32] Стрыгин А.В. Мировая экономика: Учебник для вузов. М., «Экзамен», 2004 - 511 с.

Ворид шудани Тоҷикистон ба Иттиҳоди гумрукӣ (ИГ) албатта як қадами муҳим дар роҳи ҳамгироии иқтисодии ҷумҳурӣ бо кишварҳои ИГ буд. Аммо, барои он ки ин ҳамгироӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи мусбии иқтисодии дарозмуддат диҳад, барои он омодагии зарурӣ дидан лозим буд. Аввалан, як қатор корҳои марбут ба ҳалли мушкилоти танзим ва ҳуқуқиро анҷом додан лозим буд. Сониян, таҳлил кардан зарур буд, ки то чӣ андоза шомилшавии Тоҷикистон ба Иттиҳоди Гумрукӣ эҳтимолан метавонад ба самараи мусбии иқтисодӣ оварда расонад.

Дар заминаи Иттиҳоди гумрукии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (АвруОсиё) Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (АвруОсиё-ИИАО) - ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ таъсис дода шуд. Давлатҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон ва Федератсияи Русия мебошанд.

ИИАО бо мақсади таҳкими иқтисоди кишварҳои иштирокчӣ ва "наздикшавии якдигар", барои навсозӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишварҳои иштирокчӣ дар бозори ҷаҳонӣ таъсис дода шудааст. Кишварҳои узви ИИАО нақша доранд, ки ҳамгироии иқтисодиро идома дода, озодии ҳаракати мол, хизматрасонӣ, сармоя ва меҳнат, инчунин татбиқи сиёсати ҳамоҳангшудаи ягонаро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод ба амал бароранд. Илова бар ин, фаъолияти ИИАО ба навсозии ҳамаҷониба, ҳамкорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувор бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишварҳои узв нигаронида шудааст.

Шартнома дар бораи таъсиси ИИАО аз 1 январи соли 2015 эътибор пайдо кард. Қирғизистон 21 майи соли 2015 ба ИИАО шомил шуд. Кишварҳои ИИАО дар фаъолияти тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас доранд. Дар солҳои охир гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИААА майл ба афзоиш дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти худ дар Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) аҳамияти бузург медиҳад. Ин созмон яке аз бузургтарин иттиҳодияҳои

минтақавӣ ва пешқадамтарин дар омодасозӣ ва қабули қарорҳои ҳаётан муҳим ба шумор меравад. СҲШ вориси ҳуқуқии панҷгонаи Шанхай, ки ҳамчун як созмони минтақавӣ тибқи Созишномае, ки сарони кишварҳои узви ин созмон 26 апрели соли 1996 дар нахустин ҳамоиши ташкилӣ дар шаҳри Шанхай ба имзо расонидаанд, мебошад. Дар як муддати нисбатан кӯтоҳ "Панҷгона" ҳадафи асосии худ - муқаррар намудани чораҳои эътимодбахшро дар соҳаи низомӣ дар сарҳад, инчунин коҳиш додани қувваҳои мусаллаҳ дар қаламравҳои ҳамсояи панҷ кишварро иҷро намуд.

Муассисони СҲШ Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон мебошанд. Роҳбарони ин давлатҳо 15 июни соли 2001 дар Шанхай Эъломия дар бораи таъсиси "Созмони Ҳамкории Шанхай" - ро ба имзо расониданд, ки дар он махсусан таъкид карда мешавад, ки ташкили СҲШ маънои гузариши ҳамкории кишварҳои узв дар марҳилаи нав мебошад, ки он ба тамоюлҳои давраи нав, воқеиятҳо ва манфиатҳои бунёдии ин минтақа равона шудааст. Яке аз ҳадафҳои асосии СҲШ ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои муассири кишварҳои иштирокчӣ дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ, маориф, энергетика, нақлиёт, экология ва ғайра мебошад.

Имрӯз ҳамкорӣ дар доираи СҲШ соҳаҳои энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, телекоммуникатсия ва бисёр бахшҳои дигари иқтисодро фаро гирифтааст. Кишварҳои узви он инчунин дар соҳаҳои илмӣ, техникӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, сайёҳӣ ва гуманитарӣ, махсусан байниминтақавӣ ба таври васеъ ҳамкорӣ мекунанд.

Имрӯз ҳеҷ кас шубҳа намекунад, ки СҲШ яке аз омилҳои ташаккули низоми сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Дар кори амалии он манфиатҳои ҳамаи кишварҳои иштироккунанда воқеан ҳамоҳанг карда мешаванд. Инчунин бе муболиға метавон қайд намуд, ки таърихи ташаккули ин созмон назария ва амалияи ҳамгироии иқтисодии минтақавиро бой гардонидааст.

Дар тӯли фаъолияти худ созмон ба як сохтори муассир ва самараноки бисёрҷониба табдил ёфтааст, ки он ба амният, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва

шукуфоӣ дар минтақа мусоидат намуда, намунаи рушди муколамаи байни тамаддунҳо ва омили фаъоли талошҳои глобалӣ барои демократикунонии муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Арзёбии фаъолияти Созмон ва равишҳои кишварҳои узв ба такмили минбаъдаи механизмҳои ҳамкории амалӣ ва шаклҳои он, инчунин роҳнамо барои кори муштарак дар ояндаи наздик дар Эъломияи даҳсолаи Шанхай дар Остона (14-15 июни 2011, ҷаласаи 11-уми Шӯрои сарони кишварҳои узви СҲШ) сабт шудаанд.

Давлатҳои СҲШ дорои захираҳои калони канданиҳои фоиданок ва захираҳои обу энергетика мебошанд, ки онҳо зарурати чуқуртар намудани ҳамгироии иқтисодии кишварҳои минтақаро дар бахши иқтисоди воқеӣ пешакӣ муайян мекунанд.

Ба кишварҳои Созмони Шанхай ҳадди ақал 25%-и захираҳои нафти ҷаҳон, 30%-и захираҳои гази ҷаҳон ва 50%-и захираҳои собитшудаи уран рост меоянд. Илова бар ин, кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои потенсиали бузурги транзитӣ мебошанд, ки истифодаи босамари онҳо омили муҳими ташаккули инфрасохтори коммуникатсионии минтақа ҳамчун инфрасохтори ҷаҳонӣ мегардад. Кишварҳои узви СҲШ барои рушди устувор, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, ташаккул доданиояндаи бозори муштараки молу хидматҳо ва ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ дорои тамоми шароитҳо мебошанд. Шарти амалисозии ин имкониятҳо танҳо амиқсозии ҳамкории ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ, татбиқи сиёсати ҳамоҳангшудаи иқтисодӣ, ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир мебошад.

Дастурҳои возеҳ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ дар Эъломияи муштарак оид ба таъсиси СҲШ, ки моҳи июни соли 2001 ба имзо расида буданд, пешбинӣ шудааст. Дар самти ҳамкории иқтисодӣ барои кишварҳои узви СҲШ таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сармоягузорӣ масъалаи муҳим мебошад.

Афзалиятҳои ҳамкории тиҷоративу иқтисодии СҲШ инҳоянд: рушди инфрасохтори нақлиётӣ; энергетика ва ҳифзи муҳити зист, махсусан - мушкилоти захираҳои об. Барномаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тиҷоративу

иқтисодии кишварҳои узви СҲШ таҳия шуда, ҳадафи ниҳоии он фароҳам овардани шароит барои ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ мебошад.

Соҳаи иқтисодӣ дар ҳамкории минтақавӣ ҳамчун асоси ҳамкории кишварҳои СҲШ мебошад. Дар робита ба ин, таҳияи механизми амиқсозии ҳамкории ҳамгироии кишварҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ бо мақсади ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ дар оянда аҳамияти аввалиндараҷа пайдо хоҳад кард.

Вобастагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишварҳои СҲШ дар воридоти чунин молҳо аст: маҳсулоти растанӣ (90,6% аз ҳаҷми умумии воридот ба кишвар), маҳсулоти маъданӣ (84,3%), чӯб ва маснуоти чӯб (94,6%), маснуоти сангӣ ё масолеҳи шабеҳ (82,0%), металлҳои асосӣ ва маҳсулоти онҳо (70,7%).

Ҳиссаи содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои СҲШ дар соли 2021 64,7% -ро ташкил дод. Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми зиёди молҳои худро асосан ба Чин содир мекунад. Аз ҳаҷм умумии содироти Тоҷикистон 93,16% -ро ба Чин металлҳо, консентратҳои металлҳои ранга, нахи пахта ташкил медиҳанд. Ба кишварҳои СҲШ ҳамчунин содироти 83,3% -и маҳсулоти истеҳсоли растанӣ ва 79,6%-и маҳсулоти хӯроки тайёр рост меояд.

Сатҳи самаранокии ҳамкории Тоҷикистон дар доираи СҲШ ҳануз он қадар баланд нест. Ин аз он сабаб аст, ки иқтидори рушди иқтисоди кишварҳои аъзо ҳануз пурра истифода нагаштаанд ва бисёре аз кишварҳои аъзо дар ҳалли муаммоҳои дохилии худ банд буда, ба мустаҳкам намудани ҳамгироии иқтисодӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир намуда истодаанд.

Умуман, шарти муҳими сифатан дигаргунсозии муносибатҳои иқтисодии хориҷии кишвар ин гуногунсамтии сифатии сохтори истеҳсолот ва мубодилаи иқтисодӣ мебошад. Бе ин тадбирҳо, самаранокии гуногунсамтии мубодила бо иқтисоди ҷаҳонӣ, таъмини рушди босифати иқтисодиёт ва некӯаҳволии аҳолии он ғайриимкон аст. Ба ин сиёсати оқилонаю самарабахши миллӣ ва иқтисоди берунӣ бояд кумак расонад.

Пас аз пош хӯрдани ИҶШС яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии хориҷии ҷумҳурӣ ин шиддат гирифтани ҳамкорӣ бо Созмони ҳамкории

иқтисодӣ (ЭКО-СҲИ) буд. Созмони ҳамкории иқтисодӣ вориси ҳуқуқии Созмони Ҳамкориҳои Минтақавӣ (ОРСД ) мебошад, ки он соли 1985 аз тарафи Эрон, Туркия ва Покистон таъсиси ёфта буд. Дар соли 1992 он ба СҲИ табдил дода шуд. Аз он вақт инҷониб як қатор ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз қабили Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Узбекистон ба ҳайси узви комилҳуқуқи ин созмон шомил шуданд. Афғонистон низ ба СҲИ ҳамроҳ гашта, дар натиҷа ба як созмони минтақавӣ бо иқтидори бузурги иқтисодӣ табдил ёфт.

Ҳадафи асосии ин созмон фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи иҷтимоию иқтисодии кишварҳои узви он, ҳамгироии пайдарпайи иқтисодҳои кишварҳои минтақа ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои фаъоли минтақавӣ дар соҳаи иқтисод, соҳаҳои илм, техника ва маданият мебошад.

Ҳавасмандии иштироки Тоҷикистон дар СҲИ имкони ба даст овардани манфиатҳои воқеӣ дар рушди иқтисоди миллӣ, ҳамгироии нисбатан васеъ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Ин имкониятро наздикии ҳудудӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ ва таърихии Тоҷикистон бо аксарияти куллии кишварҳои узви ин созмон фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб ҳамаи санадҳои бунёдии ин Созмонро, аз ҷумла Созишномаи Чаҳорчӯбаи нақлиёти транзитиро, ки рушди тиҷорат ва транзит, инчунин ҳамкориҳои нақлиётиро имконпазир месозад, ба имзо расонидааст. СҲИ барои густариши ҳамкориҳои аъзои худ на танҳо дар соҳаи тиҷорат, балки ҳамчунин дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, кишоварзӣ, сайёҳӣ, телекоммуникатсия, фарҳанг, маориф, тандурустӣ ва ғайра имкониятҳои бузург дорад.

Дар 13 -умин нишасти СҲИ, ки 1 марти соли 2017 баргузор гардида буд, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки имрӯз ҳиссаи кишварҳои узви Созмон дар гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон беш аз 36%-ро ташкил менамояд. Ҳамзамон, зарфиятҳои бузурги ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои узви СҲИ ҳанӯз пурра

истифода нашудаанд. «Вазифаи умумии мо ин дарёфти механизмҳо ва заминаҳои ҳамкории самарабахш ҷиҳати татбиқи манфиатҳо ва ормонҳои халқҳои мо мебошад. Пешбурди ҳамгироии васеъ, тақвияти дастгирии тарафайн, тавсияи тиҷорат ва сармоягузорӣ - ҳамчун унсурҳои калидии ҳамкории минтақавӣ бояд аз ҷумлаи он соҳаҳое бошад, ки мақоми ҳадафҳои стратегӣ доранд"[33].

Дар ин саммит Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни саммитро даъват намуд, ки дар густариши ҳамкорӣ дар самтҳои афзалиятноки зерин саҳми арзанда гузоранд:

-таъсиси долонҳои нақлиётӣ бо истифода аз имкониятҳои он барои пайваст кардани роҳҳои хушкӣ ва обӣ;

-пайвастшавӣ ва ташаккули шабакаҳои минтақавии энергетикӣ, инчунин таъсиси бозори энергетикии кишварҳои СҲИ;

-васеъ ҷорӣ намудани идоракунии маҷмӯи захираҳои об ва истифодаи самараноки онҳо;

-таҳия ва татбиқи як барномаи мукаммали ҳамкорӣ байни кишварҳои узви Созмон бо мақсади коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ;

-фаъолгардонӣ дар соҳаҳои сайёҳӣ.

Дарвоқеъ, аз ин суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон хулоса кард, ки кишвари мо бо иштироки худ дар ин гурӯҳи ҳамгироӣ манфиатдор аст. Яъне кишвари мо дар ин созмон иштирок намуда, метавонад аз самараи таъсиси “долонҳои сабз”, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои байналмилалии нақлиётию коммункатсионӣ ва иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд, ва самараи истифодаи муштараки захираҳои минтақаҳои наздисарҳадии кишварҳои ҳамгиро васеъ истифода намояд.

## Хулосаи боби 1-ум.

[33] Участие в работе 13-го заседания Организации Экономического Сотрудничества в Исламабаде Захираи Интернетӣ. https://www.mfa.tj/ru/main/view/2031/uchastie-v-rabote-13-go-zasedaniya-organizatsii-ekonomicheskogo-sotrudnichestva-v-islamabade (санаи муроҷиат: 28.08.2023с).

1. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ собит месозад, ки имрӯз ҳеҷ як иқтисоди миллӣ, новобаста аз андозаи кишвар ва сатҳи рушди он, бе такя ба иқтисоди беруна самаранок рушд карда наметавонад. Бояд қайд кард, ки раванди такя ба захираҳои дохилӣ як монеаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад, зеро он боиси маҳдудияти истифодаи оқилонаи захираҳои миллӣ гардида, дар ниҳоят гузаштан ба иқтисоди бозаргониро душвор месозад. Аз тарафи дигар, ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияи рушди иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ давлат бояд равандҳоеро, ки дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба амал меоянд, бояд ба назар гирад. Зеро дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ иқтисодҳои кушод ташаккул меёбанд ва "афзоиши кушодагии иқтисод", ки хусусияти умумӣ пайдо мекунанд, ҳамчун намунаи муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ амал мекунанд ва дар навбати худ равишҳои навро вобаста ба таҳлили тараққиёти хоҷагии халқ дар ин шароит касб мекунанд.

2. Дар амал бошад, кушодагии иқтисодиёт на танҳо барои тиҷорат, балки он шароит барои тиҷорат, сармоягузорӣ, истеҳсолот ва умуман ҳаракати озоди ҳамаи омилҳои муосири истеҳсолот мебошад. Яъне, категорияи "кушодагӣ" наметавонад ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафи пайвастан ба ягон созмони байналмилалӣ ё дигар ҳадафҳои кӯтоҳ, миёна ё дарозмуддат истифода шавад. Ин шароитест, ки  муносибатҳои низоми иқтисодии миллӣ дар шароити вобастагии мутақобилаи иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Яъне  "иқтисоди кушод" мафҳуми васеъ ва гуногунҷабҳа буда, он бо маҷмӯи чораҳои мушаххас маҳдуд намешавад. Пас метавон чунин хулоса намуд, ки  иқтисодиёти кушод ин низоми иқтисоди миллӣ аст, ки дар он ҳама шаклҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мавҷуд аст ва ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ рақобати доимиро аз берун эҳсос карда, имкониятҳо барои амалисозии бартариятҳои рақобатии кишвар чӣ тавассути ҷаҳонишавӣ ва чӣ тавассути раванди минтақагароӣ фароҳам оварда шуда, рушд таъмин карда шавад. Сарҳади кушодагии иқтисодиёт бошад ҳамон ҳолатест, ки низоми иқтисоди кушод наметавонад ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ баромад намояд.

3. Дар асоси ин таҳлили муқоисавӣ метавон хулоса кард, ки гарчанде ки кушодагии иқтисодиёт ба суръати рушди иқтисодӣ мусоидат кунад ҳам, вале он суръати ягонаи рушд ва баробарии даромаднокиро барои ҳамаи кишварҳо якхела таъмин намекунад. Бо вуҷуди ин, тадқиқотҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд, ночиз будани таносуби вобаста будани иқтисодиёт ва динамикаи рушди иқтисодиро нишон доданд, ки он асосан бо сабаби мавҷуд будани монеаҳои сершумор дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад.

4. Кишварҳои дорои иқтисоди рӯ ба тараққӣ дар системаи иқтисоди ҷаҳонӣ мақоми махсусро ишғол мекунанд. Дар солҳои охир, ин кишварҳо аз ҳама бештар кушода будани иқтисодиёти худро нишон доданд. Аммо, тавре ки таҳқиқоти инфиродӣ нишон медиҳад, хусусияти ташаккули кушодагӣ дар иқтисодиёти рӯ ба тараққӣ аз кишварҳои пешрафта куллан фарқ мекунанд. Танҳо дар охири асри гузашта симои иҷтимоию иқтисодии иқтисоди ҷаҳонӣ амалан ба куллӣ тағйир ёфт: лагери сотсиализм пош хӯрд, Иттиҳоди Шуравӣ ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил табдил ёфт (баъзеи онҳо аллакай як қисми Ҷомеаи Аврупо шудаанд ва як қатор кишварҳо хоҳиши шомил шудан ба Иттиҳоди Аврупоро нишон медиҳанд). Чунин субъектҳои иқтисодии ҳудудӣ ба монанди Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Сингапур ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои индустриалии Ғарб расидаанд, ва чунин кишварҳо ба монанди Чин, Ҳиндустон, Бразилия ба қатори иқтисодиёти босуръат рушдёфта ворид шуда, кишварҳои постиндустриалии Ғарбро дар арсаи иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳонӣ пайваста танг мекунанд.

5. Хусусияти фарққунандаи раванди кушода будани иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар он аст, ки онҳо дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ тавассути ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ иштирок мекунанд. Яъне, кушодагии иқтисод тавассути механизмҳои ҳамгироӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, нақши гурӯҳҳои ҳамгироии минтақавӣ дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамчун марҳилаи нав дар рушди иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ меафзояд.

6. Таҳлили таҳқиқотҳое, ки ба масъалаҳои ҳамгироӣ бахшида шудаанд, аз пайдоиши сатҳи нави ҳамгироӣ шаҳодат медиҳанд ва онҳо ҳамгироии

кишварҳоро на танҳо ҳамчун раванди воридшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ, балки пеш аз ҳама ҳамгироии кишварҳое муаррифӣ мекунад, ки як минтақаи ягонаанд, ки аз иқтисодиётҳои миллии гуногун иборат буда, мезосатҳи ҳамгироиро дар минтақа ташкил менамоянд, ки онро “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” метавон номид.

7. Ин мезосатҳро дар иқтисоди ҷаҳон ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (ҳудудӣ) ташкил менамояд. Равиши мазкур дар назарияи иқтисодиёти байналхалқӣ аз нигоҳи он ки характери мезостаҳро дорад, нав буда, бартариятҳо барои кишварҳои дорои иқтисоди кушод дар ҳоле ба даст меояд, ки агар чунин шароитҳо ба монанди: татбиқи якҷояи (коллективӣ) лоиҳаҳои инфрасохотрии байналхалқӣ, ба монанди долонҳои байналхалқии нақлиётию энергетикӣ ва коммуникатсионӣ, якҷоя истифода бурдани захираҳои иқтисодии умумии минтақаҳои наздисарҳадии кишварҳои ҳамсарҳад ва инчунин механизми ҷуброни талабот ва таклифот ба молҳои содиротшавнда вуҷуд дошта бошад. Ин мезосатҳи таҳлили иқтисоди ҷаҳон бо қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ ба монандӣ: тақвияти хараткери кушода гирифтани низоми иқтисодиёти миллии кишварҳо, тақвияти байналмилалигардии прогресси техникӣ ва назарияи самараи намоиш зич алоқаманд буда, ҳамзамон қонунияти нави инкишофи хоҷагии ҷаҳониро муайян мекунад. Ин қонуният мазмуни онро дорад, ки барои иқтисоди кушод самараи синергетикӣ ҳамон вақт ба даст меояд, ки агар дар он тамоили “тақвияти майли интиҳоии минтақаҳои давлатҳои дорои иқтисоди кушод ба ҷараёни ҳамгироӣ” ба вуҷуд омада истода бошад.

# БОБИ 2. ЗАМИНАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ ҚОНУНИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИ КУШОД

## 2.1. Назарияҳои бартарияти нисбӣ ва рақобатӣ: усулҳои таърихӣ ва мантиқии дарки қонуниятҳои инкишофи иқтисоди кушод

Мақсад аз пеш гирифтани сиёсати иқтисодиёти кушод пеш аз ҳама ба даст овардани даромад аз ҳисоби самаранок истифода бурдани захирахои дохилии кишвар бо воситаи иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад. Ин ҳолат метавонад танҳо дар натиҷаи татбиқи бартариятҳои кишвар бо воситаи байналхалқикунонии ин бартариятҳо ба вуҷуд ояд. Аз нигоҳи назариявӣ нуқтаи ибтидоӣ ва абстрактии таҳқиқи инкишофи иқтисоди кушодро назарияи тиҷорати байналхалқӣ ташкил менамояд. Дар навбати худ тиҷорати байналхалқӣ дар заминаи бартариятҳо ба роҳ монда шуда, назарияи бартариятҳо заминаи методологии таҳқиқи қонуниятҳои иқтисоди кушод буда, кишварҳо маҳз дар заминаи он мубодилаи молу хизматрасониҳоро байни якдигар ба миён мегузоранд. Ин аст, ки аз оғози таҳлил ва омӯзиши тиҷорати байналхалқӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ олимон ва муҳаққиқон ба сабабҳои он диққати махсус дода, асоси онро дар доираи назарияҳои бартариятҳо нишон доданд.

Назарияи бартариятҳо чун дигар назарияҳои илмии иқтисодӣ аз аввали пайдоиши иқтисодиёти сиёсии классикӣ оғоз гардида, бо мурури васеъ шудани шаклу моҳияти муносибатҳои байналхалқӣ онҳо низ инкишоф ёфтанд. Аввалин маротиба назарияи бартарияти мутлақро А. Смит дар китоби машҳури худ «Тадқиқот дар бораи табиат ва сабаби боигарии халқҳо» соли 1776 пешниҳод намуд. Назарияи мазкур дар он асос меёбад, ки асоси савдои байналмилалиро бартариятҳои мутлақи кишварҳои алоҳида дар истеҳсоли моли муайян ташкил медиҳад. Зери мафҳуми бартарият Смит бартарият дар хароҷоти истеҳсолии молро дар назар дошт. Агар барои истеҳсоли моли Е хароҷот дар давлати А нисбати давлати Б кам бошад, пас давлати А бояд ба давлати Б моли Е-ро содир намояд. Вобаста ба нишондиҳандаи хароҷот бошад, А. Смит, ки асосгузори назарияи арзиши меҳнатии мол буд, асосан хароҷоти меҳнатро дар назар дошт.

Бо кӯмаки назарияи бартариятҳои мутлақ, қисми муҳим ва зиёди назарияҳои савдои байналмилалиро фаҳмонидан мумкин аст. Савдои берунаи молҳои зиёди баъзе давлатҳои калони тараққиёфтаистода ба бартарияти мутлақ асос меёбад. Аксар вақт бартарияти мутлақи онҳо бо вуҷуд доштани қувваи кории зиёд ва арзон (Хитой, Ҳиндустон, Филиппин) алоқаманд мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки қисми зиёди мол нисбати кишварҳои дигар арзонтар истеҳсол карда шавад. Қариб ҳамаи молҳо – аз бофандагӣ то компютер, ки дар Хитой истеҳсол карда шудаанд, дар бозори ҷаҳонӣ рақобатнок мебошанд. Чунки хароҷот барои истеҳсоли онҳо (пеш аз ҳама арзиши қувваи корӣ) нисбат ба дигар кишварҳо хеле паст аст. Бартариятҳои мутлақ метавонанд ба шароитҳои иқлимӣ низ асос ёбанд. Масалан, меваҳои тропикӣ дар кишварҳои тропикӣ бо хароҷоти кам нисбат ба кишварҳои шимолӣ рӯёнида мешаванд. Бартариятҳои мутлақ ҳамчунин ба савдои кишварҳое, ки дар онҳо танҳо як мол вуҷуд дорад ва дар бозори ҷаҳонӣ рақобатнок аст, асос меёбад.

Новобаста аз он ки назарияи бартарияти мутлақи А. Смит бисёр ҳолатҳои тиҷоратиро ба инобат намегирифт, вале бояд қайд намуд, ки саҳми А. Смит дар рушди назарияи бартариятҳо калон аст, зеро аввалин шуда Смит ба он диққат дода, бартариятро ҳамчун  асоси муносибатҳои тиҷоратии байни давлатҳо шарҳ дод ва ҳамзамон бо ин назария А. Смит ба назарияи тақсимоти байналхалқии меҳнат асос гузошта, ба ташаккули савдои байналмилалӣ, давлатҳоро водор сохт. Яъне, назарияи А. Смит дар таҳқиқоти назарияи бартариятҳо нуқтаи аввал, назарияи аввали абстрактӣ ба шумор меравад.

Ба ақидаи Й.Шумпетер «Агар Смит ва пайравони ӯ тезисҳои меркантилистҳоро ба назар мегирифтанд ва онҳоро инкишоф медоданд, пас дар соли 1848 назарияи дурустар ва пурраи робитаи байналмилалии иқтисодиро таҳия намудан мумкин буд».[34]

Баъдан дар заминаи назарияи мутлақ назарияи бартарияти нисбии Д. Рикардо ба вуҷуд омад, ки он қадами дигар дар назарияи бартариятҳо мебошад.

[34] Шумпетер Й. А. История экономического анализа. Пер. с англ. под ред. В. С. Автономова. Т.1-3. '- М.: Экономическая школа', 2001-494с

Д. Рикардо дар муқоиса бо А. Смит исбот намуд, ки давлатҳо метавонанд бартариятро агар дар истеҳсоли як мол пурра надошта бошанд ҳам, дар муқоиса бо истеҳсоли як мол нисбат ба моли дигар бартариятро соҳиб шаванд. Яъне, агар кишвар дар истеҳсоли ду мол ҳам бартарият дошта бошад, он метавонад дар натиҷаи ба як моли хароҷоташ камтар даст зада, даромади бештарро ба даст орад. Албатта, Рикардо ғоибан тақсимоти байналхалқии миеҳнатро тақвият дода, исбот менамояд, ки дар натиҷаи тақсимоти байналхалқии меҳнат давлатҳо ба истеҳсоли як мол махсугардонидашуда, бартариятро дар истеҳсоли он ба даст меоранд ва он сабаби тиҷорати байни давлатҳо шуда метавонад.

Саҳми Рикардо дар назарияи бартариятҳо аз он иборат буд, ки вай назарияи мутлақро чуқуртар намуда, ба он назари васеъ намуд.

Бояд тазаккур дод, ки ба моҳияти назарияи бартарияти нисбӣ баҳо додан мушкил аст. Он нишон дод, ки барои он ки савдо барои кишвар фоидаовар бошад, вуҷуд доштани бартарияти мутлақ зарур нест. Доштани бартарияти нисбӣ дар истеҳсолоти ҳамагӣ яке аз молҳо барои ба даст овардани фоида аз савдо кофист. Дар муддати якчанд даҳсолаҳо ин назария назарияи афзалиятнок ба ҳисоб мерафт. Бо мурури замон пайравони мактаби классикӣ дар иқтисодиёт ба назарияи бартарияти нисбӣ иловаҳои зиёде дохил намуданд ва назарияи бартарияти нисбӣ аввалин маротиба тавозуни маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳодро тавсиф намуд. Ба он нигоҳ накарда ки ин назария одатан танҳо дар мисоли мувозинатии нопурра дар бозори ду мол тавсиф карда шудааст. Ҳол он ки ин назарияи бартарияти нисбӣ тахмин мекард, ки арзиши мол аз рӯйи миқдори меҳнати барои истеҳсоли он харҷкардашуда муайян карда мешавад, он нишон дод, ки арзиши мол бештар бо таносуби маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод ба он ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи кишвар муайян карда мешавад.

Дастоварди аз ҳама муҳими назарияи бартарияти мутлақ ин исботи мавҷудияти бурд аз савдо барои ҳамаи кишварҳои иштирокчӣ мебошад. Моҳияти назарияи бартарияти нисбӣ барои замони мо аз он иборат аст, ки имкон медиҳад сиёсати иқтисодиёти хориҷиро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок кунем. Ин боз аз он сабаб муҳим аст, ки дар иқтисодиёти миллӣ хатогиҳое, ки ба дарки

нодурусти принсипи бартарияти нисбӣ асос ёфтаанд, пайдо шуда истодаанд ва ба таври фаъол аз ҷониби пайравони ин ғояи барғалат, дастгирӣ меёбанд. Масалан, яке аз ин хатогиҳо аз он иборат аст, ки ҳар як кишвар бояд соҳаҳои сусти худро аз рақобатнокии хориҷӣ ҳифз намояд. Пайравони ин ақида қайд мекунанд, ки агар кишвар қобилияти нигоҳ доштани рақобатнокиро ба молҳои хориҷӣ дошта бошад, яъне сиёсати протексионистиро ба ин ё он соҳа амалӣ намояд, соҳаи истеҳсолӣ фоидаовар мегардад. То вақте ки саноати худӣ ба таври кофӣ рушд наёфта бошад, бо тамоми воситаҳо ҳимоя намудани он аз рақобатнокии хориҷӣ зарур аст. Чунин муносибат дар гузоштани маҳдудиятҳо ба воридоти мол зоҳир меёбад.

Аз тезиси мазкур бармеояд, ки пайравони ин назария, фарқи байни бартарияти мутлақ ва бартарияти нисбиро дуруст фаҳмида наметавонанд. Онҳо гуфтан мехоҳанд, ки кушодани соҳа ба рақобатнокии хориҷӣ вақте имконпазир аст, ки агар кишвар дар ин соҳа аз болои шарикони хориҷии худ дар хароҷоти меҳнат барои истеҳсоли мол бартарияти мутлақ дошта бошад. Лекин чуноне ки маълум аст, мавҷудияти бартарияти мутлақ шарти асосӣ ва зарурӣ барои вуҷуд доштани бартарияти нисбӣ ба ҳисоб намеравад.

Хатогии дигар, ки бо дарк карда натавонистани принсипи бартарияти нисбӣ алоқаманд аст, дар солҳои 1970 пайдо шуд. Дар ин солҳо аксарияти кишварҳои рӯ ба тараққӣ тезиси нобаробари савдоро дастгирӣ мекарданд. Ин назария барои асосноккунии шиорҳои сиёсии азнавтақсимнамоии даромади ҷаҳонӣ ба фоидаи кишварҳои камбизоаттарин, имрӯзҳо низ маълум аст.

Дар кишварҳои тараққиёфта, махсусан дар доираи иттифоқҳои касаба, тезис дар бораи зарурати даст кашидан аз молҳои воридотӣ машҳур аст, чунки молҳои хориҷӣ бо сабаби дар хориҷа паст будани музди меҳнат рақобатпазир мебошанд. Ин боз дарки нодурусти назарияи бартариятҳои нисбӣ мебошад, чунки арзиши меҳнат дар хориҷа ба масъалаи манфиатовар будани воридот ягон алоқамандие надорад.

Назарияи бартарияти нисбиро нисбати таҳлили ин ё он ҷараёнҳои савдо истифода бурда истода, ҳаминро ба назар гирифтан зарур аст, ки он хароҷотҳои

нақлиётро, ки ниҳоят баланд буда метавонанд, ба назар намегирад. Назарияи мазкур таъсири савдои берунаро ба тақсими даромадҳо дар дохили кишвар, тағйирёбии нарх ва музди меҳнат, таваррум ва ҳаракати байналмилалии сармояро рад мекунад. Он аз мавҷудияти танҳо як омили истеҳсолот (меҳнат) бармеояд ва заминаҳои дигари муҳими савдои байналмилалиро, аз қабили фарқияти омилҳои истеҳсолоти кишварҳо ба назар намегирад. Он ба заминаи шуғли пурраи аҳолӣ асос меёбад, яъне як соҳаро тарк намуда, коргарон дар соҳаи дигари нисбатан маҳсулнок ҷойи худро меёбанд ва ба одамони бекор табдил намеёбанд. Назария имкон намедиҳад, ки савдои байни кишварҳои тақрибан якхела, ки нисбати якдигар бартарияти нисбӣ надоранд, фаҳмонида шавад.

Дар сурати вуҷуд доштани фарқи арзиши алтернативии байни кишвар-ҳо савдои байни онҳо барои ҳар ду кишвар манфиатовар хоҳад буд. Агар арзиши алтернативии мол якхела бошад, савдо фоидаовар нест. Назария ҳаминро ба назар намегирад, ки арзиши алтернативии молро дар кишваре, ки дар шароити автаркия қарор дорад, ҳисоб кардан қариб ки имконнопазир аст. Билохира, назарияи бартарияти нисбӣ рушди якрангаи фарҳангиро дастгирӣ мекунад ва девирсификатсияи иқтисодиётро рад мекунад – ҳар қадар сатҳи махсусгардонӣ баланд бошад, самара аз савдо ҳамон қадар баланд аст.

Такмили минбаъадаи назарияи бартарияти нисбӣ аз рӯйи якчанд самт сурат гирифт:

- муайяннамоии таносуби нарх (шартҳои савдо), ки аз рӯйи онҳо савдои ду мол амалӣ мешавад (Ҷ. Милл);
- омӯзиши имкониятҳое, ки дар сурати онҳо арзиши алтернативӣ тағйирёбанда аст ва бо сатҳи ивазнамоии як мол бо моли дигар меафзояд; дар баробари ин хароҷотҳои ивазнамоӣ меафзоянд (Г. Хаберлер);
- баҳогузории арзиши алтернативӣ на танҳо дар асоси муқоисаи хароҷоти меҳнат, балки муқоисаи нархҳои дохилии мол дар ду кишвари савдокунанда (Ф. Эҷуорт);
- омӯзиши ҳолатҳое, ки дар он аз ду зиёда мол, аз ду зиёда кишвар ва зиёда аз як омили истеҳсолот мавҷуд аст (С. Фишер).

Дар назарияи бартариятҳо назарияҳои А. Смит ва Д. Рикардо назарияҳои сифатии бартариятҳо мебошанд. Зеро дар он ҳосилнокии меҳнат асоси бартарият ба ҳисоб меравад. Назарияи бартарияти нисбӣ аз тарафи Ҷон Милл соли 1848 бо пешниҳоди фарзияи талаботи мутақобил ва нарх васеъ карда шуд. Тибқи ақидаи Ҷ.Милл пешниҳоди мол ба содирот аз ҷониби як кишвар ин талабот ба воридот аз кишвари дигар аст[35]. Арзиши моли воридотӣ бошад ба арзиши молҳое, ки барои пардохти моли зерини воридотӣ содирот карда мешаванд, вобаста мебошад ва шартҳои мубодилаи байнлмилалии мол бо шартҳои баробар кардани таносуби талаботи мутақобил муайян карда мешавад[36]. Бояд қайд намуд, ки назарияи бартарияти нисбии Д.Рикардо тадриҷан бо такмил ёфтани муносибатҳои тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ аз тарафи олимон Р. Дорнбуш, С. Фишер ва П. Самуэльсон бо фарзияҳои «ҳангоми афзалиятҳои гуногун», «ҳангоми савдои якчанд мол» ва «ҳангоми савдои байни якчанд кишвар» васеъ шудан гирифт.[37]

Дар назарияи бартариятҳо такони ҷиддӣ аз тарафи олимон Э. Хекшер ва Б. Олин дода шуд. Тибқи ақидаи Хекшер-Олин давлатҳо молҳоеро савдо мекунанд, ки дар истеҳсоли он кишвар омили барои истеҳсоли он заруриро нисбатан зиёд доро мебошад. Маҳз барзиёдии омили истеҳсоли сабаби паст будани нархи молро ба вуҷуд оварда, бартарияти нархӣ ба вуҷуд меояд[38]. Дар натиҷа кишвар ин молро метавонад ба бозори беруна бо нархи арзон баровarда, бартариятро соҳиб мешавад.

Саҳми Хекшер ва Олин дар он буд, ки онҳо тавонистанд нисбат ба ҳамтоёни пешини худ амиқтар бартариятро муайян созанд. Зеро дар назарияҳои пешинаи бартариятҳои нисбӣ нархи мол вобаста ба кам истифода гаштани соати корӣ

[35] Киреев А.П. Микроиқтисодиёти байналхалқӣ. Китоби дарсӣ. (тарҷума ба забони тоҷикӣ). Нашриёти «Матбаа». Душанбе.-2015. С.170-1178.
[36] Ҳамонҷо саҳ. 170.
[37] Dornbusch Rudiger, Fisher Stanly, Samuelson Paul. Comparative Advantage, Trade and Payments in a Ricardo Model with a Continum of Goods//American Economic Reviev. 1977. Vol. 67 (5) Doc. 823-839.
[38] Hecksher Eli F. The effect of foreign trade on the distribution of income // Ekonomisk Tidskrift 21, 1919. P.497-512.

вобаста буд ва он метавонист дар ҳар як кишвар бо нархи гуногуни қувваи корӣ дар мамлакатҳо бартараф карда шавад.

Дар заминаи назарияи омилии Хекшер-Олин назарияҳои дигари тиҷорати байналмилалӣ пайдо шуда, тадриҷан васеъ гаштанд, вале, дар илми иқтисод ин назария асоси назарияҳои омилии бартариятро гузошт.

Вобаста ба ин метавон қайд намуд, ки бартарияти нисбӣ асосан сатҳи таҳлили микроиқтисодии тиҷорати байналхалқиро дар иқтисодиёти ҷаҳон дар бар мегирад. Дар ин асос тиҷорати байни давлатҳо ба роҳ монда шуда, нобаробарӣ дар тақсимоти фоидаи савдои байналмилалӣ бо ин назария маънидод карда мешуд. Ҳамзамон, мубориза и кишварҳои саноатӣ барои дастрасӣ ба омилҳои арзон аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ бештар гардида, бо воситаи баровардани сармоя тавонистанд даромади зиёдро аз ин кишварҳо ба даст оранд. Ҳамин тариқ, содироти сармоя давра ба давра вусъат ёфта, масъалаи тиҷорат дар заминаи бартарияти нисбӣ тангтар гардид. Дар шароити имрӯза омилҳои истеҳсолот васеъ гашта, дар ташаккул ва рушди он механизмҳои гуногун бо дахолати бевоситаи давлат ва сохторҳои байнидавлатӣ истифода бурда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки аз соли 1971 сустшавии фарзияи бартариятҳо дар заминаи омилҳо низ ба вуҷуд омад ва он асосан дар натиҷаи таҳлили таҷассуми ин назарияҳо дар шароити кишварҳои рӯ ба тараққӣ исбот гардид. Яъне, назарияҳои бартарияти мавҷуда наметавонистанд дар шароити кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки доираи савдои хориҷияшон аз сабаби қафомонии истеҳсолоти саноатӣ ё дигар сабаб маҳдуд буд, истифода гардад. (нигаред ба ҷадвали 2.1. ).

Ба назарияи бартариятҳо дар асоси омилҳо аввалин маротиба Стаффан Линдер зарба зад (нигаред ба ҷадвали 2.2.) Линдер нишон дод, ки қобилияти кишвар дар содир намудан ба, пеш аз ҳама, аз талаботи дохилӣ вобаста мебошад. Савдо дар дохили кишвар принсипан аз савдои байналмилалӣ фарқ надорад – ҳам ин ва ҳам он бо талаботи дохилӣ муайян карда мешаванд.

**Ҷадвали 2.1. - Сустшавии фарзияи бартариятҳо дар заминаи омилҳо**

| Сол | Муаллиф | Назария | Моҳияти назария |
|---|---|---|---|
| 1971 | Пол Самуэлсон, Роналд Ҷонс | Омилҳои махсуси истеҳсолот | савдои байналмилалӣ ба фарқият дар арзиши алтернативии молҳо, ки бо сабаби таъмин будани кишвар бо омилҳои махсуси истеҳсолот рӯй медиҳад, асос меёбад. Дар натиҷа, омилҳое, ки барои бахши содиротӣ махсусанд, меафзоянд, омилҳое, ки барои бахши бо воридот рақобаткунанда махсусанд, кам мешаванд |
| 1953 | Василий Леонтев | Парадокси Леонтев | муқарароте, ки тибқи он назарияи мутаносиби омилҳои истеҳсолоти Хекшер-Олин дар таҷриба тасдиқ намеёбад: кишварҳои бо меҳнат таъминбуда маҳсулоти сармояталабро ва кишварҳои бо сармоятаъминбуда маҳсулоти меҳнатталабро содир менамоянд. |
| 1962 | В. Минхас | Бадали (инверсияи) омилҳои истеҳсолот | вазъе, ки тибқи он савдои байналмилалӣ чун натиҷаи фарқият дар самаранокии нисбии истифодаи омилҳои истеҳсолот байни кишварҳо сурат мегирад. Вобаста ба сатҳи нархҳо ба омилҳои истеҳсолот ҳамон як мол метавонад дар як кишвар сармояталаб, вале дар дигар кишвар меҳнатталаб бошад, ки дар натиҷа савдо имконнок мегардад. |
| 1980 | Эдвар Лимер | Бадали (инверсияи) шиддатнокии талабот | вазъи кишвар, ки тибқи он бо сабаби зиёд будани талаботи дохилӣ молҳое ворид мешаванд, ки дар истеҳсол ва содироти он кишвар нисбат ба кишварҳои шарики тиҷоратӣ бо омилҳои истеҳсолот беҳтар таъмин мебошад. |
| 1982 | Ҷеймс Маркузен | Хароҷоти нақлиёт | хароҷоти нақлиётӣ ё логистикӣ вуҷуд доранд ва метавонанд то 20%-и нархи моли савдошавандаро ташкил диҳанд. Мавҷудияти хароҷоти нақлиётӣ ҳамаи молҳоро ба савдошаванда ва савдонашаванда тақсим мекунанд. Молҳои савдошаванда ин молҳое мебошанд, ки фарқияти нархи дохилии онҳо аз хароҷот барои кашонидани онҳо байни кишварҳо баландтар аст. |

***Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*** Jevons W. The Theory of Political Economy// Соли 1905 бо забони русӣ чоп шудааст: «Политическая экономия». – СПб.: Народная польза. *Samuelson P*. Foundations of Economic Analysis, 1947 // Чопи русӣ: Основания экономического анализа. – Петербург: экономическая школа, 2002.

Аз ин рӯ, кишварҳои дорои талаботи дохилии монанд бо якдигар нисбат ба кишварҳои дорои сохтори гуногуни талаботи дохилӣ фаъолона ба савдо машғул мешаванд. Азбаски сатҳи талаботи дохилӣ бо даромад ба ҳар сари аҳолӣ муайян карда мешавад, кишварҳои дорои сатҳи якхела нисбат ба кишварҳое, ки дар сатҳи гуногуни тараққиёт қарор доранд, бештар бо якдигар савдо мекунанд. Савдои молҳои якхела бо диверсификатсияи беохир шарҳ дода шуда масофаи дур ба савдои байналмилалӣ монеъ мешавад. Мувофиқи ақидаи Линдер, яке аз

шартҳои пешакии савдои байналмилалӣ падидаи талаботи бурранда мебошад. Мувофиқи он сохтори содироти кишвар то дараҷаи муайян ба талабот дар кишвари воридкунанда вобаста мебошад.[39] Мувофиқи ин фарзия кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки даромади аҳолияшон нисбат ба даромади аҳолиии кишварҳои тараққикарда пастар буд, дар савдои хориҷии байналхалқӣ танҳо бо содироти ашёи хом ширкат варзида, воридкунандаи молҳои саноатӣ ва технология буданд.

Қайд карданӣ ҳастем, ки аз назарияи Хекшер-Олин бармеояд, ки савдои байни кишварҳои дорои сатҳи даромадашон гуногун ниҳоят бошиддат аст. Ин пурра ба назарияи талаботи мутақобилаи Линдер мухолифат мекунад, ки аз рӯйи он фарқият дар таъмин будан бо омилҳо ва мутаносибан фарқият дар гирифтани даромад аз ин омилҳо монеаи эҳтимолӣ барои савдо ба ҳисоб мераванд.

Ба ақидаи Линдер мавҷудияти талаботи дохилӣ ба мол шарти асосии содироти он мебошад. Агар кишвар аз рӯйи моли муайян бартарияти нисбӣ дошта бошад ҳам, кишвар онро истеҳсол ва содирот нахоҳад кард, агар барои он бозори дохилӣ вуҷуд надошта бошад. Яъне бозори дохилӣ шарти аввалияи мавҷудияти талабот ва минбаъд шароити такмили мол мебошад. Маҷмӯи молҳои эҳтимолии воридотӣ низ бо талаботи дохилӣ муайян карда мешавад, ки бо истеҳсолоти миллӣ қонеъ намешавад. Дар ин маврид монандии байни сохторҳои талаботи ду кишвар ҳар қадар калон бошад, шиддатнокии савдои байни онҳо ҳамон қадар баланд аст. Агар ду кишвар сохтори якхелаи талабот дошта бошанд, ҳамаи маҳсулоти содирот ва воридотии эҳтимолии як кишвар маҳсулоти эҳтимолии воридотӣ ва содиротии кишвари дигар ба ҳисоб меравад. Дар мавриди дигар, монандии сатҳи даромад ин яке аз нишондиҳандаҳои монандии сохтори талабот аст, ки дар кишварҳои дорои сатҳи якхелаи даромад ба назар мерасад. Аз ин бармеояд, ки иқтидори калонтарини савдоро кишварҳои дорои сатҳи якхелаи даромад ба ҳар сари аҳолӣ доро мебошанд. Дар ин ҳолат ҳамаи молҳои содиротӣ ва воридотии як кишвар аз нигоҳи сифат ва сатҳи коркарди технологӣ

---

[39]Linder S.B. Essay on Trade and Transformation.- N.Y.: John Wiley and sons, 1961; Вехи экономической мысли : хрестоматия / Гос. ун-т - Высш. шк. экономики. Ин-т "Экономическая шк. ". - М. : ТЕИС, 2006. Т. 6 : Международная экономика : пер. / сост. и общ. ред. Киреев А. П. - 2006. - 717 с. -. Захираи интернет: (дастрас аст: www.seinstitute.ru/Veh6.htm.)

дар кишвари дигар низ ҳамин хел мебошад ва ҳаҷми эҳтимолии савдо дар ин ҳолат максималист. Фарқият дар даромадҳо ба ҳар сари аҳолӣ ҳамчун монеа барои савдо хизмат мекунад.[40]

**Ҷадвали 2.2. - Назарияҳои бартарияти рақобатӣ**

| Муаллиф | Назария | Моҳияти назария | Асари илмӣ |
|---|---|---|---|
| Стаффан Линдер | Талаботи мутақобил (1961) | савдои байналмилалӣ натиҷаи талаботи фирмаҳои кишвари шарики савдо мебошад: чи қадаре, ки сохтори талаботи дохилии ду кишвар ба ҳам монанд бошад, ҳамон қадар суръатнокии савдо байни онҳо аз ҷиҳати нерӯ бузург аст. | Linder S.B. Essay on Trade and Transformation.- N.Y.: John Wiley and sons, 1961 |
| Майкл Познер | Тафовути технологӣ (1961) | коркарди технологияи нав ё раванди нави технологӣ ба давлат монополияи муваққатиро дар истеҳсолот ва содироти ба он асосёф-таи мол медиҳад. Кишваре, ки аввалин шуда ягон технологияи навро месозад ва дар асоси он молҳоро ис-теҳсол мекунад, содиротгари ин молҳо мешавад, ҳатто агар ин кишвар аз болои кишварҳои дигар аз рӯйи омилҳои боқимондаи истеҳсолот бар-тарият надошта бошад. | Posner M. International Trade and Technical Change – Oxford Economic Papers, 1961, Vol. P.323-341 |
| Ян Тинберген | Модели ҷозиба (1962) | назарияе, ки аз рӯйи он ҳаҷми савдо байни ду кишвар аз андозаи иқтисодӣ ва масофа байни онҳо вобаста аст. | Tinbergen Jan. Shaping the world economy. Suggestions for an nternational economic policy.N.Y.: 20 Century Fund,1962 |
| Ҷон Хикс | Пешравии техникӣ (1965) | савдои байналмилалилалӣ натиҷаи тағйирот дар бартариятҳои нисбӣ байни кишварҳо дар натиҷаи навовариҳои теҳнологӣ барои хароҷоти омилҳои истеҳсолот, ки мумкин нейтралӣ, сарфаҷӯии меҳнат ва сарфаҷӯии сармоя бошад, ба ҳисоб меравад | Hicks J. Value and Capital: An Inquary into the Fundamental Principles of Economic Theory. – Oxford, 1939; Contribution to the Theory of the Trade Cycle. – Oxford, 1950; The Crisis in Keynesian Economics. 1974 |

[40] Linder S.B. Essay on Trade and Transformation.- N.Y.: John Wiley and sons, 1961; Вехи экономической мысли : хрестоматия / Гос. ун-т - Высш. шк. экономики. Ин-т "Экономическая шк. ". - М. : ТЕИС, 2006. Т. 6 : Международная экономика : пер. / сост. и общ. ред. Киреев А. П. - 2006. - 417 с. -. Захираи интернет: (дастрас аст: www.seinstitute.ru/Veh6.htm.)

***Идомаи ҷадвали 2.2.***

| | | | |
|---|---|---|---|
| Белла Баллас | Савдои дохилисоҳавӣ (1966) | сабаби савдои байналмилалии молҳои якхела ин фарқ кардани онҳо аз ҷониби истеъмолкунанда аз рӯйи корхона, бренд, кишвари истеҳсолот ё нишо-наи дигар. | Balassa B. Tarrif Reductions and Trade in Manufactures among Industrial Countries // American Economic Review, 1966. Vol. 56. P. 466-473 |
| Раймон Вернон | Давраи ҳаёти маҳсулот (1966) | савдои байналмилалилалӣ ва сармоягузориҳо дар натиҷаи гузариши молҳо аз давраҳои ҳаёти худ сурат мегирад, ки чанде аз онҳо содиршавӣ, воридшавӣ ва сармоягузориҳоро тақозо менамоянд. | Vernon R. International Investment and International Trade in the Product Cycle // Quarterly Journal of Economics 80. 1966. May. #2. P. 190-207 |
| Пол Кругман | Сарфаҷӯӣ аз миқёс (1979) | савдои байналмилалилалӣ дар натиҷаи кушиши фирмаҳо дар самти кам намудани хароҷоти истеҳсолӣ аз ҳисоби васеъ намудани бозори фурӯш сурат мегирад. | Krugman P. Increasing returns, Monopolistic Competition and International Trade // Journal of International Economics 9. P.469-479.<br>Krugman P. Obctfeld M. International Economics: Theory and Policy, Eighth Edition. 2008 |
| Элханан Хелпман | Рақобатнокии номукаммал (1981) | назария, ки тибқи он сабаби ба вуҷуд омадани савдои дохилисоҳавӣ якхелагии таъминоти нисбии кишварҳо бо омилҳои истеҳсолот дар соҳаҳои гуногун ва сабаби савдои байнисоҳавӣ бошад, фарқият дар таъминоти нисбии кишварҳо бо омилҳои истеҳсолот дар соҳаҳои гуногун ба ҳисоб меравад. | Helpman E. International trade in the presence of product differentiation, economies of scale and monopolistic competition. Journal of International Economics 11 (1981). P. 305-340. *Interest Groups and Trade Policy, with Gene M. Grossman (2002).* |
| Майкл Портер | Афзалиятҳои рақобатӣ (1990) | назарияе, ки савдои байналмилалилалиро бо бадастовардаи бартариятҳои рақобатии корхонаҳо дар бозори ҷаҳонӣ шарҳ медиҳад. | Porter M. The Competetive Advantage of Nations. Free Press, 1990 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Дар баробари Линдер, олими дигари иқтисоддон М. Познер ақидаеро пешниҳод намуд, ки тибқи он сабаби тиҷорати байналхалқӣ шарҳ дода шуда, ба сифати бартарияти рақобатӣ тафовути технологӣ пешниҳод гардид. Ба ақидаи Познер «сабаби савдои байналмилалӣ фарқият дар табиат ва суръати ҷорӣ

намудани навовариҳои технологӣ ба ҳисоб мераванд».[41] Ӯ модели тафовути технологиро кор карда баромад. Мувофиқи ин модел коркарди технологияи нав ё раванди нави технологӣ ба давлат монополияи муваққатиро дар истеҳсолот ва содироти ба он асосёфтаи мол медиҳад. Кишваре, ки аввалин шуда ягон технологияи навро месозад ва дар асоси он молҳоро истеҳсол мекунад, содиротгари ин молҳо мешавад, ҳатто агар ин кишвар аз болои кишварҳои дигар аз рӯйи омилҳои боқимондаи истеҳсолот бартарият надошта бошад ҳам.

Агар фарз кунем, ки ҳамаи соҳаҳо ҳамон як омили истеҳсолотро дар таносуби якхела истифода мебаранд, нишон дод, ки онҳо метавонанд аз рӯйи суръати навоварӣ фарқ кунанд.

«Навоварӣ ба пайдоиши моли нав ва талабот ба он оварда мерасонад, ки он аз ҷониби ҳам истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ қонеъ карда шуда метавонад. Агар ҷавоби истеҳсолкунандагони ватанӣ ба талаботи нав зуд бошад, онҳо метавонанд зуд навовариро дар корхонаҳои худ ҷорӣ намоянд, ҳамаи талаботи нав аз ҳисоби сарчашмаҳои маҳаллӣ қонеъ гардонида мешаванд. Агар истеҳсолкунандагони хориҷӣ аз дохилӣ пеш гузаранд ва ақаллан қисми талаботи нав аз ҳисоби воридот қонеъ гардонида шавад, ҷоришавии иловагии хориҷӣ ба миён меояд. Дар чунин ҳолат, агар кишварҳои гуногун навовариҳоро нобаробар, дар соҳаҳои гуногун ҷорӣ кунанд, савдои байни онҳо ногузир аст. Бо мурури он, ки воридот талаботро дар ин соҳа қонеъ мегардонад, талабот ба соҳаи дуюм, сеюм ва ғайра пайдо мешавад. Дар натиҷа савдо байни соҳаҳои аз ҷиҳати технологӣ монанд рушд меёбад».[42]

Ин назария албатта манфиати кишварҳои тараққикардаи ҷаҳонро, ки дар истеҳсоли технология бартарӣ доштанд, ифода мекард ва собит менамуд, ки савдои кишварҳои рӯ ба тараққӣ бо онҳо самаранок аст. Гарчанде аз ин савдо бештар кишварҳои тараққикарда бурд мекарданд, вале аз нигоҳи воридоти таҷҳизоту технологияи муосир ҷиҳати истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ низ савдо мақсаднок арзёбӣ мегашт.

---

[41] Posner M. International Trade and Technical Change – Oxford Economic Papers, 1961, Vol. P.323-341.
[42]Ҳамон ҷо.

Дар назарияи бартарияти рақобатӣ саҳми Я. Тинберген, асосгузори эконометрикаи иқтисодӣ, хеле калон аст. Я. Тинберген қонуни ҷозибаи И. Нютонро истифода карда, исбот намуд, ки «ҳаҷми савдо байни ду кишвар аз андозаи иқтисодӣ ва масофаи байни онҳо вобаста аст»[43]. Яъне, дар иқтисодиёти байналмилалӣ вобастагии мусбӣ байни бузургии содирот ва ММД-и он ва вобастагии манфӣ ба хароҷоти нақлиётӣ барои боркашонӣ вуҷуд дорад.

Вобаста ба таҳқиқоти мо, бояд қайд намуд, ки назарияи Я. Тинберген то андозае потенсиали ҳамгироиро ҳамчун бартарияти рақобатӣ маънидод мекунад. Мувофиқи ин назария савдои байни ду кишвар аз ҳаҷми иқтисодӣ (ММД) ва масофаи байни онҳо иборат буда, дурии кишварҳо аз марказҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ, умумияти забони содироткунандагону воридкунандагон, мавҷудияти сарҳади умумӣ ва муносибатҳои собиқи мустамликавӣ, иштирок дар гуруҳи умумии ҳамгирой ё истифодаи як асъор ҳамчун муайянкунандаҳои (детерминантҳо) иловагии ҳаҷми савдо хизмат мекунанд.

Мувофиқи назарияи пешрафти техникии Хикс бошад, «савдои байналмилалӣ натиҷаи тағйирот дар бартариятҳои нисбӣ байни кишварҳо дар натиҷаи навовариҳои технологӣ барои хароҷоти омилҳои истеҳсолот, ки мумкин нейтралӣ, сарфаҷӯии меҳнат ва сарфаҷӯии сармоя бошад, ба ҳисоб меравад»[44]. Таъсири пешрафти техникӣ ба савдо ба он вобаста аст, ки бо кадом тарз он ба пешниҳод (истеҳсолот) ва талабот (истеъмол) таъсир мерасонад. Мантиқан таснифоти дар боло овардашудаи афзоиши истеҳсолот дар натиҷаи пешрафти техникӣ ба савдои байналмилалӣ таъсири нейтралӣ, мусбӣ ва манфӣ расонида метавонад. Таъсири нейтралӣ вақте рӯй медиҳад, ки савдо бо суръате, ки истеҳсолот меафзояд, зиёд мешавад. Таъсири мусбии пешравии техникӣ вақте рӯй медиҳад, ки агар он ҳарчӣ бештар ба афзоиши савдо нисбат ба афзоиши истеҳсолот оварда расонад. Ин одатан вақте рӯй медиҳад, ки ҳангоми нархи доимии нисбии истеҳсоли молҳои содиротӣ аз истеҳсоли моле, ки воридотро

[43] Tinbergen Jan. Shaping the world economy. Suggestions for an international economic policy.N.Y.:20.
[44] Hicks J. Value and Capital: An Inquary into the Fundamental Principles of Economic Theory. – Oxford, 1939; Contribution to the Theory of the Trade Cycle. – Oxford, 1950; The Crisis in Keynesian Economics.

иваз мекунанд, тезтар афзояд. Таъсири манфии пешравии техникӣ вақте рӯй медиҳад, ки агар он ба ақибмонии афзоиши савдо аз афзоиши истеҳсолот оварда расонад. Чунин вазъият вақте рӯй медиҳад, ки агар ҳангоми нархи нисбии доимӣ истеҳсоли мол, ки воридотро иваз мекунад, аз истеҳсоли молҳои содиротӣ зудтар афзояд.

Аммо вазъи иқтисоди ҷаҳон дар охири солҳои 1960 нишон дод, ки кишварҳои тараққикарда, ба монанди кишварҳои Аврупои Ғарбӣ бо якдигар молҳои дифференсионии (фарққунандаи) як соҳаро савдо мекунанд. Дар он давра Олмон ба кишварҳои дигар мошинҳои худ (Мерседес) мефурухт ва бар ивазаш мошинҳои Ҷопонро мехарид. Англия бошад дастгоҳҳои пармакунии худро ба дигар мамлакатҳо фурухта, бар ивазаш дастогоҳҳои пармакунии Норвегияро мехарид. Мошинҳои ҷомашӯии Италявӣ ба Фаронса, ки худаш низ онро истеҳсол мекард, фурухта мешуд. Чунин савдо албатта дар доираи ягон назарияҳои пештара шарҳ дода намешуд ва онро Б. Баллас маънидод намуд. Тибқи ақидаи вай «сабаби савдои байналмилалии молҳои якхела ин фарқ кардани онҳо аз ҷониби истеъмолкунанда аз рӯйи корхона, бренд, кишвари истеҳсолот ё нишонаи дигар мебошад».[45] Аз нуқтаи назари дараҷаи фарқияти номенклатураи молҳо савдои байналмилалӣ аз ду ҷараён иборат аст – савдои дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ. Мисоли савдои дохилисоҳавӣ ин содироти мошинҳои «Ситроен» аз ҷониби Фаронса ва воридоти мошинҳои италиёвии корхонаи «Фиат» мебошад. Мисоли савдои байнисоҳавӣ ин аз ҷониби Россия содироти нафт ва воридоти гандум мебошад.

Саҳми бузургро дар назарияи бартарияти рақобатӣ соли 1966 профессори Гарвард Раймон Вернон гузошт. Хизмати Вернон дар назди назарияи савдои байналмилалӣ, дар он истифода бурдани ғояи тақсими ҳаёти маҳсулот ба се марҳила – маҳсулоти нав, маҳсулоти ба камол расида ва маҳсулоти стандартизатсияшуда иборат аст. Ғоя аз он иборат буд, ки ИМА ҳамчун кишвари

[45] New Directions in the World Economy (1989). Comparative Advantage, Trade Policy , and Economic Development (1989) , Japan in the World Economy (1988), Changing Trade Patterns in Manufactured Goods (1989).

аз ҷиҳати технологӣ инкишофёфта маҳсулоти наверо мебарорад, ки дар марҳилаи якум барои истеъмоли дохилӣ пешбинӣ шудааст. Бо афзоиши истеҳсолот дар марҳилаи дуюм талабот ба маҳсулоти нав дар хориҷи кишвар пайдо мешавад – дар кишварҳои дигари тараққи-карда ва тараққикардаистода содироти он оғоз мегардад (айни замон бе рақобат аз тарафи истеҳсолкунандагони хориҷӣ). Дар марҳилаи сеюм қисми истеҳсоли мол ба хориҷи кишвар аз рӯйи литсензия бурда мешавад ё истеҳсолкунандагони хориҷӣ худашон ба истеҳсоли ин маҳсулот сар мекунанд. Дар марҳилаи чорум истеҳсолкунандагони хориҷӣ, ки дар он ҷой мол нисбат ба кишвари ихтироъкор бо хароҷоти камтар истеҳсол мешавад, барои содироти он меоянд. Дар марҳилаи панҷум кишвари ихтироъкор истеҳсолро қатъ мекунад ва талаботи худро аз ҳисоби воридот қонеъ мегардонад.

Солҳои 1979-1981 П. Кругман ва Элханан Хелпман савдои байнлмилалиро дар сатҳи корхонаҳо ва дар шароити рақобати нокомил таҳқиқот намуданд. Дар натиҷа П. Кругман назарияи сарфаҷӯи аз миқёсро пешниҳод намуд, ки тибқи он «савдои байналмилалӣ дар натиҷаи кушиши фирмаҳо дар самти кам намудани хароҷоти истеҳсолӣ аз ҳисоби васеъ намудани бозори фурӯш сурат мегирад».[46] Мувофиқи назарияи сарфа аз миқёси Кругман савдо байни кишварҳо, ки аз рӯйи таъмин будан бо омилҳои истеҳсолот якхела ё қариб наздиканд, бо махсусгардонии истеҳсоли молҳои муайян шарҳ дода мешавад. Сарфа аз миқёс ин чунин шакли рушди истеҳсолот аст, ки афзоиши хароҷоти омилҳо ба воҳид ба афзоиши зиёди истеҳсолот нисбат ба воҳид оварда мерасонад. Самараи берунаи миқёс тахмин мекунад, ки миқдори корхонаҳое, ки ҳамон як молро истеҳсол мекунанд, зиёд мешавад, ҳол он ки ҳаҷми ҳар яки он бетағйир мемонад ва ин ба пайдоиши рақобати комил меорад. Самараи дохилии миқёс тахмин мекунад, ки ҳаҷми истеҳсоли мол чун пештара боқӣ мемонад, миқдори корхонаҳои онро истеҳсолкунанда ихтисор мешавад. Самараи дохилии миқёс ба пайдоиши рақобати нокомил (монополияи соф дар ҳолати экстремалӣ) оварда

[46] Тавсифи муфассали моделро китоби Helpman E., Krugman P.R. Market structure and foreign trade: increasing returns, imperfect competition and the international economy. Cambrdige.- Mass.: MIT Press, 1985. дар бар мегирад.

мерасонад, ки ҳангоми он истеҳсолкунандагон ба нархи молҳои худ таъсир расонида метавонанд ва афзоиши ҳаҷми фурӯшро аз ҳисоби паст кардани нарх таъмин карда метавонанд.

Мувофиқи модели савдои байналмилалӣ дар шароити рақобати инҳисории Хелпман савдои байналмилалӣ ҳаҷми бозори фурӯшро васеъ мекунад. Вақте ки ду кишвар бо якдигар савдо мекунанд, маҷмӯи бозор аз ҳосили ҷамъи бозори ду кишвар зиёдтар мебошад, миқдори корхонаҳо зиёд мешавад, ки ин маънои зиёдшавии гуногунрангии молҳо ва пастшавии нархи воҳиди молро дорад. Корхонаҳо дар ҳар як кишвар имкон пайдо мекунанд, ки доираи муайяни молро истеҳсол (махсусгардонӣ) кунанд ва бо ин хароҷотҳои миёнаи истеҳсолотро паст кунанд. Дар натиҷа савдо ҳатто барои кишварҳое, ки бо омилҳои якхелаи истеҳсолот таъмин мебошанд, манфиатовар мешавад. Васеъшавии бозор, ки дар натиҷаи савдо рӯй медиҳад, ба пастшавии нархи мол ва афзоиши миқдори корхонаҳо оварда мерасонад.

Мактаби бартарияти рақобатӣ анҷоми мантиқиро аз корҳои Майкл Портер ба даст овард. Портер муайян намуд, ки дар кадом асос кишварҳо бартарияти рақобатиро ба даст меоранд, чӣ содироти бомуваффақияти ин ё он молро дар хориҷа имконпазир мегардонад ва мутаносибан рушди савдои байналмилалии ин молро имконпазир мегардонад.

Дар заминаи маводи васеи эмперикии солҳои 1980 М. Портер муқаррар намуд, ки чор гуруҳи омилҳо бартариятҳои рақобатиро муайян мекунанд: ҳолати омилҳои истеҳсолот, ҳолати талабот, ҳолати соҳаҳои алоқаманд ва ёридиҳанда ва стратегияи корхона, сохтор ва рақобат. Қарори Ҳукумат ва ягон ҳодисае, ки ногаҳон ба вуҷуд меояд, низ нақши муҳим мебозанд. Ҳар як аз чор муайянкунанда бо боқимонда ҳамчун тараф ва хордаи ромб ба ҳам алоқаманд аст. Мувофиқи ин консепсия зери мафҳуми рақобапазирӣ маҳсулнокии меҳнат – яъне арзиши истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як коргар фаҳмида мешавад. Маҳсулнокӣ аз ҳисоби навовариҳои технологӣ ва рақобат дар бозори васеъшаванда баланд мешавад. Корхонаҳои аз ҳама рақобатнок дар кластерҳо ҷойгиранд – мутаммарказонии ҷуғрофии амудӣ ва уфуқӣ

муттаҳидшудаи истеҳсолоти соҳаҳои алоқаманд ва ёридиҳанда. Ба ақидаи М. Портер бартарияти рақобатӣ таъсис дода мешавад на ба мерос гузошта мешавад. Ба имконияти таъсиси бартарияти рақобатӣ омилҳои зиёде таъсир мерасонанд, ки дар иқтисодиёти қариб ҳамаи кишварҳо вуҷуд дорад, аммо дар дараҷаҳои гуногун. Вазифаи ҳукумат ва бахши хусусии ҳар як кишвар ин дуруст муайян намудани марҳилаи рушди бартарияти рақобатӣ ва андешидани чораҳо оид ба рушд ва дастгирии рақобатнокии соҳаҳои асосӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, муаллифони мактаби бартариятҳои рақобатӣ, ки кори илмии асосии онҳо дар солҳои 1960-1990 пайдо шуданд, умуман шарҳи қаноатмандкунандаи сабабҳои савдои байналмилалиро ҳангоми набудани бартариятҳои нисбӣ ва таъминоти қариб якхелаи омилҳои истеҳсолот пешниҳод намуданд. Онҳо ба сикли технологии истеҳсолот ва ҳаёти маҳсулот асос ёфтаанд ва аз ҷидду ҷаҳди корхонаҳо сарфа намудани миқёс аз ҳисоби васеъкунии истеҳсолот тавассути баромадан ба бозори беруна иборат мебошанд. Бар хилофи бартариятҳои нисбӣ, ки бо сабаби мавҷуд будани ин ё он омили истеҳсолот будан ба миён меоянд, бартарияти рақобатӣ асосан дар раванди рушди иқтисодӣ ҳам аз ҷониби корхонаҳои шахсӣ ва ҳам аз ҷониби ҳукуматҳои он давлатҳое таъсис дода мешаванд, ки корхонаҳо ҷойгиранд. Корхонаҳоро ҳамчун агенти асосии иқтисодӣ дар бозори ҷаҳонӣ баррасӣ намуда истода, мактаби бартарияти рақобатӣ ба таҳлили асосҳои макроиқтисодии (бо воситаи микроиқтисод) савдои байналмилалӣ наздик омад.

Бояд қайд намуд, ки умуман назарияи тиҷорати байналмилалӣ бартариятҳоро дар сатҳи микро ва макроиқтисоди байналхалқӣ таҳлил намуда, дар онҳо мезосатҳи хоҷагии ҷаҳонӣ, ки дар шароити муосир хеле рушд намудааст, ҳамаҷониба баррасӣ нагаштааст. Махсусан, равандҳое, ки дар ҷараёни ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳангоми ташкили истеҳсолоти минтақавӣ (ҳудудӣ) ба вуҷуд меоянд, инчунин дигар имкониятҳо, ки дар шароити ҳамгироӣ ба вуҷуд меоянд, аз мадди назар дур мондааст ва мо кушиш менамоем дар поён нисбати онҳо истода гузарем. Ба ғайр аз ин, назарияҳои мавҷудаи бартариятҳо бештар характери тасвирӣ (описательный) дошта, аксаран исботкунандаи

манфиатҳои кишварҳои тараққикардаро ифода менамуданд. Мавқеи кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва қафомонда дар низоми савдои хориҷӣ дар доираи назарияҳои «рушди расанда» маънидод карда мешуд, ки дар таҳқиқотҳои минбаъдаи мо онҳо аз ҳисоби омилҳои иловагӣ пурра, амиқ ва васеъ карда мешаванд.

## 2.2. Амиқ ва васеъшавии назарияҳои бартарияти нисбӣ ва рақобатӣ: асосноккунии самараи умумии бартарияти ҳамгирої дар иқтисоди кушоди муосир

Чӣ хеле, ки аз таҳлилҳои боло муайян карда шуд, назарияҳои мавҷудияти бартариятҳои нисбӣ ва омилӣ манфиати кишварҳои рӯ ба тараққиро ба таври пурра ва возеҳ шарҳ намедиҳанд. Таҷрибаи кишварҳои нави саноатӣ собит сохтанд, ки бартарият ҳодисаи иқтисодии статикӣ набуда, онро ба даст овардан мумкин аст. Ифодаи ин ҳолати иқтисодиро то андозае назарияи бартарияти рақобатӣ (А. Маршалл ва М. Портер) шарҳ дода тавонист. Яъне, маълум гашт, ки рақобат ва рақобатпазирӣ мафҳуми оддӣ ва содда набуда, он мафҳуми гуногунҷабҳа ва серпаҳлӯ мебошад. Ҳамзамон, аз нигоҳи функсионалӣ рақобатпазирӣ ҷараёни статикӣ (доимӣ, якранг ва яксамта) набуда, он ҷараёни динамикӣ буда, доимо дар инкишоф, аст ва он ба мерос гузошта нашуда, натиҷаи фаъолияти муайяни ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ аст.

М. Портер дар асари худ “Рақобати байналхалқӣ: Бартарияти рақобатии давлат” соли 1990 қайд мекунад, ки рақобатпазирии кишвар аз нигоҳи баъзе олимон ин ҳодисаи макроиқтисодӣ аст, ки он аз рӯйи тағйирёбандаҳои макроиқтисодӣ ба монадӣ: қурби асъор, меъёри фоизи қарз ва касри буҷет муайян карда мешавад. Аммо бисёр аз кишварҳо тавонистанд новобаста аз касри буҷет (Ҷопон, Италия ва Корея), коҳиши қурби асъори миллӣ (Олмон, Шветсия) ва меъёри баланди фоизи қарзӣ (Италия, Корея) тавонистанд рушди иқтисодиро таъмин намуда, сатҳи зинадагиро боло баранд. Дигар олимон бошанд, қайд менамояд Портер, рақобатпазириро дар мавҷудияти қувваи кории арзон мебинанд. Лекин давлатҳои Олмону Шветсария ва Шветсия бо норасоии қувваи корӣ ва музди меҳнати баланд тавонистанд муддати дароз рушди иқтисодиро дар

кишварашон таъмин намоянд. Ҳатто ҳамагон хаёл мекунанд, ки рақобатпазирии Ҷопон аз қувваи кории арзон вобаста буд, вале дар он ҷо низ норасоии қувваи корӣ ба назар мерасид”.[47]

Аз гуфтаҳои Портер бармеояд, ки асоси рақобатпазирӣ гуногун аст ва он дар ҳамбастагии маҷмӯи омилҳои гуногуни истеҳсолӣ, ки комплекси бартарияти рақобатиро ташкил менамоянд, ифода меёбад. Омилҳое, ки асоси рақобатпазириро ташкил менамоянд, аз шароитҳои ҷуғрофӣ, демографӣ, табиӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар вобаста мебошад. Яъне, Портер мафҳуми рақобатпазириро нисбат ба ҳамтоёни худ васеътар намуда, ҳамзамон имкониятро барои инкишоф ва васеъ намудани он барои таҳқиқотчиёни минбаъда таъмин намуд.

Аз нигоҳи таҳаввулоти иқтисодӣ бартариятҳои рақобатӣ асосан чор давраро дар бар мегиранд (нигаред ба ҷадвали 2.3.).

**Ҷадвали 2.3. - Таҳаввулоти назарияи бартариятҳои нисбӣ ва рақобатӣ**

| **Даврахо** | **Назария** | **Муаллиф** | **Омили рақобатпазирӣ** |
|---|---|---|---|
| **1** | Назрияи бартарияти мутлақ | А. Смит | Омилҳои табии (шароитҳои табии ва ғ.) |
| **2** | Назрияи бартарияти нисбӣ | Д. Рикардо, Ҷ.С. Милл | Омилҳои табии ва хароҷотҳои истеҳсолӣ (махсусан меҳнат) |
| **3** | Назрияи бартарияти нисбӣ дар заминаи омилҳо | Э. Хекшер, Б. Олин, П. Самуэлсон ва дигарон | Ҳамаи омилҳои истеҳсолот (замин, сармоя, меҳнат) |
| **4** | Консепсияи бартарияти рақобатӣ | М. Портер | Маҷмӯи ҳамаи омилҳои муносибатҳои иқтисодӣ |
| **5** | Назарияи бартарияти рақобатӣ дар заминаи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ | Консепсияи муаллифӣ (Сафаров Б.Г.) | Мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (долонҳои наклиётию комммуникатсонӣ, захираҳои табии ва иқтисодии якрангаи байниминтақавии кишварҳо, талаботи мутақобил ба молҳои савдошаванда) |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Хулосаи назариявӣ дар ин маврид аз он иборат аст, ки назарияи бартарияти мутлақи А. Смит нуқтаи аввали абстрактӣ ва таҳаввулотии назарияи

[47] М. Портер. Международная конкуренция: Конкурентные преимущества стран/ Майкл портер.-М.: Изд: “Альпина Паблишер”, Тарҷума аз англисӣ, Москва.-2016. -947 с.

бартариятҳои рақобатӣ мебошад. Дастовардҳои технологии ҷаҳонӣ дар саноат (муҳаррики буғӣ) сабаби ба миён омадани назарияи бартарияти нисбии Д. Рикардо ва Ҷ.С. Милл аз нигоҳи бартарият дар хароҷоти истеҳсолот гардид. Рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва натиҷаҳои аввали прогресссси илмӣ-техникӣ сабаби ба вуҷуд омадани бартарияти нисбӣ дар заминаи омилҳо гашта, дар натиҷаи рушди технологияи мураккаб ва баланди истеҳсолӣ ва техникаи электронӣ муносибатҳои рақобатпазирӣ инкишоф ёфта, консепсияи бартарияти рақобатии М. Портер ба миён омад.

Азбаски ҷараёнҳои ҳамгироии иқтисодӣ консепсияи асосии таъмини рақобатпазирии кишварҳои рӯ ба тараққии дорои иқтисоди кушод ва бозори рушдкунанда дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ мебошад, он зарурияти анҷоми таҳқиқоти назариявии бартариятҳои рақобатӣ дар ин зернизоми ҳоҷагии ҷаҳониро тақозо менамояд, ки мо кушиши онро дорем.

Инак, бояд изҳор намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ алоқамандии байниҳамдигарии омилҳои зиёд ба он оварда мерасонад, ки иқтисодиёт характери номуайянӣ касб намуда, идоракунии он мушкил мегардад. Ба ғайр аз ин, мувозинати маъмулии байни мустақилияти давлатҳои алоҳида ва муносибати онҳо бо институтҳои байналхалқӣ тағйир ёфта, дар иқтисодиёти ҷаҳон акторҳои нави ҷаҳонӣ пайдо мегарданд, ки ба мувозинати қувваҳо таъсир мерасонанд ва онро дар сатҳу шакли нав ба вуҷуд меоранд.

Ҳамзамон, рушди бемайлони иттилоот ва Интернету байналмилалкунонии натиҷаҳои техника ва технологияи исиеҳсолот, ки ҷараёни муосири ҷаҳонишавиро тақвият медиҳанд, тамоили кушодашавии бештари иқтисодиётҳои миллии давлатҳоро тақвият бахшида, бо ин васила суръати ҳамкориҳои иқтисодӣ тезтар мегардад.

Аммо, дар ин маврид кӯшишҳои назариявии таҳлили иқтисоди кушод бояд дар сатҳи кристализатсияи абстрактии он сурат гирифта, дар он ҳимояи манфиатҳои миллӣ бояд дар мадди аввал баррасӣ ва таъмин карда шавад. Бартараф кардани «нокомии ҷаҳонишавӣ” барои кишварҳои рӯ ба тараққии дорои иқтисоди кушод, “ҷаҳоникунии равандҳои муосири хоҷагидорӣ” –ро

тақозо намуда, дар маркази он таъмини рақобатпазирии кишвар дар арсаи байналмилалӣ меистад.

Рақобатпазирӣ, ки нишондиҳандаи асосии амалкарди ҳар як кишвар дар арсаи байналмилалӣ аст, моҳияти асосии фаъолияти босамари ҳар як кишварро дар арсаи байналмилалӣ ифода менамояд. Дар ин маврид, муайян намудани омилҳои рақобатпазирии кишварҳо актуалӣ гардида, таҳқиқи ҳамаҷонибаи он имкон медиҳад, ки кишварҳо аз ҷаҳонишавӣ самараи мусбӣ ба даст оранд. Зеро тибқи таҳлили олимон сиёсати расандаи иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ вобастагии ин кишварҳоро аз кишварҳои тараққикарда зиёдтар намуда, нобаробарӣ дар оянда боз бештар меафзояд.

Тибқи таҳлилҳои олими рус В. Полтерович "Хусусигардонӣ, озодии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва азнавтанзимкунии бозори сармоя, ки ҳамчун "муолиҷаи" Консенсуси Вашингтонӣ барои кишварҳои дар ҳолати гузариш қарордошта пешниҳод гардида буд, оқибатҳои ногуворро барои кишварҳои Америкаи Лотинӣ, Африка ва Аврупои шарқӣ, инчунин кишварҳои собиқ ИҶШС ба бор овард. Дар солҳои 1980 ММД ба сари аҳолӣ дар Америкаи Лотинӣ ва ҳавзаи Кариб 0,8% паст рафта, суръати миёнаи рушд дар соли 1990 аз 1,5 % боло нарафт. Вазъият дар ин давра дар Шарқи наздик ва Африкаи Шимолӣ тамоман бадтар шуд. Дар ин кишварҳо солҳои 80-ум суръати пастравии иқтисодиёт ҳамасола 1%-ро ташкил намуда, дар даҳсолаи дигар (1990) нишондоди 1%-и рушд бо мушкилӣ таъмин гашт. Дар 26 кишвари пасошуравӣ ва Аврупои шарқӣ бошад, суръати пастравии ММД ба сари аҳолӣ ба ҳисоби миёна 30% - ро ташкил намуд"[48]. Аз ин рӯ, ба фикри мо ташаккули бартарияти рақобатӣ барои ҳар як кишвари дорои иқтисоди кушод дар шароити муосир воситаи асосии таъмини рушди иқтисод дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ мебошад.

Таҳаввулоти назарияи рақобатпазирӣ гувоҳи он аст, ки омилҳои рақобатпазирӣ маҳдуд набуда, давра ба давра инкишоф меёбанд. Чӣ хеле, ки қайд намудем, яке аз чунин омилҳои рақобатпазирӣ ҳамгироии иқтисодӣ мебошад,

[48] Полтерович В. Эволюционная теория экономической политики // Вопросы экономики. 2006. № 7. С.4.

ки дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ ё ҳудудӣ ба вуҷуд меоянд. Яъне, мақсади асосии ташкили ҳама гуна гуруҳҳои ҳамгироӣ истифодаи иқтидори ҳамгироӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ дар хоҷагии ҷаҳон ва ба ин васила таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум мебошад. Яъне, бартарияти рақобатии гуруҳҳои ҳамгироии иқтисодӣ ин маҷмӯи захираҳои табиӣ, молиявӣ, инсонӣ, ашёи хом ва технологияҳои инноватсионӣ, қувваи кории арзон ва кадрҳои баландихтисос мебошад, инчунин механизми ташкилии иқтисодиест, ки дар кишварзҳои аъзо барои истеҳсоли моли рақобатпазир онҳоро якҷоя истифода мебаранд.[49]

Аз адабиётҳои таълимии иқтисодӣ маълум аст, ки асосан самараи ҳамгироии иқтисодӣ пас аз ташаккули иттифоқи гумрукӣ дар шакли самараи статикӣ ва динамикӣ зоҳир мегардад. Ин самара аз тарафи олими Канадагӣ Якоб Вайнер муайян карда шудааст. Тибқи таҳлили Я. Вайнер самараи статикӣ ин "оқибатҳои иқтисодии баъди ташкили иттифоқи гумрукӣ айёншуда ҳамчун натиҷаи бевоситаи он"[50] мебошад. Дар байни самараҳои статикӣ нақши муҳимро самараи таъсиси савдо ва дуршавӣ аз савдо ташкил менамояд. Таъсиси савдо ин пас аз ба вуҷуд омадани иттифоқи гумрукӣ яку якбора авҷ гирифта, маънои азнавмайлкунонии истеъмолкунандагони маҳаллӣ аз сарчашмаи дохилии самаранокиаш камтари таҳвили мол ба сарчашмаи самаранокиаш зиёдтар (воридот), ки дар натиҷаи бартараф намудани боҷҳои воридотӣ дар доираи иттифоқи гумрукӣ имконпазир гардидааст, ифода менамояд. Яъне, пас аз таъсиси иттифоқи гумрукӣ чунин вазъият ба миён омада метавонад: моле, ки дар бозори дохилӣ харидорӣ мешавад, аз ҳамин хел моли хориҷӣ қиматар мешавад. Агар то таъсиси иттиҳоди гумрукӣ истеҳсолкунандагони маҳаллӣ тахти ҳимояи боҷҳои гумрукӣ қарор дошта бошанд, пас баъди бекор кардани онҳо дар доираи иттифоқи гумрукӣ, моли дар хориҷи кишвар истеҳсолшуда аз моли дохилӣ арзонтар мешавад ва истеъмолкунадагон молро аз хориҷи кишвар харид

[49] Большой экономический словар. Под. ред. Азрилияна, 7-е изд.-М., 2007.-С. 153.
[50] Нигаред ба: Viner J. The problem of a Customs Union. Вехи экономической мысли : хрестоматия / Гос. ун-т - Высш. шк. экономики. Ин-т "Экономическая шк. ". - М. : ТЕИС, 2006. Т. 6 : Международная экономика: пер. / сост. и общ. ред. Киреев А. П. - 2006. – 696-705 с. -. Захираи интернет: (дастрас аст: www.seinstitute.ru/Veh6.htm.)

мекунанд. Самараи дуршавӣ аз савдо бошад, ба самараи таъсиси савдо мухолиф аст, чунки ба ақидаи Вайнер, сарчашмаи таҳвили мол аз кишварҳо-иштирокчии ҳамгирой на ҳама вақт сарчашмаи самарабахш ба ҳисоб меравад.[51]

Назарияи иттиҳоди гумрукӣ нишон дод, ки чунин иттиҳодияҳо имкон медиҳанд, ки аз сиёсати озодии савдо самараи мусбӣ ба даст оварда шавад, ба шарте ки дар натиҷаи ворид кардани иттиҳоди гумрукӣ тариф нисбати кишварҳои сеюм баланд набошад. Бекор кардани тарифҳо дар дохили иттиҳоди гумрукӣ ҳамчун қадами минтақагарой дар роҳи таъсиси минтақаи озоди савдо баррасӣ мешавад. Лекин, чуноне ки Вайнер нишон дод, бо таъсиси иттиҳоди гумрукӣ ба ғайр аз самараи мусбии таъсиси савдо самараи манфии дуршавӣ аз савдо ба миён омада метавонад, ки аз самараи манфии он аз самари мусбии таъсиси савдо баъзан зиёд буда метавонад. Ин назария низ собит менамуд, ки модели ҳамгироии кишварҳои рӯ ба тараққӣ метавонад ба натиҷаҳои манфӣ ба анҷом расад. Яъне, кишварҳои рӯ ба тараққӣ бояд бо кишварҳои тараққикарда ҳамгироии тиҷоратӣ дошта бошанд, то ин ки тавонанд савдои ҳадафнокро ба роҳ монанд.

Чунин вазъият аз он шаҳодат медиҳад, ки иттиҳоди гумрукӣ ҳамчун модели сиёсати савдо ҳамчун падидаи мусбӣ дар иқтисодиёти байналмилалӣ баррасӣ шуда наметавонад. Баъди сиёсати савдои озод сиёсати дуюми алтернативии савдои озод вуҷуд надорад, ки таъсири он ба некӯаҳволии байналмилалӣ мусбӣ мебуд. Маҳз дар ҳамин асос ғояи «дуюмин беҳтар», ки дар соли 1955 аз ҷониби Мид гуфта шуда буд, ба миён омада буд. Моҳияти назарияи "беҳтарини дуюм" аз он иборат аст, ки "ба ғайр аз озодии савдо, ки ба афзоиши некуаҳволии умумӣ оварда мерасонад, варианти дигари сиёсати савдо, ки афзоиши некуаҳволии умумиро таъмин карда метавонад, вуҷуд надорад".[52]

Аз рӯйи гуфтаҳои Вайнер ва Мид бармеояд, ки дар сурати вуҷуд доштани самараи дуршавӣ аз савдо таъсиси иттиҳоди гумрукӣ ба талафи некӯаҳволии

---

[51] Ба таври васеъ ниграед ба: Киреев А.П. Международная экономика. В 2-х ч.- Ч. 1. Международная микроэкономика: движение товаров и факторов производства. Учебное пособие для вузов. – М.: Международ. отношения, 1999.С.370-379.

[52] Ҳамон ҷо: саҳ. 376.

кишварҳои иштирокчӣ оварда метавонад. Баъдан Бҳагвати дар соли 1971 аниқ кард, ки бо сабаби бекор кардани боҷи гумрукӣ нархҳо ҳам дар кишвари содироткунанда ва ҳам кишвари воридкунанда ба нархи рақобати озод дар бозори ҷаҳонӣ наздик мешаванд ва ҳар ду шарик аз нуқтаи назари беҳтаршавии некӯаҳволии шахсӣ бурд мекунанд, чунки молро бо нархи нисбатан арзон мехаранд. Агар ин бурд аз талаф аз бадшавии шароити савдо дар натиҷаи барҳамхӯрии тариф баланд бошад, пас ҳатто иттиҳоди гумрукӣ, ки ба дуршавӣ аз савдо меорад, баланбардории некӯаҳволиро таъмин карда метавонад. Лекин савол дар бораи самараҳои иқтисодии иттиҳоди гумрукӣ дар давоми солҳои зиёд стандартӣ монда буд, ки пастшавии тариф чӣ қадар бояд бошад, то ки кишваре, ки боҷро паст мекунад, аз иттиҳоди гумрукӣ бурд намояд.

Иқтисодчиёни амрикоӣ Кемп ва Вэн дар соли 1976 масъаларо дигар хел гузоштанд, яъне кадом конфигуратсияи сиёсати савдо нисбати кишварҳое, ки ба иттиҳоди гумрукӣ дохил нестанд, ба кишварҳои аъзои он беҳтаршавии некӯаҳволиро таъмин мекунад? Ҷавоб ба ин савол аз фарзия Кемп-Вэн ба даст оварда шудааст. Фарзияи Кемп-Вэн- “муқарарот, ки тибқи он ҳар як гуруҳи кишварҳо иттиҳоди гумрукӣ таъсис дода метавонад ва ин иттиҳод агар дар ҳолати ҳаракати озоди сармоя дар дохили он ва тарифи умумии беруна ба нархи ҷаҳонӣ тағйир ворид насозад, пас он ба беҳдошти некуаҳволии ҷаҳон оварда мерасонад”.[53]

Ҳамзамон, омили дигари бартарияти рақобатии ҳамгироии иқтисодӣ ин таъмини ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолот мебошад, ки он дар натиҷаи ташаккули сатҳи баланди ҳамгироӣ ба вуҷуд омада, аз ҳудуди мубодилаи молу хизматрасонӣ берун мебарояд ва назарияи бартариятҳои нисбӣ дар заминаи омилҳои Хекшер-Олинро васеъ мекунад. Яъне, дар назарияи Хекшер-Олин-Самуэлсон баробаршавии нархҳои омилҳои истеҳсолот дар сурати савдои байни кишварҳо ба вуҷуд омада, зудҳаракатии омилҳои истеҳсолот байни кишварҳо мавҷуд набуд. Аммо, дар назарияи ҳамгироии иқтисодӣ таъсиси бозори ягона ва

[53] Kemp Murray C., Wan H. An Elementary Proposition Concerning the Formation of Customs Unions // Journal of International Economics, 1976. No. 6 Febr. P. 95-97.

мутобиқсозии меъёрҳои институтсионалӣ зудҳаракатии омилҳои истеҳсолотро таъмин мекунанд.

Дар баъзе мавридҳо, яъне ҳангоми самаранок набудани истеҳсолот дар дохили ҳамгироии иқтисодӣ, мубодилаи молро ҳаракати омилҳои истеҳсолот иваз мекунанд. Дар натиҷа, омилҳои истеҳсолот ба самти афзалиятнок ҳаракат карда, нархи онҳо ба нархи бозори ҷаҳонӣ баробар мешавад ва ин ҳолат ба бештар гаштани даромаднокии соҳибони омилҳои истеҳсолот ва билохира ба некуаҳволии мардум оварда мерасонад. Яъне, барои кишварҳои рӯ ба тараққии дорои иқтисоди кушоди хурд, чун Тоҷикистон, ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ бартарияти рақобатиро дар дастрасӣ ба омилҳои камёфтро аз ҳисоби кишварҳои шарик таъмин намуда, ҳамзамон омилҳои барзиёди истеҳсолии он дар дигар кишварҳо самаранок истифода гардида, нархи он нисбат ба бозори дохила баландтар мегардад.

Дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ давлатҳо байни якдигар тиҷоратро дар асоси бартарияти нисбӣ ба роҳ монда, самараи ҳамгироиро бо ин роҳ ба даст меоранд. Аммо, дар муқоиса бо рақобатпазирӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон рақобатапзирӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ танҳо афзоиши татбиқи бартарияти нисбӣ набуда, инчунин дар он истеҳсолоти таркибаш мураккаб ба шумор меравад. Яъне кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки бартарияти нисбиро дар содироти ашёи хом медиданд, давра ба давра аз ин сатҳи содироти ашёи хом ба сатҳи коркарди ашёи хом гузашта, дар маркази диққати онҳо содироти моли тайёр меистад.

Дар ин маврид, занҷираи истеҳсоли арзиши изофа мавзӯи муҳими таъмини рақобатпазириро ифода менамояд. Зеро дар натиҷаи ташкили арзиши изофа даромади бештар аз содирот дар кишвар боқӣ монда, шаклҳои нави истеҳсолот ба вуҷуд омада, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешавад, ки он мақсади калидии таъсиси гуруҳҳои ҳамгироии кишварҳои дорои рушди гуногун мебошад.[54] Яъне, дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ ҳаҷм ё суръати гардиши савдои байни якдигар

[54] Международные экономические отношения. Учебник. Под общей ред. Проф. В.Е. Рыбалкина. М., 1997. 384 с.

муҳим набуда, сохтори гуногунсамтшудаи содироту воридоти молу хизматрасониҳо муҳим аст.

Дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ, ҳар қадар молҳои мубодилашаванда дорои дастовардҳои муосири техникӣ-иноватсионии баланд бошанд, ин нишонаи он аст, ки кишварҳои аъзои гурӯҳи ҳамгирой байни якдигар бо воситаи тақсимоти байналхалқии меҳнат ҳамкорӣ намуда, бартарияти рақобатии гурӯҳи ҳамгирой дар иқтисоди ҷаҳон ҳамон кадар бештар аён мегардад. Вагарна, чӣ гунае, ки У.В. Мезировский қайд менамояд, “Мубодилаи нафти хом ва гандум байни кишварҳои ИДМ ягон хел тамоили ҳамгироиро нишон надода, он аз як дигар вобастагиро ифода намекунад ва он танҳо мубодилаи пардапушкарда мебошад ”.[55]

Умуман, ба фикри мо, таъсири ҳамгироии иқтисодӣ ба сатҳ ва сифати рақобатпазирии кишварҳои аъзо асосан дар шакли суботи макроиқтисодӣ ва самаранокии бозорҳо зоҳир мегарданд. Ҳангоми ҳамгироии иқтисодӣ конвергенсияи иқтисодӣ ба вуҷуд омада, таъсири рушди иқтисодиёти як кишвар ба рушди иқтисодиёти кишвари дигар намоён мегардад. Дар бештари ҳамгироии иқтисодӣ кишварҳои «ядро» сабаби паҳншавии рушди инноватсионӣ гашта, бо воситаи «самари намоиш» рушди кишварҳои дигар аъзоҳо таъмин карда мешавад.[56]

Албатта дар таҷриба ошкор гаштааст, ки дар гурӯҳҳои ҳамгиро ҳодисаи баръакс низ ба вуҷуд меояд, яъне пастравии иқтисодиёти як кишвари аъзо сабаби поёнравии иқтисодиёти дигар кишварҳои аъзо мегардад. Дар ИА иқтисодиёти Испания ва Ирландия ба рушди минтақа таъсири манфӣ расонида, хароҷоти ҳамгироияро зиёд намуд. Аммо бо сабаби иқтисодиёти хурд будани иқтисодиёти ин кишварҳо таъсири глобалӣ ба рушди ИА нарасонидааст. Ин гувоҳи он аст, ки иқтисодиётҳои хурд бештар майли ҳамгирой дошта, дар бештари маврид аз он

---

[55] Мизоревская У.М. Современные тенденции регионализации на пространстве СНГ : Автореферат дис.. канд.экон. наук. М., 2009. С. 32.

[56] Ба таври васеъ ниагред ба: Одинаев Х.А., Гулаков У.М. Развитие межрегиональной торговли в условиях экономической интеграции. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – 172 с.

бурд мекунанд. Дар мавриди дуюм рақобатпазизирии кишварҳои аъзои гуруҳҳои ҳамгирой дар самаранокии бозорҳои молӣ ва хизматрасониҳо зоҳир мегардад.

Ҳангоми ҳамгироии иқтисодӣ дар кишварҳои аъзо самараи ҷуброн ба вуҷуд меояд. Чунин самараи иқтисодӣ маънои онро дорад, ки кишварҳои аъзои ҳамгирой байни худ савдоеро ба роҳ мемонанд, ки он ба талабот ва таклифоти бозорӣ маҳдуд нагашта, он бештар ба таъмини эҳтиёҷоти бозори дохилӣ ба молҳои содиршавандаи якдигар ба роҳ монда мешавад. Савдои хориҷие, ки дар асоси таъмини эҳтиёҷоти дохилӣ ба роҳ монда мешавад, дар таҳқиқоти илмии мо "савдои ҳадафнок (точечный)" номида мешавад.  Кишвари аъзои ҳамгирой моли худро ба кишвари дигар содир намуда, норасогии ин молро дар бозори дигар таъмин месозад.  Бар ивази он молеро аз он кишвар ворид месозад, ки он дар кишвари ҳамсоя истеҳсол карда мешавад. Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки содирот ва воридот аз нигоҳи талаботи алтернативӣ ва ё бартарияти нисбӣ (хароҷоти алтертнативӣ) бо дигар кишварҳо нею, балки аз нигоҳи шароити муосиди тиҷоратӣ, ки дар дохили созмони ҳамгирой дорад (дар баробари реҷаи муносиби тиҷоратӣ нақши инфрасохтори нақлиётӣ дар назар дошта шудааст), бо дарназардошти ҷуброни истеҳсолоти якдигар ба роҳ монда мешавад.

Ҳамзамон самараи ҷуброн дар ин маврид дар васеъшавии бозори маҳдуди дохилӣ низ зоҳир мегардад. Бо содироти мол ба кишвари аъзо дар доираи реҷаи мусоиди тиҷоратӣ бозори моли содиротӣ васеъ гашта, бештар ба рақобат дучор мегардад ва дар натиҷаи он рақобатпазирии молҳои содиротӣ аз ҳисоби самараи миқёс низ боло меравад, ки маҳз ин омил сабаби монеаи паст рафтани арзиши истеҳсолии молҳои содиротии кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад. Яъне самараи ҷуброн омили дуюми таъмини рақобатапазирии молҳои содиротии кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад, ки дар натиҷаи ҳамгироии иқтисодӣ ба вуҷуд меояд.

Дар бозори меҳнат бошад, мубодилаи озоди қувваи корӣ  шароити корӣ, осоншавии кирояи кориро ба вуҷуд оварда, бо ин васила нархи қувваи корӣ ба танзим даромада, сатҳи некуаҳволии мардум, ки нишондиҳандаи асосии рақобатпазирии кишвар тибқи таҳлили Созмони ҳамкории иқтисодии Аврупо (СҲИА) мебошад, боло меравад.

Шакли дигари зуҳуроти рақобатпазирии кишварҳои аъзои ҳамгироӣ дар рушди инфрасохтори итсеҳсолию тиҷоратӣ муайян мегардад. Ҳамгироӣ ва дигар механизмҳои либерализатсия (глобализатсия) ба инкишофёбии институтҳои қафомондаи минтақавӣ ва миллӣ таъсир расонида, водор месозад, ки он ба сиёсати идеалии иқтисоди бозорӣ наздик гардад. Ин ҳолат минтақаи ҳамгироро ба фазои муносиби иқтисоди бозоридошта табдил дода, ҷолибияти сармоягузорӣ ва тиҷоратро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа сатҳи рақобатпазирии кишварҳоро дар бозори ҷаҳонии сармоя ва тиҷорат боло мебарад.

Фазои озоди тиҷоратӣ ва иқтисоди бозорӣ зарурияти рушди инфрасохторро ба вуҷуд меорад, ки дар ин маврид на танҳо инфрасохтор инкишоф ёфта, ба рақобатпазири минтақа оварда мерасонад, балки ҷолибият ва ҷаззобияти лоиҳаҳои инфрасохторӣ низ боло рафта, фазои муносиби сармоягузор дар минтақа ба вуҷуд меояд. Агар ин гуруҳи ҳамгироӣ дар доираи консепсияи «ҳамгироии ҳамгироӣ», яъне ҳамгироӣ бо давлати сеюм ё дигар гуруҳҳои ҳамгироӣ бошад, пас ин лоиҳаҳо бештар манфиатнок гашта, дар бозори сармоягузорӣ барои ҷалби бештари сармоя рақобатпазирии кишварҳои аъзоро таъмин месозад. Ин тарзи таҳлил зарурияти синтези назарияҳои ҳамгироӣ бо назарияҳои ҷараёнҳои нави глобализатсионироо ба миён меорад. Ҷараёнҳои глобализатсионӣ ба ҳодисаҳои иқтисодӣ моҳияти нав дода, назари глобализатсионии таҳлил ва таҳқиқу ояндабиниро талаб менамояд. Махсусан он ҷараёнҳое, ки дар шароити глобализатсия васеъ гашта, бештар фазои глобализатсиониро касб мекунанд.[57]

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки “бартарияти ҳамгироӣ” тамоили инкишофи муносибатҳои иқтисодии кишварҳоест, ки дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ ба вуҷуд меояд ва он назария бартариятҳоро васеъ менамояд. Ин бартарияти ҳамгироӣ дар натиҷаи истифодаи «самараи истифодаи якҷояи захираҳои минтақаҳои наздисарҳадӣ», «самараи долонҳои сабз» ва «самараи қонеъ кардани талабот ва таклифоти молҳои мубодилашаванда» ба вуҷуд омада, самараҳои қаблии ҳамгироии иқтисодиро пурра ва васеъ мегардонад (нигаред ба расми 2.1.).

[57] Мациев Д. Региональные Экономические объединения стран СНГ // РЭЖ. 1999. - №9-10. с.60.




**Расми 2.1.-Рушди назарияи бартариятҳои рақобатӣ дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ**

Бояд қайд намуд, ки назарияҳои мавҷудаи бартариятҳо имконоти ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодиро пурра ба инобат нагирифта, танҳо бо самараи миқёс, самараи паст кардани пардохтҳои гумрукӣ дар тиҷорат, самараи сиёсати ягонаи пулӣ ва самараи статистикию динамикӣ маҳдуд мешуданд. Аммо самараи масофа, самари синергетикӣ аз истифодаи якҷояи имкониятҳои иқтисодии минтақаҳои ҳамсарҳад, самараи объектҳои инфросохтории якҷоя ва таъмини талаботи якдигар бо молҳои мубодилашаванда (савдои ҳадафнок) аз мадди назари олимон ва муҳаққиқон, ҳамчун бартарияти рақобатии давлатҳои аъзои гуруҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, дур мондаст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ тамоилҳои ҳамгироии минтақаҳои кишварҳои аъзо бештар гашта, нақши онҳо дар рушди тиҷорати байналмилалии иқтисодиёти миллии кишварҳо (тиҷорати мутақобила) афзун гардида, бо ин васила фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ инкишоф меёбад.

Албатта, чунин фарзияи илмӣ водор месозад, ки назарияи ҳамгироии иқтисодӣ бо назарияи иқтисоди кушоди муосир, назарияи рушди минтақа, аз ҷумлаи назарияи рушди ҳудудӣ-фазоӣ, назарияи нуқтаи рушд, назарияи ҷобаҷогузории истеҳсолот, консепсияи кластеризатсия, иқтисодиёти рақамӣ ва консепсияи МОИ васеъ ва чуқуртар синтез карда шуда, онҳоро дар доираи ҷаҳонишавӣ таҳлил ва баррасӣ намоем.

Дар давраи ҷаҳонишавӣ аз тарафи муҳаққиқон минтақагароӣ, ҳамчун ҷараёни муқобил ва инчунин, ҳамчун ҷараёни мусоидат ба ҷаҳонишавӣ баҳо дода мешавад. Мо ба ин баҳоҳо дода нашуда, қайд менамоем, ки ҳамкории минтақавии иқтисодӣ падидаи иқтисодиест, ки барои ҷаҳонишавии мамлакатҳои алоҳида мусоидат намуда, аз марҳилаҳои тайёрӣ ба ҷаҳонишавӣ иборат аст. Яъне, ҷаҳонишавӣ агар ба кишварҳо имконияти якхелаи рушдро диҳад ҳам, вале онро кафолат намедиҳад, аммо ҳамгироишавӣ барои рушд кафолат дода, дар марҳилаи охирон ба ҷаҳонишавии кишварҳо мусоидат мекунад. Дар шароити муосир ҳамгироиҳои иқтисодӣ бо дарназардошти баъзе хусусиятҳои

ҷаҳонишавӣ амал намуда, бартариятҳоро барои давлатҳои аъзо васеътар мекунад.

Яке аз чунин бартариятҳо, чӣ хеле дар боло қайд намудем, ин бартарият дар заминаи «самараи долонҳои сабз», ки он дар тиҷорат ва ташкили истеҳсолот дар байни минтақаҳое, ки ҳамсарҳад мебошад, ба вуҷуд меоянд.[58] Мавҷудияти «долонҳои сабз» дар шакли инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ, ташкили истеҳсолот ва тиҷоратро дар байни минтақаҳои наздисарҳадии ин «долонҳо» метезонад. Дар натиҷаи тиҷорати минтақаҳои ҳамсарҳад нархи молҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби кам шудани хароҷотҳои нақлиётӣ поён рафта, дар бозори дохилӣ бо корхонаҳои хориҷӣ рақобатпазир мегардад. Яъне ду минтақаи наздисарҳадӣ ҳангоми ба роҳ мондани тиҷорати байниякдигарӣ, ки дар заминаи рақобати нархӣ амал мекунад, рушди минтақаро таъмин намуда, ҳамзамон ба иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонанд.

Аз назарияи иқтисодӣ маълум аст, ки рушди тиҷорати байналмилалӣ ба сатҳи инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии кишвар ё минтақа таъсири мусбӣ мерасонад. Таъсири мусбии тиҷорати байналмилалӣ албатта дар сурати самаранок будани (тиҷорати байналмилалӣ) он зоҳир мешавад.[59] Яке аз омилҳои самаранокии тиҷорати байналмилалӣ ин кам кардани хароҷотҳои интиқоли мол мебошад, ки он ба истеъмолкунанда нархи иловагӣ бор карда, ба фурӯшанда паст шудани рақобати нархиро ба миён меорад. Пас маълум мегардад, ки савдои байнисарҳадии минтақаҳои аъзои гуруҳҳои ҳамгироӣ имконияти паст кардани нархи молро аз ҳисоби кам кардани хароҷоти нақлиётӣ (ҳамлу накл) ба вуҷуд оварда, заминаи бартариятро ташкил медиҳад. Ин шакли нави зуҳуроти бартариятҳои гуруҳҳои ҳамгироӣ буда, қонунияти нави инкишофи хоҷагии ҷаҳониро бо нишон додани нақш ва мақоми минтақаҳо, ҳамчун ширкаткунандагони фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ, исбот месозад.

---

[58] Ба таври васеъ нигаред ба: Одинаев Х.А., Гулаков У.М. Развитие межрегиональной торговли в условиях экономической интеграции. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – 172 с.

[59] Микаэл Подаро Экономическое развитие: Пер с англ. М., МГУ, ЮНИТИ, 1997 - 671 с.

Зери мафҳуми «долонҳои сабз» иншоот ва объектҳоеро дар назар дошта мешаванд, ки онҳо аҳамияти минтақавӣ ва байниминтақавӣ доранд. Дар натиҷаи ин «ҷозиба»-и ҳамкориҳои байниминтақавӣ афзоиш ёфта, сатҳи рушди минтақаҳо ва кишварҳо боло меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки минтақаҳои кишварҳои алоҳида, ки аз ҳудуди онҳо лоиҳаҳои инфрасохтории нақлиётӣ мегузаранд, бештар характери кушодагӣ дошта, аз ин шароит бештар самараи иқтисодӣ ба даст меоранд. Ба ғайр аз он ки лоиҳаҳои байниминтақавӣ заминаи даромади буҷаи минтақа, таъсиси ҷои корӣ мебошад, инчунин он ба дастрасӣ ба ин омилҳои истеҳсолиро осон мекунад. Дар ин маврид, аз ҳамгироии иқтисодӣ бештар минтақаҳои ҳамсарҳад дар атрофи «долонҳои сабз», ки нуқтаи «ҷозиба» мебошанд, бештар манфиатдор буда, «самараи паҳншавӣ» -и он ба дигар минтақаҳо низ мерасад.

Ин фарзия назарияи бартарияти ҷозибаи гравитатсионии Я. Тинбергенро васеъ карда, ба сифати ҷозибаи Тинберген, ки даромади аҳолӣ буд, лоиҳаи аз байни минтақаҳо убуркунандаро ҳамчун ҷозибаи тиҷорат ворид месозад. Назария бо он бой мегардад, ки минтақаҳо дар асоси ҷозибаи «долонҳои сабз» ба ҳамкориҳои иқтисодӣ рӯ оварда, дар натиҷа он ба сатҳи якхелаи рушд ноил гашта, пас аз он самараи ҷозибаи «даромади якхелаи аҳолии» Тинберген онро инкишоф ва сахтару мустаҳкамтар мегардонад. Яъне, самараи ҷозибаи «долонҳои сабз» сабаби ба вуҷуд омадани самараи ҷозибаи «даромади якхела» гашта, дар натиҷа рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ба афзоиш ёфтани натиҷаи он, самараи мултипликатсионӣ-афзоишёбанда, мегардад.

Дар баробари ин, бартарияте, ки давлатҳои рӯ ба тараққӣ айни замон дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ ба даст оварда истодаанд, ин таъмини талаботи минтақаҳои ҳамсарҳад ба молҳои савдошаванда мебошад. Тиҷорати озод байни давлатҳои аъзои гуруҳи ҳамгироии иқтисодӣ имкон фароҳам меоварад, ки байни минтақаҳои кишварҳо талаботи молҳо ва омилҳои истеҳсолот қонеъ гарданд.

Бартарияти рақобатии ҳамгироии иқтисоди минтақавӣ инчунин дар шакли «самараи истифодаи якҷояи захираҳои исктисодии минтақаҳои ҳамсарҳад»

зоҳир мегардад. Яъне, кишварҳои аъзои гуруҳҳои ҳамгироӣ бо наздик кардани қонунгузориҳои худ, ба фаъолияти минтақаҳои наздисарҳадӣ озодии фаъолияти иқтисодии беруниро мусоидат менамоянд, ки он на танҳо ба рушди тиҷорати байнисарҳадӣ, инчунин боиси ташкили сохторҳои муосири истеҳсолию логистикӣ, яъне фазои (ҳудудӣ) муносиби иқтисодӣ, мегарданд. Натиҷаи он аст, ки имрузҳо дар арсаи ҷаҳон сохторҳои ташкилию-иқтисодӣ ба монанди кластерҳои фаросарҳадӣ, наздисарҳадӣ ва фаромиллии зиёд ташкил ёфтаанд, ки асоси моддии онҳоро захираҳои иқтисодию табиии минтақаҳои наздисарҳадӣ ташкил менамоянд. Мисоли ин минтақаи назди баҳри Балтика ва Уқёнуси Ором, минтақаҳои экотуристӣ ва рекреатсионии Осиёи шарқию ҷанубӣ, минтақаи туристии Аврупо ва ғайра шуда метавонанд.[60]

Дар минтақаи Балтика, ки объекти ҳамгироӣ баҳри Балтика бо имконияти логистикӣ-нақлиётии, баҳрӣ мебошад, ҳудуди иқтисодие ба вуҷуд омадааст, ки он рушди минтақаҳои аз марказ дури (минтақаҳои музофоти) –и Россияро таъмин намуда, барои минтақаҳои кишварҳои ҳамсарҳади ин объект, Полша ва Литва, дар баробари истифодаи захираҳои бойи минтақаҳои Россия, инчунин минтақаҳои Россия ҳамчун бозори васеи фуруши молу хизматрасониҳо мебошад.

Албатта, ин самара дар шакли рушди тиҷорати байниминтақавӣ ва истеҳсолоти маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ифода ёфта, он дар шароити ташаккули мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ба вуҷуд меояд. Зеро, вуҷуд надоштани мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ метавонад ҳодисаи баръаксро низ нишон диҳад. Аксаран вақт ба захираҳои якхелаи рушд нигоҳ накарда минтақаҳои наздисарҳадӣ  моли алоҳидаро дар бозори берунӣ танҳо бароварда байни худ ҳамчун рақиб баромад мекунанд, ки онҳоро наметавон «минатақаи ҳамгиро» номид. Масалан, «бандарҳои Прибалтика, Шимолӣ-ғарбии Россия ва вилояти Калинингради Россия дар фаъолияти хизматрасонии транзитии Россия

[60] Сафаров Б.Г. Мезоуровневая интеграция как результат самодвижения открытой экономики регионов страны// Б.Г. Сафаров. Финансово-экономический вестник, ТГФЭУ, №4(24), Душанбе, 2020, ISSN2663-0389. – С. 42-49.

байни худ рақобат менамоянд. Вилояти Калининградӣ Россия ва минтақаи Клайпедаи Литва бошад дар коркард ва бандубасти борҳои Белоруссия байни худ рақибанд. Барои бисёре аз макроминтақа ва минтақаҳои хурди туристии қадимаи Фаронса ва Италия то минтақаҳои навтаъсисдодаи Каталонияи Фаронса барои ҷалби сайёҳон аз Испания ва Коста-Браво, Коста-Дорадо рақобат мекунанд. Ҳамин гуна рақобатро байни худ минтақаҳои Полша, Литва ва минтақаҳои назди обии Ҷанубу шарқии Россия дар фаъолияти хизматрасонии обӣ ва сайёҳӣ низ доранд».[61]

Чунин вазъ дар минтақаи Осиё ва умуман кишварҳои пасошуравӣ бинобар сабаби инкишоф наёфтани муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ бештар ба назар мерасад, ки он барои таъмини бехатарии ҳар як кишвар ва ҳатто минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Масалан мунокишаи байни минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Қирғизистон барои роҳ ва об, Грузия ва Озорбойҷон барои Қаробоғ ва ғайра мисоли равшани он аст, ки ҳатто мавҷудияти захираҳои якхелаи минтақаҳои наздисарҳадӣ метавонад дар сурати самаранок истифода нагардидан ҳатто ба мунокишаҳо низ оварда расонад .

Ба монанди ин метавон изҳор дошт, ки гарчанде ҳамгироии иқтисоди минтақавӣ дар сатҳи давлатҳо (макро), яъне ИДМ, СҲШ, СААД, дар сатҳи корхонаҳо (микроиқтисод), яъне корхонаҳои муштарак (КМ) байни ин кишварҳо вуҷуд дошта бошад ҳам, вале сатҳи мезоиқтисодии ҳамгироӣ ба вуҷуд наомадааст ва он моҳияти ҳамгироии минтақавии иқтисодиро ба таври пурра инъикос накарда, ин ҳамгироӣ аз «самараи истифодаи захираҳои якхелаи минтақаҳои наздисарҳадӣ» ҳануз дур буда, «бартарияти минтақавӣ» дар он инъикос наёфтааст. Ин ҳолатро метавон ҳамчун таҷрибаи ноком ва ғайрисамараноки гуруҳҳои ҳамгироии ИДМ, СҲШ, ИОҶ (ЦАС), СҲИ (ЭКО) ва дигарон дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ арзёбӣ намуд. Новобаста аз кушишҳои алоҳида бобати ташаккули фаъолияти дастаҷамъонаи истифодаи

[61] Корнеевец В.С. Международные транснациональные и трансграничные регионы: признаки, особенности, иерархия. В.С. Корнеевец. Вестник Балтийского федерального университета им. И. Канта. №1, 2010.-стр. 201.

захираҳои умумии кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан дар масъалаи об ва захираҳои энергетикӣ, аз тарафи баъзе кишварҳо (ба монанди Тоҷикистон ва Қирғизистон) ва доираҳои илмии ватанию хориҷӣ[62] карда шуда бошад ҳам, вале ин масъала ҳануз пурра ҳалли худро наёфтааст, яъне мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ ба вуҷуд наомадааст.

Ташаккули мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ, махсусан дар заминаи захираҳои обию энергетикӣ, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ на танҳо самараи синергетикии истифодаи якҷояи ин омилҳои минтақавии бартариятсозро таъмин мекунанд (бо воситаи фуруши электроэнергия байниякдигар ва берун аз минтақа), инчунин хароҷотҳои ба кордарорӣ ва нигаҳдории онҳоро кам карда (ба микдори 6,4 млрд.долл. ИМА), хатарҳои экологӣ ва оқибатҳои технологиро коҳиш дода, то андозае ба вуҷуд омадани офатҳои табииро пешгирӣ менамояд.[63] Яъне, захираи обию энергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ» - ро метавонад ташкил намояд, ки бо воситаи он бартарияти рақобатии молҳои истеҳсолменамудаи кишварҳои минтақа нисбат ба дигар кишварҳо дар бозори ҷаҳонӣ (аз ҳисоби нархи арзони энергетика ва инчунин қувваи кории арзон) таъмин карда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои дар боло оварда шуда нишон доданд, ки барои давлатҳои рӯ ба тараққии дорои иқтисоди кушод ва бозорҳои рушдкунанда ворид шудан ба ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ бартариятҳои иловагии рақобатиро ба вуҷуд меоранд. Ин «бартарияти ҳамгироӣ» дар шакли «самараи долонҳои сабз», «самараи ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои савдошаванда» ва «самараи истифодаи якҷояи захираҳои иқтисодии минтақахои наздисарҳадӣ» зоҳир гашта, назарияи бартарияти нисбӣ ва рақобатиро васеъ мекунанд.

---

[62] Нигаред ба: Одинаев Х.А. Водно-энергетическая интеграция и проблемы формирования единого регионального энергетического рынка в Центральной Азии // Вестник Таджикского национального университета. (Спецвыпуск ). - Душанбе: «Сино», 20160.-С.114-120. Исайнов Х.Р. Энергетический рынок Центральной Азии: проблемы формирования и перспективы развития// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «Сино», 2016. №2/1 (220).- С.46-50.

[63] Мариана Иоото, Мартин Мелески. Торговля электроэнергий в Центральной Азии обеспечит экономический рост и регионального сотрудничество. 21июли соли 2022. Захираи электронӣ: сайт www.World Bank. (санаи муроҷиат. 02.08.2022).

Ин тарзи таҳлил сарҳади омӯзиши назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодиро бо таҳлили мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ васеъ ва чуқуртар намуда, он дар заминаи моддии ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад.

### 2.3. “Минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” ҳамчун категорияи иқтисодии инъикоскунандаи нишондиҳандаи майли интиҳоии минтақаҳои давлатҳои дорои иқтисоди кушод ба равандҳои ҳамгироӣ

Умуман, дар назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳамгироиҳо бештар дар ду сатҳ микро ва макроиқтисод омӯхта шудааст. Дар сатҳи микро асосан муносибатҳои давлатҳо дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ то сатҳи фирма омӯхта шуда, дар сатҳи соҳа нарасида ба анҷом мерасад. Яъне, микроҳамгироӣ ҳамкории корхона, фирмаҳо ва дар ин асос муносибатҳои иқтисодиро дар сатҳи ҳамкории байни корхона ва фирмаҳоро меомӯзад.

Сарҳади омӯзиши микроиқтисод дар ин маврид дар сатҳи рақобати то соҳавӣ ба анҷом мерасад. Яъне, як фирма дар қисмати алоҳидаи соҳа вуҷуд дошта, дар як соҳа пурра рақобатпазир буда наметавонад. Ба ғайр аз ин, фирма дар сатҳи микроиқтисод ҳануз тамоил ва раванди иқтисодиро муайян накарда, ҷузъиёти хос мебошад. Дар натиҷаи якранга фаъолият кардани фирмаҳо, ки аллакай гуруҳи фирмаҳои якхеларо ташкил медиҳанд, мезоиқтисод ба вуҷуд омада, тадриҷан характери онҳо расмӣ гашта, институтсионализатсия мегардад ва фаъолияти онҳо дар сатҳи ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул гардида, ба макроиқтисод табдил меёбад. Дар ин маврид, фирмаҳои дар як соҳа самаранок фаъолияткунанда мавқеъ пайдо карда, сатҳи макроиқтисодиро ташкил медиҳанд. Ба мисоли инҳо метавон кластерҳои истеҳсолӣ ё тиҷоратиро номбар кард, ки фирмаҳо ба фаъолияти гуногун машғул буда, як соҳаро муаррифӣ мекунанд. Дар натиҷа соҳа инкишоф ёфта, характери умумиқтисодӣ мегирад ва он дар сатҳи макроиқтисодӣ омӯхта мешавад.

Дар сатҳи макроҳамгироӣ бошад, ҳамкориҳо дар доираи ташкили сохтории бозори умумӣ, иттиҳоди гумрукӣ, асъори ягона, умуман 5-сатҳи ҳамгироӣ, ки аз тарафи Балласа пешниҳод шудааст, омӯхта мешавад.

Дар ин маврид, ҳамкориҳои иқтисодие, ки байни соҳаҳо, минтақаҳо ва дар доираи шартномаю гуфтушунидҳои байни давлатҳои аъзои гуруҳи ҳамгирой оид ба ин ё он масъалаҳои иқтисодӣ ба миён омада, ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ мерасонанд, аз таҳлил ва омӯзиш дур мондаанд. Бояд изҳор дошт, ки яке аз самтҳои ояндаи баҳсҳои илмӣ дар назарияи ҳамгироии иқтисодӣ метавон он бошад, ки оё имкониятҳои мавҷудаи назарияи ҳамгироии минтақавӣ дар шароити имрӯза, ки байни давлатҳо шартномаҳои ҳамкории зиёд дар шакли ташкили шабакаҳои истеҳсолию тиҷоратӣ ба вуҷуд омада истодааст ва таркиби ҳоҷагии ҷаҳонӣ аз «мобилӣ» ба «шабакавӣ» майл дорад, инчунин ташкили шабакаҳо иқтисодиёти минтақавиро ба иқтисодиёти ҳудудӣ такон медиҳад, як қатор ҳодисаҳои якдигарро бурранда ба вуҷуд омада истодааст, ба монанди формати васеи «минтақаҳои озоди иқтисодӣ байни гуруҳҳои ҳамгиро бо давлатҳои алоҳида ё дигар гуруҳҳои ҳамгирой», «иттифоқҳои гумрукии берун аз гуруҳҳои ҳамгирой ба вуҷуд омада» ва «СУС +»[64], метавонад боқӣ монад ё инкишоф ёбад?.

Албатта дар ин маврид зарурияти васеъ ва ташаккул додани назарияи классикии ҳамгироии иқтисодӣ ба миён меояд, ки он тағйиротҳои куллие, ки дар хоҷагии глобализатсионии ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардааст, бояд дар худ ҳазм намояд. Дар илми иқтисод ин шакли таҳлилро синтез меноманд, ки дар он ҳодисаҳо дар алоҳидагӣ омӯхта шуда, тадриҷан ҷузъиёти умумӣ муайян карда шуда, сипас объекти муайяни хусусияти умумидошта ошкор карда мешавад. Пас аз муайян кардани табиати дохилии объект, ки ҳаракати ҷузъиётҳоро дар бар гирифта, зиддиятҳоро муайян мекунад, зиддиятҳои дохилӣ бартараф карда шуда, рушди диалектикӣ таъмин карда мешавад. Яъне, дар натиҷаи муаяйян кардани табиати ҷузъиётҳои дохилӣ камбудиҳои садди роҳи рушд бартараф карда шуда, инкишоф таъмин карда мешавад.

[64] Рекорд, С.И. Мезоэкономический синтез концепции кластерного развития и международной экономической интеграций: автореферат дисс. .. д.э.н. 08.00.14 [Текст] / С.И. Рекорд. - Санкт-Петербург, 2013. С. 15.

Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки барои таҳқиқи мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ ва ё инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ мо бояд аз методи абстраксияи илмӣ истифода карда, иқтисодиёти ҷаҳон ё гуруҳҳои ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодиро ҳамчун низоми ягона ва мукаммал, дорои хусусиятҳои хос ва бисёрсатҳаю бисёрэлемента тасаввур намоем. Дар ин маврид, ҳам иқтисоди ҷаҳон ва ҳам гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳамчун низом иборат аз сатҳи микро, мезо ва макро, ҳатто мегаиқтисод, мебошанд.

Чӣ хеле, ки дар боло қайд намудем, муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи микро, макро ва ҳатто мегаиқтисод дар назарияи ҳамгироии иқтисодӣ ва хоҷагии ҷаҳонӣ ба таври кофӣ омӯхта шудааст. Аммо, сатҳи мезоиқтисод ҳануз дар арафаи омӯзиш қарор дошта, то имрӯз «чун микро ва макроиқтисод мавқеи илмии худро дар илми иқтисод пайдо накардааст».[65]

Бояд қайд намуд, ки мезоиқтисод дар илми иқтисод аз давраи пеш омӯхта шудааст. Аммо он ҳамчун мезоиқтисод ном гирифта намешуд. Мезоиқтисод асосан ба муносибатҳои иқтисодие, ки дар сатҳи байни соҳаҳо ва дохилисоҳаҳо ба вуҷуд меоянд, равона гардидааст. Мисоли олии он мувозинати байнисоҳавии М.В. Леонтев ва назарияи тиҷорати байналхалқии байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавӣ мебошад, ки дар илми иқтисод аллакай ба таври васеъ омӯхта шуда, дар таҷриба хеле зиёд истифода гаштаанд. Мисоли дигари он шуда метавонад назарияи “маҳвкунандаи созандаи” - Шумпетер, ки дар рушди соҳибкории инноватсионӣ нақши бузургро дорад. Тибқи назарияи мазкур дар доираи соҳибкорон гуруҳи соҳибкороне ба вуҷуд меоянд, ки ҷузъиётҳои инноватсионии истеҳсолиро ба роҳ монда, тадриҷан ба намунаи самараноки фаъолияти истеҳсолӣ мубаддал мегарданд. Таҷрибаи онҳо ба дигар соҳибкорон низ интиқол гардида, гуруҳи соҳибкорони инноватор ба вуҷуд меоянд, ки фаъолияти онҳо дар сатҳи давлат ба расмият шинохта шуда, ҳамчун фаъолияти самараноки истеҳсолӣ дастгирӣ меёбанд. Гуруҳи соҳибкорони инноватор, ки аз байни корхонаҳо (сатҳи микро)

[65] Мезоэкономика: состояние и перспективы: Монография/ Под редакции В.И. Маевского. С.Г. Кирдиной – Чендлер, М.А. Дерябиной. – М., ИЭ РАН.- 2018.-314 с.

ба вуҷуд меоянд, мезосатҳро ташкил намуда, тадриҷан ҳамчун сохторҳои инноватсионии кишвар (сатҳи макро) шинохта мешаванд.

Мисоли рушди мезосатҳи иқтисодӣ хеле зиёд аст ва ба мушаххасоти зиёд дода нашуда, танҳо қайд кардани ҳастем, ки дар шароити мураккаб ва бисёрсамтаи низоми хоҷагидории ҷаҳонии муосир талабот ба омӯзиши мезоиқтисод афзоиш ёфта, тадриҷан ин равияи илмӣ инкишоф ёфта, бештар олимону муҳаққиқон ҷиҳати омӯзиши ҷузъиётҳои рушди иқтисоди миллӣ ба он рӯ меоваранд (нигаред ба ҷадвали 2.4.).

**Ҷадвали 2.4. - Мезоиқтисод ҳамчун равияи илмии иқтисодӣ**

| Мезоиқтисод | Мафҳум ва моҳият | Муаллифон |
|---|---|---|
| Объекти мезоиқтисод | соҳа, зерсоҳа, бозор | Коул А.Н, Йоу-Кванг Нг., Стюарт Холланд, Френсис Стюарт, К. Допфер, Фостер Ҷ, Потс Г.Т., Дози Ҷ, Винте С.Г., Петраков С, Маевский В.И., Кирдина С.Г., Дементев В.Е., Гареев В.М., Гелвановский М.И., Жуковский В., Трофеемова И., Клейнер Г.Б. |
| | минтақа, ноҳия, шаҳр, | Карла А., К.А. Виттфогеля, Чен П., Г.Б. Клейнер, С.И. Рекорд, Алексеев Н.А., Боткин О.И., Абдулманапов С.Г., В.С. Корнеевец, Х.А. Константиниди, Ю.М. Пасовец, Х.С. Митюшкина, Е.Г. Кропинова, Попов, Гареев, М.А. Ягольницера, Л.С. Маркова |
| Шакли зуҳуроти мезоиқтисод | КАС, ШФМ, ГМС, кластерҳо, бозорҳои платформагӣ, ташкилотҳои шабакавӣ, минтақаҳои наздисарҳадӣ ва фаросарҳадӣ | Борисов Е.Ф., С.И. Рекорд, |
| Методи таҳлили (омӯзиш) мезоиқтисод | Баланси байнисоҳавӣ, назарияи бозиҳо, моделҳои математикӣ (стохастикӣ, дисперсионӣ), индикативӣ, моделикунии агентӣ, эконометрика, таҳлили таърихӣ ва таҳлили кейсҳо. | Йоу-Кванг Нг, Гареев В.М., Алексеев Н.А., Боткин О.И. Элснер ва Ҳейнрих (институтсионализм), Волфрам Элснер, Ҷ. Доси, Г.Винтер, Э. Остром (назарияи бозиҳо), Нелсон ва Винтер (моделикунии агентҳо). |
| Принсипҳои мезоиқтисод | Умумиятҳо (ягонагиии) иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, табиӣ. | |

*Идомаи ҷадвали 2.4.*

| | | |
|---|---|---|
| Муносибатҳои мезоиқтисодӣ | Ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки муносибатҳои муҳим (ҳамгироишуда), такрористеҳсол (мақсаднок, доимо такроршаванда, фаъолиткунанда-вазифанок, аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ асосноккардашуда), шабакавӣ (амудӣ ва уфуқи ҳамоҳангкардашуда), субъекти идоракунандаро (ҳоҷагиҳои алоҳида, мустақил, ташкилотҳои буҷавӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомотҳои идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ) меомӯзад, ки ин муносибатҳоро ба сатҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебарорад. | Алексеев Н.А., Боткин О.И. |
| | Аз нигоҳи назарияи худтанзимкунӣ мезосатҳи иқтисодӣ сохтори устувори аз ҷиҳати моддӣ муайяншудаи робитаҳо ва қоидаҳои фаъолияти якҷояи қисмҳои таркибии системаи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки такрористеҳсолкунӣ ва динамикаи устувори рушди системаро дар маҷмӯъ таъмин мекунад. | Маевский В.И., Кирдина С.Г. |
| Хусусиятҳои мезоиқтисодӣ | - таҳаввулотӣ | Круглова М.С. |
| | - маҷмӯӣ (системавӣ) | Клейнер Г.Б. «Формулаи Клейнер» |
| | - ягонагӣ | |
| | - сатҳи мобайнӣ | Hodgson, Ayres, Martina |
| | - ҳамгироӣ | |
| Асосҳои назариявии ташаккули мезоиқтисод | - назарияи ҷаҳонишавӣ | |
| | - назарияи ҳамгироии минтақавӣ | С.И. Рекорд |
| | - назарияи минтақа | М. Портер |
| | - назарияи таҳаввулот | Кирдина С.Г. (назарияи институтсионалии X-Y-и Кирдина)<br>К. Менар, Гареева Допфер, Фостер Ҷ, Потс Г.Т. |
| | - назарияи интситутсионализм | Клейнер Г.Б. |
| | - назарияи кластерҳо | С.И. Рекорд |
| | - назарияи низомҳои иқтисодӣ (гетердоксионалӣ) | Маевский В.И., Кирдина С.Г., Я. Корнай, Йоу-Кванг Нг |
| Усулҳои ташкилию идоракунии мезоиқтисод | - шарикӣ<br>- ҳиссагӣ<br>- корпоративӣ | Кирдина А., Мосеев Ф |

*Идомаи ҷадвали 2.4.*

| | | |
|---|---|---|
| Мезоиқтисод ҳамчун равияи иқтисодӣ (методи омӯзиши ҳодисаҳои иқтисодӣ) | - ҷараёни инноватсионӣ | Марков А.В., Маркова В.М., Казантсев М., Яголнитсер М.А., Гасанов Э., Бойко м.В., Фролова В., Горобняк А.А., |
| | - соҳавӣ, байнисоҳавӣ, | Плохута-Плакитина (низоми бонкӣ) |
| | - таҳқиқоти зиддибуҳронӣ | Тишков И.Е., Стелмах В.С., |
| | Ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ | С.И. Рекорд |
| Мезоиқтисод ҳамчун низом | 1.Мезоиқтисоди соҳавӣ (соҳаҳо ва зерсоҳаҳои хоҷагии миллӣ) | Клейнер Г.Б. (монографияи коллективӣ ) |
| | 2.Мезоиқтисодӣ байнисоҳавӣ | |
| | 3.Мезоиқтисоди минтақавӣ | |
| | 4.Мезоиқтисоди байниминтақавӣ | |
| Мезоиқтисод ҳамчун метод | 1.Системавӣ<br>2.Эволютсионӣ<br>3.Институтсионалӣ | Полтерович В.М.,<br>Рубинштейн А., Кирдина С.Г., Ореховский П.А. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Барои мо, мезоиқтисод ҳамчун методи омӯзиши таркиби равандҳои муосири инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ, махсусан дар зернизоми он, яъне дар доираи назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, зарур аст. Зеро, чӣ хеле, ки дар боло дар боло қайд намудем, маҳз ҳамин сатҳи низоми хоҷагии ҷаҳонӣ худро аз ҷиҳати мусбӣ нишон дода истодааст.

Мувофиқи ақидаи Е.Ф. Борисов шакли зуҳуроти мезаҳамгироӣ ин Гуруҳҳои молиявию саноатӣ ГМС (ФПГ) мебошанд, ки онҳо аз ҳамгироӣ дар сатҳи микро бо чунин аломатҳо фарқ мекунанд:

1. ГМС дар маҷмӯъ, ташкилотҳо ва корхонаҳои гуногунсоҳаро ба ҳам мепайвандад. Дар ин сохти ташкилии иқтисодӣ корхонаҳои саноатӣ, ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ, тиҷоратӣ, институтҳои таҳқиқотию конструкторӣ байни худ ҳамкории зичро ба роҳ монда, дар натиҷа кооператсияи байнисоҳавии меҳнатии бузург ба вуҷуд меояд;

2. ГМС аз хоҷагидории яксатҳа (яъне байни фирмаҳо якхела) бо он фарқ мекунад, ки дар он шакли дигари моликиятдорӣ мавҷуд аст ва ин аст, ки ҳар як аъзои гуруҳ ҳиссае дар тақсимоти натиҷаи истеҳсолот ба даст меорад. Дар ин корхонаи азим сатҳи нисбатан баланди умумигардонии (ҷамъиятигардонии) дороиҳо (имущество) дар шакли консернҳои гуногунҷабҳа, ассосиатсияҳои

хоҷагидорӣ, гуруҳи корхонаҳо аст, ки дар асоси принсипи бозорӣ пакети саҳмияашон ба ҳам омаданд;

3. Дар низоми мезоиқтисодиёт то андозае муносибатҳои бозорӣ маҳдуд мегарданд. Яъне дар ин сатҳи иқтисодиёт муносибатҳои иқтисоди бозорӣ нисбат ба муносибатҳои бозорие, ки дар сатҳи ҳамкориҳои байни корхонаҳои хурд ва хоҷагии хонаводагӣ аст, то андозае фарқ дорад.

Корхона ва ташкилотҳое, ки ба ГМС дохил мешаванд, ба ғайр аз муносибатҳои тиҷоратӣ дар дигар муносибатҳо низ муносибатҳои бозориро истифода мебаранд. Барои ана ҳамин, дар муқоиса ба микроиқтисодиёт, ки дар он афзоиши шумораи корхонаҳо ба васеъ шудани фазои бозорӣ оварда мерасонад, ҳангоми зиёд шудани шумораи ГМС фазои бозорӣ маҳдуд мешавад. Зеро, дар доираи ГМС байни корхонаҳо муносибатҳои алоқаҳои нохости (спонтанный) бозорӣ ба вуҷуд наомада, онҳо дар асоси шартнома фаъолият мекунанд. Ин шартномаҳои байниҳамдигарӣ, ки байни корхонаҳои ГМС баста мешавад, водор месозад, ки корхонаҳо ба якдигар маҳсулотро сари вақт дастрас намоянд. Дар натиҷаи бастани ин шартномаҳо иқтисодиёти шартномавӣ ба вуҷуд омада, устувории муносибатҳои бозориро таъмин менамоянд. Зеро, аз назарияи иқтисодиёти шартномавӣ маълум аст, ки он ба иқтисодиёти бозорӣ хос буда, на дар доираи банақшагирӣ - нақшавӣ балки дар асоси муносибатҳои бозорӣ – талабот ва пешниҳод баста мешавад. Яъне он категорияи иқтисоди бозорӣ аст;

4. Ташкили мезоиқтисод шакли нави идоракунии истеҳсолотро ба вуҷуд меорад. Дар муқоиса ба бизнеси хурд ва хоҷагии хонаводагӣ, ки маҷбур аст ба таъсири стихиявии бозорӣ худро мутобиқ созад, хоҷагиҳои калон (ГМС) дар асоси худидоракунии нақшавӣ фаъолият намуда, устувории доимии истеҳсол ва фурӯши молро таъмин месозанд.[66]

Аз гуфтаҳои Борисов бармеояд, ки мезоиқтисод, дар мисоли ГМС, ки дар иқтисоди ҷаҳон хеле зиёд гардидаанд, шакли муосири ҳамгироии муносибатҳои байнисоҳавӣ мебошад, ки дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ мавқеи

[66] Борисов Е.Ф. Экономическая теория: Учебное пособие – М. Юрайт. 1998.- С 303 – 467.

калон дошта, ҳамгироиҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, махсусан муносибатҳои коллективонаи соҳавиро дар низоми иқтисоди бозорӣ ифода мекунад. Дар ин маврид, ГМС ҳамчун объекти омӯзиши мезоиқтисоди байналмилалӣ, муносибатҳои ҳамгироии байнисоҳавиро дар байни минтақаҳо ва кишварҳои ҷаҳон ифода менамояд.

Дар доираи назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ асосан дар таҳқиқоти муҳаққиқон ба сифати объекти мезоиқтисод ҳамгироиҳо дар сатҳи минтақаҳои кишварҳо дар назар дошта мешаванд ва онҳо низ ҳамгироии байнисоҳавии минтақаҳоро ифода менамоянд.

Олими рус Абдулманапов С. Г. ҳамгироии истеҳсолию техникиро дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ баррасӣ намуда мезосатҳи ҳамгироиро дар «ҳамкории соҳаҳои комплекси минтақавӣ дар доираи якчанд минтақаҳои наздисарҳадӣ»[67] ишора менамояд.

Нуқтаи ҷолиброро С.И. Рекорд қайд менамояд, ки «мезосатҳи ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ ин ҳамкории байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавӣ дар шакли низоми кластерҳои байналхалқӣ мебошад, ки микро ва макросатҳи ҳамгироии иқтисоди миллиро ба ҳам мепайвандад.[68]

Ҳамин равиши методологӣ аз тарафи олими ватанӣ Қандиёрова Д.О. дар мисоли ташкили кластерҳои фаросарҳадии аграрӣ дар доираи АвруОсиё (ЕврАзЭС) қайд гардидааст.[69] Ба ақидаи Қандиёрова Д.О. «барои самаранок истифода бурдани захираҳои замин дар давлатҳои АвруОсиё «мезосатҳи ҳамгироӣ» бояд мустаҳкамтар шавад, зеро дар шароити ҷаҳониишавӣ субъектҳои асосӣ «сохторҳои мезоиқтисодӣ-хоҷагиҳои муттаҳиди байнисоҳавӣ, ки онҳо сикли пурраи коркард ва истеҳсоли моли аз ҷиҳати технологӣ мураккабро ба роҳ монда, онро то истеъмолкунандагон мерасонанд»

[67] С.Г. Абдулманапов. Межрегиональная экономическая интеграци: Мировой опыт и перспективы развития на Северном Кавказе// Абдулманапов С.Г. Вестник Дагестанского научного центра. – 2012.- С. 127-132.
[68] Рекорд СИ. Мезоэкономический синтез концепции кластерного развития и международной экономической интеграций: автореферат дисс. .. д.э.н. 08.00.14 [Текст] / С.И. Рекорд. - Санкт-Петербург, - 2013. С. 18.
[69] Ба таври васеъ ниг ба: Кандиярова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономики: теория, методология, практика.- Душанбе. Изд. «Ирфон».- 2006.-С. 88-96.

мебошанд».[70] Аксар олимони ИДМ ба сифати объекти мезоиқтисод минтақаҳоро дар назар дошта, ҳамгироии онҳоро ҳамчун муносибатҳои мезосатҳи ҳамгирой нишон медиҳанд.[71]

Метавон хулоса намуд, ки дар асоси таҳқиқоти мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мафҳуми нави минтақагарой «минтақаҳои дорои имконияти ҳамгирой» (инеграционный мезорегион) ба вуҷуд омадааст, ки ба он асосан кишварҳо, минтақаҳои наздисарҳадӣ мансуб донпста мешаванд, ки имконияти васеи ташкили сохторҳои истеҳсолию тиҷоратии муттаҳидро дошта, бо ин васила метавонанд дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ширкат варзида, субъекти мустақили ҷаҳонишавӣ гарданд. Ба ин гуна минтақаҳо муҳаққиқон асосан кишварҳо, минтақаҳои наздисарҳадиро мансуб медонанд, ки дорои захираи табиӣ-иқтисодии умумӣ, таърих ва фарҳанги ягона, инчунин гузаштаи таърихии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодидошта буда, бо ҳам имконияти ҳамкориро доранд.[72] Яъне, майли интиҳоии ташаккули муносибатҳои иқтисодии байналхалқии кишварҳо, минтақаҳои наздисарҳадӣ бо илова ба умумияти иқтисодӣ дар асоси умумиятҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

- робитаҳои нисбатан зиччи иҷтимоӣ (дар соҳаҳои фарҳанг, варзиш, маориф, илм);
- аксар вақт - мавҷудияти инфрасохтори умумӣ ё ҳамоҳангшуда (нақлиёт, энергетика);
- аксар вақт - мавҷудияти номи маъмулан қабулшудаи минтақа (минтақаи Балтика, минтақаи Баҳри Миёназамин, минтақаи Алп, Балкан, Евроминтақа);

---

[70] Ҳамон ҷо: саҳ 90.

[71] Рекорд СИ. Мезоэкономический синтез концепции кластерного развития и международной экономической интеграций: автореферат дисс. .. д.э.н. 08.00.14 [Текст] / С.И. Рекорд. - Санкт-Петербург, 2013. С. 18.

[72] Ба таври васеъ нигаред ба: Ю. М. Пасовец. Теоретико-методологические основания рассмотрения мезорегиона как объекта социологического анализа [Текст] / Ю.М. Пасовец//Известия Волгоградского государственного технического университета. Серия проблемы социально-гуманитарного знания. Выпуск 21. №7 (167). -С. 39-43. Кузнецов, С. В. Макрорегион Северо-Запад: проблемы пространственного развития / С. В. Кузнецов // Север и рынок: формирование экономического порядка. – 2012. – Т. 3. № 31. – С. 22–29. Константиниди Х.А. Стратегирование развития региональной экономической системы в условиях ускорения постиндустриальных преобразований. Монография [Текст] / Х.А. Константиниди. – М: Издательство «Спутник +», 2015. – 247 с. Кропинова Е.Г. Трансграничные туристско-рекреационные регионы на Балтике. Стратегирование развития региональной экономической системы в условиях ускорения постиндустриальных преобразований. монография / Е. Г. Кропинова. — Калининград : Изд-во БФУ им. И. Канта, 2016. — 272 с.

- баъзан - шабоҳати этникӣ;
- баъзан - мавҷудияти сарнавишти умумии таърихӣ ё унсурҳои он.

Минтақаҳои мазкур метавонанд дар сатҳи трансмиллӣ (дар рафти ҳамгироии иқтисодии давлатҳо дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ), аз ҷумла ду ва зиёда давлатҳо ташкил карда шаванд ва аксаран ташаккул меёбанд. Дар чунин мавридҳо  низоми ҳудудии транссарҳадӣ ташкил карда мешаванд (масалан, «секунҷаҳои афзоиш»).

Иттиҳоди Аврупо мисоли самаранокии ташкили минтақаҳои фаромиллиро дар асоси ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки маҳз ин сохторҳо дар сатҳи мезоиқтисод (соҳаҳо ва минтақаҳо) ягонагии сиёсии Иттиҳоди Аврупоро мустаҳкам намуда, ба пайдоиши унсурҳои ҷомеаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Фарқияти минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ (интеграционный мезорегион) аз минтақаҳои наздисарҳадии оддӣ дар он аст, ки онҳоро на танҳо ҳудуди муайяни сарҳадӣ, инчунин умумияти имконияти ҳамгироишавӣ (истифодаи якҷояи захираҳои табиию иқтисодии умумӣ ва долонҳои нақлиётӣ) ба ҳам мепайвандад.  Мисоли он шуда метавонад Минтақаи Балтика, зеро дар ин ҷо ҳамаи давлатҳоро Баҳри  Балтика (Россия, Норвегия, Белоррусия ва дигарон) ҳамчун соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ ба ҳам мепайвандад.  Ҳамкориҳоро Шӯрои кишварҳои соҳили Балтика (CBSS), ки дар он вазирони корҳои хориҷии кишварҳои макроминтақа намояндагӣ мекунанд, ҳамоҳанг мекунад. Дар ин Шӯро ҳамзамон дар бораи экология, инкишоф додани алоқаҳои иқтисодӣ ва маданӣ қарорҳо қабул карда мешаванд.

Аз ин рӯ, минтақаи назди Балтикаро метавон ҳамчун минтақаи ҳамгироишавандаи (мезорегион)  сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ баррасӣ кард, гарчанде ки ба қадри кофӣ муттаҳид нашудааст.

Минтақаи ҳамгироишавандаи (мезорегион) метавонад ду ва зиёда қисмати кишварҳо - воҳидҳои маъмурию ҳудудии онҳоро (масалан, Балтикаи Ҷанубу Шарқӣ) дар бар гирад. Дар баъзе мавридҳо, унсурҳои чунин минтақаҳо

метавонанд кишварҳои хурд бошанд: Минтақаи ҳамгироишавандаи (мезорегион) Балтика, ки аз се кишвар иборатанд.

Дар Аврупо бошад Евроминтақаҳои «Неман», «Лина-Лава, «Сауле» минтақаи ҳамгироишавандаро (мезорегион) ташкил менамоянд.

Раванди ташаккули минтақаи ҳамгироишаванда (мезорегион) хеле мураккаб буда, сарҳади минтақаҳои як сатҳро бурида метавонад, яъне як кишвар баъзан метавонад ба якчанд минтақаҳои мега ва макроминтақа, инчунин сохторҳои маъмурӣ-ҳудудӣ ва маҳаллӣ - дар якчанд минтақа ба вуҷуд ояд.

Минтақаҳои ҳамгироишаванда (мезорегион) низоми ҳудудӣ буда, мақсади асосии онҳо аз оқилона истифода бурдани захираҳои умумии табиӣ, туристӣ ва дигар (масалан, меҳнатӣ); ташаккули низоми ягонаи истеҳсолӣ, баланд шудани қобилияти рақобати тарафҳои ҳамкорӣ ва умуман, минтақа дар рақобати байналхалкй, баланд шудани дараҷа ва сифати зиндагии аҳолӣ, иборат мебошад.

Минтақаи ҳамгироишаванда (мезорегион) мисли ҳама минтақаҳо дараҷаҳои камолот доранд: минтақаҳои иқтидорӣ, пайдошаванда, ба вуҷудомада, ташаккулёфта ва ҳамгирошуда (ва баъзан пароканда) муайян карда мешаванд. Минтақаҳои Балтикаро, ба фикри мо, ба минтақаҳои ба вуҷуд омадаистода нисбат додан мумкин аст, зеро ибтидои он ба асрҳои миёна бармегардад ва барои ба минтақаи ташаккулёфта табдил ёфтани алоқаҳои байни қисмҳои он бояд бештар пуршиддат бошад.

Ба назар чунин мерасад, ки ҳангоми муайян кардани минтақаи ҳамгироишаванда (мезорегион) асосан муносибатҳои байналмилалиро ба назар гирифтан лозим аст, ки он бояд хеле пуршиддат бошанд (ченаки ин шиддатро бо воситаи шиддатнокии истеҳсолию тиҷоратӣ муайян кардан мумкин аст). Ба ғайр аз ин, алоқаи байнисарҳадиро бояд ягон сохтори байнидавлатии муштарак (иттиҳодия, кумита, комиссия ва ғайра) ҳамоҳанг намояд.

Чунин минтақасозӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо бо мақсади таҳкими ваҳдати дохилии кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо фаъолона дастгирӣ карда мешавад. Бартараф кардани сарҳадҳои байни давлатҳо ба минтақаҳои наздисарҳадии Аврупо имкон дод, ки захираҳои мушаххаси минтақаҳои

наздисарҳадӣ барои ташаккули низомҳои нави истеҳсолӣ ташаккул ёфта, фарқиятҳои хеле назарраси истеҳсолии қаламравҳои дар паҳлӯҳои гуногуни сарҳад ҷойгиршуда бартараф карда шуда, бо ин васила конвергенсияи даромад дар қаламравҳои давлатҳои аъзо таъмин карда шавад. Ин, масалан, дар сарҳади Олмону Полша, вақте ки захираҳои меҳнатии қаламравҳои сарҳадии Полша дар корхонаҳои дар Олмон воқеъбуда истифода мешаванд (ҳам аз ҳисоби паҳншавии рафтуомад ва ҳам аз ҳисоби ба шаҳрҳои Олмон кӯчонидани шаҳрвандони Полша), равшан зоҳир мегардад.

Чунин шакли ташклии минтақасозӣ барои минтақаҳои наздисарҳадии ҳамсояи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо имкониятҳои хуби рушди ҳамкориҳои фаромарзӣ ва байниминтақавӣ бо кишварҳои хориҷиро низ ба вуҷуд овард. Айни замон Иттиҳоди Аврупо ба рушди чунин шаклҳои нави фазоии ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, аз қабили Евроминтақаҳо, «минтақаҳои калон», «секунҷаҳои афзоиш» ҳавасманд мебошад.

Минтақаҳои Русия дар ҳамкориҳои наздисарҳадӣ дар соҳили Балтика - Санкт-Петербург, вилояти Псков, Ҷумҳурии Карелия ва махсусан дар Калининград фаъолона иштирок мекунанд, зеро ҳама ҳамсояҳои он минтақаҳои кишварҳои хориҷӣ, Полша ва Литва мебошанд.

Давраи муосири рушди хоҷагии ҷаҳонӣ аз инкишофи муносибатҳои ҷаҳонишавӣ иборат буда, бо ворид гаштани кишварҳои зиёди курраи замин ба ин раванд миқёс ва характери ин муносибатҳо васеъ ва мураккаб гардида истодааст. Агар васеъшавии муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ натиҷаи бештар ворид гардонидани иқтисодҳои миллии кишварҳо ба ин раванд бошад, мураккабшавии ин муносибатҳо аз он иборат аст, ки ин иқтисодҳои миллӣ дорои сатҳи гуногуни рушд, низоми гуногуни хоҷагидорӣ ва сиёсӣ, инчунин манфиату ҳадафҳои гуногун буда, хоҷагии ҷаҳонии бисёрсамта ва бисёрқутбаро ташкил менамоянд.

Рақобат байни кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон шадидтар гашта, муносибатҳои рақобатӣ ҳатто аз доираи муносибатҳои иқтисодӣ берун рафта, ба муноқиша ва ҷангҳои дохилӣ, байнисарҳадӣ ва минтақавӣ табдил ёфт. Бештари кишварҳои рӯ

ба тараққӣ характери кушодагиии иқтисодиёти худро тезонида, баръакси он, кишварҳои пешрафта кушиш намуданд, ки иқтисодиёти худро пушида, хароҷоти ҷаҳонишавиро камтар ба уҳда гиранд.

Чунин вазъи гуногунсамти ва гуногуншаклии муносибатҳои иқтисодии сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ ба он оварда расонд, ки бухронҳои системавӣ паи ҳам ва ботакрор ба вуҷуд омада, суръати рушди умумии иқтисоди ҷаҳон боз дошта шуд ва тафриқаи байни кишварҳои қафомонда ва пешсаф боз ҳам афзунтар гашт. Барои каму беш коҳиш додани оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ, дар ҷаҳон модели минтақагароӣ истифода гардида, бо ин роҳ кишварҳои ҷаҳон кушиш намуданд, ки дастаҷамона сатҳи рушдро таъмин намуда, ба рақобат тобовар шаванд. Аммо, модели «ғарбии» минтақагароӣ бо стандартҳои мавҷудаи худ ба ин ҳолат тоб наёварда, ИА натавонист аз ҷараёни пастравии иқтисоди ҷаҳонӣ худро наҷот диҳад.[73] Яъне, иқтисоди сиёсии ҷаҳонӣ дар ин давраи таҳаввулот ба бухрон рӯ ба рӯ гашта, назарияи иқтисодӣ дар рӯ ба рӯйи ба миён омадани назарияи нави рушд, ки он муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонии бисёрқутба ва бисёрсамтаро бо назардошти минтақагароии «баъдиғарбӣ»[74] танзим карда тавонад, қарор дорад.

Ба фикри мо, дар назарияи коркардамешудаи нав як чиз мусаллам аст, ки он бояд муносибатҳои коллективона ва бе муноқишаи идора намудани захираҳои иқтисодии ҷаҳониро дар бар гирифта, дар он механизмҳои ҳама сатҳҳои инкишофи хоҷагии (микро, мезо, макро ва мегаэкономика) ҷаҳонӣ бояд коркард карда шаванд, инчунин он бояд чандир ва кушода бошад, то ин ки ба он тавонанд ҳама гуна иқтисодҳои миллии сохторҳои иқтисодӣ-сиёсияшон гуногун ва дигар сохторҳои муттаҳидаи зернизомҳои хоҷагии ҷаҳонӣ (гуруҳҳои ҳамгироиҳои митақавии иқтисодӣ ва ғайра) ворид шаванд.

Таҳлили системавии хоҷагии ҷаҳонии муосир нишон медиҳад, ки дар муқобили паёмадҳои гуногуни манфии ҷаҳонӣ ҳамчун аксуламали ҷавобӣ,

[73] Рекорд СИ. Развитие трансгариничных сетевых межфирменных взаимодествий: пост кризисные возможности в Европе и на постсоветском простарнстве// Сб. лучших докл. по итогам науч. Сессии ППС, сотрудников и аспирантов по итогам НИР 2009 г. – СПб: изд-во СПбГУЭФ, 2010.-С. 109

[74] А.Д. Воскресенский. Трансрегиональные и региональные проекты в условиях «постзападной» междунродной реальности// Киреев А.А. Колдунова Е.В.Киреева А.А. Воскресенский А.Д. Журнал. Сравнительная полика и геополитка.- М., 2017.-№ 2 (8). – С.37-57.

сохторҳои ҳамгироишудаи истеҳсолию тиҷоратии шабакавӣ, фаросарҳадӣ, фаромиллӣ ва байниминтақавию байнисоҳавиҳои зиёд, ба монанди лоиҳаҳои наклиётию коммуникатсионии фаросарҳадӣ ва фаромиллӣ дар минтақаҳои Осиё, Африқо, Америка, Осиё ва Уқёнуси Ором, инчунин миқдори зиёди гуруҳҳои молиявию саноатӣ (ГМС) ва кластерҳои фаросарҳадию фаромиллӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд, ки онҳо характери фазоӣ (ҳудудӣ) дошта, муносибатҳои иқтисодиро бештар дар сатҳи мезоиқтисод ифода менамоянд. Ба ақидаи Волошина А.Ю. «Дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ (GES) макроминтақаҳо, ҳудудҳои мезоиқтисодӣ ташкил ва фаъолият менамоянд, ки барои таъмини якҷояи ҳаракати молӣ ва хизматрасонӣ бо воситаи роҳҳо ва порталҳои субъектҳои манфиатдор, аз нигоҳи интитутсионалӣ - ташкилӣ ва иттилоотӣ якхела ва аз нигоҳи функсионалӣ алоҳида буда, бо лоиҳаҳо ва равандҳои умумие, ки дар заминаи таммаркузи (концентрация) минтақавӣ ва ҳамгироии сармояҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд, бо якдигар алоқаманд мебошанд».[75]

Ба фикри мо, дар муқоиса бо ортодоксияи бозорӣ, ки бештар ба нокомии бозор дучор гардида, хоҷагии ҷаҳонии муосирро ба пастравӣ оварда расонидааст, таҳқиқи гетеродоксиоаналии иқтисоди ҷаҳон имкон медиҳад, ки муносибатҳои мезосатҳи иқтисодӣ, ҳамчун асоси моддии ҷаҳонишавии муосир ва зинаи асосии ташкили иқтисодӣ, инчунин бартарафкунии нокомии ҷаҳонишавӣ ошкор карда шаванд.

Донишҳои мавҷуда вобаста ба мезоиқтисодиёт имкон медиҳанд, ки «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ гашта, дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ ҳамчун раванди мустақили ҳамгироии сатҳи мобайнии микро ва макро муайян ва омӯхта шавад.

Дар диссертатсияи мо ин равиш васеъ гашта, чунин минтақасозӣ (минтақахои дорои имконияти ҳамгироӣ (мезорегион)) дар баробари мавҷудияти захираҳои умумии ягонаи наздисарҳадӣ аз ҳисоби ташаккули “долонҳои сабз”

---

[75] Волошина А. Ю. Эволютсия пространства мегаэкономики на современном этапе. Автореферат . д.и.и..- Волгоград-2014.- С. 13. Волошина А. Ю. Волошина А. Ю. Мегаэкономика: онтологический и гносеологический аспекты анализа / А. Ю. Волошина // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 3. Экономика. Экология. – 2012. – № 2 (21). – С. 5–11.

(«долонҳои наҷлиётӣ-коммуникатсионии байналамилалӣ» ва «хатҳои барқӣ-энергетикӣ») ва “талаботи бурранда” ба молҳои савдошаванда, ки асоси моддии ҷаҳонишавии муосир мебошад, васеъ мегардад. Доллонҳои наҷлиётӣ ба долонҳои иқтисодӣ мубаддал гашта, муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ инкишоф ёфта, кишварҳо самари синетгетикиро ба даст меоранд. Дра ин маврид бояд қайд намуд, ки сарҳадӣ минтақаи дорои миконияти ҳамгиррой долони иқтисодӣ буда, нуқтаи ниҳоии рн пайвастшавии долони наҷлиётӣ, ки асоси ташаккули долони иқтисодӣ аст бо дигар долони наҷлиётӣ мебошад. Дар ин маврид метавон қайд намуд, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муносибатҳои ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ на танҳо байни кишварҳо ва минтақаҳои наздисарҳадӣ ё сарҳади умумидошта мушоҳида мешавад, балки он  аз сатҳи минтақа берун баромада, характери байналхалқӣ мегирад. Яъне,  ҳамгирой дар доираи “долонҳои сабз” фазои мезоиқтисодие ташкил меёбад, ки тамоми минтақа ва кишварҳое, ки дар он иштирок мекунанд (роҳҳо ва хатҳо сарҳади онҳоро убур мекунанд ) ҳамчун минтақаи наздисарҳадӣ мегарданд. Бо ин нуқта метавон қайд намуд, ки муаммоҳои наздисарҳадӣ, набудани минтақаҳо (роҳи баромад ба бозорҳои ҷаҳонӣ надоштани баъзе ишварҳо) ҳалли худро ёфта, ҳудудҳои маъмурӣ ба ҳудудҳои иқтисодӣ иваз карда мешаванд. Ин раванди ҷаҳонишавӣ аст, ки тибқи он моҳияти сарҳадҳои миллӣ аз байн  рафта, иқтисодиёти аз нигоҳи ҷуғрофӣ иқтисодии миллии  “бе сарҳад” ба вуҷуд меоянд. Ченаки арзёбии майли интиҳоии минтақаҳои наздисарҳадӣ ба ҳамгироиро шартан метавон 12-15% арзёбӣ намуд. Яъне агар кишвар ва ё минтақа дар доираи “минтақаи дорои имконияти ҳамгирой” муносибатҳои иқтисодию тиҷоратиро бо кишвар ва минтақаҳо дар сатҳи зиёда аз 12-15%% ба роҳ монад, пас ин майли ҳамгироиро ифода менамояд. Зеро тибқи консепсияи ОЛИ кишвар ё минтақа иқтисодиёташ кушода арзёбӣ мегардад, агар дар он ҳиссаи тиҷорат на кам аз 10% бошад. Аз ин метавон хулоса намуд, ки агар кишвар маҳз дар ҳамин минтақаи мушаххас зиёда аз 10% муносибатҳои тиҷоратиро ба роҳ монад, пас он майл ба ҳамгиоиро ифода мекунад, вагарна дар

сатҳи 10% кишвар бе ин минтақа низ метавонад кушода бошад ва бо дилхоҳ кишвар тиҷорат намояд, зеро иқтисодиёти кишвар характери кушода дорад.

Бояд тащзаккур дод, ки дар шароити муосир маҳз ҳамин гуна ҳудудҳои иқтисодӣ, ки мо онро «минтақаи дорои имконияти ҳамгирой» номидем, тамоили мусбиро дар иқтисоди ҷаҳонӣ нишон дода, таносуби манфиатҳои иқтисоди миллии кишварҳои гуногунро ифода намуда истодааст. Ин аст, ки майлу рағбати бисёре аз кишварҳо ва минтақаҳои кишварҳо барои ворид шудан ба ин «минтақаи ҳамгиро» афзуда истода, қонунияти муосири инкишофи хоҷагии ҷаҳони муосир «тақвияти майли интиҳоии минтақаҳои давлатҳои дорои иқтисоди кушод ба ҷараёни ҳамгироии минтақавӣ» дар мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ ошкор гардида истодааст. Яъне, «минтақаи дорои имконияти ҳамгирой» зернизоми хоҷагии муосири ҷаҳонӣ буда, ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ба таҳқиқ ниёз дорад, ки мо ба он кушиш дорем.

Таҳлилҳо имкон медиҳанд то қайд намуд, ки муҳиммияти чунин минтақасозӣ (ҳудудҳои мезоиқтисодӣ[76], сохторҳои мезоиқтисодӣ[77]) аз он иборат аст, ки самараи синергетикии истифодаи захираҳои умумии иқтисодӣ, омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, ин минтақаҳо ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии минтақа ва кишвар мусоидат намуда, аз ҳама асосӣ, раванди ҷаҳонишавии минтақаҳои алоҳидаи кишварҳоро тезонида, муносибатҳои иқтисодии ҳамгироишавӣ, бисёрҷониба ва ба манфиати ҷонибҳо бударо ифода мекунад.

Тибқи таҳлилҳо тиҷорати байниякдигарии “минтақаҳои дорои имконияти ҳамгирой” (мезорегион)-и Африқои Ҷанубӣ, ки дар заминаи таъсиси 5-долони нақлиёти таъсиси ёфтаанд, дар 15 соли охир 4,4 маротиба афзудааст.[78]

---

[76] Волошина А. Ю. Эволютсия пространства мегаэкономики на современном этапе. Автореферат . д.и.и..- Волгоград-2014.- С. 13. Волошина А. Ю. Волошина А. Ю. Мегаэкономика: онтологический и гносеологический аспекты анализа / А. Ю. Волошина // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 3. Экономика. Экология. – 2012. – № 2 (21). – С. 5–11.

[77] Кандиярова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономики: теория, методология, практика.- Душанбе. Изд. «Ирфон».- 2006.-С. 88-96.

[78] Синяускас Н.А. Кластеризация трансгарничной интеграции мезоэкономического пространтсва// Н.А. Синяускас. Вестник Северо-Осетинского государтсвенного университета им К.Л. Хетагурова, №4, 2013.- стр.476.

Бо воситаи лоиҳаи бузурги Роҳи Арешим “Як камарбанд-як роҳ” ҶМЧ мехоҳад фазои мезоиқтисодии Осиё ва Аврупоро дар ҷаҳон ташкил намуда, бо ин роҳ қафомонии минтақаҳои шимолии худро бартараф намояд. Россия бошад бо лоиҳаҳои сохтмони роҳҳои нақлиётии дохилӣ ва минтақавӣ бо Осиё ва Аврупо, инчунин хатҳои интиқоли гази Сибир ба дохил (Ҷанубу шарқии Россия) ва дигар минтақаҳои ҷаҳон (Аврупо) Россияро ба фазоҳои мезоиқтисодӣ (Транссибир, Трансуқёнусиором, Трансатлантика) пайваст намуда истодааст, ки бо воситаи онҳо рушди федератсияҳо, вилоятҳо ва умуман минтақаҳои қафомондаи Россия таъмин карда мешаванд.[79] Лоиҳаҳои нақлиётию коммуникатсионии ЦАРЕС дар минтақаи Осиё минбаъд метавонад фазои мезоиқтисодии муносибро ташкил намуда, Осиёро ба “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ”-и (мезорегион) бузург табдил диҳад. Ҳатто, кушишҳои ба ҳам пайваст намудани “минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ” (мезорегион) низ аз тарафи кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон ва доираҳои илмӣ ба назар мерасанд, ки он аз майли ҳамгироии минтақаҳо ва кишварҳои дорои иқтисоди кушод (чӣ иқтисоди хурди кушод ва чӣ иқтисоди кушоди калон) ба ҳамгироии минтақавӣ (масалан Формати Осиё+, (яъне 5 кишвари Осиё ва Америка) ва ғайра) шаҳодат медиҳад.[80]

Ба фикри мо, дар шароити муосир барои кишварҳои рӯ ба тараққии дорои иқтисоди кушоди хурд, ба монанди Тоҷикистон, чунин минтақасозӣ ва ворид шудан ба чунин фазоҳои мезоиқтисодию сохторҳои мезоиқтисодӣ омили муҳими рушди иқтисодиёт мебошад.

---

[79] А.Д. Воскресенский. Трансрегиональные и региональные проекты в условиях «постзападной» международной реальности// Киреев А.А. Колдунова Е.В.Киреева А.А. Воскресенский А.Д. Журнал. Сравнительная полика и геополитка.- М., 2017.-№ 2 (8). – С.49.

[80] Б таври васеъ нигаред ба : Ли Цзинчен. Состояние и перспективы взаимодействия Евразийского экономического союза и Великого Шелкового пути // Россия в глобальном мире. 2017. № 10 (33). С. 408–418. Кефели И. Ф. Императивы взаимодействия ЕАЭС, ШОС и БРИКС в глобальной геополитике // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. 2016. № 2 (20). С. 50–62. Лебедева Н. Б. Китайские инициативы экономического пояса Шелкового пути и Морского Шелкового пути vs индийские проекты “Mausam”, “Spice Road”, “Sagar Mala” и “Cotton Routes” (проблемы,перспектив, реакция) // Юго-Восточная Азия: актуальные проблемы развития. 2015. Выпуск XXVI.№ 26. С. 26–57.

## 2.4. Ҳамгироии минтақавии иқтисодии ғайрихаттӣ: маҷмӯи шохисҳо ва миқёси самараи иқтисодӣ

Тамоюли муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ аз афзоиши босуръати равандҳои ҷаҳонишавӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ бо ташаккули созмонҳои шабакавӣ ва ҳама гуна ассотсиатсияҳо, ки дар доираи онҳо гардиши молӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳам алоқаманд ба вуҷуд меояд, раванди аз байн бурдани сарҳадҳои давлатӣ ва пайдоиши сарҳадҳои иқтисодиро (фазоҳои иқтисодӣ, ҳудудҳои иқтисодӣ) пешбинӣ менамояд.

Вобаста ба сатҳи иштироки кишварҳо дар равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳаҷм ва миқёси ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Дар баробари ин, ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи нави асри XXI якранг ва ягона нест. Вай ҳам оқибатҳои мусбӣ ва ҳам манфӣ, яъне характери зиддиятнок дорад. Ҷаҳонишавӣ, ки ба рушди муносибатҳои иқтисодии байни кишварҳо мусоидат мекунад, ба кишварҳои пешрафта имкон медиҳад, ки аз иқтисоди миқёс ва самараи синергетикӣ манфиатҳои бештар ба даст оранд ва баръакси он, кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз фишорҳои беруна бештар вобаста гардида, рушди иқтисодии онҳо маҳдуд гардад. Сабаби асосӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки иқтисодиёти миллии аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва мубориза ба таҳдидҳои беруна омода нестанд. Дар ин кишварҳо муҳити инфрасохторӣ ва институтсионалӣ суст инкишоф ёфта, ба ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолот монеаҳо мавҷуд мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳар қадар кишварҳо ба як раванди ягонаи иқтисодию сиёсӣ дохил шаванд, ҳамон қадар ҳаҷми муносибатҳо ва ҷараёнҳо дар доираи иқтисоди ҷаҳонӣ зиёд мешаванд. Тамоюли рушди иқтисоди ҷаҳонӣ собит месозад, ки яке аз чунин иттиҳодияҳое, ки дар он ҷараёнҳо бештар ба амал меоянд, гуруҳҳои ҳамгироӣ мебошанд. Имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 300 иттиҳодияҳои ҳамгироӣ фаъолият доранд ва онҳо қариб дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон мавҷуд мебошанд. Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) 546 блоки тиҷоратиро дар шакли созишномаҳо дар бораи тиҷорати озод ва иттиҳоди гумрукӣ ба қайд гирифтааст.

Онҳо дар минтақаҳое мебошанд, ки муаммоҳои муносибати байни омилҳои берунӣ ва дохилии тараққиёти хоҷагии халқро тағйир додаанд.[81]

Таҷрибаи бисёр гуруҳҳои ҳамгирой нишон медиҳанд, ки барои аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон истифодаи бартариятҳои ҳамгироии муосир барои ба даст овардани иқтисодиёти миқёс ва манфиат бурдан аз иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, тамоми давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, дар иттиҳодияҳои гуногуни ҳамгирой иштирок намуда, сиёсати иқтисодӣ ва стратегияи иқтисодии хориҷии худро бо назардошти тамоюл ва қонуниятҳои нави рушди иқтисоди ҷаҳонӣ таҳия ва амалӣ менамояд.

Дар мавриди тамоюли мусбат ва манфии равандҳои дар боло зикршуда ба баҳси васеъ дода нашуда, танҳо қайд мекунем, ки ҳамгироии иқтисодӣ як тамоили рушди иқтисоди ҷаҳонӣ буда, мунтазам васеъ кардани доираи таъсири байнидавлатӣ ва байниминтақавии иқтисодиро ба вуҷуд оварда, дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба як раванди муосири ҷаҳонишавӣ табдил ёфт, ки он рушди иқтисодии кишварҳои аъзоро таъмин менамояд. Дар рафти чунин робитаи мутақобила иқтисодиёти миллӣ на танҳо мушкилоти нарасидани манбаи захираҳо ва истифодаи самарабахши онҳоро бартараф менамояд, балки тадриҷан ба раванди муттаҳидшавии иқтисодиёт бо дигар мамлакатҳо низ ҷалб мегардад, ки дар натиҷаи он комплекси нави байналхалқии иқтисодӣ, яъне организми ҳамгироии иқтисодӣ ба вуҷуд меояд. Агар рафъи монеаҳо дар роҳи ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолот дастрасии кишварҳои ҳамгирошавандаро ба захираҳо таъмин кунад, пас ҳамоҳангсозии амалҳои танзими миллӣ ба пайдоиши самараи синергетикӣ аз ҳисоби самараи истифодаи муштараки захираҳо мусоидат мекунад, ки он дар ниҳояти кор манбаи нави рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии кишвар мегардад.

Аммо чунин ақида гарчанде дуруст бошад ҳам, вале он барои ҳамаи гуруҳҳои ҳамгироишуда қобили қабул аст. Ин пеш аз ҳама дар он аст, ки равандҳои ҳамгирой дар гуруҳҳои ҳамгирой дар ҷаҳон дар марҳилаҳои гуногуни

[81] Евстигнеев В.Р. Валютно-финансовая интеграция в ЕС и СНГ: сравнительный семантический анализ [Текст] / В.Р. Евстигнеев. – М., 1997. - 271с.

ҳамгироӣ қарор дошта, ҳамон як таъсирро ба даст намеоранд ва натиҷаҳо низ гуногун мебошанд. Бинобар ин, метавон таъкид кард, ки ҳамгироиҳои муосири минтақавии иқтисодӣ, ки дар ҷаҳон мавҷуд мебошад, раванди ягона набуда, самараи гуногун медиҳад ва аз ин лиҳоз онро метавон ғайрихаттӣ номид.

Таҳлили фаъолияти гуруҳҳои ҳамгироӣ нишон медиҳад, ки кишварҳо бо вуҷуди сиёсати кушодаро пеша кардан, барои қисман нигоҳ доштани соҳибихтиёрии худ саъй мекунанд ва аз ин лиҳоз аз ҳамгироии пурра дар доираи ин ё он иттиҳодияи ҳамгироӣ худдорӣ мекунанд. Фаҳмиши классикии иерархияи ҳамгироӣ дар шакли ҳамгироии панҷдараҷаи Баллас, ки намунаи ягонаи он Иттиҳоди Аврупо аст, на ҳама вақт дар таҷриба ба амал бароварда мешавад.

Бисёр иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон вомехӯранд, танҳо дар дараҷаи қарордодҳои тиҷории минтақавӣ қарор доранд, ки мубодилаи доираи муайяни номгӯи молҳоро дар бар гирифта, баъзеи онҳо дар бораи ҳамгироии иқтисодӣ ё ташкили иттиҳодияҳои гумрукӣ созишномаҳо имзо кардаанду халос. Вобаста ба раванди ҳамгироӣ, ки дар Иттиҳоди Аврупо ба вуҷуд омадааст, чунин сатҳҳои ҳамгироӣ маъмул аст: озодии савдо, бозори умумӣ, иттиҳоди иқтисодӣ, иттифоқи пулию қарзӣ, иттиҳоди сиёсӣ. Вобастагии зерин ошкор аст, ки «дар ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳар қадар сатҳи ҳамгироӣ баланд бошад, ҳамон қадар самараи иқтисодӣ барои кишварҳои иштирокчӣ бештар ва гуногунрангтар зоҳир мегардад».[82]

Аз ин рӯ, ба кишваре, ки бештар ҳамгиро шудааст, дар муқоиса бо дигар кишварҳои шарике, ки дар чаҳорчӯби иттиҳодия дар ин раванд камтар иштирок мекунанд, бештар "таъсир" мерасад. Дар натиҷаи ҳамбастагии ин таъсирот рушди умумии ҳамгироӣ ба амал меояд.

Таҳаввулоти назарияи ҳамгироӣ нишон медиҳад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ дар гуруҳҳои ҳамгироӣ равандҳои дигаре ба амал меоянд, ки ба назарияи Баллас мувофиқ нестанд. Гап дар он аст, ки иерархияи Баллас

---

[82] Система индикаторов интеграции как инструмент анализа функционирования региональных интеграционных объединений. Ҳисоботи ЕАЭС. [захираи электронӣ) http://www.eurasiancommission.org/ru/act/integr_i_makroec/dep_mak…(санаи муроҷиат: 04.11.2020г.).

муттаҳидшавии давлатро дар маҷмӯъ шарҳ медиҳад. Аммо, он метавонад дар робита ба унсурҳои алоҳидаи ҳамгироӣ низ татбиқ карда шавад. Чунин пешгӯии иерархияи Балласро нисбат ба унсурҳои алоҳидаи ҳамгироӣ ба таври зайл амалӣ карданаш мумкин аст: агар кишварҳо тасмим гиранд, ки танҳо дар бозорҳои муайян ва ё дар истеҳсоли бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт муттаҳид шаванд, он гоҳ ташкили минтақаи тиҷорати озод ба инкишофи савдои моли ин соҳа мусоидат мекунад. Минбаъд, дар робита ба савдои ин молҳо мутобиқсозии тарифҳои гумрукӣ ба амал меояд, ки боиси пайдоиши иттиҳоди гумрукӣ мегардад.

Бартараф намудани монеаҳои гумрукӣ ба ташаккули бозори умумӣ мусоидат мекунад, ки дар он мубодила тавассути асъори муайян сурат мегирад. Азбаски ин бахш (истеҳсол ё тиҷорат) тадриҷан аҳамияти сохторӣ пайдо мекунад, барои он ки ба кишварҳо зарар нарасонанд, қарорҳои сиёсӣ ба таври ҳамоҳангшуда қабул карда мешаванд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки натиҷаи ҳамгироӣ аз сатҳ ва раванди ҳамгироӣ зич вобаста аст. Ҳар қадар раванди ҳамгироӣ зиёд бошад, ҳамон қадар конвергенсия дар иқтисодиёт зиёд мешавад ва албатта коркарди нишондиҳандаҳои самараи ҳамгироӣ низ душвортар мегардад. Чӣ қадаре ки сатҳи ҳамгироӣ баланд бошад, самараҳо ҳамон қадар зиёдтаранд ва тарҳрезии шохисҳои таркибӣ ҳамон қадар осонтар мешавад. Аз ин рӯ, дар назарияи ҳамгироӣ зарурати ҷудо кардани марҳилаҳои ҳудудӣ ва вақтии ҳамгироӣ ба миён меояд. Ҳамгироии «гуногунсуръат», ки дар он кишварҳо бинобар қафомонии иқтисодиёт баъдан ба ҳамгироии пурра ҳамроҳ мешаванд, барои ба даст овардани самараи динамикии потенсиалии ҳамгироӣ монеа эҷод мекунанд. Ҳамгироии ҳудудӣ ба мисли «ҳамгироӣ тавассути ҳамгироӣ» падидаи нав дар таҳаввулоти назарияи ҳамгироӣ мебошад.

«Таҳаввулоти ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дарояндаи наздик боиси ташаккули ҳудудҳои ягона мегардад, ки дар он муносибатҳо на байни давлатҳои алоҳида, балки байни минтақаҳо ва иттиҳодияҳои ҳамгироӣ сурат мегирад».[83]

---

[83] Евстигнеев Б.Р. Таможенная интеграция в СНГ как пример экономического псефдоморфизма // Вопросы экономики. 1999. №12. с.102-109.

Дар робита ба ин метавон қайд намуд, ки  аз рӯйи сатҳи тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳон ду мафҳуми ҳамгироӣ вуҷуд дорад:

1. Гуруҳҳои ҳамгироӣ, ки дар онҳо кишварҳои иштирокчӣ дараҷаи якхелаи рушди иқтисодӣ доранд, аз қабили: ИА, SAARC, ALBA, CARICOM, CAN, UEMOA, ECOWAS, EAC;

2. Гуруҳи ҳамгироӣ, ки дар он кишварҳо дар сатҳи рушд дар дохили ассотсиатсияҳо фарқ мекунанд, ба монандӣ: NAFTA, SACU, SADC, SPARTECA.

Мақсади гуруҳҳои ҳамгироӣ аввал асосан баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти давлатҳои иштирокчӣ тавассути ташаккули таъсири синергетикӣ аз истифодаи якҷояи захираҳои истеҳсолӣ ва неруи ҳамгироӣ мебошад.

Мамлакатхои гуруҳи дуюми ҳамгироиҳо асосан ба такрор не, балки ба пурра кардани якдигар манфиатдор мебошанд.

Таҷрибаи ҳоҷагии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки наздикшавии гуруҳҳои ҳамгироӣ ҳамчун падидаи нави ҳамгироӣ дар арсаи ҷаҳонӣ авҷ гирифта истодааст, ки мақсади асосии он тавсеаи бартариятҳои ҳамгироӣ мебошад. Яъне, бартарияти ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ давра ба давра байналмилалӣ гашта, унсури асосии ҷаҳонишавии на танҳо иқтисодҳои миллии алоҳида, балки минтақа ва ҳудудҳои муайяни хоҷагии ҷаҳонӣ гашта истодааст.  Намунаҳои чунин ҳамгироиҳои якҷояшуда истода инҳоянд:

- Лоиҳаи «Як камарбанд- як роҳ», ки ба бунёди камарбанди иқтисодии Роҳи абрешим аз уқёнуси Ором то уқёнуси Атлантика (SREB) нигаронида шудааст. Лоиҳаи мазкур гуруҳҳои ҳамгироӣ: ИА, ИДМ, СҲШ, АСЕАН, ЕАЭО ва кишварҳои азим, ба мисли Россия, Ҳиндустон ва Чинро мепайвандад ва дар маҷмуъ 70 кишварро дар бар мегирад;

- Созишнома байни Канада ва ИА, ки соли 2016 ба имзо расид ва он ҳамкории ҳамаҷонибаи иқтисодӣ ва тиҷоратии байни ин кишварҳоро таъмин менамояд;

- Ҳамкории минтақавии иқтисодӣ (RCEP) оид ба таъсиси “минтақаи озоди савдо (АСЕАН + 1 FTA)” байни 10 кишвари узви АСЕАН ва 6 давлати ҷаҳон (Ҳиндустон, Чин, Австралия ва Зеландияи Нав, Ҷумҳурии Корея ва Ҷопон);

-Созишномаҳои минтақавии Осиёи марказӣ+Амрико, Осиёи марказӣ+Россия, Осиёи марказӣ+Чин ва ғайра (10 адад дар умум).

Албатта, чунин раванди ташаккули иттиҳодияҳои ҳамгироӣ аз бартарияти ҳамкориҳои коллективӣ шаҳодат дода, собит месозад, ки маҳз модели ҳамгироӣ нақшаи асосии амалӣ гардондани манфиатҳои миллии давлатҳо, яъне иштирокчиёни ҳамгироӣ мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироӣ дар бораи гуногунрангии ин моделҳо шаҳодат медиҳад. Модели гуруҳҳои ҳамгироии NAFTA, COMESA, ECOWAS, SADC, EAC, ECCAS, SACU, UEMOA, CARICOM, CEN-SAD, CAN, SAARC асосан ба рушди муштараки саноати ангишт, ки захираи иқтисодии умумии тамоми кишварҳои ҳамгиро мебошад, нигаронида шудааст.

Рушди соҳаи мухталифи иқтисодӣ ба монанди соҳаи кишоварзӣ намунаи модели ҳамгироии UdMA, ALBA, CAEU, GAFTA, CCASG, SPARTECA, UfM, CAN, SAARC, OECS, EURATOM мебошад. Аъзои ин иттиҳодияҳои ҳамгироӣ потенсиали ҳамгироии иқтисодиро бобати ташаккули инфрасохтори истеҳсол ва содироти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ба рафъи рақобат дар бозори ҷаҳонӣ равона намудаанд.

Потенсиали ҳамгироӣ дар МЕРКОСУР, UNASUR, ASEAN, EAC аз рӯйи нақшаи пурра кардани ҳамдигар амалӣ карда мешавад. Масалан, дар доираи МЕРКОСУР истеҳсоли якҷояи мошинҳои боркаш ва сабукрав ба роҳ монда шудааст, ки дар Аргентина бо истифода аз комплектҳои Бразилия коркард карда мешавад. Дар натиҷаи ин ҳамкорӣ соли 2016 воридоти қисмҳои эҳтиётӣ аз Бразилия ба Аргентина 63%-ро ташкил намуда, 70% мошинҳои дар Бразилия истеҳсолшуда ба Аргентина содир шудааст. Модели мукаммалтари татбиқи потенсиали ҳамгироӣ дар Иттиҳоди Аврупо пайдо шудааст, ки аз ҷониби гуруҳҳои ҳамгироии CAEU, GAFTA, ANZCERTA низ истифода мешавад. Дар

доираи Иттиҳоди Аврупо, махсусгардонии (специализация) намоёни кишварҳо вуҷуд дорад, яъне ҳамаи мамлакатҳо ба истеҳсоли молҳои алоҳида махсус гардонида шудаанд. Мақсади ҳамгироии иқтисодӣ рушди соҳаҳои махсусгардонидашуда дар асоси афзалиятҳои рақобатии кишварҳои иштирокчии иттиҳодияи ҳамгирой мебошад.

Ба ақидаи мо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон модели татбиқи иқтидори ҳамгироии АСЕАН муҳимтарин аст. Ин ҳамгироиро 10 давлати Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (Индонезия, Малайзия, Сингапур, Тайланд, Филиппин, Бруней-Даруссалом, Ветнам, Лаос, Мянма, Камбоҷа) бо мақсади коҳиш додани вобастагии иқтисодиёти ин кишварҳо аз маҳсулоти Ҷопон ташкил карданд. Ин модел ивазкунандаи воридот номида мешавад ва дар CAN, МССА (САСМ) истифода гардида, сатҳи баланди ҳамкории байнисоҳавӣ ва байниминтақавиро фаро гирифтааст, ки аз самаранокии мезосатҳи ҳамгирой шаҳодат медиҳад. Модели мезоҳамгироиро ҷомеаи Африқои Шарқӣ (ЕАС) низ васеъ истифода менамояд. Афзалияти ин модел дар он аст, ки кишварҳо на танҳо иқтидори дохилӣ, балки потенсиали рушди байнидавлатӣ, байниминтақавӣ ва байнисоҳавиро низ истифода мебаранд. Маҳз ҳамин модели ҳамгирой тавонист раванди ҷаҳонишавиро барои кишварҳои ҷаҳон, ки роҳи баромад ба баҳрро надоранд ва бозорҳои дохилияшон маҳдуд аст, самаранок намояд, ё ин ки чӣ хеле, ки дар боло қайд намудем, "норасоии ҷаҳонишавиро" бартараф намояд.

Мезоҳамгирой, ё тавре, ки С.Паско тафсир мекунад, «ҳамгироии иқтисодии махсус тавассути савдои сарҳадӣ, муҳоҷирати мутақобилаи аҳолӣ, инчунин шабакаи афзояндаи савдои хусусӣ, корпоративӣ, шабакаҳои ташкили иттифоқҳои стратегӣ, кластерҳо ва иттиҳодияҳои саноатӣ зуҳур мегардад»[84] воситаи муҳими ҳамкориҳои иқтисодӣ дар шароити муосир мебошад, ки бартарияти рақобатии истеҳсолию тиҷоратиро таъмин менамояд. Тибқи қисми аввали ин таъриф, мезоҳамгирой шакли нави ҳамкориҳост, ки дар он ҳамгирой

[84] Пасько С. Н. Современные формы интеграционных процессов в условиях нестабильности мировой экономики // Научный журнал КубГАУ - Scientific Journal of KubSAU. 2014. №102. Захираи электронӣ: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/sovremennye-formy-integratsionnyh-protsessov-v-usloviyah-nestabilnosti-mirovoy-ekonomiki (санаи муроҷиат: 29.10.2020г.).

дар сатҳи минтақаҳои наздисарҳадӣ сурат мегирад ва ин минтақаҳоро аксаран “минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ” (интеграционный мезорегион) меноманд. Намуди маъмултарини ҳамгироӣ қисми дуюми таъриф мебошад, ки дар он “минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ” он минтақаҳоеро дар бар мегиранд, ки новобаста аз ҷойгиршавии ҷуғрофӣ бо дигар минтақаҳо муттаҳид шудаанд ва як ҳудуди (фазои) муайяни иқтисодию тиҷоратиро ташкил менамоянд.

Масалан, дар доираи Иттиҳоди Африқои Шарқӣ (ИАШ) панҷ долони нақлиётӣ ташкил карда шудааст, ки аз байни тамоми мамлакатҳои иттиҳод мегузарад. Аз он ҷумла, ду долони нақлиётӣ, минтақаҳои саноатии кишварҳои узвро, ки баромад ба баҳр надоранд, бо бузургтарин бандарҳои ин минтақа – Мумбас ва Доруссалом мепайвандад ва се долони дигар барои нақлиёти дохилӣ истифода мешаванд. Дар натиҷаи чунин ҳамгироӣ ҳаҷми тиҷорати мутақобилаи кишварҳои иттиҳодияи ҳамгироӣ аз соли 2001 то соли 2016 4,4 баробар ва ҳаҷми савдои хориҷӣ 2,6 баробар афзудааст. Мубодилаи молу хизматрасонӣ ва ташаккули занҷираи истеҳсолот байни минтақаҳое сурат мегирад, ки дар наздикии ин долонҳои нақлиётӣ ҷойгир мебошанд. Ба ибораи дигар, долонҳои нақлиётӣ ҳамчун форматсияи ҳудудӣ (фазоӣ) шароит барои рушди ҳудудҳои алоҳидаи давлатҳои узви ҳамгиро ба вуҷуд овардааст.

Ин модел имрӯз дар бисёр иттиҳодияҳои ҳамгиро (COMESA, UdMA, MERCOSUR, UNASUR, ALBA, ASEAN, ECOWAS, SADC, ECCAS, SACU, CCASG, CEN-SAD, UfM, SAARC, OECS, ECSC), ки дар онҳо лоиҳаҳои инфрасохтори байналмилалӣ истифода мешаванд, роҳандозӣ гаштааст. Чунин модели ҳамгироӣ дар заминаи долонҳои нақлиётию коммуникатсионӣ ба назари мо аз ташаккули «Долонҳои сабз» дарак медиҳад, ки барои минтақаи Осиёи Марказӣ дар оянда як амри сиёсати ҳамгироӣ хоҳад гашт. Зеро дар Осиёи Марказӣ якчанд лоиҳаҳои байналмилалии инфрасохторӣ амалӣ карда мешаванд,

ки дар оянда метавонанд ҳамгироии сатҳи минтақаҳои кишварҳои ИДМ, СҲШ ва ИА-ро ташкил диҳанд.[85]

Хусусияти дигари ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ дар он аст, ки баъзе аз онҳо аз "боло" ва баъзеяшон аз "поён" ба вуҷуд меоянд. Иттиҳоди Аврупо асосан дар наиҷаи хоҳиши ҳукуматдорони кишварҳои Аврупо ба вуҷуд омада, НАФТА бошад дар натиҷаи тақвияти ҳамкориҳои корхонаҳои Амрико, Мексика ва Канада ба вуҷуд омадааст. Яъне, дар НАФТА аввалан дар сатҳи микро ҳамгирои ба вуҷуд омада, баъдан он дар сатҳи макро-давлат ба расмият даровaрда шуд. Албатта дар инҷо бояд қайд намуд, ки модели НАФТА то андозае низоми гузариш аз ҳамгироии сатҳи микро ба мезо ва аз он ба макроҳамгироиро тафсир менамояд. Гурухе аз корхонаҳои истеҳсолии Америка барои истифодаи қувваи кории арзон аз Мексика фаъолияти худро ба сарҳади Америка ва Мексика бурда, макиладорасҳо ташкил намуданд. Дар натиҷа ин гуруҳи корхонаҳо хамчун корхонаҳои махсус барои ҳамгирои замина гузошта, ҳамчун сигнали мезоиқтисодӣ сабаби дар сатҳи макро-давлат ба расмият даровардани ҳамгирои гаштанд.

Модели мушаххаси ҳамгироии минтақавии иқтисодии ғайрихаттиро метавон дар мисоли Лоиҳаи Як камарбанд-як роҳ дид, ки дар он қадами аввали ҳамгирои, ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ буда, тадриҷан муносибатҳои тиҷоратию истеҳсолӣ дар доираи ин лоиҳа байни кишварҳои ҷаҳон афзоиш меёбад. Лоиҳаи бузурги «Як камарбанд-Як роҳ» бузургтарин лоиҳаи байниқитъавӣ мебошад, ки 170 кишвари ҷаҳонро дар бар мегирад. Тибқи таҳлилҳо байни кишварҳои масири Лоиҳаи мазкур ҳаҷми савдои байналхалқӣ яку якбора меафзояд, вале ин афзоиш барои ҳамаи кишварҳои аъзо якхела намешавад. Барои баъзе кишварҳо ҳаҷми савдои байналхалқӣ аз 2,8 то 9,7 % ва барои тамоми ҷаҳон бошад аз 1,7 то 6,2 % меафзояд.

Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки лоиҳаи мазкур намунаи самараноки ҳамгироии ғайрихаттӣ мебошад, ки дар марҳилаи рушди хоҷагии

---

[85] Евстигнеев Б.Р. Таможенная интеграция в СНГ как пример экономического псефдомофоризма // Вопросы экономики. 1999. №12. с.102-109.

ҷаҳонии муосир беназир аст. Зеро ин лоиҳа имкон медиҳад, ки на танҳо савдои мутақобилаи байни кишварҳо афзоиш ёбад, балки самараи ҷуброн дар низоми ин савдо ба назар расад. Яъне, кишварҳое, ки бартарияти рақобатиро дар чунин сохторҳои тиҷоратии наве пайдо намоянд, ки пеш аз татбиқи ин лоиҳа надоштанд, ба монанди содирот ва воридоти меваҳои тару тоза, инчунин сохторҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратие (химия ва электроника), ки аз таъмини саривақтии ашёи хом вобаста мебошанд. Зарур аст қайд намоем, ки мезосхтори мазкур, ки дар ҳудуди иқтисодии Лоиҳаи Як камарбанд-Як роҳ ба вуҷуд меояд, фазои сармоягузориро бамаротиб боло бурда, тибқи ҳисобҳои пешакӣ алоқаҳои нақлиётию коммуникатсионӣ ҳаҷми сармоягузории хориҷиро ба кишварҳои масири ин лоиҳаро 7,6% зиёд намуда, даромади ҳақиқии аҳолии ин кишварҳоро то 3,4 % зиёд менамояд.

Дар маҷмуъ, лоиҳаи Як камарбанд-Як роҳ барои аз фақри шадид баромадани 7, 6 млн.нафар аҳолии ҷаҳон (шахсоне, ки 1,90 доллаи ИМА дар як рӯз ба даст меоранд) ва 32 млн. нафар аз камбизоатӣ (шахсоне, ки 3,20 доллаи ИМА дар як рӯз ба даст меоранд) мусоидат менамояд.[86]

Бояд қайд намуд, ки дар ИА консепсияи «долон» ҳамчун омили рушди муносибатҳои ҳамгироӣ танҳо соли 1990 оғоз гардид. Дар аввали соли 1990 кишварҳои ИА сиёсати инфрасохтории ҳамгироии иқтисодиро ба нақша гирифтанд ва тибқи ин нақша бозори ягонаи фаъолияти шабакаҳои нақлиётию энергетикӣ ба роҳ монда шуд.

Шабакаи Транс-Аврупоии нақлиётӣ (TEN-T) барои инкишофи ҳамгироии шабакаҳои умумиаврупоии нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, нақлиёти обӣ ва ҳавоӣ (аэропортҳо ва аэродромҳо) таъсис дода шуд, ки мақсади асосии он тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ буда, аз модели муосири мезосатҳи ҳамгироӣ шаҳодат медиҳад. Яъне, ҳамгироии мазкур пешбинӣ менамояд, ки дар ИА инфрасохтори нави замонавӣ бо ворид сохтани

[86] Экономики одного пояса, одного пути: возможности и риски транспортных коридоров. Ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ «Belt and Road Economics: Opportunities and Risks of Transport Corridors в 2019». Захираи элктронӣ: (Санаи муроҷиат: 03.11.2022с)

унсурҳои нави инноватсионию технологӣ, истифодаи алтернативии сӯзишворӣ ва стандартҳои универсалӣ сохта шавад, то ин ки сатҳи ҳамгироии минтақаи мазкур ба сатҳи гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии ҷаҳонӣ рақобатпазир гардад. TEN-T нуҳ шабакаи нақлиётиро дар бар мегирад, ки онҳо ҳамаи кишварҳои ИА-ро фаро гирифта, рушди мутамарказро таъмин менамоянд. Ин шабакаҳои нақлиётӣ, ки мо онро "долонҳои нақлиётӣ" номидем, дар заминаи шабакаҳои нақлиёти баҳрӣ ва ба он ҳамроҳ намудани шабакаҳои нақлиётии хушкию ҳавоӣ дар ИА ба вуҷуд меоянд, ки мақсади асосиаш ташаккули самараи синергетикии истифодаи якҷояи инфрасохтори наздисарҳадӣ, ҷиҳати рушди иқтисоди кишварҳои аъзои ИА мебошад.

Соли 2017 ИА ва шаш кишвари шарқии ҳамсояи он – Арманистон, Озарбойҷон, Белоруссия, Гурҷистон, Молдавия ва Украина лоиҳаи TEN-T-ро ҷонибдорӣ намуданд, ки намунаи модели муосири ҳамгироии ғайрихатии кишварҳои пасошуравӣ бо ИА буда, аз ташаккули мезосохтори мазкур дар қитъаи Аврупо шаҳодат медиҳад.

Намунаи муваффақи таъсиси ҳамгироии минтақавии иқтисодиро, ки дар заминаи он шабакаҳои истеҳсолию тиҷоратӣ ба вуҷуд омадаанд, метавон дар мисоли кишвари Ветнам низ мушоҳида намуд. Ветнам соли 1990 долони нақлиётии NH-5 сохт, ки он шаҳри Ханойро бо бандари Хайфон пайваст намуд. Ин долони нақлиётии муосир, ки бо маблағгузории Ҷопон сохта шуда, шаҳрҳои шарқии Ҷопонро низ дар бар мегирифт, вақти боркашониро аз панҷ соат ба ду соат оварда расонида, суръати ҳаракатро аз 24-30 км/соат то ба 50-60 км/соат тезонид. Алоқаи хуби нақлиётию коммуникатсионӣ имкон дод, ки шумораи зиёди корхонаҳо дар Ветнам ва минтақаҳои шарқии Ҷопон афзоиш ёбанд (дар Ханой 221% ва Хайфон 14%). Аз ҳама асосиаш он буд, ки долони мазкур (NH-5) имкон дод, ки кластерҳои фаросарҳадии саноатӣ дар заминаи ширкатҳои дорои бренди ҷаҳонии Ҷопонӣ-Canon, Honda ва Panasonic ташкил карда шаванд.[87]

[87] Ҳамон ҷо саҳ. 48.

Яке аз хусусиятҳои хоси низоми ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, ки шакли ғайрихаттии ҳамгироиро ифода менамояд, ин ҳамгироӣ дар заминаи рушди истифодаи технологияи виртуалии истеҳсолот ва тиҷорат мебошад. Яъне, рушди бемайлони заминаҳои ҷаҳонишавӣ дар мисоли Интернет, ки ба ташаккули шабакаҳои виртуалии истеҳсолот ва тиҷорат оварда расонидааст, гувоҳи он аст, ки назарияҳои мавҷудаи ҳамгироии соҳавӣ ва байнисоҳавӣ, локалӣ ва минтақавӣ низ тағйир ёфтаанд ва наметавонанд ҳамчун консепсияи догмавӣ дар илми иқтисод маҳфуз бимонанд.

Яке аз чунин шакли ҳамгироии истеҳсолию тиҷоратӣ, ки дар сатҳи локалӣ фаъолияти иқтисодиро ифода мекунад, ин кластерҳои саноатию аграрӣ мебошанд, ки бо дарназардошти ворид гаштани иттиллоти бемаҳдуд дар заминаи инкишофи Интернет ва “марги масофа” фаъолияташон васеъ гашта, шакли фаъолияти фаросарҳадиро гирифтаанд. Яъне кластерҳои фаросарҳадӣ, ки имрӯзхо дар хоҷагии ҷаҳонӣ фаъолият доранд, намунаи модели мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодие мебошанд, ки ҳамгироиро аз “байн” ба “боло” ифода намуда, муносибатҳои байнисоҳавии кишварҳои ҳамгироро зич ва мустаҳкам менамояд (нигаред ба ҷадвали 2.5.).

**Ҷадвали 2.5. - Равияҳои назариявии кластер ва намунаи он дар Иттиҳоди Аврупо**

| Равияҳои назариявии кластерикунонӣ | | | |
|---|---|---|---|
| **Мактабҳои илмӣ** | **Классикӣ** | **Калифорниягӣ** | **Скандинавиягӣ** |
| Намуди кластерҳо | Минтақаҳои саноатӣ дар Англия (коркарди металлҳо дар Шеффилд ва Манчестер) | Кластерҳои саноатӣ ва металлургӣ дар ИМА | Кластерҳои иттилоотӣ дар ИА ва ИМА |
| Намояндаҳо | А. Маршалл | М. Портер, М. Скотт ва дигарон. | Лундвалл, Ҷонсон ва дигарон |
| Сарчашмаи бартарияти рақобатӣ ва тағйиротҳои инноватсионӣ | Тиҷорати байналхалқӣ ва нархи бозорӣ, иттилоот, боварии байниҳамдигарӣ ва фазои саноатӣ, ки ба инноватсияи иловагӣ меорад | Аз байн бурдани ҳамгироии амудии кластер, коҳиш додани хароҷотҳои транзаксионӣ ва амалиётӣ, бозори меҳнати тахассусманди маҳаллӣ, қоидаҳои ғайрирасмӣ ва одатҳои шабакаҳо (институтҳои ғайрирасмии «дастаҷамона» | Рақобати маҳаллӣ, мизоҷони маҳаллӣ, омилҳои иқтисоди берунӣ. Инноватсия ҳамчун омӯзиши минтақавӣ (локалӣ) бинобар сабаби «хап,ором» ва «часпак» будани донишҳои ҳануз муайяннашуда ба дигарон |

*Идомаи ҷадвали 2.5.*

| **Таҳлили муқоисавии омилҳои рақобатпазирии кластерҳо дар давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ** | | |
|---|---|---|
| Омилҳои рақобатпазирии кластер | Кластерҳо дар давлатҳои тараққикарда (адад) | Кластерҳо дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ (адад) |
| Мавҷудияти стартегияи рақобатпазирии дарозмуддат | 16 | 5 |
| Шартҳои омилӣ | 35 | 66 |
| Вазъи (шароити) талабот | 26 | 21 |
| Соҳаҳои ба ҳам наздик ва алоқаманд | 15 | 8 |
| Омиҳои дигар (ҳукумат, бахт) | 8 | 0 |
| **Кластерҳои фаросарҳадӣ дар Иттиҳоди Аврупо** | | |
| **Кластерҳо** | **Давлатҳои аъзои кластер** | |
| Кластери индустрияи зеҳнӣ | Австрия, Белгия, Германия, Фаронса | |
| Кластери истеҳсоли шиша | Қисмати шимолии Австрия, Бавария, Олмон ва Чехия (Богомея) | |
| Кластери саноатӣ | Олмон, Нидерландия (ш. Твенте) | |
| Кластери истеҳсолии комплекси металлургӣ, пластикӣ-техникӣ ва биотиббӣ | Олмон, Нидерландия (ш. Венло) | |
| Кластери автомобилӣ | Испания, Португалия | |
| Кластери «Водии Доммел» | Белгия, Нидерландия | |
| Кластери «Био водӣ» | Қисмати шимолӣ-ғарбии Швейтсария, ҷануби Баден (Олмон), Элзас (Франсия) | |
| Кластери «Водии Медисон» | Дания, Швется | |
| Кластери биотехникӣ ва иноватсионӣ | Олмон, Белгия | |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Равандҳои объективии трансмилликунонии соҳибкорӣ, ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ (гомогенизатсияи фазои иқтисодии Иттиҳоди Аврупо, афзоиши шумораи блокҳои минтақавӣ, аз ҷумла ҳамчун механизми зиддибӯҳронӣ, ҳимоятгарӣ) боиси ташаккули саноатҳои байналмилалӣ дар минтақаҳои наздисарҳадӣ мегардад.

Масалан, сарҳади тӯлонии заминии Федератсияи Русия ва рушди бомайлони истеҳсоли саноатӣ имкон медиҳад, ки кластерҳои наздисарҳадӣ бо кишварҳои Балтика, Финляндия, Полша (Калининград), Чин, кишварҳои ИДМ, пеш аз ҳама бо Беларус ва Қазоқистон таъсис дода шаванд. Таваҷҷуҳи нокифоя ба ин стратегияи рушд боиси афзоиши хароҷоти имкониятҳои гумшуда мегардад.[88]

[88] Рекорд СИ. Мезоэкономический синтез концепции кластерного развития и международной экономической интеграций: автореферат дисс. .. д.э.н. 08.00.14 [Текст] / С.И. Рекорд. - Санкт-Петербург, 2013.

Тадриҷан дарк намудани самараи стратегияи рақобати муштарак ва аз ин рӯ, зарурати дар навбати аввал инкишоф додани рақобатпазирии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳо, ки дар натиҷаи афзоиши самараи соҳаҳо ва минтақаҳои худи иқтисоди миллӣ самарабахштар мегардад, ба миён меояд.[89]

Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо новобаста аз он ки дорои инфрасохтори мутараққӣ барои ташаккул ва дастгирии кластерҳои саноатӣ ва инноватсионӣ мебошанд, нисбат ба Иёлоти Муттаҳида фосилаи қафомонии технологӣ доранд ва дар маҷмӯъ кластерҳоро дар сатҳи миллӣ инкишоф медиҳанд. Айни замон, дар сатҳи Иттиҳоди Аврупо вазифа аз он иборат аст, ки кластерҳои фаромарзии аврупоӣ бо мақсади яксонсозии фазои истеҳсолӣ ва инноватсионии Иттиҳоди Аврупо таҳия карда шаванд.

Таҷрибаи андӯхташудаи амалӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ собит мекунад, ки ҳамкории муассири созмонҳо маҳз дар кластерҳои саноатӣ ва инноватсионӣ имконпазир аст ва ин махсусан барои рушди иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ муҳим мебошад.

Ба ақидаи мо, агар ҳаракати ногузир ба суи гуногунандешӣ, гуногунии моделҳо ва форматҳои минбаъдаи ҳамгироиро ба назар гирем, зарур аст, ки консепсияи «гибридии» ҳамгироии байналмилалии иқтисодиеро бояд коркард намоем, ки он тавонад сохтори шабакавии иқтисоди ҷаҳониро дар бар гирад ва стратегияи муайяни ноил шудан ба ташкили самараноки низоми иттиҳодияҳои байналхалқии ҳамгироиро барои гузаштан аз самараи "статикӣ" ба "динамикӣ"[90] таъмин созад. Барои ин зарур аст, ки низоми ҳамгироӣ бояд дорои ҳамаи сатҳои ҳамгироӣ, макро, микро ва мезо бошад.

Мезосатҳи ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ раванди ташкилӣ ё идоракунии ҳамкории дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ буда, сатҳҳои макро ва микроҳамгироии кишварҳоро муттаҳид мекунад. Маҳз дар сатҳи мезо-механизмҳои ҳамкории дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ афзоиш меёбад. Мафҳуми

---

[89] Международные экономические отношения: Учебник для вузов. Под ред. Проф. В.Е. Рыбалкина, 3-е изд. М., ЮНИТИ-ДАНА, 2000 -503 с.

[90] Международные экономические отношения: Учебник для вузов. Под ред. Проф. Е.Ф. Жукова. М., ЮНИТИ-ДАНА, 2000 -485 с.

қаблии мо дар бораи сатҳи мезоҳамгироро аз нуқтаи назари механизмҳои воқеии ҳамкорӣ дар доираи иттиҳодияи ҳамгироӣ равшан кардан лозим аст: ба андешаи мо, механизмҳои самарабахши ҳамкории соҳавӣ ва байнисоҳавӣ аз ҷониби кластерҳои индустриалӣ ва инноватсионӣ таъмин карда мешаванд ва он дар шароити муосири ҳамгироӣ шакли низомҳои кластерии фарсарҳадӣ ё байналмилалиро таҷассум менамоянд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки сатҳи мезоҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ сохторҳои ташкилии ҳамкориҳои дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ дар шакли низомҳои кластерии байналмилалӣ ифода мекунанд, ки сатҳҳои макро ва микроҳамгироии иқтисодиёти миллии кишварҳои аъзоро муттаҳид мекунанд.

Кушишҳои рушди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар заминаи кластерикунонӣ дар ЦАРЕС хеле баръало ифода ёфтааст. Дар заминаи таъсиси долонҳои нақлиётӣ дар доираи барномаи ЦАРЕС ташкили 5 кластер ба нақша гирифта шудааст, ки он то соли 2030 бояд ба анҷом расад[91]:

1. Устувории молиявӣ ва иқтисодӣ;
2. Тиҷорат, сайёҳӣ ва рушди долонҳои нақлиётӣ;
3. Инфрасохтор ва алоқамандии иқтисодӣ;
4. Хоҷагии қишлоқ ва захираҳои обӣ;
5. Рушди инсонӣ.

Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки рушди низоми кластер аз рушди ду омили низомсози он васеъ гаштааст. Омилҳои асосие, ки конепсияи кластерҳоро ҳамчун механизми минтақавии рушд, аз нигоҳи ҷобаҷогузории ҳудудии истеҳсолот (территориальное размешение производства) ифода менамоянд ва рушди иттилоот, ки боиси рақобатпазирии кластерҳо мебошанд, бо дарназардошти равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ васеъ гаштаанд.

1. Рушди дастрасии иттилоот дар натиҷаи рушди  фазои иттилоотӣ дар асоси рушди ИНТЕРНЕТ ва иқтисодиёти рақамӣ;

---

[91] Ба таври возеҳ нигаред ба: Стратегия ЦАРЭК по траспорту и содействия торговле дод 2020 года. Захираи электронӣ: https://www.adb.org/ru/documents/carec-transport-and-trade-facilitation-strategy-2020. (санаи муроҷиат 07.04.2021 с).

2. Дар заминаи рушди ИНТЕРНЕТ ташаккули шабакаҳо;

3. Рушди ДНБ, ки асоси модии ҷаҳонишавӣ буда, фазоҳои иқтисодиро ба вуҷуд оварда, сарҳади давлатиро ба сарҳадҳои иқтисодӣ табдил додааст.

Ҳамин тариқ, ҷараёни ҷаҳонишавӣ дар натиҷаи рушди Интернет ва таъсиси ДНБ «марги масофа ва сарҳадҳоро»-ро ба вуҷуд овардааст, ки майдони ташаккули мезосохторҳои иқтисодӣ, ба монанди ГМС ва кластерҳои фаросарҳадиро фарох намуда, фаъолияти онҳоро самараноктар намудааст. Дар навбати худ ин сохторҳо ҷараёни кооператсия ва тақсимоти байналхалқии меҳнатро тақвият дода, ҳамгироии минтақавии иқтисодиро чуқуртар намуда истодаанд.

Таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки азбаски ҳамгироии иқтисодии ғайрихаттӣ ҷараёни гуногундаврагӣ ва ҳамгироии сатҳҳои гуногуни иқтисодӣ (микро, мезо ва макро) мебошад, шохисҳои гуногун ҷиҳати мониторинги раванд ва самараи ҳамгироӣ истифода мегарданд.[92]

Гуногунии маҷмӯи шохисҳо ифодакунандаи он ҳастанд, ки ҳар як минтақаи ҳамгиро дорои хусусияти хос (уникальность) мебошад ва мақсаду вазифа ва стартегияи худро дорад. Ба ақидаи профессор Саидмуродов Л.Х. «барои таъмини модели «ҳамгироии превентивӣ» иттилоот оид ба вазъи конюктураи бозор, рушди иқтисодиёти миллии аьзои иттиҳод барои пешбурди сиёсати превентивӣ зарур буда, омили калидии татбиқи босамари модели мазкур мебошад, ки дар ИДМ ба чашм намерасад ва яке аз сабабҳои нокомии ИДМ буда, раъи мардумро нисбат ба иттиҳоди мазкур коста мегардонад».[93] Ин аст, ки дар муқоиса бо модели аврупоии ҳамгироӣ шохисҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва самараи иқтисодии он дар маркази диққати ташкилотҳои байналмилалӣ ва сохторҳои идоракунии гуруҳҳои ҳамгироии минтакавии иқтисодӣ қарор дорад.

---

[92] Система индикаторов евразийской интеграции. Отчет АБР. – 2014. - № 12. [электронный ресурс]. – URL: https://www.adb.org/ru/documents/carec-transport-and-trade-facilitation-strategy-2020. (дата обращения 07.04.2021).

[93] Саидмурадов Л.Х. Превентивная экономическая политика в формирования экономического доктрина Сообщество// Международный научно-практический журнал Евразийская интеграция: экономика, права, политика. Санкт-Петербург, №8. 2010 с. –с.194-198.

Дар кори диссертатсионии мо шохиси ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи «майли интиҳоии минтақаҳои давлатҳои дорои иқтисоди кушод ба ҷараёни ҳамгироӣ» мебошад, ки он дар заминаи қонуни гравитатсия дар шакли «шохиси майли ҳамгироӣ» ифода меёбад. Ба ақидаи мо, шохиси мазкур аз нишондиҳандаҳои зерин бояд иборат бошад:

- суръати рушди тиҷорати дохилиминтақавӣ ва байниминтақавӣ;

- суръати рушди сармоягузории салибӣ дар дохили минтақа;

- суръати рушди ҳиҷрати салибӣ дар дохили минтақа;

Дар навбати худ ин шохисҳо аз нишондиҳандаҳо иборатанд, ки онҳо:

- суръати рушди тиҷорати дохили минтақавӣ аз:

- рушди содирот ва воридот дар дохили минтақа, ки дар он нақши долонҳои нақлиёти бо нишон додани суръати ҳаракат, ҳаҷми борбардорӣ, боркашонӣ ва дигар инфрасохтори роҳу нақлиёт ҳисоб карда шавад;

-таркиби содироту воридот бо нишон додани механизми ҷуброни арза ва тақозо ҳисоб карда шавад. Вобаста ба самараи якҷоя истифода намудани захираҳои истеҳсолӣ бо шохиси тахассугардонии истеҳсолот ва самари иқтисодии он чен кардан муфид мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дигар шохисҳо низ бо дарназардошти нақши омилҳои мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ, «долонҳои сабз», «самараи истифодаи якҷояи захираҳои истеҳсолӣ» ва «самараи ҷуброн» бояд чен карда шаванд. Пешниҳоди шохисҳои мазкур аз кушиши мо дар ташаккули методологияи таҳқиқоти назарияи ҳамгироии иқтисодӣ мебошад, ки ба таҳлили фазоии назарияи ҳамгироии иқтисодӣ равона карда шудааст. Фарқияти методологияи мазкур дар он аст, ки он аз усули маъмулии аналогия ва муқоиса, ки аксаран ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ дар муқоиса бо ИА таҳлил карда мешуд, рушди ҳамгироии иқтисодиро дар байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва ҳамгироии кишварҳои тараққикардаро, ки дар алоҳидагӣ таҳлил карда мешуд, ба ҳам синтез мекунад. Дар натиҷаи синтези мазкур модели ҳамгироии иқтисодии превентивие коркард мегардад, ки модели оптималии ҳамгироии иқтисодӣ аз рӯйи мувозинати манфиатҳои кишварҳо аз нигоҳи ҳифз кардани истиқлолияти давлатӣ (барои

қитъаи Осиё, Африқо ва Америкаи Лотинӣ, махсусан иттиҳодияҳои дар ИДМ, Афирикаи Ҷанубӣ, Америкаи Лотинӣ) ва кишварҳои хоҳиши ташкили давлати ягонаи бузург (ИА, Америкаи шимолӣ ва Ҷопон) мебошанд.

Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки бо дарназардошти авҷгирии равандҳои ҷаҳонишавӣ (рушди босуръати Интернет, ки дастрасии иттилоотро осон ва тезонида, инчунин рушди сохторҳои шабакавиро афзуда, ба трансформатсияи дониш ва малака тақвият бахшидааст ва ташаккули долонҳои нақлиётию коммуникатсионии байналахалқӣ, ки асоси моддии ҷаҳонишавӣ мебошад, дар якҷоягӣ «марги масофаро», ҳамчун детерминати асосии рақобатпазирии минтақавӣ, ба вуҷуд овардаанд) дар ҷаҳон шумораи зиёди кластерҳои фаросарҳадӣ ба вуҷуд омдаанд, ки он аз таҳаввулот дар назария ва низоми кластерҳо дарак медиҳад. Дар навбати худ ба бухрони ҷаҳонӣ тоб наовардани модели мавҷудаи ҳамгироии минтақавии иқтисодии муосир (асосан ИА), ки он дар назария ва модели ИА ба муаммоҳои ҷаҳонишавии муосир аксуламал нишон дода натавонистанд ва ё ба бухрони назария ва методологӣ дучор шудани он, ба ғайр аз ин ташаккули равандҳои ҳамгироисозии муосир (ғайрихаттӣ) собит сохтанд, ки ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ низ ҳамчун раванд ва ҳам шароит имконияти рушд ва васеъшавӣ дорад. Синтези мезоиқтисодии назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ва кластерҳои саноатӣ собит месозад, ки дар «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ»-и мушаххас дар заминаи самараи «истифодаи якҷояи захираҳои итсеҳсолии наздисарҳадӣ» кластерҳои фаросарҳадие ба вуҷуд омада истодаанд, ки дар рушди кооператсияи истеҳсолот ва тиҷорати дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавии кишвар ва минтақа нақши муҳим бозида истода, ҳамгироиро дар сатҳи мезоиқтисод (соҳа ва минтақаҳои кишварҳои алоҳида) зич ва мустаҳкамтар мегардонад.

Хулоса, мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар мисоли кластерҳои фаросарҳадӣ раванди муосири бозории ҳамгироӣ буда, раванди ҳамгироии минтақавии иқтисодиро тавсеа бахшида, миқёси самараи иқтисодии ҳамгироиро васеъ менамояд.

## Хулосаи боби 2-юм

Ҳамин тариқ таҳлилҳои ба анҷомрасонидашудаи боби 2-юм собит месозанд ки:

1. Мақсад аз пеш гирифтани сиёсати иқтисоди кушод пеш аз ҳама ба даст овардани даромад аз самаранок истифода бурдани захираҳои дохилии кишвар бо воситаи иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад. Ин ҳолат метавонад танҳо дар натиҷаи татбиқи бартариятҳои кишвар бо воситаи байналхалқикунонии ин бартариятҳо ба вуҷуд биёяд.

2. Назария ва моделҳои муосири бартариятҳои рақобатӣ, қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди иқтисоди ҷаҳониро нисбат ба иқтисоди кушоди кишварҳои рӯ ба тараққӣ пурра инъикос намекунанд. Дар диссертатсия ин назарияҳо ва моделҳо тавассути пурра кардани назарияҳои мавҷудаи бартариятҳо бо иловаи самараи «мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ» дар сатҳи микроиқтисоди байналмилалӣ инкишоф меёбад.

3. Дар асоси таҳқиқоти мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мафҳуми нави минтақагароӣ «минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ» (интеграционный мезорегион) ба вуҷуд омадааст, ки ба он асосан кишварҳо, минтақаҳои наздисарҳадӣ мансуб texдониста мешаванд, ки имконияти васеи ташкили сохторҳои истеҳсолию тиҷоратии муттаҳидро дошта, бо ин васила метавонанд дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ширкат варзида, субъекти мустақили ҷаҳонишавӣ гарданд. Ба ин гуна минтақаҳо муҳаққиқон асосан кишварҳо, минтақаҳои наздисарҳадиро мансуб медонанд, ки дорои захираи табиӣ-иқтисодии умумӣ, таърих ва фарҳанги ягона, инчунин гузаштаи таърихии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодидошта буда, бо ҳам имконияти ҳамкориро доранд. Донишҳои мавҷуда вобаста ба мезоиқтисодиёт имкон медиҳанд, ки «мезосатҳи ҳамгироии минтақавӣ» ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ гашта, дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ ҳамчун раванди мустақили ҳамгироии сатҳи мобайнии микро ва макро муайян ва омӯхта шавад.

4. Дар иқтисоди ҷаҳон модели ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ-ИА ягона ва намунавие мебошад, ки 5 давраи баллассии ҳамгироиро тадриҷан ва қадам ба

қадам аз сар гузаронидааст, ки онро ҳамгироии хаттӣ меноманд. Гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар қитъаҳои гуногуни ҷаҳон нишон медиҳанд, ки ҳамгироиҳо аз рӯйи як сенарияи муайян ба вуҷуд наомада, вобаста ба майлу хоҳиш, замина, омилҳо, вазифа ва мақсадҳои дар пешгузоштаи гуруҳи давлатҳои минтақа метавонад дар сатҳи гуногуни ҳамкориҳои иқтисодӣ ташкил карда шаванд, ки он метавонад давраҳои гуногуни баллассиро дар бар гирад ва ҳамгироии ғайрихаттӣ мебошад. Ин гуна гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ зиёд буда, дар доираи як фазои муайяни иқтисодӣ дар заминаи омилҳои модии ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадаанд, ки мо онро «минтақаи дорои ҳамгироии иқтисодӣ» номидем ва он консепсияи ғайри аврупоии ҳамгироиро, яъне ҳамгироии ғайрихаттиро ташкил менамояд. Албатта дар ин маврид шохисҳои ҳамгироӣ аз миқёс ва самараи ҳамгироӣ дарак медиҳанд, ки барои ҳамгироии ғайрихаттӣ ин нишондиҳандаҳо метавонанд гуногун бошанд;

5. Ташаккули кластерҳои фаросарҳадӣ ва ГМС дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодиро тақвият дода, тамаркузи сиёсати кишварҳоро дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодии ҳамгирошаванда тақозо менамояд. Ин гуна ҳамгироиро на «аз поён ба боло» ва на «аз боло ба поён», балки ҳамгироии сатҳи «мобайнӣ» номид, зеро он на дар натиҷаи кушишҳои ҳамгироии фирма ва корхонаҳо (микроиқтисод) ва ё ҳамгироии давлатҳо (макроиқтисод) ифода накарда, дар заминаи соҳаи алоҳида (нақлиёт ва коммуникатсия) ва минтақаҳои алоҳида (дорои имконияти ҳамгироӣ) ба таври объективӣ ба вуҷуд меояд. Яъне гуруҳи корхонаҳои ба ҳам наздики як соҳа аз сатҳи микроиқтисод ташаккул ёфта, ҳамгироии кишварҳоро тақозо менамоянд, ки дар натиҷа он ба наздикшавии сиёсати ҳамгироии кишварҳо оварда мерасонад (макроиқисод).

6. Вобаста ба характери ғайрихаттӣ доштани ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ маҷмӯи шохисҳои ҳамгироӣ ва миқёси самараи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ аз ҳамдигар фарқ дошта, шохисҳо дар асоси вазифа, мақсад ва стратегияи ҳамгироии иқтисодӣ коркард карда шуда, мониторинги самараи иқтисодии ҳамгироӣ васеъ ва чуқур гашта истодааст.

4. Афзоиши тамоили ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодии ғайрихатӣ аз таҳаввулоти назария ва моделҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дарак дода, зарурияти коркардҳои нави методологии омӯзиши раванди мазкурро аз нигоҳи ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ, ягонагӣ ва зиддиятҳои онҳо, инчунин мавқеи давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар низоми хоҷагии ҷаҳонишавию минтақагароӣ тақозо менамояд.

# БОБИ 3. “МИНТАҚАИ ДОРОИ ИМКОНИЯТИ ҲАМГИРОӢ” ҲАМЧУН ШАКЛИ ҒАЙРИХАТТИИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ХОҶАГИИ ҶАҲОНИ МУОСИР

## 3.1. Ҳаракати сармояи инфрасохтории дохилиминтақавӣ ҳамчун асоси моддии ташаккул ва рушди “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ”

Пас аз гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи нави рушдро интихоб намудааст, ки дар он иқтисоди кушода асоси сиёсати иқтисодии кишвар мебошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 таъкид гардидааст, ки «... Мо дар сиёсати хориҷии кишвар дар мавқеи худ ҳастем ва сиёсати дарҳои бозро риоя мекунем. Таърих гувоҳ аст, ки сиёсати "дарҳои боз", ки мо интихоб кардем, худро аз ҳама ҷиҳат мусбӣ арзёбӣ намуд ва мо минбаъд низ бо давлатҳои ҳамсоя ва кишварҳои ИДМ, Аврупо ва Амрико дар асоси манфиатҳои тарафайн ва шукуфоии мардум ва ба нафъи сулҳ ҳамкорӣ хоҳем кард».[94] Ҳамзамон, дар Паёми худ Пешвои муаззами миллат қайд карданд, ки "... Дипломатияи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бояд тамоми кушишҳоро барои чалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар равона созад".[95] Чунин таҳияи вазифаҳо аз олимон, мансабдорони давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ тақозо менамояд, ки барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар чораҳо андешанд.

Дар илми иқтисод масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ ҳамеша дар заминаи иқтисоди кушод баррасӣ мегардад. Азбаски он бо назарияи иқтисоди кушод вобастагии зич дорад, аз нуқтаи назари методологӣ онро наметавон дар иқтисоди пӯшида баррасӣ кард. Ба ибораи дигар, яке аз шартҳои асосии ҳаракати байналхалқии сармоя мавҷудияти иқтисоди кушода, либерализатсияи гардиши сармоя, фаъолияти тиҷоратӣ ва иқтисодӣ мебошад. Таҳлили ҳаракати ҷаҳонии

[94] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон . 22.12.2017 шаҳри Душанбе. [манбаи электронӣ]. – URL: https://www.mfa.tj/tg/main/view/1898/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-peshvoi-millat-muhtaram-emomali-rahmon-ba-majlisi-olii-jumhurii-tojikiston.

[95] Ҳамон ҷо.

сармоягузорӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки пас аз бекор кардани низоми пӯшидаи иқтисодӣ ҳаҷми сармоягузориҳо дар байни кишварҳо афзоиш ёфт.

Агар сабаби асосии содироти сармоя аз давлатҳои капиталистӣ ба давлатҳои қафомонда гирифтани даромад аз истифодаи омилҳо ва захираҳои арзон бошад, барои давлатҳои қафомонда воридоти сармоя барои таъмини рушди иқтисодиёти кишвар зарур мебошад. Зарурияти сармоя дар он зуҳур меёфт, ки дар ин давлатҳо соҳаҳои иқтисодӣ ҳануз рушд наёфта буданд ва ҷараёни худафзоиши сармоя таъмин набуд.

Ҳамзамон, дар ин давлатҳо сатҳи пасти ташаккули заминаҳои институтсионалии рушди иқтисодиёт барои ҳаракати озоди сармоя аз соҳаҳои камдаромад ба соҳаҳои сердаромад монеа гашта, ҳатто то андозае низоми давлатдорӣ коста буд, ки «гурехтани сармоя» ба давлатҳои дигар ба вуҷуд меомад. Ин ҳолат ба он оварда мерасонд, ки сармояи мавҷуда на танҳо дар дохили давлат ё берун аз он худафзоишкуниро таъмин наменамуд, балки «гурехтани сармоя» мақсади асосияш муҳофизат ё нигоҳ доштани сармоя мегашт.

Дар ҳоле ки тамоюли кушодани иқтисодиёти бисёр кишварҳои ҷаҳон шиддат мегирад, рақобат байни кишварҳо барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ шадидтар шуда, хусусияти нав пайдо мекунанд. Омилҳои ташаккули муҳити сармоягузорӣ тағйир ёфтанд ва дар ин замина шаклу усулҳои сармоягузорӣ тағйир ёфтанд. Чунин таҳлил бо дарназардошти тамоюлҳои кунунии ҳаракати ҷараёни сармоягузорӣ, сатҳи амиқтари тадқиқотро дар назар дорад. Танҳо дар асоси ба назар гирифтани қонунҳои муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои рушди равандҳои сармоягузорӣ мо метавонем чораҳои таъсирбахши ҷалби онҳоро ба иқтисодиёти кишвар пешниҳод кунем. Тақвияти робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, амиқтар шудани тақсимоти байналмилалии меҳнат ва кооператсияи саноатӣ, пурзӯр кардани фаъолияти монополияҳои байналмилалӣ ва баъзе рӯйдодҳои дигар, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон ба амал меоянд, муҳимтарин омилҳои афзоиши муҳоҷирати сармояи байналмилалӣ ва рушди бозори байналмилалии сармоя мебошанд. Ин бозор инчунин ба қонунҳои

талабот ва пешниҳод, таъсири фоизҳо ва ғайра тобеъ аст ва мувозинат аз ҷиҳати назариявӣ ба даст оварда мешавад.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши сабабҳо ва механизми ҳаракати байналмилалии сармоя ҳамчун омили истеҳсолот дар саргаҳи афкори иқтисодӣ қарор дорад. Ҳамчун яке аз шаклҳои асосии ҳаракати байналмилалии сармоя, қарзи беруна, ҷараёни расмии молиявӣ ва сармоягузории мустақими хориҷӣ ба қонунҳои раванди умумии ҳаракати сармоя тобеъ буда, ҳамзамон ба мазмун ва оқибатҳои иқтисодии он таъсири назаррас мерасонад. Муҳимтарин муқаррароти назарияҳои ҳаракати байналмилалии сармоя, ки паҳлӯҳои гуногуни ҳаракати онро тавсиф мекунад, заминаҳои равиши муосири ҳаракати сармояро дар иқтисоди ҷаҳон инъикос мекунанд ва он аз ҷониби иштирокчиёни асосии раванди маблағгузории берунаи байналмилалӣ истифода карда мешаванд.

Барои мо муҳим он аст, ки  назарияҳои баррасигашта нишон доданд, ки ҳаракати сармоя дар доираи назарияҳо ва консепсияҳои  гуногун, ба монанди назарияи тиҷорати байналхалқӣ, назарияи ҳамгироии иқтисодӣ, консепсияҳои “таккони бузург” ва ғайра дар сатҳи микро ва макро таҳлил гардидаанд ва дорои иқтидори калони таҳлили илмӣ мебошанд. Яъне, назарияҳои мавҷуда бозгӯи онанд, ки ҳаракати сармоя дар ҷаҳон доимо дар тағйирот буда, бо назардошти шароити ба вуҷуд омада, метавонад тамоил ва самти ҳаракати худро тағйир диҳад. Ба вуҷуд омадани соҳаи нави истеҳсолӣ, механизми ташкилию иқтисодии самаранок ва рушди технологию инноватсионӣ самти ҳаракати сармояро дар байни кишварҳо коҳиш дода, баъзан бештар байни соҳаҳо ва ё минтақаҳо ҳаракат мекунад.

Дар бисёр таҳлилҳои раванди ҳаракати сармоя, ки аз тарафи олимон ё ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ гузаронида мешаванд, нуқтаи аввали таҳлил ҳаракати сармояи мустақим байни кишварҳо ё минтақаҳо мебошад.

Дар ҳисобот (доклад)-и ЮНКТАД қайд мегардад, ки сармояи мустақими хориҷӣ дар арсаи байналмилалӣ тамоили ноустувор дошта, солҳои 2012 ва 2014 суръати рушд нисбат ба солҳои қаблӣ тамоили паствравӣ дорад ва  мутаносибан 1,35 ва 1,32 трлн.долл-ро ташкил намуд. Зеро таъсири буҳрони молиявии ҷаҳонӣ

ҳануз ҳам боқи монда, номутавозинии макроиқтисодӣ ва номуайянӣ сармоягузоронро аз сармоягузориҳои калон нигоҳ медорад. Вале дар ин давра дар ҳаракати минтақавии ҷаҳонии сармоя дигаргуниҳои калон ба вуҷуд омаданд. Дар соли 2012 бори аввал ҳаҷми зиёди воридоти сармояи мустақим ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ рост омад. Аз 1,35 трлн. долл. –и сармояи мустақими хориҷӣ, ки дар умум сармоягузори карда шудааст, 52% ба иқтисодиёти давлатҳои рӯ ба тараққӣ равона гардида буданд.[96] Ширкатҳои фаромиллии давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар ин давра стратегияи нигоҳдориро (выдержательная) пеша намуда, истеҳсолоти худро аз давлатҳои рӯ ба тараққӣ қафо гардонида, ба давлатҳои тараққикарда кӯчониданд. Ин ҳолат то андозае ҷараёни азнавсармоягузории даромадҳои сармоядоронро суст намуда, селаи сармоягузориро дар арсаи ҷаҳон коҳиш дод, ки дар натиҷа ҳаҷми сармояи давлатҳои тараққикарда ба соли 2021 746 млрд. доллар баробар гашта, 47,1%-и сармояи ҷаҳониро ташкил намуд (нигаред ба замимаи 1.).

Давлатҳои дар ҳолати гузариш қарордошта характери кушодагиро нишон дода, ҳиссаи онҳо аз 5,6 ба 6,5 дарсади воридоти сармояи мустақими ҷаҳонӣ баробар шуда, 87 млрд.долл. ба иқтисодиёташон ворид намуданд.

Аз таҳлили ҷадвали мазкур бармеояд, ки новобаста аз тағйиротҳои ба вуҷуд омада,  содиркунандаи асосии сармоя давлатҳои тараққикарда ба шумор меравaнд. Омӯзиши мантиқӣ-таърихии ҳаракати сармоя собит месозад, ки дар давраи аввали таърихӣ, содироти сармоя ба давлатҳои капиталистӣ рост меомад. Дар натиҷаи андухти сармояи барзиёд давлатҳои капиталистӣ кушиш намуданд, ки соҳаи даромадноктари сармоягузориро дарёфт намоянд ва бо ин роҳ худафзоишии сармояро таъмин кунанд.  Соҳаҳои даромадноки сармоягузорӣ дар давлатҳои қафомонда ба чашм мерасид. Зеро дар ин давлатҳо захираҳои иқтисодии арзон бисёр буда, норасоии сармоя муаммои  асосии рушд ба ҳисоб мерафт. Рушди муносибатҳои байналхалқӣ имкон дод, ки сармоя аз давлатҳои

[96] Глобальные производственные системы: инвестиции и торговля в интересах развития [Текст] //Доклад о мировых инвестициях. – ЮНКТАД. - 2013. – 52с.

капиталистӣ ба давлатҳои ру ба тараққӣ озодона ҳаракат намояд ва дар навбати худ ҳаракати сармоя, асоси қавигардии муносибатҳои байни давлатҳо гардид.

Таҳлилҳои чуқуртари гардиши сармояи мустақими ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ самти ҳаракати сармоя бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ аз нигоҳи таркибӣ тадриҷан тағйир ёфта истодааст.

Агар ба раванди ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳони муосир назар намоем, мебинем, ки як самти асосии ташаккули он ин рушди асосҳои моддии он – рушди инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ ва обию энергетикӣ мебошад. Мутаносибан ин соҳаҳо ҳамчун соҳаҳои афзалиятноки кишварҳои ҷаҳон барои таъмини рушди босуботи кишвар ва ҳамзамон воситаи ҷаҳонишавии иқтисоди миллӣ сармояи калонро талаб намуда, бисёре аз кишварҳо ва гуруҳи кишварҳои аъзои созмонҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, созмонҳои байналмилалии ба рушди минтақаҳо нигаронидашуда, сармоягузорӣ дар ин самтро афзоиш додаанд, ки он дар сохтори ҳаракати сармояи ҷаҳонӣ тағйироти куллиро ба вуҷуд овардааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои баромадан аз буҳрони молиявии ҷаҳонӣ давлатҳои бузург ҳамасола ба инфрасохтор сармоягузориро бештар намуда (солҳои 2008-2009 ва баъди он), бо ин роҳ ба раванди ҷаҳонишавии иқтисоди миллии худ шакли нав бахшида (бо воситаи ташаккули лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ, фаромиллӣ, фаросарҳадии нақлиётию коммуникатсионӣ), фазои мезоиқтисодии чаҳониро бо дарназардошти манфиатҳои миллии худ ташаккул додаанд (нигаред ба замимаи 2.).

Чи хеле, ки аз ҷадвали мазкур дида мешавад, дар натиҷаи амалӣ кардани лоиҳаи The AmericanRecovery and Reinvestment Act (ARRA) дар ИМА дар 3 квартали соли 2009 рушди иқтисодӣ 1,7% ташкил намуд (дар муқоиса нисбати 6,7 % пастравии иқтисодиёт дар 1 квартал) ва сатҳи бекорӣ бошад, соли 2017 ба сатҳи пеш аз буҳрон омада расид.

Татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории ҶМЧ Иқтисодиёти Хитой тавонист аз пастравии чуқур эмин монад. Аллакай дар соли 2009 рушди ММД ба 9,4% баробар гашта, сатҳи бекорӣ дар ҳамаи давраи буҳрон аз 4,5% боло нарафт.

Кишварҳои Ҳиндустон ва Олмону Канада низ дар давраи буҳронӣ ва баъди буҳронӣ низ сармоягузории инрфрасохториро васеъ намуда, бо ин роҳ муносибатҳои ҳамгироии минтақаҳои алоҳидаи худро ҷиҳати рушди мезосатҳи ҳамгироӣ тақвият бахшида, таъсири манфии ҷаҳонишавиро кам намуданд.

Тамоюли дигаре, ки дар ҳаракати байналхалқии сармоя ба назар мерасад ин афзоиши сармояи инфрасохтории лоиҳаҳои фаросарҳадӣ ва гуруҳҳои ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ, ки асоси онҳоро сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионии ҷаҳонӣ ташкил менамоянд. Ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими мутақобил дар доираи ҳамкориҳои давлатҳои гуруҳи G20, шарикии тиҷоратию сармоягузории Трансатлантикӣ (ТТИП) ва Трансуқёнусиором (ТТП) (дар асоси лоиҳаи нақлиётию коммуникатсионии Трансатлантика), Ҳамкории умумиҷаҳонии иқтисодӣ (РВЭП), ҳамкории Осиё-уқёнуси Ором (АТЭС) ва БРИКС дар гардиши ҷаҳонии сармоягузориҳо хеле назаррасанд. Бояд қайд намуд, ки сармоягузориҳои мустақими ин давлатҳо на танҳо барои ташаккули инфрасохтори дохилӣ, инчунин барои инфрасохтори ҷаҳонӣ бештар равона гардидааст. Содироти сармояи инфрасохтории ин кишварҳо бо воситаи ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ба кишварҳо ва минтақаҳои сустараққикарда равона гардида, бо ин роҳ суръати ҷаҳонишавиро дар ҷаҳон метезонад, ки ин аз як тараф барои рушди кишвари худашон ва аз тарафи дигар ба рушди кишварҳои қафомонда мусоидат менамояд (нигаред ба ҷадвали 3.3.). Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур дида мешавад, ба истиснои БРИКС ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими дохилиминтақавӣ тақрибан аз 30% то 63% -ро ташкил менамоянд.[97]

Сармояи инфрасохторӣ (асосан долонҳои нақлиётӣ) ҳамчун асоси рушди «минатақаи дорои имконияти ҳамгироӣ» дар Осиёи Марказӣ низ афзоиш ёфта, ташаккули ҳамкориҳои иқтисодиро (ҳамгироии иқтисодии минтақавиро) ҷиҳати истифодаи самараноки захираи минтақа исбот менамояд. Ин ҳамгироии иқтисодӣ дар асоси ташаккули бозори сармоя байни кишварҳои Осиёи Марказӣ

[97] Доклад о миовых инвестициях 2016 с. .Захираи Интернет: адрес: https://roscongress.org/materials/doklad-o-mirovykh-investitsiyakh-2016/ (санаи мурочиат: 18.07.2022с.)

ба вуҷуд омада, ғайрахаттӣ будани модели ҳамгироии иқтисодиро (дар муқоиса бо 5 сатҳи ҳамгироии Баллас) собит месозанд.

**Ҷадвали 3.1. - Воридоти сармояи хориҷӣ дар доираи лоиҳаҳои инрасохтории байнламилалӣ ва дохили минтақавӣ**

| Соли 2014 | | |
|---|---|---|
| **Мезоҳамгироиҳо** | **Воридоти СМХ, млрд. долл** | **Ҳаҷм дар СМХ ҷаҳонӣ, бо%** |
| G20 | 652 | 51 |
| ТТИП | 399 | 31 |
| АТЭС | 669 | 52 |
| ТТП | 353 | 28 |
| РВЭП | 341 | 27 |
| БРИКС | 271 | 21 |
| **Соли 2015** | | |
| G20 | 926 | 53 |
| ТТИП | 819 | 46 |
| АТЭС | 953 | 54 |
| ТТП | 593 | 34 |
| РВЭП | 330 | 19 |
| БРИКС | 256 | 15 |

**Сарчашма:** Доклад о мировых инвестициях 2016 г. Захираи Интернет. адресс: https://unctad.org/en/PublicationsLibrary/wir2018_overview_ru.pdf, (санаи муроҷиат: 18.07.2022с.) Эзоҳ: G20 бо истиснои Иттиҳоди Аврупо аст ва бо иловаи ИА ин рақам боз хеле меафзояд;

Бо воситаи ин лоиҳаҳо кишварҳои Осиёи Марказӣ суръати ҷаҳонишавиро тезонида, аз ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ самараи бартарияти ҳамгироиро ба даст оварда, бо ин роҳ рушди иқтисодии кишварҳоро таъмин месозанд (нигаред ба ҷадвали 3.2.).

**Ҷадвали 3.2. - Долонҳои нақлиётии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз**

| **Номи лоиҳа** | **Ҳаҷми сармоягузорӣ, млрд.долл. ИМА.** | **Кишварҳо ва материкҳоеро, ки фаро мегирад.** |
|---|---|---|
| Ташаббуси «Як камарбанд-Як роҳ» (ОПОП) | 900-8000 | Аврупо, Осиё, Африқо |
| Барономаи ҳамкории иқтисодии минтақавии осиёи марказӣ (ЦАРЕС) | 31,5 | Афғонистон, Озарбойҷон, ҶМЧ, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Покистон, Тоҷикистон, Туркменистон ва Узбекистон |
| Долони нақлиётии Аврупо-Қафқоз-Осиё (ТРАСЕКА) | 0,16 | Арманистон, Озорбойҷон, Булғория, Гурҷистон Қазоқистон, Қирғизистон Ҷумҳурии исломии Эрон, Молдавия, Руминия, Туркия, Украина, Узбекистон, Тоҷикистон, Туркменистон ҷамъи ҳамаи кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо |

| | | |
|---|---|---|
| Роҳи оҳани транзитӣ (ТАЖД) | 75,6 | Афғонситон, Арманистон, Озорбойҷон, Бангладеш, Белоруссия, Бутан, Бруней, Камбоҷа, Хитой, Ҳиндустон, Индонезия, Эрон, Қазоқистон, Лаос, Муғулистон, Непал, Покистон, Кореяи Ҷанубӣ, Россия, Шри-Ланка, Тоҷикистон, Таиланд, Туркия, Туркменистон, Узбекистон ва Ветнам |

**Сарчашма:** ITF (2019[3]), “Enhancing Connectivity and Freight in Central Asia”, International Transport Forum Policy Papers, No. 71, OECD Publishing, Paris. Устойчивая инфраструктура в Центральной Азии: проблемы и возможности. Захираи Интернетӣ. Адрес: https://www.oecd-ilibrary.org/sites/b079da74 /index.html?itemId=/content/component/b079da74-ru. Санаи муроҷиат: 05.08.2022.

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб дар ҳамаи лоиҳаҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ширкат намуда, бо ин роҳ муаммои баромадан ба баҳрро бартараф намуда, ҳамзамон ба кишвари транзитӣ табдил меёбад. Бо ин васила Ҳадафи стратегии кишвар - баромадан аз бунбасти коммуникатсонӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистонро таъмин менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар Осиёи Марказӣ инчунин лоиҳаи CASA-1000 низ татбиқ гашта истодааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ҳамчун давлати фаъоли аъзо ширкат намуда, барқи зиёдатии худро ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ (Покистону Ҳиндустон) содир менамояд. Дар баробари ин ҳамгироии минтақавии иқтисодиро бо ин кишварҳо дар оянда ташаккул дода, «минтақаи дорои имконияти ҳамгироиро» дар заминаи ташаккули долони иттилоотию энергетикӣ таъсис медиҳад. Вобаста ба сармоягузорӣ ба соҳаҳои таркибии инфрасохтори нақлиётӣ дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз таносуби сохтмони роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан нисбат ба сармоягузорӣ ба таҷдиди бандарҳою роҳҳои ҳавоӣ хеле зиёд аст (нигаред ба ҷадвали 3.3.).

**Ҷадвали 3.3. - Лоиҳаҳои сармоягузории нақлиётии банақшагирифташуда ва сохташудаистода дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз**

| Лоиҳаҳои сармоягузорӣ | млн.долл. ИМА |
|---|---|
| Роҳи оҳан | 29,770 |
| Фурудгоҳҳо | 987 |
| Бандарҳо | 3,854 |
| Роҳҳои бисёрфунксионалӣ (Мултимодалӣ) | 743 |
| Роҳи оҳан ва автомобил | 2,059 |
| Роҳи автомобилгард | 56,801 |

**Сарчашма:** ITF (2019[3]), “Enhancing Connectivity and Freight in Central Asia”, International Transport Forum Policy Papers, No. 71, OECD Publishing, Paris. Устойчивая инфраструктура в Центральной Азии: проблемы и возможности. Захираи Интернетӣ. Адрес: https://www.oecd-ilibrary.org/sites/b079da74 /index.html?itemId=/content/component/b079da74-ru. Санаи муроҷиат: 05.08.2022.

Дар минтақаи Укёнуси Ором дар якҷоягӣ бо Осиёи Марказию Қафқоз, ки як “минтақаи дорои имконияти ҳамгироиро” дар заминаи сохтмони роҳҳои нақлиётию коммуникатсионӣ бо роҳи баромад ба Укёнуси Оромро ташкил медиҳанд, сармояи зарурии инфрасохторӣ дар маҷмуъ 492 млрд. долл. ИМА, яъне 6,8% рушди ММД минтақавиро ташкил медиҳад (нигаред ба ҷадвали 3.4. ). Бо дарназардошти тағирёбии иқлим, ки ба рушди ММД ва вазъи роҳҳои автомобилгард ва роҳҳои оҳан баъзан метавонад таъсири манфӣ расонад, норасоии сармоягузорӣ метавонад ба 7,8 % ММД афзоиш ёбад.

**Ҷадвали 3.4. - Сармояи зарурӣ барои сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионӣ дар минтақаҳо дар солҳои 2015-2030. (млрд. долл. ИМА)**

| **Минтақа** | **Пешгуии солонаи рушди ММД** | **Арзёбии аввалия (базисӣ)** | | | **Арзёбӣ бо дарназардошти тағирёбии иқлим** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Сармояи зарурӣ | Ҳамасола | Бо % нисбат ба ММД | Сармояи зарурӣ | Ҳамасола | Бо % нисбат ба ММД |
| **Осиёи Марказӣ ва Қафқоз** | 3,1 | 492 | 33 | 6,8 | 556 | 38 | 7,8 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | |
| Осиёи Шарқӣ | 5,1 | 13 781 | 919 | 4,5 | 16 062 | 1 071 | 5,2 |
| Осиёи Ҷанубӣ | 6,5 | 5 447 | 365 | 7,6 | 6 347 | 423 | 8,8 |
| Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ | 5,1 | 2 759 | 184 | 5,0 | 3 147 | 210 | 5,7 |
| **Минтақаи Укёнуси Ором** | 3,1 | 42 | 2,8 | 8,2 | 46 | 3,1 | 9,1 |
| Ҳамагӣ **Минтақаи Осиё ва Укёнуси Ором** | 5,3 | 22 551 | 1 503 | 5,1 | 26 166 | 1 744 | 5,9 |

**Сарчашма:** ADB (2017[2])(2017), *Meeting Asia's Infrastructure Needs*, Asian Development Bank, Manila, https://www.adb.org/sites/default/files/publication/227496/special-report-infrastructure.pdf (санаи муроҷиат: 22.10.2022 с.)

Дар айни замон бошад, сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ дар сатҳи 4%-и ММД қарор дорад, ки он хеле кам аст. Аз ҳама зиёд зарурияти сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаи Уқёнуси Ором зарур аст, ки дар арзёбии базавӣ 8,2%-и ММД ва бо назардошти тағйирёбии иқлим он ба 9,1% мерасад.

Таҳқиқоти Корпоратсияҳои консалтингии байналхалқӣ (McKinsey, The Boston Consulting Group ва ғайра) институтҳои рушд (Бонки ҷаҳонӣ ва СҲИ (ОЭСР)) нишон медиҳанд, ки талабот ба ташаккули инфрасохтори ҷаҳонӣ минбаъд низ афзоиш ёфта, норасоии маблағгузории он тақрибан 2 трлн. долл. ИМА-ро ташкил медиҳад.[98]

Ҳамин рақам дар таҳқиқоти дигари олими рус А.С Бедняков бо дарназардошти таҳлили васеи раванди муосири ҷаҳонишавӣ ва афзоиши талабот ба инфрасохтор хеле калон нишон дода шудааст. Ба ақидаи А.С. Бедняков «Таҳлили рушди сармоягузорӣ ба инфрасохтори иқтисодӣ дар ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар солҳои 2016-2040 норасоии «талабот» аз «пешниҳод» ба сармоягузории инфрасохторӣ дар ҷаҳон тақрибан 15 трлн.долл. ИМА-ро ва (бо назардошти сармоягузорӣ барои ҳадафҳои рушди ҳазорсола, ки дар он инфрасохтор нақши муҳим дорад) 18 трлн.долл. ИМА-ро ташкил менамояд. Ин 0,6%-и ММД ҷаҳонӣ ва ё 16%-и сармоягузории зарурии рушдро ташкил менамояд ».[99]

Аз ҷумла, сатҳи норасоии сармоя дар ҷаҳон дар байни минтақаҳо ва давлатҳо хеле фарқи калон мекунад. Масалан дар:

- Океания- тақрибан 9% (асосан аз ҳисоби Австралия-8%, ки дар онҷо ба сари аҳолӣ сармоягузорӣ ба инфрасохтор тақрибан 2 ҳаз. долл-ро ташкил менамояд ва нисбат ба дигар кишварҳо (масалан Канада-1117 ҳаз. долл., Япония-1100 ҳаз. долл., Франсия-1000 ҳаз. долл., ШМА-930 ҳаз. долл., Британияи Кабир-

[98] Мохамад Ариф Салим. Тенденции развития инфраструктурных отраслей в условиях глобализации: автореферат дис. ... канд. экон. наук. 08.00.14 [Текст] / Салим Аоиф Мохамад. - Москва, 2016. – С.3.
[99] А.С. Бедняков. Роль инфраструктуры в обеспечении устойчивого социально-экономического развития и конкурентоспособности: Актуальные вопросы в России и за рубежом// Бедняков А.С. «Известия СПГЭУ, 2021.№1. Захираи Интернет: адресс: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-infrastruktury-v-obespechenii-ustoychivogo-sotsialno-ekonomicheskogo-razvitiya-i-konkurentosposobnosti-aktualnye-voprosy-v.( Санаи муроҷиат: 01.08.22с.).

870 ҳаз. долл., ҶМЧ-606 ҳаз. долл., Арабистони Саудӣ-506 ҳаз. долл. ва Россия-265 ҳаз. долл.) зиёдтар аст.

- Осиё – тақрибан 9% ( асосан аз ҳисоби Ҷопон – тақрибан 2%)

- Аврупо – тақрибан 14%. Дар ин минтақа вазъият дар Фаронса беҳтар буда, қариб норасоии сармоя барои инфрасохтор мушоҳида намегардад. Дар Британияи Кабир норасоии сармояи инфрасохторӣ 7%-ро ташкил менамояд, ки нисбат ба кишварҳои нави ба ИА ҳамроҳшуда нисбатан беҳтар аст.

-Африқо – тақрибан 28%. Дар ин ҷо тафриқаи калон, ҳатто дар кишварҳои каму беш пешрафта низ, вуҷуд дорад. Масалан дар ҶАҶ (ЮАР) норасоии сармояи инфрасохторӣ 30% ва дар Нигерия бошад тақрибан 23%-ро ташкил менамояд.

-Амрико – тақрибан 32%. Дар ин ҷо низ тафриқа хеле калон аст. Агар дар Канада норасоии сармояи инфрасохторӣ калон набуда, ҳамагӣ 1,5%-ро ташкил намояд, пас ин нишондод дар ШМА – 27%, Чили-17%, Мексика-47% ва Бразилияю Аргентина тақрибан 40%-и сармояи зарурировташкил медиҳад.

Аз рӯйи таҳлили Б. Коркин «аз ҳама соҳаҳои инфрасохторӣ, ки дар он норасоии сармоя бештар ба назар мерасад, ин инфрасохтори сохтмони роҳҳои автомобилгард -8 трлн.долл. ё 24%, ТИК – 1 трлн.долл. ё 12% ва роҳи оҳан-0,9 трлн.долл. ё 10%-буда, инчунин солҳои охир инфрасохтори бандарҳои баҳрӣ-24% ва аэропортҳо-20% низ сармояталаб гашта истодаанд. Дар Россия бошад норасоии сармояи инфрасохторӣ тибқи ҳисоботҳо дар солҳои 2021-2040 тақрибан 600 млрд.долл.-ро ташкил менамояд ».[100]

Яъне, вобастагии рушди минбаъдаи иқтисоди ҷаҳон ва мутаносибан рушди минбаъдаи вобастагии иқтисодиёти миллӣ аз инфрасохтор (исботи назариявии онро мо дар назарияҳои бартариятҳо оварда қайд намудем, ки инфрасохтор дар баробари дигар омилҳо омили ташаккули рақобатпазирӣ мебошад) ёфта, ҳамчун омили рақобатпазирӣ дар бисёре аз рейтингҳои глобалӣ (Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ (The Global Competitiveness Report), рейтинги рақобатпазирии

[100] Ҳамон ҷо.

кишварҳои ҷаҳон (The IMD World Competitiveness Ranking)) сифати инфрасохтор мавқеи хоса доранд.

Масалан дар таҳқиқоте, ки соли 2016 Бонки сармоягузории Аврупоӣ гузаронидааст, маълум шуд, ки дар 245 минтақаҳои иқтисодии 19 давлати Аврупо вобастагии мутақобила байни рушди инфрасохтор ва рушди иқтисодиёт (пеш аз бухрони солҳои 2007-2008 ва баъди он) хеле баланд мебошад.[101] Ин лоиҳаҳо асоси рушди иқтисодии минтақаҳо гардида, дар маҷмуъ ба рушди иқтисодии икшварҳо мусоидат намудаанд.

Дар ДНБ "Шимол-Ҷануб" дар маҷмуъ 38,2 млрд.долл. барои татбиқи 102 лоиҳаи инфрасохторӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 13,2 млрд. долл. ба кишварҳои Россия, Қазокистон ва Эрон рост меояд. Бояд қайд намуд, ки аз маблағи умумии банақшагирифташуда 43% аз ҳисоби кишварҳои аъзо ва 57%-и боқимондааш аз ҳисоби ҷалби сармоя аз берун ба анҷом расонида мешавад. Махсусан Арманистон ва Эрон лоиҳаҳои инфрасохтории худро дар ин ДНБ пурра аз ҳисоби ҷалби сармоя аз ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷа мехоҳанд татбиқ намоянд. Аз ҳама бештар маблағи мазкур барои сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард (59 лоиҳа аз 102 лоиҳа) нигаронида шудааст (нигаред ба замимаи 3.).

Ин лоиҳаҳо аз рӯйи афзалияташон вобаста ба монеаҳои инфрасохторӣ, тарифӣ-гумрукӣ ва молиявию идоракунӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда шудаанд, ки дар маҷмуъ тибқи таҳлили Бонки Осиёгии Рушд (БОР) 40 монеаро дар бар мегиранд. Ба гуруҳи якум асосан монеаҳо вобаста ба сохтмони қитъаҳои роҳҳои мавҷуднабуда ва васеъ кардани қитъаҳои танг, ки барои кашонидани бор ва пайваст шудан ба роҳҳои асосии калон мушкилӣ эҷод мекунанд, нигаронида шудааст. Ба гуруҳҳи дуюм мушкилиҳои беҳтар кардани сифати роҳҳо ва сохтмони роҳҳои алтернативӣ ҷиҳати зиёд намудани имконияти интиқолии боркашонӣ дар долонҳои нақлиётӣ дохил карда шудаанд. Монеъаҳои гуруҳи

[101] Revoltella D., Brutscher P., Tsiotras A., Weiss C. Infrastructure Investment in Europe and International Competitiveness. European Investment Bank, 2016.

сеюм ин сохтмони қитъаҳои иловагӣ бобати имконияти часпонидани ДНБ "Шимол-Ҷануб" бо долонҳои дигари нақлиётии байналмилалӣ (Роҳи Абрешим, ЦАРЕС ва ғайра) мебошад.

Аз таҳлилҳои овардашуда бармеояд, ки асоси ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгирой"-ро дар хоҷагии муосири ҷаҳонӣ сармояи инфрасохторӣ ташкил намуда, он дар раванди гардиши минтақавии сармояи ҷаҳонӣ, тамоили рушдро дорад. Сармояи инфрасохторӣ дар доираи лоиҳаҳои минтақавии инфрасохторӣ дар мадди аввал бозори умумии минтақавии сармояро ташкил намуда истода, сатҳи ташаккули бозори умумии (сармоя) ҳамгироии иқтисодии минтақавиро дар минтақаҳои алоҳидаи иқтисоди ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки шакли ғайрихатии ҳамгироии иқтисодии минтақавиро инъикос менамояд.

Дар доираи ЦАРЕС, ки Тоҷикистон низ дар он иштирок менамояд, сармояи инрасохторӣ дар маҷмуъ 38,8 млд.долл –ро ташкил медиҳад, ки он аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ ва сармояи кишварҳои аъзо андухт карда мешаванд (нигаред ба ҷадвали 3.5.).

**Ҷадвали 3.5. - Сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар доираи ЦАРЕС**

| | Лоиҳаҳои ҷорӣ | Лоиҳаҳои нав | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Роҳи автомобилгард | 11,4 | 13,2 | 24,6 |
| Роҳи оҳан | 4,1 | 6,1 | 10,3 |
| Бандарҳо | 1,0 | 0,1 | 1,1 |
| Логистика | 0,0 | 0,2 | 0,2 |
| Аэропорт ва авиатсияи гражданӣ | 0,5 | 0,9 | 1,4 |
| Мусоидат ба савдои хориҷӣ | 0,4 | 0,9 | 1,3 |
| **Ҳамагӣ** | **17,4** | **21,4** | **38,8** |
| **Миқдори лоиҳаҳо** | | | |
| Роҳи автомобилгард | 3 | 35 | 38 |
| Роҳи оҳан | 2 | 15 | 17 |
| Бандарҳо | 15 | 2 | 17 |
| Логистика | 0 | 6 | 6 |
| Аэропорт ва авиатсияи гражданӣ | 10 | 5 | 15 |
| Мусоидат ба савдои хориҷӣ | 2 | 13 | 15 |
| **Ҳамагӣ** | **32** | **76** | **108** |

**Сарчашма:** Стратегияи ЦАРЕС дар бораи осонгардонии наклиёт ва савдо. Ҳисоботи БОР. Захираи электронӣ EDB_2022_Report-2_INSTC_rus.pdf. (санаи муроҷиат: 28.10.2022 с.)

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур мушоҳида мегардад, сармояи инфрасохторӣ дар Осиёи Марказӣ сол аз сол бештар гардида, таваҷҷуҳи бештари созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ маҳз ба ҳамин шакли сармоягузорӣ дар ин минтақа равона гардидааст. Яъне созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ нисбат ба сармоягузории истеҳсолию молиявӣ сармоягузории инфрасохтории нақлиётию коммуникатсониро бештар дар Осиёи Марказӣ тақвият дода, бо ин роҳ ҳамгироии ин кишварҳоро тезонида, раванди ҷаҳонишавии онҳоро инкишоф медиҳанд. Дар ин маврид бояд қайд намоем, ки бисёре аз ин лоиҳаҳо дар мабалғугзории кишварҳои Осиёи Марказӣ сурат мегирад, ки он раванди байналмилаликунонии сармояи миллиро таҷассум менамояд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба мисли Тоҷикистон дар ин лоиҳаҳо ширкат намуда, қисматҳои алоҳидаи роҳҳои нақлиётии миллиро аз ҳисоби сармояи дохилӣ дар шакли шарикии бахши хусусӣ ва давлатӣ (мисол IRS) таъмир ва тармим мекунад, ки ин воситаи байналмилаликунии сармояи хусусӣ мебошад. Дар навбати худ ин раванди сармоягузорӣ муносибатҳои ҳамгироии кишвар ва минтақаҳои онро тақвият бахшида, воситаи муҳими инкишофи муносибатҳои байналхалқии минтақаҳо мегардад. Махсусан минтақаҳое, ки дар масири ин долонҳои нақлиётӣ чойгиранд, бештар бо минтақа ва кишварҳои “ҳамсарҳадӣ” долони мазкур муносибатҳои тиҷоратӣ ва истеҳсолию гуманитариро ба роҳ монда, фазои муносиби сармоягузории мутақобиларо таъмин мекунанд.

Ҳамин тариқ таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сармоягузории инфрасохторӣ ва истеҳсолию тиҷоратӣ дар дохили гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ самти муассири ҳаракати сармоя дар иқтисоди ҷаҳон буда, раванди ҳамгироии ғайрихаттиро метезонад. Ин ҳолат на танҳо нишондиҳандаи тамоюли сармоягузории кишварҳои тараққикарда ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ, инчунин сармоягузории мутақобилаи байни кишварҳои ҷаҳонро, ки характери ҳамгироиро касб намуда истодаанд (асосан кишварҳои рӯ ба тараққӣ), дар низоми ҳаракати сармояи хориҷӣ нишон медиҳад.

Аз нигоҳи назарияи иқтисодӣ он муқаррароти назариявӣ муҳим аст, ки сармоягузории мутақобила ва сармоягузории инфрасохторӣ дар доираи

“минтақаи дорои имконияти ҳамгирой” раванди байналмилаликунонии омили ҷамъиятии кишварҳои рӯ ба тараққӣ - сармояро тақвият бахшида, суръати ҷаҳонишавии иқтисоди миллии ин кишварҳоро метезонад. Аз нигоҳи назарияи диалектикии инкишоф бошад, сармоягузории мутақобилаи дохилиминтақавӣ ва инфрасохторӣ нуқтаи бифуркасионии муносибатҳои ҳамгироии миинтақавӣ гардида, тағйиротҳои куллиро дар истифодаи самараноки захираҳои иқтисодии наздисарҳадӣ бо воситаи коллективона ва бемуноқиша идора намудани онҳо ҳамчун механизми бартараф кардани зиддиятҳо, ба вуҷуд меорад.

### 3.2. Механизми ҷуброн дар низоми савдои хориҷӣ ҳамчун унсури раванди ғайрихаттии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ

Яке аз шаклҳои маъмул ва аввалини муносибатҳои байналхалқӣ ин тиҷорати байналхалқӣ буда, таърихи тулонӣ ва бой дорад. Тиҷорат дар байни кишварҳо ҳануз дар охири асрҳои қадим ва аввали асрҳои миёна инкишоф ёфта бошад ҳам, вале таваҷҷуҳи олимон ба он дар асри XVII аз тарафи меркантилистҳо дода шудааст. Меркантилистҳо тиҷорати байналхалқиро воситаи асосии бойшавии давлат арзёбӣ намуда, онро ҳамаҷониба дастгири менамуданд. Баъдан ин назария тадриҷан инкишоф ёфта, ба як объекти калони таҳқиқотӣ табдил ёфт (ба таври васеъ дар боби 2 дида баромадем). Дар амал бошад, тиҷорати байналхалқӣ давра ба давра рушд ёфта, суръати рушди он аз суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ пеш гузашт. Ин раванд ҳануз ҳам идома дошта, пайваста суръати рушди тиҷорати байналхалқӣ аз суръати рушди ММД ҷаҳонӣ баландтар аст. Аз ин бармеояд, ки дар низоми хоҷагии ҷаҳони муосир, ки дар он раванди ҷаҳонишавӣ босуръат идома дорад, тиҷорати байналхалқӣ ҳамчун нишондиҳандаи миқдорӣ ва ҳам нишондиҳандаи сифатӣ бо ҳамон таносуби барзиёди нисбат ба суръати рушди истеҳсолоти ҷаҳонӣ рушд намуда истодааст (нигаред ба ҷадвали 3.6.).

**Ҷадвали 3.6. - Рушди тиҷорати байналхалқӣ ва ММД ҷаҳонӣ**

| Солҳо | Содирот и байналхалқии мол, млрд.доლл. ИМА | Суръат и рушд бо % | Воридоти байналхалқии мол, млрд.долл. ИМА | Суръати рушд бо % | Гардиши савдои мол дар ҷаҳон, млрд.долл. ИМА | Суръати рушд бо % | Рушди ММД ҷаҳонӣ, млрд.долл. ИМА | Суръат и рушд бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1948 | 59 | - | 62 | - | 121 | - | | |
| 1953 | 84 | 142,4 | 85 | 137,1 | 169 | 139,7 | | |
| 1963 | 157 | 186,9 | 164 | 192,9 | 321 | 189,9 | 1665 | |
| 1973 | 579 | 368,8 | 594 | 362,2 | 1173 | 365,4 | 4638 | 278,6 |
| 1983 | 1838 | 317,4 | 1883 | 317,0 | 3721 | 317,2 | 11820 | 254,9 |
| 1993 | 3688 | 200,8 | 3805 | 202,1 | 7493 | 201,3 | 25851 | 218,7 |
| 2003 | 7382 | 200,1 | 7599 | 199,7 | 14981 | 199,9 | 38950 | 150,7 |
| 2020 | 17070 | 231,2 | 17376 | 228,7 | 34466 | 230,1 | 84711 | 217,5 |

**Сарчашма:** https://www.worldbank.org/en/research/commodity-markets/. (санаи муроҷиат: 20.09.02021), www. wto.

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур бармеояд, тиҷорати байналхалқӣ тайи солҳои охир гарчанде бо сабабҳои ба вуҷуд омадани буҳронҳои молиявию иқтисодии солҳои 2008-2009, инчунин пандемияи Ковид-19, коҳиш ёфта бошад ҳам, вале суръати рушди он аз суръати рушди ММД ҷаҳонӣ баланд аст. Аз ин бармеояд, ки тиҷорати байналмилалӣ ҳамчун низоми хоҷагии ҷаҳонии муосир дар ҳолати инкишоф қарор дошта, дар оянда низ ҳамчун объекти таҳқиқоти муҳақиқон ва предмети муносибатҳои байналхалқӣ боқӣ хоҳад монд.

Таҳлилҳое, ки дар ин самт тайи солҳои охир анҷом дода шудаанд, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар фаъолияти тиҷорати байналхалқӣ ва сиёсати он тағйиротҳои куллӣ ба назар мерасад. Махсусан, дар шароити ҷаҳонишавӣ раванди тиҷорати байналхалқӣ хусусиятҳои нав касб намудааст. Ин пеш аз ҳама дар таркиб ва географияи тиҷорати байналхалқӣ зуҳур меёбад. Агар дар натиҷаи тақсимоти байналхалқии меҳнат байни кишварҳои ҷаҳон аввал таркиби молҳои содиротию воридотиро молҳои саноатӣ ташкил менамуда буд, давра ба давра дар натиҷаи рушди саноатикунонӣ ва ҷори намудани инноватсия истеҳсоли молҳои саноатӣ дар дохили кишварҳо ба роҳ монда шуда, тайи 10 соли охир асоси содитори ҷаҳониро молҳои хӯрока, баъдан молҳои саноатӣ ва молҳои нимтайёр, мутаносибан 3,5; 2,8 ва 1,5 %-ро ташкил менамоянд (нигаред ба ҷадали 3.7.).

**Ҷадвали 3.7. - Афзоиши содироти мол дар ҷаҳон (бо %)**

| Намуди мол | 2010-2020 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|
| Содироти мол дар маҷмуъ | 2,7 | 2,5 | 0,0 | -5,1 |
| Молҳои кишоварзӣ | 3,5 | 4,3 | 3,0 | -2,3 |
| Молҳои нимтайёр | 1,5 | 7,8 | 2,7 | -3,1 |
| Молҳои саноатӣ | 2,8 | 3,5 | 0,2 | -6,3 |

**Сарчашма:** https://www.worldbank.org/en/research/commodity-markets: санаи муроҷиат 07.11.2021.

Албатта, дар ин раванд саноатикунонӣ ва ҷори намудани дастовардҳои инноватсиони байни кишварҳо нақши ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ хеле назаррас аст.

Дар географияи ҳаракати тиҷорат бошад, бештар нақши иттиҳодиятҳои гумрукӣ ва созмонҳои минтақавии ҳамгироӣ афзоиш ёфта истодааст (нигаред ба ҷадвали 3.8.-3.9.).

**Ҷадвали 3.8. - Содироти давлатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон**

| | 1948 | 1953 | 1963 | 1973 | 1983 | 1993 | 2003 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷаҳон (млрд.долл)** | **59** | **84** | **157** | **579** | **1838** | **3688** | **7382** | **17070** |
| **бо фоиз** | | | | | | | | |
| Чаҳон | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| ИМА | 28,1 | 24,8 | 19,9 | 17,3 | 16,8 | 17,9 | 15,8 | 13,1 |
| Мексика | 0,9 | 0,7 | 0,6 | 0,4 | 1,4 | 1,4 | 2,2 | 2,4 |
| Канада | 5,5 | 5,2 | 4,3 | 4,6 | 4,2 | 3,9 | 3,7 | 2,3 |
| Америкаи ҷанубӣ ва миёна бо Кариб | 11,3 | 9,7 | 6,4 | 4,3 | 4,5 | 3,0 | 3,1 | 3,1 |
| Бразилия | 2,0 | 1,8 | 0,9 | 1,1 | 1,2 | 1,0 | 1,0 | 1,2 |
| Чили | 0,6 | 0,5 | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,4 |
| Аврупо | 35,1 | 39,4 | 47,8 | 50,9 | 43,5 | 45,3 | 46,2 | 38,2 |
| Германия | 1,4 | 5,3 | 9,3 | 11,7 | 9,2 | 10,3 | 10,2 | 8,1 |
| Нидерландия | 2,0 | 3,0 | 3,6 | 4,7 | 3,5 | 3,8 | 4,0 | 4,0 |
| Франсия | 3,4 | 4,8 | 5,2 | 6,3 | 5,2 | 6,0 | 5,3 | 2,9 |
| Британияи Кабир | 11,3 | 9,0 | 7,8 | 5,1 | 5,0 | 4,9 | 4,2 | 2,4 |
| ИДМ | - | - | - | - | - | 1,7 | 2,3 | 2,7 |
| Африқо | 7,3 | 6,5 | 5,7 | 4,8 | 4,5 | 2,5 | 2,4 | 2,2 |
| Африқои ҷанубӣ | 2,0 | 1,6 | 1,5 | 1,0 | 1,0 | 0,7 | 0,5 | 0,5 |
| Шарки миёна | 2,0 | 2,7 | 3,2 | 4,1 | 6,7 | 3,5 | 4,1 | 4,5 |
| Осиё | 14,0 | 13,4 | 12,5 | 14,9 | 19,1 | 26,0 | 26,1 | 36,1 |
| ҶМЧ | 0,9 | 1,2 | 1,3 | 1,0 | 1,2 | 2,5 | 5,9 | 15,2 |

*Идомаи ҷадвали 3.8.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷопон | 0,4 | 1,5 | 3,5 | 6,4 | 8,0 | 9,8 | 6,4 | 3,8 |
| Ҳиндустон | 2,2 | 1,3 | 1,0 | 0,5 | 0,5 | 0,6 | 0,8 | 1,6 |
| Австралия ва Зерландияи Нав | 3,7 | 3,2 | 2,4 | 2,1 | 1,4 | 1,4 | 1,2 | 1,7 |
| Шаш давлати Осиёи Шарқӣ | 3,4 | 3,0 | 2,5 | 3,6 | 5,8 | 9,6 | 9,6 | 10,1 |
| Давлатҳои ташаккулёфта ИА (4) | - | - | 24,5 | 37,0 | 31,3 | 37,3 | 38,6 | 32,0 |
| ИҶШС | 2,2 | 3,5 | 4,6 | 3,7 | 5,0 | - | - | - |
| ГАТТ/СУС | 63,4 | 69,6 | 75,0 | 84,1 | 77,0 | 89,0 | 98,3 | 98,6 |

**Сарчашма:** https://www.worldbank.org/en/research/commodity-markets: санаи муроҷиат 07.11.2021с.

## Ҷадвали 3.9. - Воридоти давлатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон

| | 1948 | 1953 | 1963 | 1973 | 1983 | 1993 | 2003 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷаҳон (млрд.долл)** | **62** | **85** | **164** | **594** | **1883** | **3805** | **7599** | **17376** |
| Бо фоиз | | | | | | | | |
| Чаҳон | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| ИМА | 18,5 | 20,5 | 16,1 | 17,2 | 18,5 | 21,3 | 22,7 | 18,5 |
| Мексика | 4,4 | 5,5 | 3,9 | 4,2 | 3,4 | 3,7 | 2,3 | 2,3 |
| Канада | 1,0 | 0,9 | 0,8 | 0,6 | 0,7 | 1,8 | 3,2 | 2,4 |
| Америкаи ҷанубӣ ва миёна бо Кариб | 10,4 | 8,3 | 6,0 | 4,4 | 3,9 | 3,3 | 2,5 | 3,0 |
| Бразилия | 1,8 | 1,6 | 0,9 | 1,2 | 0,9 | 0,7 | 0,7 | 1,0 |
| Чили | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,3 |
| Аврупо | 45,3 | 43,7 | 52,0 | 53,3 | 4,1 | 44,5 | 44,6 | 37,3 |
| Германия | 2,2 | 4,5 | 8,0 | 9,2 | 8,1 | 9,0 | 8,0 | 6,7 |
| Нидерландия | 5,5 | 4,9 | 5,3 | 6,4 | 5,6 | 5,7 | 3,5 | 3,4 |
| Франсия | 3,4 | 3,3 | 4,4 | 4,8 | 3,3 | 3,3 | 5,2 | 3,4 |
| Британияи Кабир | 13,4 | 11,0 | 8,5 | 6,5 | 5,3 | 5,5 | 5,2 | 3,7 |
| ИДМ | - | - | - | - | - | 1,5 | 1,4 | 2,1 |
| Африқо | 8,1 | 7,0 | 5,2 | 3,9 | 4,6 | 2,6 | 2,2 | 2,9 |
| Африқои ҷанубӣ | 2,5 | 1,5 | 1,1 | 0,9 | 0,8 | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| Шарки миёна | 1,7 | 2,2 | 2,3 | 2,7 | 6,2 | 3,3 | 2,8 | 3,7 |
| Осиё | 13,9 | 15,1 | 14,1 | 14,9 | 18,5 | 23,5 | 23,8 | 32,4 |
| ҶМЧ | 0,6 | 1,6 | 0,9 | 0,9 | 1,1 | 2,7 | 5,4 | 11,8 |
| Ҷопон | 1,1 | 2,8 | 4,1 | 6,5 | 6,7 | 6,4 | 5,0 | 3,7 |
| Ҳиндустон | 2,3 | 1,4 | 1,5 | 0,5 | 0,7 | 0,6 | 1,0 | 2,1 |
| Австралия ва Зерландияи Нав | 2,9 | 2,3 | 2,2 | 1,6 | 1,4 | 1,5 | 1,4 | 1,4 |
| Шаш давлати Осиёи Шарқӣ | 3,5 | 3,7 | 3,2 | 3,9 | 6,1 | 10,2 | 8,7 | 9,3 |
| Давлатҳои ташаккулёфта ИА(4) | - | - | 25,5 | 37,1 | 31,4 | 36,2 | 36,1 | 29,6 |
| ИҶШС | 1,9 | 3,3 | 4,3 | 3,6 | 4,3 | - | - | - |
| ГАТТ/СУС | 58,6 | 66,9 | 75,3 | 85,5 | 79,7 | 89,3 | 98,4 | 98,2 |

**Сарчашма:** https://www.worldbank.org/en/research/commodity-markets: санаи муроҷиат 07.11.2021с.

Таҳлилҳо исбот менамоянд, ки рушди тиҷорат аз мавҷудияти роҳҳои боркашонӣ зич алоқаманд аст ва тамоюли муосири инкишофи тиҷорат аз консепсияи ДНБ сахт вобаста аст.

Ба ақидаи Ганочка А.А., ки нақлиёти баҳриро таҳлил намудааст, "Тамоюли рушди нақлиёти баҳрӣ ва тиҷорати байналмилалӣ ба ҳамдигар вобастаанд. Яке аз ин тамоилҳо контейнеркунонии нақлиёти обӣ мебошад, ки он дар солҳои 1962-1990 ба 790 % рушд ёфтани тиҷорати байналмилалӣ мусоидат намуд. Барои мисол шартномаҳои тиҷоратии дуҷониба ба 45% ва аъзогӣ ба СУС бошад, ба 285% рушди тиҷорати байналмилалӣ мусоидат намудааст ".[102]

Консепсияи долонҳои нақлиётӣ аз соли 1970-ум оғоз гардида, дар бисёр маврид ҳамчун объекти асосии муносибатҳои ҷаҳонишавии кишварҳо баррасӣ мегардад. Дар чаҳон кушиши ташкили долонҳои нақлиётӣ авҷ гирифта, ин долонҳо ба мақсади рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ истифода мегарданд. Ин аст, ки долонҳои нақлиётиро ба долонҳои транзитӣ, тиҷоратӣ ва иқтисодӣ ҷудо мекунанд. Мантиқан долонҳои нақлиётӣ барои кашонидани бор, одамон, рушди тиҷорат ва ташкили истеҳсолот сохта шуда, дар натиҷа он ба фазои иқтисодие мубаддал мегардад, ки дар он кишварҳо ба якдигар ҳамгиро шуда, тиҷорат ва истеҳсолоташонро рушд медиҳанд. Нақши ин долонҳо боз дар он беҳтар мегадад, ки рушди илму техника ба муосиргардонии низоми логистика оварда расонида, кишварҳо дар натиҷаи соддагардонии расимёти гумрукӣ оид ба рушди тиҷорат ва умуман ба рушди минтақа ва шаҳрҳо мусоидат менамоянд.

Нақши бандарҳои баҳриро дар рушди тиҷорат ва баъдан ба ҷараёни истеҳсолии ҷаҳонӣ ворид гаштани минтақа, кишвар ва ноҳияҳои тиҷораткунандаро ба низом даровapp, Ганочка А.А. қайд менамояд, ки "Агар дар давраи аввал бандарҳои обӣ ба рушди тиҷорат байни кишварҳои марказ ва музофотҳо мусоидат намуда бошад, дар давраи дуюм он ба ташкили маракзҳои

[102] Ганочка А.А. Международные морские порт-хабы как фактор развития региона Балтийского моря. Автореферати диссертация барои дарёфти дараҷаи н.и.и., аз руи ихтисоси 08.00.13-Иқтисоди ҷаҳон.-Санкт-Петербург.-2017.С. 3-4.

тиҷоратӣ (ташаккули шаҳрҳои тиҷоратӣ) ва дар давраи сеюм дар натиҷаи ташкили истеҳсолоти саноатӣ онҳо ба “равзана”-и фурӯши молҳои саноатӣ ва воридоти ашёи хом оварда расонд”.[103] Аз гуфтаҳои мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳам дар давраҳои аввал, ҳам дар давраи дуюм ва ҳам дар давраи сеюм бандарҳои обӣ барои кашонидани борҳо байни кишварҳои марказ ва музофотҳо ҷиҳати тиҷорати молҳое, ки ин кишварҳо талабот доштанад, сурат мегирифт. Кишварҳои марказ асосан ба истеҳсол ва тиҷорати молҳои саноатӣ, ки арзиши изофаро ба вуҷуд меовард, махсусгардонидашуда, бо роҳи фуруши молҳои тайёри саноатӣ ашёи хомро аз кишварҳои музофотҳо бо нархи арзон ворид менамуд. Бо ин шакли тиҷорат кишварҳои марказ ва музофотҳо талаботи дохилии худро ҷуброн мекарданд.

Умуман дар арсаи ҷаҳон долонҳои нақлиётии обию хушкӣ хеле зиёд таъсис дода шудаанд ва дарозтарин ва калонтаринашон дар қитъаи Авру Осиё барои пайвасти Осиё ва Аврупо мебошанд (нигаред ба ҷадвали 3.10.).

Вобаста ба рушди назарияи тиҷорати байналхалқӣ дар заминаи бартариятҳо ва мавқеи ҳамгироиҳои ғайрихаттии минтақавии иқтисодӣ дар мисоли «минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ» дар он, ҳаминро бояд қайд намуд, ки нақши «долонҳои сабз», яъне ДНБ дар ҳамгирои иқтисодии муосир хеле калон ва муҳим арзёбӣ гашта, асоси бартарияти рақобати минтақавӣ дар назарияи фазоии тиҷорат мебошад.

**Ҷадвали 3.10. - Долонҳои хушкии Авру Осиё (автомобилӣ, роҳи оҳан)**

| **Долони Панаврупоӣ (Критски)** | |
|---|---|
| **Долони нақлиётии автомобилӣ** | **Долони нақлиётии роҳи оҳан** |
| Хельсинки-Таллин-Рига-Каунас-Варшава | Магистрали Транссибир (Брест – Минск – граница Финляндии – граница Украины – Москва – Екатеринбург – Новосибирск – Владивосток – Улан-Батор – Пекин); |
| Берлин-Варшава-Минск-Москва – Нижний Новгород | Долони трансосиёгии миёна (Центральному трансазиатскому коридор) (Киев – Волгоград – Алматы – Актогай – Достык – Алашанькоу – Ляньюньган); |
| Берлин-Дрезден- Вроцлав- Львов- Киев | Долони трансосиёгии ҷанубӣ ( Южному трансазиатскому коридор) (Истамбул – Анкара – Табрез – Теҳрон – Машҳад – Саракс – Тошкент – Алмаато – Актогай – Достык – Алашаньк – Ляньюньган); |

[103] Ҳамон чо. Саҳ.12.

*Идомаи ҷадвали 3.10.*

| | |
|---|---|
| Берлин / Нюрнберг-Прага-Будапешт – Констанца / Салоники / Стамбул | Долони ТРАСЕКА (Констанца – Варна – Ильичевск – Поти – Батуми – Боку – Тошкент – Алмаато – Актогой – Достик – Алашанку – Лянюнган). |
| Венеция-Триест/Копер-Любляна – Будапешт-Ужгород-Львов | Кишварҳои Аврупо |
| Гданьск-Варшава-Катовице- Жилина | |
| Дунай | |
| Дурес-Тирана-Скопье-София-Варна | |
| Хельсинки-Санкт-Петербург-Москва – Псков-Киев-Кишинев-Бухарест-Димитровград-Александруполис | |
| Зальцбург-Любляна-Загреб-Белград – Ниш-Скопье-Велес-Салоники | |
| Долонҳои нақлиётии ЦАРЕС (6-долон адр Осиёи марказӣ) | Ҳамаи кишварҳои Осиё ва Кафқоз |
| Долонҳои нақлиётии TRACEKA | Ҳамаи кишварҳои Осиё |
| Долони мултимодалии “Шимол-ҷануб” | Росиия ва кишварҳои Осиё ва Аврупо |
| “Як камарбанд-Як роҳ” | 170 кишвари АвруОсиё |

**Манбаъ: Таҳияи муаллиф.**

Таърихи иқтисод собит месозад, ки ҳануз «дар асрҳои Xl-XV роҳи асосии тиҷорати баҳрӣ роҳи Шимол буд, ки бо воситаи Баҳри Балтика ва Баҳри шимол Аврупои шарқӣ ва Аврупои ғарбиро ба ҳам мепайваст. Ин тиҷорати баҳрӣ дар зери тасарруфи савдогарони немисҳои шимолии Германия қарор дошт. Байни кишварҳои Аврупои шарқӣ ва Аврупои ғарбӣ асосан савдои ҳадафнок, яъне тиҷорати ғалла, ҳайвонот, пуст, пашм, қаймоқ, пустин, матоъҳои пашмин, оҳу ва асбобҳои металлӣ ба роҳ монда шуда буд. Таркиби молҳои тиҷоратӣ нишон медиҳанд, ки ин тиҷорат талаботи истеъмолгарон ва истеҳсолкунандагони таҳҷоиро қонеъ менамуд ва барои Аврупо хеле зарур буд, новобаста аз он ки фоида аз ин тиҷорат 5-8% -ро ташкил медод. Фоидаи нисбатан кам аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми гардиши савдо ва таъмини бехатарӣ аз роҳзанҳои баҳрӣ ҷуброн карда мешуд».[104]

Ба ғайр аз ин, кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Ғарбӣ, ки дар заминаи бартарияти мутлақи А. Смит ва бартарияти нисбии Д. Рикардо ба истеҳсоли молҳои аз нигоҳи бартарияти иқлимӣ асосан махсусгардонида шуда буданд, талаботи якдигарро ба молҳои содиршавандаи якдигар қонеъ менамуданд. Ин

[104] История экономики: учебник/ под общ. Ред. О.Д. Кузнецовой и И.Н. Шапкина. М., 2007. С. 62.

ҳолат ба он оварда расонд, ки тиҷорат байни ин мингтақаҳои Аврупо суръат гирифта, тадриҷан бандари Баҳри Балтика воситаи муҳими ҳамгироии тиҷоратии ин минтақаҳо гашт.

Тибқи Декларатсияи Алма-атоии СММ дар соли 2016 ба миқдори 10% паст рафтани хароҷотҳои нақлиётӣ тиҷорат 25% меафзояд[105], ки аз нақши нақлиёт дар рақобатпазирии тиҷорат шаҳодат медиҳад ва он дар замони муосир заминаи моддии ташаккули ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодии ғайрихаттӣ мебошад.

Таъсиси долони «Шимол-Ҷануб», ки маршрути мултимодалӣ буда, 7200 км-ро дар бар мегирад ва тибқи таҳлилҳо дар як сол 20 млн. тонна гардиши молро таъмин карда метавонад. Ин долони нақлиётӣ аз Санкт-Петербурги Россия то Бандари Мумбай (Ҳиндустон) дарозӣ дошта, аз Қазоқистон, Туркменистон ва Эрон мегузарад.

Долони мазкур асосан барои кашонидани бор аз гулугоҳи Форс ба ҳудуди Россия (бо воситаи Баҳри Каспий) ва баъдан ба Аврупои шимолӣ ва ғарбӣ сохта шуда буд. Бо истифода аз ин долони нақлиётӣ гардиши савдои хориҷии Ҳиндустон тайи солҳои 2001-2007 ба давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ба маблағи 135,6 млрд. долл. ИМА расид (нигаред ба ҷадвали 3.11.). Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур дида мешавад, гардиши савдои хориҷӣ сол аз сол афзоиш ёфта, тамоили болоравӣ дорад ва давлатҳои ҶМЧ ва Корея низ бо истифода аз долонҳои нақлиётии ТРАСЕКА, ТРАНССИБ ва ТПП ба Баҳри Каспий баромада, гардиши савдои хориҷии худро бо давлатҳои Аврупо зиёд намудаанд.  Агар соли 2001 Ҳиндустон бо Аврупо ба маблағи 10,3 млрд. долл., ҶМЧ-44,6 млрд. долл. ва Корея 21,3 млрд. долл. савдо намуда бошанд, пас ин нишондодҳо дар солҳои минбаъда мутаносибан 5,6, 5,5 ва 2,3 маротиба афзудааст.

---

[105] Измерение и мониторинг эффективности коридоров ЦАРЕК: Ретроспектива, нацеление в будущее. Ҳисобти БОР, 2014 захираи электронӣ: https: // www. adb. org/ sites/ default/files/ publication /150115/ carec-cpmm-forward-looking-retrospective-ru.pdf (санаи муроҷиат03.02.2023 с).

**Ҷадвали 3.11. - Содироти Корея, Ҳиндустон ва ҶМЧ (млрд.долл).**

| | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Корея | 21,3 | 24,0 | 27,3 | 38,4 | 44,4 | 49,3 | 56,1 |
| Ҳиндустон | 10,3 | 11,8 | 14,4 | 17,3 | 23,4 | 26,8 | 56,1 |
| ҶМЧ | 44,6 | 53,0 | 79,0 | 108,7 | 145,6 | 190,0 | 245,4 |

**Сарчашма:** Международные транспортные коридоры ЕвраАзЭС: быстрее, дешевле, больше. Евразийски банк развития. Маводи электронӣ: Mezhdunarodnye-transportnye-koridory-EvrAzES.pdf, (санаи муроҷиат:20.08.2022с.)

Ин тамоил аз он шаҳодат медиҳад, ки долонҳои нақлиётӣ гардиши савдои хориҷии байни давлатҳои Аврупо ва Осиёро нисбат ба савдои дохилии қитъаҳо сол аз сол афзоиш дода истодааст.  Масалан агар дар соли 2005 гардиши савдои хориҷии давлатҳои аъзои ЕвраАзЭС 27,3 млрд. долл. ташкил карда бошад, пас он дар соли 2007 ба 51,3 млрд. долл. баробар гаштааст, ки суръати рушд он бештар аз 15% мебошад.[106]

Агар ба таркиби молҳои содиротии ҶМЧ ба ИА нигарем, мебинем, ки дар он қариб 95% -ро асосан гуруҳи «молҳои тайёр», аз он ҷумла техникаи маишӣ – 31%, либоса ва таҷҳизотҳои нақлиётию молҳои кимиёвӣ – ҳамагӣ 34% ташкил мекунанд. Дар навбати худ ҶМЧ аз ИА ҳамин намуди молҳоро ворид мекунад. Сабаби асоси дар он аст, ки ҶМЧ молҳои тайёри худро ба ИА бо воситаи контейнерҳо кашонида, дар роҳи бозгашт ассортименти дигари ҳамин гуна молҳоро ворид мекунад. Ҳамин гуна ҳолат бо кишварҳои ИДМ низ сурат гирифтааст. Яъне ҶМЧ бо ИА ва кишварҳои ИДМ механизми ҷуброни тиҷоратро ба роҳ мондааст (нигаред ба ҷадвали 3.12.).

**Ҷадвали 3.12. - Тиҷорати ҶМЧ ба ИА ва ИДМ дар соли 2008**

| Гуруҳи молҳо | Тиҷорат ҳамагӣ | | Аврупо | | ИДМ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Содирот | Воридот | Содирот | Воридот | Содирот | Воридот |
| Кишоварзӣ | 38,9 | 65,4 | 6,6 | 5,4 | 1,6 | 5,9 |
| Сузишворӣ ва моеъи нафтӣ | 41,9 | 210,6 | 5,5 | 9,0 | 0,7 | 17,3 |
| Молҳои тайёр | 1134,8 | 677,5 | 251,8 | 104,9 | 45,7 | 4,7 |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| Металлҳо | 51,5 | 24,1 | 10,4 | 3,8 | 1,6 | 1,2 |

[106] Международные транспортные коридоры ЕвраАзЭС: быстрее, дешевле, больше. Евразийски банк развития. Маводи электронӣ: Mezhdunarodnye-transportnye-koridory-EvrAzES.pdf, (санаи муроҷиат:20.08.2022с.)

*Идомаи ҷадвали 3.12.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Молҳои кимиёвӣ | 60,3 | 107,4 | 11,2 | 14,7 | 2,2 | 3,0 |
| Таҷҳизотҳои техникӣ | 347,8 | 226,5 | 84,1 | 9,7 | 4,3 | 0,04 |
| Таҷҳизотҳои нақлиётӣ | 59,1 | 41,7 | 13,6 | 18,1 | 3,5 | 0,1 |
| Молҳои нассоҷи | 56,0 | 16,6 | 8,5 | 1,2 | 2,8 | 0,01 |
| Либоса | 115,2 | 2,0 | 25,8 | 0,4 | 6,9 | 0 |
| Ҳамагӣ | 1217,8 | 956,0 | 263,9 | 120,0 | 48,0 | 28,0 |

**Сарчашма:** Международные транспортные коридоры ЕвраАзЭС: быстрее, дешевле, больше. Евразийски банк развития. Маводи электронӣ: Mezhdunarodnye-transportnye-koridory-EvrAzES.pdf, (санаи мурочиат:20.08.2022с.)

Тиҷорати Ҷумҳурии Корея низ бо давлатҳои ИА ва ИДМ характери ҷуброни тақозо ва арза ба молҳои содиротиро дорад ва дар он низ мавқеи молҳои тайёр, аз қабили техникаи маишӣ ва таҷҳизотҳои нақлиётӣ калон буда, асосан бо як намуди нақлиёт кашонида мешаванд (нигаред ба ҷадвали 3.13.).

Дар адабиёти иқтисодӣ механизми «ҷуброн» аз нигоҳи консепсияхои рушди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мувофиқат менамояд. Рушди консепсияҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ асосан чор самтро дар бар мегиранд: бозорӣ, бозорӣ-институтсионалӣ, таркибӣ-дирижистӣ, функсионалӣ.

**Ҷадвали 3.13. - Тиҷорати Ҷумҳурии Корея ба ИА ва ИДМ дар соли 2008**

| Гуруҳи молҳо | Тиҷорат ҳамагӣ | | Аврупо | | ИДМ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Содирот | Воридот | Содирот | Воридот | Содирот | Воридот |
| Кишоварзӣ | 6,32 | 22,04 | 0,36 | 1,85 | 0,35 | 0,76 |
| Сузишворӣ ва моеъи нафтӣ | 33,82 | 126,58 | 1,39 | 2,30 | 0,09 | 5,46 |
| Молҳои тайёр | 330,41 | 206,09 | 59,60 | 35,46 | 10,87 | 1,72 |
| **Аз он ҷумла:** | | | | | | |
| Металлҳо | 18,82 | 21,45 | 2,53 | 1,44 | 0,18 | 0,99 |
| Молхои кимиёвӣ | 37,54 | 32,34 | 2,69 | 6,59 | 1,15 | 0,37 |
| Таҷҳизотҳои техникӣ | 92,69 | 45,62 | 16,79 | 2,70 | 1,23 | 0,02 |
| Таҷҳизотхои нақлиётӣ | 78,99 | 13,68 | 21,15 | 4,42 | 6,46 | 0,05 |
| Молҳои нассоҷи | 10,37 | 4,14 | 1,13 | 0,46 | 0,22 | 0,02 |
| Либоса | 1,91 | 4,32 | 0,29 | 0,48 | 0,02 | 0 |
| Ҳамагӣ; | 371,48 | 356,84 | 61,57 | 40,70 | 11,31 | 8,01 |

**Сарчашма:** Международные транспортные коридоры ЕвраАзЭС: быстрее, дешевле, больше. Евразийски банк развития. Маводи электронӣ: Mezhdunarodnye-transportnye-koridory-EvrAzES.pdf, (санаи мурочиат:20.08.2022с.)

Моҳияти асосии консепсияи бозорӣ, ки намояндагонашон Л. Фон Мизес, В. Рёпка, Ж. Рюеф мебошад,  аз он иборат аст, ки бо воситаи бозор равандҳои иқтисодӣ самараноктар фаъолият мекунанд ва давлат бояд дахолат накунад. Тибқи ин консепсия ҳамгироии ҳақиқӣ ҳангоме ба вуҷуд меояд, ки агар якчанд давлатҳо дар заминаи рақобат фазои бозориро ташкил менамоянд ва давлат ба онҳо дахолат намекунад.

Аммо дар амал, дар мисоли ИА, ки модели намунавии ҳамгироӣ буд, ин консепсия натавонист татбиқ гардад ва консепсияи бозорӣ-институтсионалии ҳамгироӣ, ки намояндагонаш М. Алле, Б. Баллас, Ж. Вайнер, Г. Кремер ва К. Мейер мебошанд,  ба вуҷуд омад. Зеро таҷриба нишон дод, ки ҳамагуна бозор ба «нокомӣ» дучор мешавад ва бояд он аз тарафи давлат бо ташаккули воҳидҳои институтсионалӣ «ҷуброн» карда шавад. Аз нуқтаи назари таҳлили мо маҳз ана ҳамин консепсия, ки механизми «ҷуброн»-ро ифода мекунад, зарур ва мароқовар аст. Бояд изҳор намуд, ки ин механизм ғойибан дар дигар консепсияҳои ҳамгироӣ низ ҷой дошт.

Тибқи консепсияи таркибӣ-дирижистӣ, ки намояндагонаш Г. Мюрдал, А. Нарбал, П. Стриген ва Ф. Перру мебошанд, бинобар сабаби ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолот дар дохили гуруҳи ҳамгироӣ, ҳамгироӣ метавонад ба рушди нобаробари иқтисодӣ оварда расонад. Барои баробар кардани сатҳи рушд дар байни кишварҳо механизми бозорӣ маҳдуд аст ва бояд кишварҳои пешрафта барои рушди кишварҳои қафоmonда имтиёзҳо ва бартариятҳо диҳанд. Ба ақидаи онҳо ҳамгироии ҳақиқӣ ҳамон вақт мешавад, ки агар давлатҳо байни худ ҳамраъӣ дошта бошанд ва аз ҳисоби рушди иқтисодиёти худ қафомонии иқтисодиёти шарикро дар сатҳи соҳаҳои алоҳида ё минтақаҳои алоҳида ҷуброн кунанд.

Намояндагони консепсияи функсионалии ҳамгироӣ (Д. Митран, П. Райнш, Э. Ханс, Ф. Шмиттер, Л. Линберг, Д. Най ва Э. Ханс) дар он ақида буданд, ки худи ҷараёни истеҳсолот ва низоми коммуникатсия барои таъмини талаботи беинтиҳо дар шароити маҳдудияти захираҳои табии ҳамгироиро ба вуҷуд меорад, ки дар он функсияҳои асосиро ташкилотҳои махсуси байналхалқӣ ё корпоратсияҳо мебозанд. Дар ин маврид, ҳамгироии иқтисодии ҳақиқӣ иттифоқи

кишварҳоеро мемонад, ки байни якдигар зич алоқаманд буда, дар заминаи мувозинати манфиатҳои якдигар фаъолият намуда, дар низоми хоҷагии ҷаҳонӣ, ҷиҳати мувозинати манфиатҳои умумӣ якдигарро пурра карда, маҳдудияти унсурҳои таркибии иқтисодии якдигарро (тиҷорат, муҳоҷират, сармоя ва рушди технологияро) ҷуброн мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи лоиҳаи долони «Шимол-Ҷануб» Ҷумҳурии Исломии Эрон (ҶИЭ) барномаи мушаххаси тиҷоратиро бо Русия дорад, ки он асосан ба таъмини «самараи ҷуброни талабот ва пешниҳод ба молҳои содиршаванда» нигаронида шудааст. Чӣ хеле, ки маълум аст ҶИЭ зери таҳримҳои Амрико ва давлатҳои Аврупо қарор дорад ва ин ҳолат водор месозад, ки Эрон барои рушди муносибатҳои иқтисодии худ тадбирҳои мураккаби иқтисодиро татбиқ намояд. Аз ҷиҳати сиёсат ва стратегияи иқтисодӣ ғояи асосии рушди долони «Шимол-Ҷануб» барои Эрон барномаи «Нафт ба ивази мол» аст. Эрон мехоҳад бо истифода аз ин лоиҳа бар ивази фуруши нафти худ аз Россия молҳои заруриро ворид кунад, яъне савдои ҳадафнокро роҳандозӣ намояд. Аммо барои амалӣ гардондани он ҶИЭ ва Россия маҷмӯи васеи тадбирҳоро бояд амалӣ намоянд. Пеш аз ҳама, Россия бояд берун аз Федератсияи Россия бозори доимии фурӯши нафти Эронро бояд пайдо намуда, тарҳи мураккаби клирингиро амалӣ намояд: яъне вақте ки Россия аз ширкатҳои хориҷа молеро харидорӣ мекунад, онро метавонанд бо воситаи эрониҳо, ки дар он кишварҳо воситаҳои пулӣ доранд (асосан воситаҳои пулӣ аз ҳисоби фуруши нафт дар Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон ва тақрибан 20 кишвари дигар), пардохт намояд ва эрониҳо бар ивази он маблағ аз Россия молҳои заруриии худро ворид намоянд.[107]

Бояд қайд намуд, ки ҷуброни тақозо ва арза ба молҳои содиршаванда дар доираи ин долони нақлиётӣ (Шимол-Ҷануб) соли 2018 ҳангоми ба имзо расонидани Созишномаи муваққатӣ оид ба ташкили МОТ (Минтақаи озоди

[107]Международный транспортный коридор «Север-Юг» и сценарии трансрегиональной интеграции. Маводи электронӣ. Доклад_Международный транспортный коридор Север-Юг.pdf (санаи муроҷиат: 14.09.2022 с.).

тиҷоратӣ) байни ҶИЭ ва Иттифоқи Иқтисодии АвруОсиё (ИИА- ЕАЭС) боз тақвият ёфт. Тибқи ин Созишнома  кишварҳои ИИА боҷҳои воридотӣ ба 502 молро барои ҶИЭ коҳиш медиҳанд, ки ба онҳо ниёз доранд. Ба онҳо дохил мешаванд; писта, хурмо, анҷир, мавиз, маҳсулоти қаннодӣ, косаю табақ, моеъҳои шустушӯй, гилем, маҳсулоти пластикӣ. Эрон бошад барои кишварҳои ИИА ба 864 мол боҷи воридотиро коҳиш медиҳад. Аз ҷумлаи асосии он: гушти чорво- аз 26 фоиз то 5-10 фоиз кам карда шавад; лубиёгиҳо-аз 55% то 5-10%; равғани растанӣ-аз 20% то 10%; макарон ва махсулоти каннодй-аз 55 фоиз то 14-20 фоиз, маҳсулотҳои пулодӣ- аз 20 фоиз то 15 фоиз; релсҳои қатора-аз 5 фоиз то 4 фоиз; батареяҳо-аз 32-55% то 10%; арматур, қубурҳо-аз 32 фоиз то 4 фоиз. Ин молҳо беш аз нисфи содироти Қазоқистон ва Россия ба Эронро ташкил медиҳанд.

Созишномаи МОТ ибтидои густариши ҳамкориҳо дар дигар бахшҳо-дар соҳаи сайёҳӣ, сармоягузорӣ, илм, технология ва нақлиёт мебошад. То имрӯз ИИА ва Эрон танҳо дар оғози ҳамкориҳо қарор доранд. Саҳми Эрон дар тиҷорати Россия он  қадар калон нест ва соли 2016 ҳамагӣ 0,4% буда, саҳми Федератсияи Россия дар гардиши савдои хориҷии ҶИЭ бештар – 4,2 фоизро ташкил медиҳад. Тибқи иттилои Хадамоти федералии гумруки Россия, гардиши мол миёни Россия ва Эрон дар соли 2021  4 миллиарду 350 миллион долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 81,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла содирот аз Россия ба Эрон 3 миллиарду 680 миллион доллар (афзоиш 2,2 баробар), воридот ба Россия аз Эрон 967,3 миллион доллар (афзоиш 21,4 фоиз) будааст. Саҳми Эрон дар муомилоти умумии савдои берунии ФР дар давраи хисоботӣ аз 0,4 фоизи соли гузашта ба 0,5 фоиз афзуд (нигаред ба ҷадвали 3.14.). Мувофиқи пешгӯиҳо дар солҳои минбаъда талаботи Эрон ба ғалла, равғани растанӣ, таҷҳизоти энергетикӣ (аз ҷумла таҷҳизоти шабакавӣ), масолеҳ ва таҷҳизоти роҳҳои оҳан, таҷҳизоти саноатӣ ва маҳсулоти чубу тахтаи Россия боз ҳам меафзояд[108]. Дар асоси таҳлили Комиссияи иқтисодии АвруОсиё бошад, дар натиҷаи гардиши озоди мол

[108] А. Караваев., М. Тишехьяр. Международный транспортный коридор «Север-Юг» и сценарии трансрегиональной интеграции, 2019с. Маводи электронӣ. Доклад_Международный транспортный коридор Север-Юг.pdf (санаи муроҷиат: 14.09.2022 с.).

байни ИИА бо Эрон афзоиши бештари ММД дар Русия то 1,3 миллиард доллар ва Қазоқистон - беш аз 500 миллион доллар дар назар аст, афзоиши нишондиҳандаҳо дар Беларус 78,6 миллион доллар, дар Арманистон - 27 миллион доллар, дар Қирғизистон-12 миллион доллар. Тибқи пешгӯиҳои Комиссияи иқтисодии АвруОсиё (ЕЭК), содирот аз кишварҳои ИИА ба Эрон дар оянда 73% меафзояд. Ба таркиби молҳои содиротии ИИА ба Эрон асосан молҳои ғайрикишоварзӣ-83,1%, дохил мешаванд, ки онҳо асосан доруворӣ, моддаҳои сурфактант, коғаз, либос, маснуоти пулодӣ, намудҳои гуногуни таҷҳизоти механикӣ ва электрикӣ, автомобилҳоо ва ғайра мебошанд.

**Ҷадвали 3.14. - Гардиши савдои хориҷии Россия бо ҶИЭ (млрд. долл. ИМА)**

| | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2021** | **2021 нисбат ба 2010, бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Содирот | 3,36 | 3,28 | 1,90 | 1,17 | 1,33 | 1,00 | 1,88 | 3,68 | 109,5 |
| Воридот | 0,27 | 0,35 | 0,43 | 0,43 | 0,36 | 0,24 | 0,30 | 0,97 | 359,3 |
| Гардиши савдои хориҷӣ | 3,60 | 3,63 | 2,33 | 1,60 | 1,69 | 1,24 | 2,18 | 4,35 | 120,8 |

**Сарчашма:** дар асоси маводҳои: Ашкалов А.И. Внешнеэкономическая деятельность России с Ираном// А.И. Ашкалов, Р.Е. Редькина, Н.Ю. Рудь, Внешнеэкономическая деятельность России с Ираном // Российский внешнеэкономический вестник. 2018. №9. URL: ttps://cyberleninka.ru/article/n/vneshneekonomicheskaya-deyatelnost-rossii-s-iranom (санаи муроҷиат: 14.09.2022), Синеок М.Н. Эффективность соглашения о временной зоне свободной торговли между Ираном и ЕАЭС для российско-иранской торговли / М.Н. Синеок // Международный научно-исследовательский журнал.-2021. - №7 (109). - URL: https://research-journal.org/archive/7-109-2021-july/effektivnost-soglasheniya-o-vremennoj-zone-svobodnoj-torgovli-mezhdu-iranom-i-eaes-dlya-rossijsko-iranskoj-torgovli (санаи муроҷиат: 14.09.2022).

Чӣ хеле ки аз ҷадвали мазкур дида мешавад, тиҷорати Россия бо Эрон дар соли 2021 нисбат ба соли 2010 дар ҳаҷми 20,8% афзоиш ёфтааст, ки аз аҳамияти долони нақлиётии Шимол-Ҷануб шаҳодат медиҳад. Дар ин маврид воридот зиёда аз 3,6 маротиба ва содирот бошад, 109,5% афзудааст.

Ин Созишнома дар баробари ташкили озодии гардиши мол байни ИИА ва Эрон, инчунин мавқеи Эронро ҳамчун кишвари транзитӣ мустахкам намуда, барои кишварҳои минтақа нақш ва зарурияти долони нақлиётии Шимол-Ҷанубро боз ҳам афзун менамояд.

Долони нақлиётии байналмилалии Шимол-Ҷануб дар рушди он минтақаҳои Россия, ки роҳҳо мегузарад, нақши ҳалкунанда мебозад. Махсусан, ин аллакай аз

мисоли вилояти Волгоград равшан дида мешавад. Қисми зиёди содироти Волгоград ба кишварҳои ҳавзаи «панҷгона»-и Хазар равона шудааст - дар соли 2018 афзоиши он дар минтақа 5% -ро ташкил дод, ки қисми зиёди он ба маҳсулоти нафтӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ ва маҳсулоти кимиёвӣ рост меояд. Қазоқистон шарики калидӣ дар минтақа боқӣ мемонад (ба он ҷо ба маблағи 78,8 миллион доллар мол фиристода шудааст), содирот ба Озарбойҷон 37,9 миллион доллар, ба Эрон 15,5 миллион доллар ва Туркманистон 0,78 миллион долларро ташкил додааст. Ин мисол низ гувоҳи он аст, ки таҳлилҳо нақши ноҳияҳои ФР дар иқтисодиёти бахри Хазар одатан бо вилояти Астрахан ва Доғистон маҳдуд мешавад. Бо вуҷуди ин, дигар минтақаҳои Русия низ ба ҳамкории мутақобилаи минтақаи Каспий дохил мешаванд.[109]

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки самари “долонҳои нақлиётӣ” ҳамчун бартарияти рақобатии ҳамгироӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки он муаммои наздисарҳадӣ набудани минтақаҳоро низ бартараф менамояд. Дар ин маврид, минтақаҳо новобаста аз сарҳади давлатӣ дур ҷойгир буданашон, метавонанд минтақаи “наздисарҳадии долонҳои нақлиётӣ” гашта, бо кишвар ва минтақаҳои диигар ҳамгироии иқтисодию тиҷоратӣ намоянд.

Дар иқтисоди ҷаҳон ташаккули системаи бисёрзинагии ДНБ, ки аз рӯйи принсипи “хаб”  кор мекунад, ҷалби васеи кишварҳо ва минтақаҳоро дар савдои байналмилалӣ таъмин менамояд. Муносибатҳои геополитикии кишварҳо низ ба рушди ДНБ таъсири калон дорад. Рушди ДНБ ин хоҳиши таҳкими таъсири сиёсати хориҷии кишварҳо тавассути инфрасохтори муосир ҷиҳати коҳиш додани хатарҳои геополитикӣ, ворид шудан ба бозорҳои асосӣ ва диверсификатсияи вариантҳои пайвастшавӣ бо бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад. Ба ибораи дигар, динамикаи ДНБ ин инъикоси пешрафти техникӣ дар нақлиёт, ҳаракати ҷаҳонишавӣ ва минтақагароии иқтисоди ҷаҳонӣ, манфиатҳои

[109] Ҳамон ҷо саҳ. 11.

геополитикӣ ва геоиқтисодии кишварҳои иштирокчӣ дар рушди алоқаи байналмилалӣ мебошад.[110]

Кишварҳои Осиё дар доираи барномаи ЦАРЕС тайи солҳои охир дар пасманзари падемияи КОВИД-2019 гарчанде баъзеяшон тиҷоратро бо сбабҳои монеъаҳои кашонидани бор кам карда бошанд ҳам, вале дар маҷмуъ тамоили афзоишро доранд (нигаред ба ҷадвали 3.15.).

**Ҷадвали 3.15. - Тиҷорати мол, суръати афзоиш дар кишварҳои аъзои ЦАРЕС (солҳои 2017-2021 (бо %)**

| | **Содироти мол (% солона)** | | | | | **Воридоти мол (% солона)** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Давлатҳо** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| Афғонистон | 27,7 | 11,6 | 8,3 | 8,3 | 9,3 | 7,6 | -2,1 | 3,4 | 1,4 | 2,1 |
| Озорбойҷон | 14,7 | 37.2 | -6,4 | -32,7 | 24,4 | 0,4 | 21,2 | 24,8 | -37,8 | 23,5 |
| Ҷумҳурии мардумии Чин | 11,4 | 9,1 | 0,5 | -8,5 | 9,8 | 16,0 | 16,2 | -2,7 | -7,8 | 10,2 |
| Гурҷистон | 24,0 | 22,4 | 13,5 | 3,6 | 11,9 | 9,3 | 15,1 | 0,8 | 1.1 | 7,0 |
| Қазоқистон | 33,3 | 26,4 | -4,0 | -35,4 | 42,2 | 16,5 | 12,0 | 10,6 | -11,7 | 11,5 |
| Ҷумҳурии Қирғизистон | 14,4 | 4,2 | 7,5 | 7,0 | 7,0 | 11,4 | 26,9 | -6,3 | -7,0 | -5,0 |
| Муғулистон | 21,4 | 12,4 | 9,1 | -8,6 | 15,3 | -225,3 | 35,4 | 2,1 | -4,2 | 8,3 |
| Покистон | 0,1 | 12,6 | -2,1 | 6,0 | 6,7 | 18,0 | 16,2 | -6,8 | 4,0 | 3,9 |
| Тоҷикистон | 9,4 | -10,4 | 9,3 | 10,0 | 10,0 | -8,5 | 13,5 | 6,3 | 0,0 | 5,0 |
| Туркменистон | 3,6 | 49,6 | 8,1 | 7,0 | 7,9 | -22,7 | -47,8 | 1.6 | 5,4 | 7,0 |
| Узбекистон | 12,3 | 11,4 | 28,6 | 12,0 | 25,0 | 6,2 | 43,8 | 16.3 | 20,0 | 14,0 |

**Сарчашма**: Ҳисоботи Бонки Осиёгии рушд. БОР Захираи интернет: https://www.adb.org/ru/publications/tajikistan-fact-sheet (санаи мурочиат: 16.08.2023 с).

Молҳои асосии содиротии кишварҳои аъзои ЦАРЕС ин равғанҳои нафтӣ ва газӣ, ангишт, нуриҳои маъданӣ (оҳан, мис, қурғошим, синк, уран, алюминий) металлҳо (тилло, нуқра), маснуотҳои металӣ, гандум, биринҷ, орди гандумӣ, сабазавотҳо, чормағз, мевагиҳо, вино ва нушокиҳои спиртӣ, спирти этилӣ, полителен, нуриҳои минералӣ, доруворӣ, кашемир, матоъҳои пахтагин, матоъҳои маҳини пахтагин, пахтаи маҳинах, либосҳои пахтагин ва ҷойхоби пахтагин, нақлиётҳои муҳаррикӣ ва қисмҳои эҳтиётии нақлиёт мебошад. Бар ивази содироти молҳои зерин кишварҳои аъзои ЦАРЕС аз берун молҳои ғайринафтӣ ва саноатиро ворид мекунанд, ки он аз рушд наёфтани саноати пешрафта ва истеҳсолкунандагон ва содиркунандаи ашёи хом будани минтақа

[110] Вардомский Л.Б., Тураева М.О. Развитие транспортных коридоров постсоветского пространства в условиях современных геополитических и экономических вызовов (научный доклад). – М.: Институт экономики РАН, 2018. – 66 с.

дар тақсимоти байналхалқии меҳнат шаҳодат медиҳад. Вобаста ба мавзуъи таҳқиқоти мо бошад, холати мазкури тиҷорати ЦАРЕС аз он шаҳодат медиҳад, ки минтақа дар натиҷаи кооператсияи истеҳсолот ба истеҳсоли гуруҳи молҳое тахассус гардонида шудааст, ки талаботи дохилиро қонеъ гардонида, бар ивази баровардани барзиёдии он (арза) молҳои заруриро ворид месозад (тақозо). Тақозо дар ин маврид бо воситаи арза ҷуброн карда мешавад.

Дар доираи барномаи ЦАРЕС, ки дар Осиёи Марказӣ татбиқ гашта истодааст, таҷрибаи «Долони Алмаато-Бишкек» хеле ҷолиб аст. «Долони Алмаато-Бишкек» вилоятҳои Бишкек ва Чуйи Ҷумҳурии Қирғизистон ва вилоятҳои Алмаато ва Ҷамбули Ҷумҳурии Қазоқистонро ба ҳам мепайвандад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки долони мазкур ба рушди тиҷорат байни шаҳрҳо Алмаато ва Бишкек, вилоятҳои Чуй ва Ҷамбул Ҷумҳурии Қазоқистону Ҷумҳурии Қирғизистон мусоидат намуда, эҳтиёҷоти дохилии онҳоро бо молҳои якдигар қонеъ намуда истодааст.[111] Долони мазкур на танҳо рушди тиҷорати байни шаҳр ва вилоятҳои ду кишварро тақвият додааст, инчунин шаҳрҳои Бишкек ва Алмааторо ба шаҳрҳои тиҷоратӣ дар Осиёи Марказӣ мубаддал намудааст, ки бо воситаи ин шаҳрҳо молҳои ҶМЧ ба бозорҳои минтақа ворид мешавад. Дар оянда бошад, дар доираи ин долон ташаккули якчанд кластерҳои инфрасохторӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва дигар хизматрасониҳо ба нақша гирифта шудааст, ки онҳо то солҳои 2020-2030 бояд ба анҷом расанд. Бисёре аз кишварҳои минтақа ин лоиҳароояндадор арзёбӣ намуда, хоҳиши ба ин долон ҳамроҳ шуданро изҳор намудаанд[112], ки аз ифодаи қонунияти муосири инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ - “майли интиҳоии минтақаҳои кишварҳои дорои иқтисоди кушод ба ҷараёни ҳамгироӣ”-и пешниҳоднамудаи мо мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар баробари омилҳои институтсиоанлии мусоидаткунандаи тиҷорат (реҷаи

[111] Ба таври возеҳ нигаред ба: Операционализация экономических коридоров в Центральной Азии: Исследование на примере Коридора Алмаато-Бишкек. Таҳқиқоти БОР , соли 2012. Захираи электронӣ: https://www.adb.org/sites/default/files/publication/153330/economic-corridors-central-asia-ru_0.pdf (Санаи мурочиат: 18.05.2022)
[112] Ҳамон ҷо саҳ.

префенсиалӣ-тарифию гурукӣ) инчунин нақши долонҳои нақлиётӣ хеле васеъ арзёбӣ карда мешавад, ки ин исботи ташаккули фазои тиҷоратӣ дар заминаи ташаккули долонҳои нақлиётӣ мебошад. Лоиҳаҳои нақлиётии ЦАРЕС ва ТРАСЕКА, ки дар минтақаи Осиё татбиқ гашта истодаанд, омили мусоидаткунандаи тиҷорати дохилӣ ва берунии аъзои кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АврyОсиё (ЕАЭС-ИИАО) мебошанд (нигаред ба ҷадвали 3.16.).

**Ҷадвали 3.16. - Тиҷорати берунӣ ва байниҳамдигарии давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисоддии АврyОсиё (ЕАЭС) (млн. долл)**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2015 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои хориҷӣ | 670661,9 | 594760,2 | 742717,8 | 873830,7 | 859269,6 | 733845,2 | 991250,5 | 147,8 |
| Бо давлатҳои ғайри Иттиҳод | 579392,0 | 509372,7 | 634193,7 | 753836,4 | 735775,9 | 624627,5 | 846358,2 | 146,0 |
| Бо якдигар (давлатҳои аъзои Иттиҳод) | 91269,9 | 85387,5 | 108524,1 | 119994,3 | 123493,7 | 109217,7 | 144892,3 | 158,8 |
| **Содирот** | | | | | | | | |
| Ба давлатҳои ғайри Иттиҳод | 373 845,1 | 308 264,8 | 386 922,4 | 490 722,0 | 460 749, 2 | 364 810,4 | 527 852,3 | 141,1 |
| Бо якдигар (давлатҳои аъзои Иттиҳод) | 45615,7 | 42960,3 | 54711,6 | 60261,9 | 61632,6 | 55053,9 | 73089,6 | 160,2 |
| **Воридот** | | | | | | | | |
| Аз давлатҳои ғайри Иттиҳод | 205537,9 | 201107,9 | 247271,3 | 263114,4 | 275026,7 | 259817,1 | 318505,9 | 154,9 |
| Аз якдигар (давлатҳои аъзои Иттиҳод) | 45654,2 | 42427,2 | 53812,5 | 59732,4 | 61861,1 | 54163,1 | 71802,7 | 157,2 |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси: http://www.eurasiancommission.org/ru/act/integr_i_makroec/dep_stat/tradestat/time_series/Pages/default.aspx (санаи муроҷиат: 16.09.2022)

Баръакси он, мутаассифона дар кишварҳои аъзои ИДМ, ки ҳамгироии минтақавии иқтисодияшон дар сатҳи хеле паст қарор дорад, ҳиссаи тиҷорат бо кишварҳои ғайри иттиҳод хеле зиёд аст (нигаред ба ҷадвали 3.17.). Сабаби асосии он дар маҳдуд будани гуногунсамтии истеҳсолот ва ба истеҳсоли молҳои коркардашон паст, яъне ашёи хом, нигаронидашудаи таркиби иқтисодии миллии кишварҳои ИДМ мебошад, ки бояд дар ояндаи наздик сиёсати истеҳсолию соҳибкорӣ дар ин кишварҳо дар самти тақвияти истеҳсолоти гунуогунсамта тағйир дода шавад.

**Ҷадвали 3.14. - Ҳиссаи тиҷорати дохилӣ ва берунӣ дар ИДМ (бо %)**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тиҷорати умумӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Тиҷорати дар дохили ИДМ | 19,0 | 19,0 | 18,8 | 19,0 | 18,3 | 19,0 | 19,0 |
| Тиҷорат бо кишварҳои берун аз ИДМ | 81,0 | 81,0 | 81,2 | 81,0 | 81,7 | 81,0 | 81,0 |

**Сарчашма**: коркарди муаллиф дар асоси Омори байналхалқии ИДМ. www. cisstat.ru. (санаи муроҷиат: 18.03.2023 с).

Дар доираи ҳамгироии минатқавии иқтисодии МЕРКОСУР низ механизми ҷуброни тиҷорат рушд ёфта, «ба дараҷаи сифатие расидааст, ки онро омили рушди дохилии иқтисодӣ ва бартарияти рақобатӣ донистан мумкин аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамгироии тиҷоратии МЕРКОСУР, ки дар заминаи долонҳои нақлиётии дохилӣ ба вуҷуд омадаанд, ба мувозинати содирот ва воридоти дохилиминтақавӣ оварда расонида, алоқамандии зичи сохторӣ-молии кишварҳо ба вуҷуд омадааст. Ба ғайр аз ин, дар оянда барои рушди минбаъдаи он дар назди МЕРКОСУР вазифаи гуногунсамтии содирот бо кишварҳои берун аз иттиҳод бо воситаи сохтани инфрасохтори тиҷоратии умумӣ меистад. Аммо барои Иттифоки укёнуси Ором (ИУО) ҳамгироии тиҷоратӣ ҳануз пурра ба вуҷуд наомадааст ва дар оянда бобати истифодаи таҷрибаи МЕРКОСУР дар ин иттиҳод вазифагузорӣ карда шудааст».[113] Аз таҳлили Н.Г. Хмелевская бармеояд, ки кишварҳои аъзои МЕРКОСУР тиҷоратро дар асоси принсипи ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда дар доираи инкишофи истеҳсолоти молҳои дохилиминтақавӣ ба роҳ монда, дар оянда барои қонеъ кардани талаботи дохилӣ ба молҳои дигар, ки дар дохили минтақа истеҳсол намешаванд, содиротро ба дигар кишварҳои берун аз МЕРКОСУР афзоиш медиҳанд. Албатта барои ин зарур аст, ки МЕРКОСУР ҳамчун як гуруҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ва ё кишварҳои алоҳидаи аъзои он ҳамгироии

[113] Н.Г. Хмелевская. Интеграционные процессы в Латинской Америке через призму региональной торговли (на примере Меркосур и Тихоокеанского альянса)//Хмелевская Н.Г. Журнал «Ибероамериканские тетради», №3, Москва.-2014.С. 131-141.

тиҷоратиро бо кишварҳои берун аз иттиҳод ба роҳ монад. Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки механизми ҷуброни арза ва тақозо дар низоми савдои беруна ҳамчун унсури ғайрихатти ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад.

Ба ақидаи олими рус М.Н. Балдано «Сохтмон ва муосиргардонии долони нақлиётии Транссиб бояд ба рушди инфрасохтори саноатии 14 вилоят, 3 водӣ, 2-ҷумҳурӣ ва як вилояти худмухтори Россия мусоидат намояд. Шоҳроҳи Транссиб аз 87 шаҳри Россия, аз ҷумла Москва, Ярослав, Перм, Екатеринбург, Омск, Новосибирск, Красноярск, Иркутск, Улан-Уде, Чита, Хабаровск, ва Владивосток мегузарад, ки баъзеи онҳо шаҳрҳои калони индустриалӣ ва узелҳои нақлиётӣ мебошанд. Дар солҳои наздик гардиши солонаи кашонидани бор дар ин долони нақлиётӣ аз ҳисоби кашонидани молҳо аз ШМА ба минтақаи Шарқи дур бо воситаи бандарҳои Находка ва Шарқ якчанд маротиба афзоиш хоҳад ёфт. Ҳангоми афзоиши ҳаҷми боркашони то 1 млн. контейнер даромади умумӣ ба 8 млрд. доллар ва фоида ба 1 млрд. доллар баробар хоҳад шуд… Ин лоиҳаи бузурги байналмилалӣ бояд ба рушд ва ҳамгироии низоми иқтисодии Россия, Аврупо ва давлатҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором оварда расонад”.[114]

Дар доираи ҳамгироии минтақавии ғайрихатии лоиҳаи Як камарбанд-Як роҳ низ тиҷорати кишварҳо рушд ёфта истода, нақши он дар тиҷорати байналхалқӣ боло рафта истодааст. Дар соли 2017 қариб 40% содироти ҷаҳониро кишварҳои масири ин лоиҳа ташкил намудааст ва тибқи ҳисоботи Маркази таҳқиқотии ин лоиҳа он ҳануз 30% иқтидори тиҷоратиро ташкил медиҳад ва дар оянда дар натиҷаи беҳтар кардани инфрасохтори дохилии кишварҳои алоҳида он боз афзоиш хоҳад ёфт.[115] Тибқи ҳамин таҳлилҳо “лоиҳаҳои нақлиётӣ ҳаҷми тиҷорати кишварҳое, ки ин долонҳо аз он мегузаранд (аз 71 кишвар, вале барои татбиқи ин лоиҳа 151 кишвар розигии худро имзо гузоштаанд[116]), ба 2,8 -9,7% ва дар тамоми ҷаҳон аз 1,7 то 6,2 тиҷорат боло меравад.... Самараи умумӣ аз ҳисоби

---

[114] М.Н.Балдано. Роль Росии в развитии международных транспортных коридоров Евразии//Балданов М.Н. Известия Уральского федерального университета. Серия 2: Гуманитарные науки.- №4(96). 2011 г. С. 54-61.

[115] Экономики одного пояса, одного пути: возможности и риски транспортных коридоров. Ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ «Belt and Road Economics: Opportunities and Risks of Transport Corridors в 2019». Захираи элктронӣ: (Санаи муроҷиат: 03.11.2022с)

[116] Ҳамон ҷо саҳ. 13

коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ барои ҳамаи кишварҳо мерасад (барои ҳамаи кишварҳо аз 1,8 то 2,2% ва барои кишварҳои масири долони мазкур аз 2,2 то 2,8%).

Кишварҳо ба истеҳсол ва тиҷорати молҳои нав-тез вайроншаванда (ба монанди меваи тару тоза, сабазавот ва ғайра) ва дар ташкили занҷираи истеҳсолот зарурияти бояд тез дастрас кардашаванда (ашёи хоми соҳаи кимиёвӣ ва дигар), майл мекунанд.... Афзоиши содироти молҳои ба инфрасохтори нақлиёт алоқаманди ҶМЧ ба кишварҳои масири “Як каамарбанд-Як роҳ” дар соли 2017 11% афзудааст. Ин афзоиш асосан аз ҳисоби татбиқӣ инфрасохтори нақлиётӣ ки “ядрои ”-и “Як каамарбанд-Як роҳ” аст, ба вуҷуд омадааст.[117]

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки:

1. Дар низоми тиҷорати байналхалқӣ тиҷорати дохилиминтақавӣ рӯ ба афзоиш дошта, он дар натиҷаи тақсимоти байналхалқии меҳнат дар дохил ва беруни иттиҳод боз инкишоф хоҳад ёфт;

2. Дар доираи минтақаи дорои ҳамгироии иқтисодӣ тиҷорат характери ҷуброни тақоз ва арза ба молҳои содиротшавандаро дорад;

3. Характери ҷуброн пайдо намудани ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ифодакунанди самараи ҳамгироӣ буда, савдои ҳадафнокро (точечный) ба вуҷуд меорад.

Хулоса, низоми тиҷорати байналхалқӣ, ки асосан дар заминаи бартариятҳои нисбӣ ва рақобатӣ ташаккул ёфта истодааст, рушд ва тамоили афзоишёбандаи тиҷорати дохилиминтақавӣ гуруҳҳои ҳамгироии митнтақавии иқтисодӣ ҳолати махсуси тиҷорат дар фазои иқтисодиест, ки он дар заминаи бартарияти ҳамгироӣ ба роҳ монда шуда, механизми ҷубронро ифода менамояд ва он шарти воҳидии рушди низоми тиҷорати фазоӣ (ҳудудӣ) дар шароити муосир мебошад.

### 3.3. Хусусиятҳои ҳиҷрати қувваи корӣ дар доираи ҳамгироии байниминтақавӣ

[117] Ҳамон ҷо. Саҳ. 17.

Дар иқтисодиёти ҷахон муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ дар баробари ҳаракати сармоя ва технология рӯ ба афзоиш дошта, даромади калони молиявӣ ва иқтисодию иҷтимоиро ба кишварҳои содиркунанда ва воридкунанда ба вуҷуд меорад. Ҳаракати қувваи корӣ дар арсаи байналмилалӣ дар натиҷаи рушди тамоили кушодашавии иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон бештар гардида, тибқи таҳлилҳои Ташклоти байналмилалии муҳоҷират (ТБМ) шумораи муҳоҷирон дар соли 1970 агар 84 460 125 нафарро ташкил намуда бошад, пас ин шумора дар соли 2000 ум ба 173 588 441 ва соли 2019 ба 271 642 105 нафар бробар гаштааст. Яъне агар дар соли 1970 аз шумораи умумии аҳолии курраи замин 2,3% ҳиҷрат намуда бошанд, ин таносуб афзоиш ёфта, дар солҳои 2000 ва 2019 мутаносибан ба 2,8% ва 3,5 % расиданд (нигаред ба ҷадвали 3.18.).

**Ҷадвали 3.18. - Муҳоҷирати байналхалқӣ дар солҳои 1970-2019**

| Сол | Шумораи муҳоҷирон | Муҳоҷирон нисбат ба шумораи умумии аҳолии курраи замин % |
|---|---|---|
| **1970** | 84 460 125 | 2,3 |
| **1975** | 90 386 010 | 2,2 |
| **1980** | 101983 149 | 2,3 |
| **1985** | 113 206 691 | 2,3 |
| **1990** | 153 011 473 | 2,9 |
| **1995** | 161 316 895 | 2,8 |
| **2000** | 173 588 441 | 2,8 |
| **2005** | 191 615 574 | 2,9 |
| **2010** | 220 781 909 | 3,2 |
| **2015** | 248 861 296 | 3,4 |
| **аввали соли 2020** | 271 642 105 | 3,5 |

**Сарчашма:** Доклад о миграции в мире 2020, 2021. Международаня организация по миграции (МОМ).- 2008 г., 2020 г., 2021 г. Захираи электронӣ: https://publications.iom.int/system/files/pdf/final-wmr_2021-ru.pdf ( санаи муроҷиат:31.08.2023).

Афзоиши шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ агар то солҳои 2005 асосан характери иқтисодӣ дошта, тамоили устувори сатҳи 2,8% -ро ташкил намуда бошад, пас соли 2010 яку якбора он ба 2,9% афзоиш ёфта, соли 2019 он 3,5% -и аҳолии курраи заминро ташкил намуд, ки он маънои як нафар ба сари 30 нафар рост меояд[118]. Сабаби асосии онро коршиносон дар номувозинатии рушди иқтисодӣ, ки дар заминаи ҷаҳонишавӣ боз ҳам зиёдтар гашта, давлатҳои рӯ ба

[118] Доклад о миграции в мире 2020. Международная организация по миграции (МОМ).-2020. С.17. [электронный ресурс]. – URL: https://publications.iom.int/system/files/pdf/final-wmr_2020-ru.pdf. (дата обращения: 18.07.2023).

тараққӣ аз он бештар бурд карда, таносуби фарқияти даромади онҳо аз даромади давлатҳои рӯ ба тараққӣ бештар гашт ва инчунин ҷангҳои минтақавӣ мебошад, ки одамон маҷбур мешаванд ҷойҳои зисти худро тарк карда, ба ҷойҳои амн кӯчиш кунанд, рабт медиҳанд.

Қисмати зиёди муҳоҷирон асосан давлатҳоеро барои муҳоҷират интихоб менамоянд, ки дар он сатҳи зиндагӣ баланд буда, ҳамзамон қувваи корӣ гарон ва аз ҳама асосӣ, меъёрҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баланд бошад. Ин ҳолат ба он оварда расонд, ки бештар муҳоҷирон ба давлатҳои Аврупо ва Амрико муҳоҷират намуда, муаммои идоракунии муҳоҷиратро дар ин кишварҳо ба миён овард. Яъне, «бемории ҳолландӣ»-и муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар шакли вобастагӣ аз омили қувваи кориро таҷассум менамуд, имрӯз барои давлатҳои тараққикарда дар шакли сарбории иҷтимоӣ ба буҷаи кишвар, номувозинатии талабот ва таклифоти қувваи кории бе тахассус дар бозор, ки барои иқтисодиёти ин кишварҳо чунин ҷойҳои корӣ маҳдуд аст, ва инчунин тафаккури муосири техникӣ надоштани ин муҳоҷирон мебошад. Чунин кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ хароҷоти глобализатсиониро дар бартараф кардани ин муаммо дида, кушиш менамоянд барои ҳазми ин қувваи кории «нолозима» дар иқтисодиёти тараққикардаи худ соҳаҳои алоҳидаро ташккул диҳанд.

Дар баробари ин, кишварҳои содиркунандаи муҳоҷирати меҳнатӣ низ кушишменамоянд, ки аз содирот кардани қувваи кории арзон даст кашида, истифодаи онро дар дохили кишвар ба роҳ монда, сатҳи некуаҳволии мардумашонро боло баранд ва дар асраи байналмилалӣ рақобатпазирии кишварро барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва технологияи муосир таъмин намоянд. Зеро тибқи мушаххасоти ташкилоти ҷаҳонии Ташкилоти ҷаҳонии ҳамкории иқтисодӣ (ОЭСР-ТҶҲИ) рақобатпазирии давлатҳо дар баланд шудани сатҳи некуаҳволии мардумонаш таҷассум меёбад, «ҳол он ки бисёре аз давлатҳои қафомонда рақобатпазириро дар паст будани нархи молҳои содиротӣ аз ҳисоби

қувваи корӣ мебинанд»[119] ки ин ҳолат онҳоро боз ба «ҳалқаи сарбастаи қашшоқӣ» оварда мерасонад.

Давлатҳои дорои омилҳои арзон бояд кушиш намоянд, ки бо истифода аз механизмҳои муосири истеҳсоли молҳои дорои арзиши баланд, рақобатпазирии кишварашонро таъмин намуда, ба бозорҳои ҷаҳонӣ ворид гашта, бо истифода аз бартарияти ҷаҳонишавӣ ба нархи ниҳоии содиротӣ расида, «баробарии нархи омилҳои истеҳсолот дар натиҷаи тиҷоратӣ» П. Самуэлсонро ба даст оранд. Яъне кишварҳои содиркунадаи қувваи кориро зарур аст сиёсати иҷтимоию иқтисодии худро тақвият бахшида, модели бозории иҷтимоиро роҳандозӣ намоянд, ки дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди неруи инсонӣ бо воситаи баланд бурдани арзиши қувваи корӣ дода мешавад.

Масъалаи калидии илми назарияи иқтисод ин коркарди назария ва татбиқи амалияи механизмҳои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мебошад. Ҳама гуна низоми иқтисодӣ танҳо аз ҳамин нуқтаи назар ба фаъолияти иқтисодӣ таваҷҷуҳ намуда, ташаккули механизмҳои баландбардории сатҳи некуаҳволии мардумро вазифаи марказии ҳукумати кишварҳо мансуб медонанд.

Дар арсаи ҷаҳон танҳо давлате, ки ба нишондиҳандаҳои сатҳи баланди некуаҳволии мардум наздик мешавад, ҳамчун давлати иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, метавон қайд намуд, ки ҳама гуна иқтисодиёт моҳиятан иҷтимоӣ аст. Дар ин маврид, зери мафҳуми иқтисодиёти бозории иҷтимоӣ шакли мушаххаси низоми иқтисодӣ ба назар гирифта мешавад, ки дар он мавқеи инсон аввалиндараҷа мебошад. Агар ба моҳияти иқтисоди бозорӣ рӯяки назар афканем метавон ба хулоса омад, ки назарияи иқтисоди бозорӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ он қадар аҳамият намедиҳад. Зеро дар назарияи иқтисоди бозорӣ масъалаҳои тақсимоти одилонаи иҷтимоӣ ба инобат гирифта нашуда, ҳама гуна муносибатҳо дар заминаи талабот, пешниҳод, нарх ва рақобат ба вуҷуд омада, дар тақсимоти дороиҳои давлат ҳамонҳое комёб мегарданд, ки қобилияти рақобатпазирӣ доранд ва дар ин мубориза ширкат меварзанд. Он қишри ҷомеа, ки ба фаъолияти

[119] Эрик де Райнерт. Почему богатые страны стали богатыми, а как бедные страны стали беднее [Текст] / Эрик де Райнерт. – М.: 2005. - 213с.

иқтисодӣ машғул нестанд, дар тақсимоти даромад қафо мемонанд. Аммо назарияи иқтисоди бозорӣ ин масъаларо дар «экстернали берунӣ» шарҳ дода, маҳз бо ин нуқта зери танқиди равияи некейнсиансҳо қарор гирифтааст. Равияи некейнсиансҳо ҷиҳати бартараф кардани ин «экстернали берунӣ» сиёсати фискалию монетариро пешниҳод намуда, дар он нақши давлатро муҳим арзёбӣ менамоянд. Дар тафовут бо ин ақида, таҳлили чуқури назарияи иқтисоди бозорӣ имкон медиҳад муайян намуд, ки механизмии бозории рақобат ин муамморо метавонад ба таври сифатӣ ҳал намояд ва назарияи кейнсиониро фақат ҳамчун давраи кутоҳмуддати танзими бозор арзёбӣ намуданд.

Дар маҷмуъ метавон хулоса намуд, ки тайи 300 соли охир назарияи классикӣ ва кейнсионӣ дар низоми «раққосак» якдигарро иваз карда, дар шароитҳои гуногуни рушди иқтисодӣ истфода мегарданд.

Агар ҳама гуна иқтисодиёт аз нигоҳи мавқеи аввалиндараҷаи инсон иҷтимоӣ бошад, пас сарҳади иҷтимоӣ сабаби асосии гуногунсохтории иқтисодиётҳо мегардад, ки дар онҳо ҳаракати одамон барои зиндагии шоистатар ба назар мерасанд. Ҳаракати одамон дар доираи иқтисодиёти ҷаҳон барои музди маоши баландтар ва шароити муносиби зиндагӣ ҳиҷрати қувваи кориро ба вуҷуд овардааст.

Таҳлилҳои назариявӣ ва эмпирикии муҳоҷирати байналхалқии меҳнатӣ собит месозад, ки сабаби асосии ҳаракати қувваи корӣ ин номувозинатии талабот ва пешниҳоди кувваи корӣ дар давлатҳои дорои қувваи барзиёд мебошад, ки он дар барзиёдии таклифот нисбат ба талабот зуҳур меёбад. Инчунин муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ метавонад ҳам бо сабабҳои иқтисодӣ ва ҳам бо сабабҳои ғайрииқтисодӣ ба вуҷуд ояд. Охирин сабабҳои сиёсӣ ва динӣ, муттаҳидшавӣ ва парокандашавии давлатҳо, офатҳои табиӣ, ҷангҳо, мушкилотҳои экологӣ ва сабабҳои инфиродӣ мебошанд. Ҳар яке аз ин ва бисёр дигар сабабҳои ғайрииқтисодӣ метавонанд ба ҳаракатҳои бузурги байнидавлатии муҳоҷирати меҳнатӣ оварда расонанд.

Муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ дар гузашта дар шакли кӯчманчигӣ, кӯчонидани қушунҳои ҳарбӣ ва мустамликавӣ зуҳур мекард. Дар шароити

муосир муҳоҷирати байналхалқӣ бо хусусиятҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ тавсиф мешавад. Солҳои охир дар ҷаҳон ҳар сол тақрибан 20 миллион нафар аз кишвар ба кишвар мекӯчанд. Тамоми соҳаҳои саноатро муҳоҷирон дастгирӣ мекунанд: дар Фаронса 25% -и онҳое, ки дар сохтмон ва 33% дар саноати мошинсозӣ кор мекунанд, дар Белгия 50% -и тамоми конканҳо, дар Швейтсария 40% -и коргарони соҳаи сохтмон муҳоҷирон мебошанд.[120]

Мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ ва оқибатҳои иқтисодии онро намояндагони самтҳои гуногуни афкори иқтисодӣ бо роҳҳои гуногун баррасӣ мекунанд. Дар доираи моделҳои рушди иқтисодӣ ҳаракати байналхалқии меҳнат ҳамчун яке аз омилҳои истеҳсолот, ки ба суръати рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад, таҳлил карда мешавад ва он аз фарқияти байнисоҳавии музди меҳнат ба вуҷуд меояд.

Тибқи назарияи неоклассикӣ, ҳар як коргар маҳсули ҳадди ақалли меҳнати худро мегирад, бинобар ин муҳоҷират боиси баланд шудани некуаҳволии тарафи қабулкунанда мегардад. Дар баробари ин, шароити иқтисодии рушди давлате, ки аз он муҳоҷират ба амал меояд, бад намешавад ва он бетағйир мемонад.

Назарияи неокейнсионӣ эҳтимолияти бад шудани вазъи иқтисодии кишваре, ки қувваи кориро содир мекунад, махсусан агар коргарони баландихтисос ба муҳоҷират раванд, мебинад. Дар робита ба ин, ғояи ҷорӣ намудани андоз аз “фирори мағзҳо” дар иқтисодиёти ҷаҳон ба таври васеъ муҳокима карда шуд ва ба СММ пешниҳод гардид, ки даромади он барои истифода ҷиҳати эҳтиёҷоти рушди кишварҳои интиқолдиҳанда дода шавад[121]. Ин ғояро (андоз аз «фирори мағзҳо» дар робита ба муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос) иқтисодшиноси амрикоӣ, ки аслаш ҳинду мебошад, Ягдиш Бҳагвати пешниҳод кардааст.

[120] Доклад о миграции в мире 2020. Международаня организация по мигарции (МОМ).-2020. https://publications.iom.int/system/files/pdf/final-wmr_2020-ru.pdf ( санаи мурочиат:31.08.2023).
[121] Доклад о миграции в мире 2020. Международная организация по миграции (МОМ).-2020. С.48. [электронный ресурс]. – URL: https://publications.iom.int/system/files/pdf/final-wmr_2020-ru.pdf. (дата обращения: 31.08.2023).

Дар ин самт, муҳоҷирати байналмилалӣ яке аз сабабҳои фарқияти суръати рушди иқтисодӣ байни кишварҳо мебошад. Аксари олимон бар ин назаранд, ки кишвари содиркунандаи қуваи корӣ ба сабаби рафтани нерӯи корӣ аз фоидааш дида бештар зиён мебинад ва кишвари қабулкунанда, аз зиён дида бештар фоида ба даст меорад. Оқибатҳои муҳоҷирати қувваи корӣ ба кишварҳо ҳам мусбат ва ҳам манфӣ буда метавонад.[122]

Кишваре, ки қувваи корӣ содир мекунад, одатан барои чунин содирот як навъ пардохтро дар шакли интиқоли як қисми даромади муҳоҷирон ба ватани худ мегирад. Дар шароити захираҳои изофии меҳнатӣ дар бисёр кишварҳо содироти қувваи корӣ ба коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва таъмини воридшавии даромад аз хориҷа ва имкони муҳоҷирати дубора ба ватан баргаштан бо дониши андӯхташуда ва сармояи ҷамъшуда, ки метавонад ба иқтисодиёти миллӣ сармоягузорӣ карда шавад, мусоидат мекунад. Дар ин маврид содироти қувваи корӣ ба ҳалли баъзе проблемахои иқтисодию иҷтимоӣ ёрӣ мерасонад. Масалан, рушди босуръати иқтисодии Чин аз ҳисоби сармоягузории васеи муҳоҷирони меҳнатии ин кишвар амалӣ карда шудааст. Муҳоҷирони меҳнатӣ аз ин кишвар ба минтақаҳои наздибаҳрии Чин маблағгузорӣ намуда, давра ба давра ин рушдро ба маркази кишарашон интиқол доданд.  Масалан, агар дар соли 2005 Хитой аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ 23,63 млрд.долл. ба иқтисодиёташ маблағ ворид карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2010 ба 52, 48 млрд.долл. ва соли 2019 ба 67, 41  млрд.долл. баробар гашт. Ба монанди Хитой давлатҳои Мексика, Ҳиндустон, Филлипин ва Нигерия низ аз маблағҳои калони муҳоҷирони меҳнатӣ истифода карда, иқтисодиёти худро аз вартаи «қафомонӣ» бароварданд (нигаред ба ҷадвали 3.19.).

[122] Буторина О. Интеграция СНГ. Применим ли опыт Европейского Союза // Свободная мысль. – 1999 №6 с.43-54.

**Ҷадвали 3.19. - Давлатҳои панҷгонаи асосии воридкунанди маблағҳо аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ. млрд. долл.**

| Давлат | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 |
|---|---|---|---|---|
| **Хитой** | 23,63 | 52,46 | 63,94 | 67,41 |
| **Мексика** | 22,74 | 22,08 | 26,23 | 35,66 |
| **Хиндустон** | 22,13 | 53,48 | 68,91 | 78,61 |
| **Филлипин** | 13,73 | 21,56 | 29,80 | 33,83 |
| **Нигерия** | 14,64 | 19,75 | 21,16 | 24,31 |

**Сарчашма:** Муҳоҷират ва муҳоҷирон: ҷанбаҳои минтақавӣ ва тағйирот. Ҳисоботи ТҲҶИ (ОЭСР), 2021.

Метавон изҳор дошт, ки барои давлатҳои дорои қувваи барзиёд муҳоҷирати меҳнатӣ механизми баромадан аз "қафомонӣ" гаштааст, ки ин аз хусусияти хоси тамоили муҳоҷиратии давлатҳои рӯ ба тараққӣ шаҳодат медиҳад. Барои ин зарур аст, ки давлатҳои рӯ ба тараққӣ аз ин бартарияти омилӣ оқилона ва самаранок истифода бурда, таъсири «такони беруна»-ро ба иқтисодиёти худ аз ворид намудани сармоя ба ҷониби ворид намудани сармоя аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ нигаронанд.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки ба сифати омилҳои ҳавасмандгардонии муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишварҳои донор мавҷудияти робитаҳои анъанавӣ бо кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ ва зичии нисбатан баланди аҳолии кишвар (нисбат ба имкониятҳои иқтисодӣ) ба ҳисоб меравад. Баръакси он дар кишвари содиркунандаи қувваи корӣ омили муҳоҷират зичии нисбатан пасти аҳолӣ ва мавҷудияти захираҳои ба таври кофӣ калони табиии истифоданагардида хос аст. Воқеан, дар Тоҷикистон омили демографӣ дар ташаккули ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ нақши муҳим дорад.[123]

Аз адабиётҳои иқтисодӣ маълум аст, ки омили дигари ҳаракатдиҳандаи муҳоҷирати меҳнатӣ ин бекорӣ мебошад. Дар адабиёти иқтисодӣ усулҳои гуногуни таҳлили гардиши меҳнати байнидавлатӣ пешбинӣ шудаанд. Ягонагии ақидаҳо дар он аст, ки агар нархи омилҳои дигар дар натиҷаи ҳаракати озод дар дохили ҳамгироиҳои минтақавӣ баробар гардад, пас музди меҳнат дар ҳарду

[123] Комилов А. К. Особенности трудовой миграции на современном этапе развития / А. К. Комилов, С. Ф. Низомов, И. С. Шамсов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 3. – С. 5-11.

кишвар – содиркунанда ва воридкунандаи қувваи корӣ – дар ниҳоят баробар мегардад ва усули таҳлили он маҳсулнокии ниҳоии меҳнат мебошад, ки баробар мегардад.[124]

Барои баррасии таъсири ҳаракати қувваи корӣ байни ду кишвар, фарз кунем, ки иқтисодиёти дохилӣ ва хориҷӣ як технологияро истифода мебаранд, аммо миқдори сармоя ва қувваи корӣ гуногун аст. Агар иқтисодиёти ватанӣ захираҳои зиёди меҳнатӣ дошта бошад, пас коргарони он назар ба коргарони иқтисодиёти хориҷӣ камтар музд мегиранд. Дар айни ҳол сармоя дар иқтисодиёти дохилӣ назар ба иқтисодиёти хориҷӣ бештар даромад меорад. Ин нобаробарии арзиши омилҳо барои ҳаракати омилҳои истеҳсолот замина мегузорад.

Кишваре, ки қувваи корӣ содир мекунад, яъне аз он ҷое, ки коргарон муҳоҷират мекунанд, одатан як навъ пардохтро барои чунин содирот дар шакли интиқоли як қисми даромади муҳоҷирон ба ватани худ мегирад. Дар шароити нисбатан зиёд будани захираҳои меҳнатӣ дар бисьёр мамлакатҳо содироти қувваи корӣ ба кам шудани бекорӣ дар дохили кишвар ва аз хориҷа воридоти пули нақдро таъмин менамояд. Аммо, аз тарафи дигар, муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос аз кишвар боиси паст шудани неруи технологии кишварҳои содиркунанда, сатҳи умумии илмӣ ва фарҳангии онҳо мегардад.[125]

Пеш аз ҳама, мо бояд аз чунин фарзия даст кашем, ки ҳарду иқтисод танҳо як мол истеҳсол мекунанд. Бинобар ин фарз кунем, ки ҳар кадоми иқтисодиёт ду хел маҳсулот истеҳсол мекунад ва истеҳсоли яке аз онҳо назар ба истеҳсоли дигараш бештар меҳнатталаб аст. Бо назардошти модели омилҳои мутаносиб метавон қайд кард, ки дар ин ҳолат савдо алтернативаи ҳаракати омилҳои истеҳсолот шуда метавонад. Масалан, иқтисоди ватанӣ метавонад ба ҷойи содироти қувваи корӣ ва воридоти сармоя молеро содир кунад, ки он меҳнатталаб буда, истфодаи пуршиддати сармояро талаб намекуна Аслан чунин савдо метавонад ба пурра баробар кардани нархи омилҳои истеҳсолот бе ҳаракат

---

[124] Буторина О. Интеграция СНГ. Применим ли опыт Европейского Союза // О. Буторина. Свободная мысль. – 1999 №6 с.43-54.
[125] Мациев Д. Региональные Экономические объединения стран СНГ // Д. Мациев. Российский экономический журнал.1999. - №9-10. с.60.

додани онҳо оварда расонад. Агар ин тавр шавад, пас коргарон дигар сабабе надоранд, ки аз иқтисоди дохилӣ ба иқтисоди хориҷӣ гузаранд.

Дар амал, сарфи назар аз он, ки савдо дар ҳақиқат алтернативаи ҳаракати омилҳои истеҳсолот шуда метавонад, вай ивазкунандаи пурраи он нест, зеро:

- дар ҷаҳони муосир баробаркунии пурраи нархҳо барои омилҳои истеҳсолот вуҷуд надорад, зеро кишварҳо аксар вақт мавҷудияти барзиёдии омили истеҳсоли дар кишварро ҳамчун омили рақобатпазирӣ ҳифз мекунанд;

- мавҷуд будани монеаҳои сунъӣ дар ҳаракати мол ва омилҳои истеҳсолӣ, ки кишварҳо барои ҳифзи соҳаҳои рақобатпазири худ ҷорӣ менамоянд;

- байни кишварҳо на танҳо аз ҷиҳати мавчудияти захираҳо, балки дар технологияҳо низ фарқият вуҷуд дошта метавонад.

Сарфи назар аз он, ки дар модели оддӣ ҳаракати омилҳои истеҳсолот савдои байналхалқии молҳоро нолозим мегардонад, дар асл иқтисоди ҷаҳон дар роҳи ҳаракати озоди меҳнат, сармоя ва дигар захираҳои имконпазири ҳаракаткунанда ҳанӯз монеаҳои чиддӣ мавҷуданд.

Ҳамин тавр, васеъ намудани модели оддии ҳаракати омилҳои истеҳсолот хулосаи асосии дар асоси он баровардашударо тағйир намедиҳад. Гап дар он аст, ки савдои омилҳои истеҳсолот аз ҷиҳати соф иқтисодӣ аз бисьёр ҷиҳат ба савдои мол шабоҳат дорад ва ба натиҷаҳои якхела оварда мерасонад.

Равандҳои муосире, ки имрӯз дар ҷаҳон ба амал омада истодаанд, мустаҳкам шудани алоқаҳои иқтисодии берунӣ ва муносибатҳои байни мамлакатҳоро собит месозад. Тоҷикистон дар ин маврид истисно нест. Он ҳамчун қисми ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ дар тамоми равандҳои хоси иқтисоди ҷаҳонии имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва интернационализатсия иштирок мекунад. Дар ин маврид, нақши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба таври назаррас меафзояд ва махсусан дар самти содироти қувваи корӣ.[126]

[126] Хушвахтзода Қ. Х. Аҳамияти иҷтимоӣ - иқтисодии рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии халқии Хитой / Қ. Х. Хушвахтзода, У. С. Асрорзода
Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 10-1. – P. 44-52.

Агар Осиёи Марказӣ бо роҳи ҳамгироии иқтисодӣ пеш равад ва новобаста аз марзҳои давлатӣ ба як фазои ягонаи иқтисодӣ табдил ёбад, бахшҳои нави иқтисодиёти марбут ба тиҷорат, нақлиёт, транзит, энергетика метавонанд муҳаррики рушди иқтисодии минтақа гарданд ва кишварҳои минтақа метавонанд қисми зиёди захираҳои мавҷудаи меҳнатии худро аз худ кунанд.

Вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон ҳаминро бояд қайд намуд, ки афзоиши муҳоҷирати сокинони деҳот ба шаҳр, давра ба давра урбанизастияи деҳот, сохтмони иншоотҳои бузурги энергетикию саноатикуноании босуръат дар кишвар заминаҳои мусоиди таъсиси ҷойҳои кори нав мебошанд, ки метавонанд тамоюли доимии муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русияро нигоҳ доранд,  вале ин характери дарозмуддат дорад ва камаш 15—20 солро талаб мекунад.[127]

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон низ мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар якҷоягӣ бо Русия як алоқаи  мустаҳкам ва дарозмуддати муносибатҳои меҳнатиро ба роҳ мондааст.  Ин муносибатҳо ба ҳамоҳангсозӣ, танзими қонунгузорӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ ниёз доранд, зеро набудани иттилооти зарурӣ ва пакети имтиёзҳои ичтимоӣ ва шароити муносиби корӣ мушкилоти муҳоҷиратро ба вуҷуд меорад.

Дар оянда содироти қувваи корӣ дар тараққиёти иқтисоди миллӣ бо нигоҳ доштани тавозуни захираҳои меҳнатӣ, ҳамчун омили ҷамъиятӣ, бояд дар худи кишвар афзалият дошта бошад.

Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии таҳия, роҳандозӣ ва татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷират танзими ҷараёни муҳоҷират, рафъи оқибатҳои манфии равандҳои муҳоҷират, фароҳам овардани шароит барои амалисозии бемамонияти ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷӣ кишвар мебошад.

Тадбирҳои асосӣ дар соҳаи такмили сиёсати муҳоҷирати меҳнатии берунӣ бояд инҳо бошанд:

-танзими ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ;

[127] Назаров Т.Н. Таджикистан: некоторые проблемы экономического развития и международного сотрудничества на пороге XX1 века.// Т.Н. Назаров. Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2000. - №1. – С. 17-30.

-фароҳам овардани шароити муайян барои қабул ва ҷойгиркунии муҳоҷирон, ҳавасмандгардонии иштироки фаъолонаи онҳо дар раванди мутобиқат ба вазъи иҷтимоию иқтисодии мавҷуда;

-таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва ғ.

Албатта дар таҳия ва татбиқи барномаҳои муҳоҷират манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла танзими ҷараёни муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ бо назардошти тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва вазъияти экологии минтақаҳо, бояд ба инобат гирифта шаванд.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди глобализатсионӣ бештари кишварҳои ҷаҳон ба ҷараёни муҳоҷирати иқтисодии ҷаҳонӣ шомил мебошанд. Бештар ин раванд ба кишварҳои дар ҳоли гузариш қарор дошта хос аст, ки шумораи онҳо дар натиҷаи пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳамроҳ шудани бархе аз кишварҳои ба ИА зиёд гаштанд.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар охири садаи бистум авҷ гирифта буд ва он дар таърихи кишварҳои иқтисодашон дар давраи гузариш қарордошта аввалин нест. Мавҷҳои доимии муҳоҷират дар гузашта низ хоси иқтисодиёти ҷаҳон буд. Дар солҳои 90-ум бо оғози давраи гузариш дар ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ танзими муҳоҷират дар ҳама ҷо озод карда шуд ва ҷараёни муҳоҷират босуръат афзоиш ёфт. Маҳз дар ҳамин давра коркарди назариявии проблемаҳои муҳоҷирати байналмилалӣ оғоз ёфт, зеро ҳаракати қувваи корӣ ҳамчун яке аз омилҳои ҷамъиятии истеҳсолот ба суръати рушди иқтисодиётӣ кишварҳо таъсири хеле калон мерасонад. Қувваи кории баландихтисос як қисми бозори ҷаҳонии меҳнат мебошад, ки он бартариҳои рақобатиро ба вуҷуд меорад ва аз он кишварҳои пешрафта даромади калон ба даст оварда истодаанд.

Дар адабиёти илмии муосир дар бораи асосҳои назариявии омӯзиши муҳоҷират дар ҷаҳони муосир, таҳияи истилоҳоти ба шароити муосир мувофиқ (масалан, дар бораи чӣ будани муҳоҷирати трансмиллӣ ва фаромарзӣ, таъсири мутақобилаи муҳоҷират ва ғ) баҳсҳо ба вуҷуд омадаанд.

Инчунин андешаҳо баён карда мешаванд, ки ҳангоми омӯзиши ин раванд бояд аз тавсифи хусусиятҳои иқтисодӣ ва демографии муҳоҷирон ба шарҳи амиқтари миқёс, самтҳо, таркиби ҷараёни муҳоҷират, инчунин омилҳое, ки ангезаҳои муҳоҷирати меҳнатии муҳоҷиронро муайян мекунанд, гузаштан лозим аст.

Бисёре аз муҳаққиқон ба он ишора мекунанд, ки ҳаракати мол ва хизматрасониҳо бо ҳаракати одамон зич алокаманд аст ва ин муносибат метавонад хусусияти иловагӣ дошта бошад ва ё боиси иваз шудани як падида бо падидаи дигар гардад. Масалан, ҷараёнҳои муҳоҷират ҳаракати интиқоли маблағҳоро байни кишварҳои қабулкунанда ва кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ дар бар мегирад. Дар навбати худ, савдои байналхалкии хизматрасониҳои алоҳида ва байналмилаликунонии равандҳои истеҳсолот сабаби муҳоҷирати ҳам онҳое, ки ин хизматрасониҳоро пешкаш мекунанд ва ҳам истеъмолкунандагони он мегарданд. Аз ин рӯ, метавон тахмин кард, ки аз як тараф байни ҳаракати сармоя ва меҳнат, ва аз тарафи дигар байни меҳнат ва савдо алоқамандии мутақобила вуҷуд дорад.

Ҳадафи таҳқиқоти мо дар ин самт баррасии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар заминаи равандҳои ҳамгироӣ дар чаҳорчӯби “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” мебошад. Аз ин рӯ, мо чунин тасаввур мекунем, ки яке аз шаклҳои зуҳури муносибатҳои ҳамгироӣ ин «ҳамгироии муҳоҷиратӣ» мебошад. Ин омил барои кишварҳои Осиё ҳамчун иқтидори ҳамгироишавӣ буда, дар заминаи он ташаккули механизми “самараи истифодаи якҷояи захираҳои истеҳсолӣ”-ро ҷорӣ сохтан имкон дорад. Кишварҳои Осиё метавонанд аз ин омили фаровони минтақавӣ истифода карда, дар истеҳсоли молҳои меҳнатталаб дар давраи аввал рақобатпазир гарданд. Аммо дар давраи минбаъда бояд аз чунин стратегияи рақобатпазирӣ даст кашида, барои баланд бардоштани арзиши қувваи корӣ соҳаҳои пешафтаи истеҳсолиро ҷиҳати ташаккули шуғли пурмаҳсул рушд диҳанд.

Бояд қайд намуд, ки таъсири интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ барои кишварҳои пасошуравӣ асосан дар ин самтҳо зоҳир мегардад:

-афзоиши истеҳсолоти ватанӣ аз ҳисоби афзоиши истеъмоли молҳо ва хизматрасониҳои маҳаллӣ;

-афзоиши истеъмоли маҳсулоти воридотӣ:

- афзоиши сохтмон аз ҳисоби сохтмони манзил дар бахши хусусӣ;

-баланд бардоштани фаъолияти соҳибкории хурду миёна;

-сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар панҷ соли охир дар кишварҳои АвруОсиё аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ даромади пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Беларусия - 2,6 баробар, дар Русия - 3,4 баробар, ва дар Тоҷикистон - 2 баробар афзоиш ёфтааст. Чунин тамоюли соли 2020 низ идома ёфта, даромади хонаводаҳо ба ҳисоби воқеӣ зиёда аз 120% афзудааст (нигаред ба ҷад 3.20.).

**Ҷадвали 3.20. -Даромади пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар кишварҳои АвруОсиё (доллари ИМА)**

| Давлатҳо | **2015 с.** | **2020 с.** | **2020 бо фоизи нисбат ба соли 2015** |
|---|---|---|---|
| Беларусия | 696,8 | 1794,7 | 257,6 |
| Казоқистон | … | … | … |
| Кирғизистон | 158,3 | … | … |
| Русия | 972,0 | 3319,4 | 341,5 |
| Тоҷикистон | 88,7 | 175,1 | 197,4 |

**Сарчашма:** тибқи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз сарчашмаҳои афзоиши даромад буда, ба паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки сарфи назар аз аҳамияти интиқоли пул, онҳо омили муҳими рушди иқтисодии давлат нестанд. Ба ақидаи бархе аз коршиносон, барои иқтисодиёте, ки тавассути ҷараёни интиқоли пул аз хориҷа дастгирӣ мешавад, нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва дар маҷмӯъ сиёсати пулию қарзӣ бо сабабҳои зерин хеле душвор хоҳад буд:

-маблағи ин интиқолҳо ҳеҷ гоҳ дақиқ нест, зеро ба ғайр аз каналҳои расмии интиқоли маблағҳо, инчунин каналҳои ғайрирасмӣ мавҷуданд.

- интиқоли маблағ даромади аҳолиро зиёд мекунад, ки ин боиси боло рафтани нархи молҳои истеъмолӣ мегардад.

- интиқоли мабалғҳои муҳоҷирони меҳнатӣ сабаи афзоиши талабот мегардад, ки он нархи молҳои истемолиро баланд бурда, воридотро зиёд мекунад. Воридкунандагон одатан дар ин маврид танҳо нархи молҳои воридотро баланд намуда, ба истеҳсолот майл намекунанд.

Бинобар ин ба мақсад мувофиқ мебуд, ки ҳукуматҳои мамлакатҳои содиркунандаи қувваи корӣ ҳаракати маблағҳоро ба танзим дароварда, роҳҳои самараноктар истифода бурдани онҳоро ҷустуҷӯ кунанд.

Дар баробари оқибатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ тамоюли афзоиши муҳоҷирати байналмилалии кадрҳои баландихтисосро қайд кардан лозим аст. Барои кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ ин метавонад маънои аз даст додани коргарони ҷавон ва боистеъдодро дошта бошад. Муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун «фирори мағзҳо» маънидод мешавад. Ба ин тартиб, бо вуҷуди он ки муҳоҷират аз баъзе кишварҳо он қадар зиёд набошад ҳам (масалан Россия), вале оқибатҳои он хеле назаррас аст, зеро фирори "мағзҳо" ва "истеъдодҳо" вуҷуд дорад. Олимони намоён, мутахссисони соҳибихтисос, артистони номдор, варзишгарони намоён мераванд. Аксар вақт онҳо на танҳо таҷрибаи шахсӣ ё потенциали илмии худро, балки он чиро, ки тамоми коллективҳое, ки дар он ҷо кор мекарданд, ба вуҷуд овардаанд ё ҷамъ кардаанд, «мебаранд». Ҳисоб кардани ин талафот душвор аст, аммо ин ҳисоб бешубҳа садҳо миллион долларро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиётҳои иқтисодии муосир вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи муосир ақидаҳои зиёди нави иқтисодӣ дар заминаи ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо предмет ва методи омӯзиши муҳоҷиратро васеъ менамоянд. Баъзе аз олимон дар он ақидаанд, ки рушди иттилоот, ки падидаи ҷаҳонишавӣ мебошад, ба муҳоҷирати меҳнатӣ таъсир расонида истодааст. Новобаста аз он ки ҳамкориҳои шабакавӣ (Интернетӣ) муаммои ҳаракати одамонро кам кунад ҳам, вале пайдо кардани ҳарчи бештари маълумот оид ба зиндагии хубтару беҳтар ва қонунгузории

мусоиди самти муҳоҷирати меҳнати одамонро водор месозад, ки муҳоҷират намоянд. Қисмати дигар олимон алоқамандии муҳоҷирати меҳнатиро бо рушди тиҷорати байналхалқӣ, сармоягузории мустақим ва ҳаракати технология медонанд. Ақидаи ҷолиби диққатро олимоне иброз медоранд, ки асосан тарафдорони ҷаҳонишавӣ мебошанд. Тибқи ақидаи онҳо дар натиҷаи чаҳонишавӣ ва минтақагароӣ муҳоҷирати меҳнатӣ дар натиҷаи ташаккули бозори ягонаи омилҳои истеҳсолӣ дар сатҳи ҷаҳон ҳаракати муҳоҷирати меҳнатӣ боз меафзояд. Ин афзоиш махсусан дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ ва байни минтақавӣ афзоиш ёфта, дорои хусусиятҳои хос мебошанд (нигаред ба ҷадвали 3.21.).

**Ҷадвали 3.21. - Ҳиссаи «муҳоҷирати меҳнатии мутақобил» дар байни қитъаҳо бо %**

| Минтақаҳои қабулкунандаи мигрантҳо | Минтақаҳои содиркунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Африқо | Осиё | Аврупо | Америкаи Лотинӣ | Америкаи шимолӣ | Яхбастаи шимолӣ | Ҳамагӣ |
| Африқо | **52,6** | 12,6 | 28,8 | 0,2 | 4,9 | 0,9 | 100 |
| Осиё | 1,7 | **54,7** | 24,5 | 0,5 | 16,4 | 2,2 | 100 |
| Аврупо | 2,5 | 16,0 | **59,0** | 2,5 | 15,4 | 4,6 | 100 |
| Америкаи Лотинӣ | 1,1 | 5,1 | 10,3 | 13,4 | **69,8** | 0,3 | 100 |
| Америкаи шимолӣ | 2,2 | 14,7 | 23,6 | 21,0 | 34,9 | 3,7 | 100 |
| Қитъаи шимол | 1,4 | 8,7 | 20.1 | 0,6 | 22,5 | **46,7** | 100 |

**Сарчашма:** Ҳисобот оид ба рушди инсон, 2009, ПРООН. М., 2010. С. 150

Аз ҷадвали зерин бармеояд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ бештар характери дохилиминтақавиро касб намуда, он дар байни минтақаҳои алоҳидаи кӯраи замин коҳиш ёфтааст. Агар ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии Африқо ба минтақаҳои Осиё-12, 5%, Аврупо-12,5%, Америкаи шимолию ҷанубӣ – 5,1% ва Океания-0,9 % ташкил дода бошад, пас муҳоҷирати дохилиминтақавӣ 52,6% ташкил намудааст, ки он аз ташаккули бозори ягонаи қувваи корӣ дар доираи минтақа шаҳодат медиҳад. Зеро тайи солҳои охир ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ дар минтақаи Африқо хеле афзоиш ёфта, самараи ҳамгироӣ дар ҳама сатҳҳои иқтисодӣ ба назар мерасад. Чунин ҳолат дар ҳама минтақаҳои рӯйи

замин ба назар мерасад, яъне шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии давлатҳои Аврупо 59% - ашон кишварҳои Аврупоро интихоб менамоянд. Зеро дар доираи Иттиҳоди Аврупо тамоми шароити ҳаракати одамон байни кишварҳои аъзои ИА ба танзим даровarда шуда, ягон мамоният мавҷуд нест.

Дар минтақаи Осиё бошад, тайи солҳои охир гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ бо ворид шудани давлатҳои Ҳиндустон ва Хитой ба раванди ҳамгироӣ авҷ гирифта, то андозае бозори ягонаи қувваи корӣ ташаккул ёфта истодааст. Аз шумораи умумии муҳоҷирони мехнатии минтақа 54,7% бештар кишварҳои дохили минтақаро интихоб намуда, дар ин кишварҳо кор ва фаъолият мекунанд. Бояд қайд намуд, ки минтақаи Осиё дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишварҳои дорои захираҳои барзиёди қувваи корӣ мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ байни кишварҳои ин минтақа ва дигар минтақаҳо ба таври мутақобила сурат мегирад. Хитой ба давлатҳои Осиё, ки дорои қувваи кории барзиёд ҳастанд, сармоягузорӣ намуда, дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории худ аз қувваи кории худ истифода мебаранд ва бо ин роҳ муҳоҷирони худро бо ҷои кор таъмин менамоянд.

Давлатҳои дигари минтақа ба монанди Кореяи ҷанубӣ, Сингапур, Тайван ва Ҷопон ба Хитой технологияи худро содир намуда, барои ташкили кор ва омӯзонидан ба Хитой мутахассиони худро мефиристанд. Ҳамин тариқ, давлатҳо дар ин ҳолат ҳам содиркунанда ва ҳам воридкунанди қувваи корӣ мегарданд, яъне «муҳоҷрати мутақобили меҳнатӣ» дар дохили минтақаҳо ба вуҷуд меояд. Хусусияти «муҳоҷирати мутақобили меҳнатӣ» байни давлатии минтақаи Америкаи шимолӣ ва Америкаи Лотинӣ онро собит месозад, ки шароити ҳамгироиҳои иқтисодии минтақавии Америкаи шимолию лотинӣ барои кишварҳои аъзо бозори ягонаи қувваи кориро таъсис додаанд, ки он хусусияти хоси худро дошта, барои ҳаракти қувваи корӣ мусоидат мекунад.

Ин хусусиятҳо асосан дар сатҳи қонунгузории ягонаи идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди илму технология ва иқтисодиёту иҷтимоиёт мебошад. Зеро, дар кишваре, иқтисодиёташ рушд накардааст, мутахассисоне, ки аз рӯйи ихтисосҳои замонавӣ муассисаҳои дохилию хориҷиро хатм менамоянд,

бо ҷойи кори муосир ва шуғли пурмаҳсул таъмин намекунанд ва дар натиҷа мутахассисон маҷбур мешаванд муҳоҷират намоянд. Яъне, барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ ҳиҷрати қувваи кории тахассуснок қариб характери объективиро мегирад. Аммо барои кишварҳои тараққикарда вазъият чунин аст, ки бо содир намудани сармоя ва технологияи нав, инчунин туризми дохилӣ муҳоҷирати меҳнатӣ меафзояд.

Ба ғайр аз ин, хусусиятҳои хоси ҳиҷрати байналхалқии қувваи кории муосир дар он зоҳир мегардад, ки муҳоҷират байни кишварҳои ҳамгиро бештар ба назар расида, инчунин «долонҳои ҳиҷрати қувваи корӣ» ба таври расмӣ ва ғайрирасмӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон ба вуҷуд омада истодаанд, ки дар онҳо «долонҳои нақлиётӣ» нақши махсус доранд.

Омӯзиши ин долонҳо ошкор месозанд, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон минтақаҳои махсуси ҳаракати муҳоҷирати меҳнатӣ ба вуҷуд омада истодаанд, ки онҳо барои муҳоҷирон ва тақсимоти онҳо дар байни кишварҳои ҷаҳон шароит муҳайё менамоянд. Ин минтақаҳо на танҳо содиркунанда ва воридкунандаи муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд, балки онҳо ба ҳизматрасонии муҳоҷирати меҳнатӣ машғул шуда, аз кашонидани муҳоҷирон миллиардҳо доллар ширкатҳои ҳавоию обӣ ва автомобилӣ фоида ба даст меоранд. Яъне ин кишварҳо мезобозори қувваи кориро ташкил намуда, бо ин роҳ бозори ягонаи қувваи кориро дар минтақахои алоҳида ташкил менамоянд.

Хулоса, ҳамаи ин хусусиятҳо собит месозанд, ки таҳқиқоти муҳоҷирати қувваи корӣ аз чаҳорчӯбаи равияҳои неоклассикию неокейнсионӣ ва монетаристӣ берун баромада, дар доираи назарияҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ омӯхта шавад. Махсусан, ҳамгироии сатҳи мезоиқтисод имкон медиҳад, ки рафтори гурӯҳҳои махсуси муҳоҷирон бештар ошкор карда шуда, барои давлат ва ҳукуматҳои кишварҳои дар ин раванд ҳамроҳ ва гуруҳҳои ҳамгиро ба расмият даровардани ин рафторхо масъалаи муҳими институтсионализатсиякунии равандҳои муосири иқтисодиёти кишвар ба шумор меравад.

## Хулосаи боби 3-юм.

Хулосаи таҳқиқоти боби 3-юм ошкор намуд, ки:

1. «Минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ», ки намунаи мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад, дар заминаи «долонҳои нақлиётӣ», истифодаи самараноки захираҳои наздисарҳади ташккул ёфта, шакли ғайрихатии ҳамгироиро дар иқтисоди ҷаҳон нишон медиҳад. Дар доираи «Минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ» равандҳои ҳамгироӣ импулсҳои навро гирифта, ҳодисаҳои иқтисодӣ нисбат ба ҳамгироии хатии балласӣ ҳам ба таври амудӣ ва ҳам уфуқӣ ба вукуъ мепайванданд;

2. Дар доираи «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ» ҳаракати сармоя шакли мутақобиларо (салибӣ) гирифта, байни кишвар, минтақа ва соҳаҳои якдигар ҳаракат менамояд. Шакли сармояи аввалия дар байни ин кишварҳо ин ҳаракати сармояи инфрасохтории дохилиминтақавӣ ҳамчун асоси моддии ташаккул ва рушди “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” мебошад. Яъне сармояи инфрасохторӣ қадами аввали ҳамгироии муосири ғайрихаттии иқтисодӣ дар иқтисоди ҷаҳон мебошад;

3. Дар доираи «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ» низоми савдои байналмилалӣ характери ҳудудӣ гирифта, ҷараёни навро касб менамояд, ки онро механизми ҷуброн метавон номбар кард. Дар ин маврид зери мафҳуми ҷуброн мувозинати арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда байни кишварҳо, минтақаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти миллии кишварҳои аъзои гуруҳи ҳамгироии мазкур меравад, ки бо истифода аз инфрасохтори фаросарҳадӣ тақвият меёбад. Аз ин бармеояд, ки механизми ҷуброни арза ва тақозо дар низоми савдои беруна ҳамчун унсури ғайрихатти ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад;

4. Бартарияти низоми тиҷоратии мазкурро самараи “долонҳои сабз”, “якҷоя истифода бурдани захираҳои наздисарҳадӣ” ва “ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиротшаванда” ташкил медиҳанд, ки он дар доираи “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ”- мушаххас ба даст оварда мешавад;

5. Самараи “долонҳои сабз” аз ҳисоби кам кардани хароҷоти нақлиётӣ дар кашонидани бор, тезонидани суръати расонидани бор, кам кардани монеъаҳои

ба расмиятдарории гумрукӣ, дастрасӣ ба бозорҳои миллии якдигар ва минтақавию ҷаҳонӣ бо воситаи ташаккули низоми мутаммаркази қонунгузорӣ ба вуҷуд меояд;

6. Самараи "якҷоя истифода бурдани захираҳои иқтисодии наздисарҳадӣ" дар заминаи дастрасӣ ба захираҳои истеҳсолии минтақавӣ, кам кардани хароҷотҳои ба истифодабарии он бо восиати маблағгузории якҷоя, ки самараи синергетикиро ташкил менамояд ва бартариятро дар заминаи омили мазкур ташкил медиҳад, инчунин ташкили истеҳсолоти нав дар заминаи омили мазкур, ки пеш аз ин бинобар сабаби муайян нагардидани механизми идораи корпоративии он пурра истифода намегашт, ба даст оварда мешавад;

7. Самараи "ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиротшаванда" дар заминаи инкишофи тақсимоти байналхалқии меҳнат дар дохили гуруҳи ҳамгироӣ, ки дар натиҷаи кооператсияи истеҳсолот дар ин ё он кишвари аъзо ташкил карда мешавад ва он ба тахассусгардонии истеҳсолот дар дохили минтақа оварда расонида, бо воситаи васеъ гардидани бозор аз ҳисоби бозори ягонаи дохилиминтақавӣ самараи миқёс ва самараи ташкили тиҷорати байниякдигарии кишварҳои аъзо ба даст оварда мешавад, ба вуҷуд меояд. Кишварҳои аъзои ИДМ собит месозанд, ки бинобар сабаби рушд наёфтани истеҳсолоти дохилӣ ва гуногунсамт набудани истеҳсолот, ки камчинии молҳои саноатиро дар бозорҳои дохилӣ ба вуҷуд овардаанд, тиҷорати берунии ИДМ нисбат тиҷорати дохилӣ зиёд аст. Яъне кишварҳои аъзои ИДМ барои ҷуброни тақозои дохилии худ ба берун молҳои худро содир намуда, бо ин роҳ механизми ҷуброни тиҷоратиро ташкил менамоянд;

**8.** Дар доираи "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" ҳаракати қувваи корӣ ҳамчун омили истеҳсолот низ характери мутақобила дошта, бештар дар дохили минтақаи мазкур сурат мегирад. Агар ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии Африқо ба минтақаҳои Осиё-12, 5%, Аврупо-12,5%, Америкаи шимолию ҷанубӣ-5,1% ва Океания-0,9 % ташкил дода бошад, пас муҳоҷирати дохилиминтақавӣ дар Осиё 52,6% ташкил намудааст, ки он аз ташаккули бозори ягонаи қувваи корӣ дар доираи минтақа шаҳодат медиҳад.

# БОБИ 4. ИҚТИСОДИ КУШОДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАФСИРИ ОН АЗ МАВҚЕИ САМАРАИ «МИНТАҚАИ ДОРОИ ИМКОНИЯТИ ҲАМГИРОӢ»

## 4.1. Иқтисоди кушод ва рушди савдои хориҷӣ: роҳҳои татбиқи имконоти содиротӣ ва воридотивазкунанда

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти иқтисодии хориҷии худ «сиёсати дарҳои кушод»-ро пайгири намуда, аъзои фаъоли созмонҳои байналхалқии молиявию иқтисодӣ ва гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад ва бо зиёда аз 120 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монда, бо 100 кишвари чаҳон муносибатҳои иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат воситаи тиҷоратӣ дорад. Мақсади асосӣ дар ин муносибатҳо татбиқи имконоти содиротии кишвар ва мутаносибан истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда мебошад.

Таҳаввулоти муносибатҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷкистон давра ба давра ба вуҷуд омада, айни замон ба як сатҳи сифатие расидаанд.

Тибқи таҳлилҳо фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чор давра тақсим карда мешаванд, ки ҳар як давра хусусиятҳои хоси раванди ташаккулро дорад:

-давраи якум солҳои 1991-1995-ро дар бар мегирад. Ин давра барои Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи оғози ислоҳотҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ арзёбӣ мегардад. Сабаби асосӣ ин канда шудани муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ҶТ бо собиқ кишварҳои пасошуравӣ ва пурра дар монополияи давлат будани фаъолияти содиротӣ буд. Дар ин давра содироти молҳо бо воситаи литсензия, квота ва фармоиши давлатӣ ба роҳ монда шуда, тамоми пули фуруш молҳои содиротӣ ба Фонди арзии давлатӣ гузаронида мешуд. Дар натиҷа ҳаҷми содирот кам шуда, бартер бештар гардид ва баромади сармоя ба берун ба вуҷуд омад. Барои ба танзим даровардани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ соли 1992 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ” қабул гардида, дар байни соли 1995

Фармони Президенти ҶТ дар бораи “Давоми либерализатсиякунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ” аз 27 июни соли 1995 ва “Либерализатсияи амалиётҳои содиротию воридотӣ ва чорабиниҳо ҷиҳати пурра баргардонидани даромад аз фуруши содирот” аз 24 феврали соли 1996 ба тавсиб расида, механизмҳои тарифию гумурукӣ роҳандозӣ карда шуданд. Дар ҳамин сол ҳамчунин “Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид, ки барои содироти молҳо пардохтҳои гумрукӣ муайян кард шуданд.

-давраи дуюм ( 1995-1997) -ро дар бар мегирад, ки он давраи “мулоим”-и фаъолияти иқтисодии хориҷӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин солҳо асосан бо тавсияи ташкилотҳои байналмилалӣ, ки барои ислоҳоти макроиқтисодии кишвар маблағгузорӣ менамуданд, сиёсати фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба соддагардонии фаъолияти тиҷоратӣ равона гардида буд.

-давраи сеюм соли 1998 оғоз гардид, ки хусусияти фарққунандааш аз дигар давраҳо дар он буд, ки содирот аз пардохтҳои гумрукӣ тамоман озод карда шуда, талабот оид ба фуруши ҳатмии қисми асъори аз содирот ба даст овардашуда ба захираи тиллоӣ-асъории кишвар манъ карда шуд.

- Аз соли 2007 давраи 4-уми фаъолияти иқтисодии хориҷии ҶТ оғоз гардида, то ин ҷониб давом дорад, ки он дорои ду хусусияти асосӣ мебошад:

1. Тоҷикистон аъзои СУС гашта, пурра ба низоми тиҷорати байналамилалӣ ворид гашт (2013), ки онро метавон давраи ба анҷомрасии ҳамгироии тиҷоратии ҷаҳонӣ арзёбӣ намуд;

2. Ба роҳ мондани чорабиниҳо ҷиҳати паст кардани хавфҳои берунӣ ба иқтисодиёти кишвар, ки дар пайи тезутунд шудани муносибатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ дар минтақа ва ҷаҳон, ба вуҷуд омаданд.

Дар ин маврид, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати содиротӣ ва воридотивазкунандаро ҳамчун ҳадафҳои оянда пешбинӣ намуда, ду маротиба Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикиситонро барои давраи солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 қабул намудааст. Вобаста ба ин, дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии содирот ҳамчун мақомоти мусоидаткунандаи содирот ташкил гардида, пайваста ҷиҳати

рушди содирот ва истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда ярмаркаю бизнес-форумҳо бо ҷалби васеи соҳибкорони ватанию хориҷӣ дар дохил ва хориҷи кишвар баргузор менамояд.

Татбиқи ин ҳадафҳои гузошташуда зарурияти омӯзиши моделҳои пешрафтаи татбиқи сиёсати содироти ва воридотивазкунандаро дар иқтисодиёти ҷаҳон ҷиҳати коркарди модели мувофиқ дар ҶТ-ро ба миён мегузорад.

Таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ аз ду модели татбиқи сиёсати содиротӣ ва воридотивазкунандаро собит месозад:

1. Таҷрибаи давлатҳои Осиё Ҷанубӣ-Шарқӣ;
2. Таҷрибаи кишварҳои Америкаи Лотинӣ.

Кишварҳои Амрикои Лотинӣ сиёсати воридотивазкунанаро бо мақсади таъмини бозори вассъи дохилӣ роҳандозӣ намуда, сиёсати протексионистиро барои ҳифзи соҳаҳои ҷавони худ хеле зиёд ва тӯлонӣ ба кор бурданд. Дар натиҷаи маҳдудияти рақобати берунӣ корхонаҳои дохилӣ дар ҷои худ “шах” шуда, ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои истеҳсолӣ поён рафта, рушди инноватсия ва интенсификатсияи истеҳсолот қать карда шуд. Давра ба давра сиёсати савдои озод ба роҳ монда шуд, вале аллакай дар бозори беруна мавқеи кишварҳои дигар сахтар шудан гирифтанд, ки барои кишварҳои Америкаи Лотинӣ ҷой танг гашт.

Кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ модели воридотивазкунандаи ба содирот нигаронидашударо татбиқ намуда, ба муваффақиятҳо ноил гаштанд. Хусусияти модели мазкур аз он бармеомад, ки кишварҳои минтақаи мазкур на он қадар калон буданд ва имконияти ба даст овардани самараи миқёс аз истеҳсолот дар дохили кишвар маҳдуд буд ва бинобар он ин кишварҳо сиёсати протексионистиро дар баъзе соҳаҳо истифода бурданд ва он ҳам бошад ба муддати на як ё ду сол зиёд.

Давлатҳои нави саноатӣ (Тайван, Сингапур, Ҷопон ва Кореяи чанубӣ) тавонистанд, ки бо татбиқи модели мазкур ҳам бозори дохилии худро аз молҳои истеҳсоли ватанӣ таъмин намоянд ва ҳам ба бозори ҷаҳонӣ молҳои худро содир намуда, бар ивазаш молҳои истеъмолӣ ва таиноти истеҳсолидоштаро ворид намоянд. Ҷунин модели татбиқ консепсияи “клапани олмонӣ”-ро мемонад, ки

дар асрҳои XV-XVII дар Ғарб машҳур буд. Моҳияти ин консепсия аз он иборат буд, ки Олмон на ҳама вақт молҳои худро ба кишварҳои Аврупо содир менамуд. Талаботи рузафзуни Олмон ба молҳои истемолию истеҳсолӣ, ки дар натиҷаи рушди босуръат ба вуҷуд меомад, содироти молро танҳо дар натиҷаи пайдо шудани талабот ба воридоти молҳои беруна то муддати ба роҳ мондани истеҳсолоти дохилӣ ба роҳ мемонд. Дар сурати ба роҳ мондани истеҳсоли он намуди мол дар дохили кишвар содироти ба воридот зарур қать карда мешуд. Яъне аз нигоҳи мавзуи таҳқиқотии мо содирот барои пушонидани воридот, ҷуброни тақозо бо воситаи арза нигаронида шуда буд.

Ба фикри мо татбиқи модели Осиёгӣ-Ҷанубӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати хурд буда, характери иқтисодиёти хурди кушод дорад.[128] Чунин вазъ аз хурд будани бозори дохилӣ шаҳодат дода, имконияти таъмини такрористеҳсоли васеъро бо дарназардошти самари миқёс маҳдуд менамояд. Ба ғайр аз ин, рушди иқтисодиёти кишвар дар оянда ба афзоиши талалботи дохилӣ ба воридоти молҳои таъиноти гуногун оварда мерасонад, ки барои он бояд содирот афзоиш дода шавад, то ин ки имконияти пардохти охирин пайдо шавад. Вагарна холати статикии имрӯзаи рушди тиҷорати байналхалқии Тоҷикистон, ки воридот аз содирот ба маротиб зиёд мебошад ва кишвар содиркунандаи ашёи хом аст, боз боқӣ хоҳад монд.

Ҷиҳати баромадан аз мувозинати статикӣ ва гузаштан ба мувозиати динамикӣ зарур аст, ки бартарияти рақобатии кишвар муайян ва механизми бозории татбиқи имконоти содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад. Зеро рушди динамикии тиҷорати берунӣ имконияти ҷуброни талаботро бо воситаи пешниҳоди мол ба бозори ҷаҳонӣ таъмин намуда, рақобатпазирии кишварро васеъ ва баланд менамояд. Албатта мо ақидаи олими ватанӣ Л.Ҳ. Саидмуродзодаро вобаста ба ҳадафи стратегии рақобатпазирии кишвар ва таъсири он ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар дастгирӣ менамоем. Л.Ҳ. Саидмуродзода рушди бемайлони тиҷорати байналхалқӣ дар сатҳи ҷаҳонро

---
[128] Ба таври муфассал нигаред ба; Л.Х Саидмуродов. Экономическая теория открытого хозяйство и проблемы современного Таджикистана. Душабе .-2005 с. -260с.

таҳлил намуда, ба чунин хулоса меояд, ки "Дарки ҳолате, ки дар тиҷорати байналхалкӣ ба вуҷуд омадааст, дар татбиқи сиёсати тиҷоратӣ барои кишварҳои дар ҳолати гузариш ва либерализатсияи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ қарор дошта муҳим аст, зеро он собит месозад, ки барои беҳтар кардани таркиби содиротии тиҷорат аз бартарияти мутлақ ва бартарияти нисбӣ дида бартарияти рақобатӣ нақши ҳалкунанда бозида истодааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки бартарияти нисбӣ ва бартарияти рақобатиро муқобили ҳам гузошт, баръакс, истифодаи якҷояи он рақобатпазирии кишварро афзунтар мекунанд. Ва аз ҳама асосӣ таърих собит месозад, ки асоси моддии рушди рақобатпазирии кишварро саноатикунонӣ ташкил менамояд, ки он имкон медиҳад самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар заминаи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат таъмин карда шавад....Гарчанде то имрӯз дар адабиётҳои иқтисодӣ мафҳуми ягона ва умумии рақобатпазирӣ дода нашудааст, аммо барои иқтисодиёти дар ҳолати гузариш ва либерализатсияи иқтисодиёт қарордошта саволи чигунагии сиёсати содиротӣ ва воридотивазкунанда дар гирду атрофи чунин моҳият бояд қарор дошта бошад: сиёсати содиротӣ ва воридотивазкунанда дар алоҳидагӣ татбиқ карда мешавад ва ё интегралӣ (якҷоя), аммо он бояд барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидаткунада бошад".[129]

Мо ақидаҳои болоро дастгирӣ намуда, қайд менамоем, ки татбиқи содиротии кишвар дар асоси бартарияти мутлақ ва нисбӣ барои ҶТ айни замон ин содироти ашёи хом ва истеҳсолоти молҳои қувваи кории арзондошта мебошад, ки нақши фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар коста мегардонад ва ба рушди рақобатпазирии кишвар мусоидаткунанда нест. Зеро нархи пасти қувваи корӣ, ки дар истеҳсоли молҳои содиротӣ истифода мегарданд ва асоси рақобатпазирии молҳои содиротӣ мегардад, наметавонад даромади аҳолиро боло барад.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ вобаста ба татбиқи имконоти содиротӣ ва сиёсати вридотивазкунанда назария ва равишҳои зиёди илмӣ мавҷуданд, ки асоси онҳро

[129] Л. Ҳ. Саидмуродов. Республика Таджикистан в системе современных связей: модель малой открытой экономики.-Душанбе.: Дониш, 2021.-С.109-110.

назарияҳои классикии тиҷорати байналхалқӣ ташкил медиҳанд. Тибқи назарияҳои мавҷудаи илмӣ тиҷорат ба ҳамаи кишварҳо манфиатовар буда, қариб ҳамаи кишварҳо байни ҳамдигар тиҷорат мекунанд. Тиҷорати байналхалқӣ аз истеҳсолоти ҷаҳонӣ пештар рафтааст, ки он аз гардиши босуръати молу хизматҳои истеҳсолшуда дарак медиҳад. Яъне, истеҳсолоти ҷаҳонӣ характери тиҷоратиро касб карда, самаранокии истеҳсолот низ дар тиҷорати он зуҳур меёбад.

Барои баҳодиҳии иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон равишҳои гуногун вуҷуд доранд. Бархе аз муҳаққиқон сатҳ, сохтор, ҳаҷм ва самаранокии содироти кишварро ҳамчун нишондиҳандаи иқтидори содиротӣ интихоб мекунанд.[130] Дигарон иқтидори содиротии кишварро дар асоси ҷустуҷӯ ва дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ, ҷиҳати муайян кардани захираҳои содиротии кишвар, арзёбӣ мекунанд.[131]

Ин ду равияи таҳқиқотии олимони ватанӣ дар илми иқтисод ҷой дошта, онро метавон аз нигоҳи назарияи тиҷорати байналхалқӣ дар ду паҳно арзёбӣ намуд:

-имконоти содиротӣ аз нигоҳи бартариятҳои мутлақ ва нисбӣ;

-имконоти содиротӣ аз нигоҳи бартариятҳои рақобатӣ.

Мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолӣ, канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ, захираҳои табий, қувваи кории арзон, захираҳои туристӣ-рекреатсонӣ ва обию энергетикӣ, ки дар асарҳои бисёр олимони мо ҳамчун иқтидори содиротӣ қайд

---

[130] Ба таври муфассал нигаред ба: Тошев С.О. Внешнеэкономические связи Республики Таджикистан. Современное состояние и перспективы. М – 2001 - С.300. Усмонов М.Х. Развитие внешнеэкономических связей как основа антикризисного управления. – Душанбе, 1996. –С. 87-89. Вахидов В.В., Гафуров Г.Х., Умаров Х.У. Хлопководство: прошлое, настоящее и будущее. [Текст] /В.В. Вахидов, Г.Х. Гафуров, Х.У. Умаров//Экономика Таджикистана: стратегия развития.- 2003.- №1. М. Нурмахмадов Проблемы занятости населения и внешняя трудовая миграция // Эколномика Таджикистана: стратегия развития. 2001г. №1 с.58. Х.У. Умаров. «Нужные неотложные решения» // Народная газета, №35 от 7 мая 2003 года. Розиқов Р.В. Предпринимательский потенциал промышленности Таджикистана и организационно-экономический механизм его реализации. Автореферат диссертации на соискание ученой степени к.э.н. Душанбе, 2004. С.16. Н.Каюмов., Х.У.Умаров., Х.Мухаббатов. // Первая конференция и развитие производительных сил Таджикистана. Бизнес и политика №12(521) от 25.04.03. Г.Н. Петров. ВТО и устойчивое рациональное использование энергетических ресурсов Республики Таджикистан.//Экономика Таджикистана №2 2004г.с.136.

[131] Н.К.Каюмов, Х.У. Умаров. Глобализация экономики и внешнеэкономичесике связи Таджикистана. Душанбе, «Деваштич», 2005.-192 саҳ. Л.Х Саидмуродов. Республика Таджикистан в системе современных связей: модель малой открытой экономики.-Душанбе.: Дониш, 2021.-С.109-110. Х.А. Одинаев. Развитие межрегиональной торговли в условиях экономиической интеграции.-Душанбе: «ЭР-граф», 2020.-172 с. Кодирзода Д.Б., Солиева Н.Ш. Факторы развития региональной экономической интеграции в условиях глобализации.-Душанбе: «Типография ТНУ», 2021.-184 с.

мегарданд, бартариятҳои мутлақ ва нисбиро ифода мекунанд. Аз нигоҳи бартарияти рақобатӣ бартариятҳои мутлақ ва нисбӣ ҳамчун заминаҳои имконоти содиротӣ арзёбӣ мегардад ва аз мехнизми татбиқи имконоти содиротӣ самаранокии он дар кишвар таъмин карда мешавад. Ба инҳо асосан хизматрасониҳои мусоидаткунандаи ҳаракати мол ба бозори ҷаҳонӣ, механизмҳои самараноки ташкилию идоракунии раванди татбиқи имконоти содиротӣ (ҳамгироии тиҷоратӣ)  дохил мешаванд, ки мо ба он бештар диққат додем.

Бояд қайд намуд, ки мо дар таҳқиқоти худ ақидаҳои олимони ватаниро вобаста ба имконоти содироти ва механизми татбиқи он, ки дар шакли парокандагӣ ҷой доранд, дастгири намуда, дар он ақидаем, ки онҳо заминаҳои асосии илмии ақидаи мо мебошад. Тибқи ақидаи мо дар доираи “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” самаранокии тиҷорат дар характери “ҷуброн”-и доштаи он ифода ёфта, бартарияти он дар заминаи “самараи долонҳои сабз” ва “самараи истифодаи якҷояи захираҳои истеҳсолот” тақвият ёфта, дар маҷмуъ, ҳамаи ин бартариятҳо “бартарияти ҳамгироӣ”-ро аз нигоҳи назарияи тиҷорати фазоӣ (ҳудудӣ) ифода мекунанд.

Агар ба муносибатҳои ҳамгироии ҶТ нигарем, мебинем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавии зерин мебошад: Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ (СҲИ) (29.11.1992); Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) (сентябри 1993); Ҷамъияти Осиёи Марказӣ (МҲИ), вориси Ҷамъияти иқтисодии Осиёи Марказӣ (МҲИ) (апрели 1994); ва Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) (2001) (нигаред ба расми 4.1.).




**Расми 4.1. - Ҷумҳурии Тоҷикистон гуруҳҳои ҳамгироии минтақавӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Тоҷикистон дар ҳамами ин созмонҳои ҳамгироии минтақавӣ манфиатҳои иқтисодии худро пайгирӣ намуда, пайваст такмил додани муносибатҳои ҳамгироӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, ба қариб 70 созмонҳои байналмилалии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ аъзо буда, ҳамкориҳои формати гуногунро низ ба роҳ монда, (масалан дар 10 созмони формати Осиё+) ташабускори таъсиси созмонҳои минтақавию байналмилалӣ мебошад (дар масъалаи об, пиряххо, Баҳри Арал ва ғ). Дар меҳвари сиёсати хориҷии ҶТ, махсусан муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ, рушди тиҷорат мавқеи асосӣ дошта, он ҳамчун самти афзалиятноки истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи кишвар бо истифода аз дастовардҳои навини техникию истеҳсолии ҷаҳонӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар пайи ислоҳоти ба вуҷуд омада давра ба давра гардиши савдои хориҷии (ГСХ) Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфта, соли 2020 нисбат ба соли 1995 қариб 3 маротиба афзоиш ёфта, ҳаҷми он 4424,7 млн. долл. ИМА ташкил намуд (нигаред ба замимаи 4.). Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷуғрофияи гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 маротиба тағйирот (1993, 1997, 1998, 2003) ба вуҷуд омада, пас аз барҳам хурдани муносибатҳои хоҷагидорӣ бо кишварҳои собиқ ИҶШС мавқеи кишварҳои хориҷӣ бештар гардида, ин тамоил то ба ҳануз идома дорад. Нишондиҳандаи аз ҳама баланди гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2014 мебошад, ки он 5274,7 млн. долл. ИМА-

ро ташкил менамояд ва он асосан аз ҳисоби афзоиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои ИДМ (афзоиш дар ҳаҷми 312,7 млн. долл. ИМА) ба вуҷуд омадааст.

Мавқеи кишварҳои ғайри ИДМ асосан аз ҳисоби афзоиши содироти ҶТ ба ин кишварҳо мебошад, ки аз соли 1992 инҷониб таносуби он нисбат ба кишварҳои ИДМ боло рафта, то ба ҳануз ин тамоил идома дорад. Агар дар соли 1991 ҳаҷми ГСХ -и кишварҳои ғайри ИДМ дар ГСХ ҶТ 19,7% - ро ташкил намуда бошад, пас он дар соли 1995 ба 53,2% баробар гашта, соли 2020 аллакай ба 48,3% баробар гашт. Содироти ҶТ ба ин кишварҳо (хориҷи дур бошад) аз 21,1%-и соли 1991 ба 66,4% дар соли 1995 ва дар соли 2020 ба 79,4% - и ҳаҷми умумии содироти кишвар баробар гашта, ҳаҷми он аз 14,4 млн.долл. ба 1117,4 млн.долл. баробар гашт.

Дар муқоиса ба ин, воридоти ҶТ асосан аз кишварҳои ИДМ ба роҳ монда шуда, танҳо дар солҳои 1993 -1994 аз кишварҳои ғайри ИДМ нисбат ба кишварҳои ИДМ бештар воридот карда шудааст. Дар маҷмуъ, аз соли 1991 инҷониб мавқеи кишварҳои ИДМ дар ГСХ ҶТ калон буда, соли 2020 нисбат ба соли 1995 он 32 маротиба афзоиш ёфта, 51,7% ГСХ ҶТ ташкил менамояд. Дар ҳаҷми умумии воридоти ҶТ кишварҳои ИДМ агар соли 1991 82% ташкил менамуда буд, пас он соли 2020 ба 65,6% баробар гашта, ҳаҷми он дар соли 2020 нисбат ба соли 1995 4,3 маротиба боло рафта, 2068 млн.долл.-ро ташкил намуд.

Дар маҷмуъ, аз соли 1991 то ин ҷониб дар ҷугрофияи гардиши савдои хориҷӣ 4 маротиба, ҷуғрофияи содиротӣ 1 маротиба ва ҷуғрофияи воридотӣ 2 маротиба тағйирот ба вуҷуд омада, таносуби воридот нисбат содирот зиёд мебошад, ки ин аз бартарияти кишварҳои ИДМ нисбат кишварҳои дигар дар фаъолияти тиҷоратии берунии кишвар дарак медиҳад.

Афзоиши содирот ба кишварҳои ғайри ИДМ ин асосан дар заминаи баланд будани нархи молҳои содиротии ҶТ дар ин бозорҳо, канда шудани муносибатҳои истеҳсолию тиҷоратӣ бо давлатҳои ИДМ ва сохтори қариб якхела доштаи истеҳсолоту тиҷорати собиқ кишварҳои ИҶШС бо ҶТ, инчунин ворид шудани молҳои кишварҳои хориҷи дур (асосан Аврупо) ба бозори дохилии кишварҳои ИДМ, ки нисбат ба молҳои ҶТ рақобатпазиртаранд, мебошад.

Аз таҳлили ҷадвали мазкур вобаста ба ҷуғрофияи тиҷорати байналмилалӣ ҳаминро бояд қайд намуд, ки мавқеи кишварҳои Осиё давра ба давра афзоиш ёфта истодааст. Агар дар соли 1995 ҳаҷми умумии ГСХ ҶТ бо кишварҳои Осиё 47,5 млн.долл. -ро ташкил намуда бошад, пас он соли 2020 24 маротиба афзоиш ёфта, ба 1145,5 млн.долл. баробар гаштааст, ки ин асосан аз ҳисоби воридот мебошад. Дар соли таҳлилӣ воридот 70,5 маротиба (аз 11,2 млн.долл. соли 1995 ба 790,1 млн.долл. дар соли 2020) афзоиш ёфта, дар муқоиса ба он, содирот аз 36,3 млн.долл. ба 355,4 млн.долл. (афзоиш 9,8 маротиба) баробар гаштааст.

Дар ГСХ мавқеи кишварҳои қитъаи Африка (аз 8,1 млн.долл. дар соли 1995 ба 1,7 дар соли 2020) рӯ ба таназзул дошта, кишварҳои Амрико 6 ва Аврупо 1,4 маротиба афзоиш ёфтааст. Тавозуни мусбии ГСХ ҶТ дар соли 2020 танҳо бо кишварҳои Аврупо боқӣ монда, воридот аз дигар кишварҳо ба ҶТ бештар гардидааст, гарчанде соли 1995 ин таносуб мусбӣ буд (ба ғайр аз кишварҳои ИДМ бо тамоми дигар кишварҳо тавозуни ГСХ мусбӣ буд). Дар маҷмуъ, тавозуни содиротию воридотии ҶТ манфӣ мебошад, аммо тайи солҳои охир он рӯ ба пастравӣ дошта, соли 2020 он ба 1744,0 млн.долл. баробар гашт, ки нисбат ба соли 2014 дар ҳаҷми 1576,1 млн.долл. ва нисбат ба соли 2019 дар ҳаҷми 333,7 млн.долл. кам мебошад (нигаред ба замимаи 4.).

Вобаста ба ҳиссаи шарикони асосӣ дар содирот ва воридоти ҶТ ҳаминро бояд қайд намуд, ки Федератсияи Россия, Қазоқистон, Чин ва Ҷумҳурии Узбекистон шарикони асосӣ дар воридот буда, дар содирот мавқеи кишварҳои ҷаҳон дар солҳои таҳлилӣ тағир ёфтааст. Агар дар соли 2005 ҶТ аз ҳама зиёд ба Нидерландия (46,6%) мол содир намуда бошад, пас дар соли 2010 мавқеи Чин (37,4%) боло рафта, дар соли 2020 Шветсария (49%) кишвари асосии содироти моли Тоҷикистон гардид, ки аз тамаркузи содироти кишвар ба давлатҳои алоҳида шаҳодат медиҳад. Мавқеи Туркия дар содироти кишвар дар солҳои таҳлилӣ бетағир буда, дар зинаи 2-юм қарор дошта, танҳо дар соли 2010 31,5%-и ҳаҷми умумии содироти кишварро ташкил намуда, дар дигар солҳо 14-45% ташкил додааст, ки барои ҶТ ҳамчун кишвари хурди кушод хавфнок аст (нигаред ба ҷадвали 4.1.). Зеро вобастагии содироти кишвар аз иқтисодиёти кишварҳои

алоҳида таъсири омилҳои берунаро ба иқтисодиёти миллӣ бештар менамояд. Таҳлилҳо оид ба мавқеи кишварҳои алоҳида дар ҳаҷми умумӣ нишон медиҳанд, ки вазъи воридот нисбат ба содирот дар ин самт беҳтар аст, чунки нишондиҳандаҳои воридотӣ оид ба ин ё он шарики тиҷоратӣ танҳо дар атрофи 19-32% мебошанд. Яъне танҳо соли 2010 аз Русия дар ҳаҷми 32%-и умумии воридот мол ворид карда шудаасту дигар солҳо он камтар аст. Вале дар ин самт муаммо дар он аст, ки тамаркуз қариб бетағир буда, вобастагии кишвар аз Русия ва Қазоқистону Чин доимӣ мебошад. Дар ин ҳолат, барои таъмини бехатарии иқтисодӣ, ҷиҳати кам кардани таъсири омилҳои берунӣ (азбаски шарикони рушд дар шароити муносибатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодӣ алоқаманд ҳастанд) дар баробари гуногунсамткунии (диверсификатисия) молӣ, инчунин ислоҳоти гуногунсамткунии ҷуғрофии ГСХ, махсусан содироту воридот вазифаи аввалиндараҷа дар сиёсати фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мебошад, ки бояд дар кишвар роҳандозӣ карда шавад.

**Ҷадвали 4.1. - Шарикони асосӣ дар гардиши савдои хориҷии ҶТ дар солҳои 2005, 2010 ва 2020**

| **Содирот** | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2005** | | | **2010** | | | **2020** | | |
| **Кишвар** | **Ҳаҷми ГСХ бо %** | **Мавқеъ** | **Кишвар** | **Ҳаҷми ГСХ бо %** | **Мавқеъ** | **Кишвар** | **Ҳаҷми ГСХ бо %** | **Мавқеъ** |
| Нидерланд | 46,6 | 1 | Чин | 37,4 | 1 | Шветсария | 49,0 | 1 |
| Туркия | 15,8 | 2 | Туркия | 31,5 | 2 | Туркия | 14,4 | 2 |
| Русия | 9,1 | 3 | Дигар давлатҳо | 16,9 | 3 | Қазоқистон | 10,8 | 3 |
| Узбекистон | 7,3 | 4 | Русия | 8,5 | 4 | Узбекистон | 5,9 | 4 |
| Латвия | 4,9 | 5 | Эрон | 5,0 | 5 | Афғонистон | 5,0 | 5 |
| **Воридот** | | | | | | | | |
| **2005** | | | **2010** | | | **2020** | | |
| **Кишвар** | **Ҳаҷми ГСХ бо %** | **Мавқеъ** | **Кишвар** | **Ҳаҷми ГСХ бо %** | **Мавқеъ** | **Кишвар** | **Ҳаҷми ГСХ бо %** | **Мавқеъ** |
| Русия | 19,3 | 1 | Русия | 32,2 | 1 | Русия | 29,6 | 1 |
| Қазоқистон | 12,7 | 2 | Қазоқистон | 11,0 | 2 | Қазоқистон | 24,0 | 2 |
| Узбекистон | 11,5 | 3 | Чин | 8,9 | 3 | Чин | 13,9 | 3 |
| Чин | 7,0 | 4 | Украина | 7,1 | 4 | Узбекистон | 7,9 | 4 |
| Руминия | 4,6 | 5 | Эрон | 5,3 | 5 | Туркия | 3,8 | 5 |

**Сарчашма:** Маҷмӯи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2011. С. 560-565.; Тоҷикистон:30-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2021. С. 507- 610. Внешнеэкономический деятельность Республики Таджикистан. Дар солҳои мувофиқ. – Душанбе, АОПҶТ, 1992- 2021.

Агар аз нигоҳи истифодаи бартарияти ҳамгироӣ ҳамчун омили рушди тиҷорати байналхалқии Тоҷикистон таҳлил намоем, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз тавозуни манфӣ доштан, муносибатҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲИ рӯ ба афзоиш дорад (нигаред ба ҷадвали 4.2.). Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки давлатҳои СҲИ имконияти васеи ҳамгироии тиҷоратиро дошта, дар сурати инкишофи шароитҳои тиҷоратӣ метавонанд сатҳи тиҷорати байниҳамдигариро боз васеътар намоянд. Махсусан рушди муносибатҳои тиҷорати электронӣ, ташкили бозори энергетикии минтақавӣ, сайёҳӣ, нақлиёту коммуникатсия, кишоварзӣ ва дар ин замина мутобиқсозии низоми бонкӣ сатҳи муносибатҳои ҳамгироии кишварҳои СҲИ-ро метавонад боз васеътар намояд.

**Ҷадвали 4.2. - Гардиши савдои хориҷӣ бо давлатҳои** СҲИ **(млн.долл)**

| **Нишондиҳанда** | **2005** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Гардиши савдои хориҷӣ** | 850,9 | 1611,9 | 1437,8 | 1639,1 | 1875 | 1988,1 | 1775,6 | 2308,4 |
| **Содирот** | 282,5 | 536,4 | 555,3 | 757,3 | 853,8 | 762,1 | 541,7 | 862,4 |
| **Воридот** | 546,5 | 1052,5 | 852,2 | 865,4 | 1011,1 | 1225,8 | 1227,5 | 1445,8 |
| **Тавозун** | -264 | -516,1 | -296,9 | -108,1 | -157,3 | -463,7 | -685,1 | -583,4 |

**Сарчашма:** Омори солонаи ФИБ-и ҶТ.–Душанбе, 2020. – С.328-329; Омори солонаи ҶТ. – Душанбе, 2020. - С 273-274.

Иқтидори ҳамгироии Тоҷикистон бо кишварҳои пасошуравӣ (ИДМ) низ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди муносибатҳои тиҷоратии Тоҷикистон мебошад. Зеро алоқаҳои нақлиётию коммуникатсионӣ ва гузаштаи таърихии муносибатҳои ҳамкории иқтисодӣ имкон медиҳад, ки ин ҳамгироӣ дар сатҳи нав ба роҳ монда шуда, оптимизатсияи манфиатҳои миллии кишварҳои аъзо таъмин карда шавад. Дар оянда ҷиҳати таъмини тавозуни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда афзоиши содироти мол ба кишварҳои ИДМ афзалияти муносибатҳои тиҷораии ҶТ дар ин гуруҳи ҳамгироӣ мебошад. (нигаред ба ҷадвали 4.3.)

**Ҷадвали 4.3. - Гардиши савдои хориҷӣ бо давлатҳои ИДМ (млн.долл)**

| Нишондиҳанда | 2005 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Гардиши савдои хориҷӣ** | 1042,2 | 2045,4 | 1968,0 | 2089,9 | 2348,3 | 2521,1 | 2357,9 | 3120,1 |
| **Содирот** | 177,9 | 226,7 | 294,4 | 430,7 | 530,3 | 449,9 | 289,4 | 574,7 |
| **Воридот** | 864,3 | 1818,7 | 1673,6 | 1656,2 | 1818,0 | 2071,3 | 2068,4 | 2545,4 |
| **Тавозун** | -686,4 | -1592 | -1379,2 | -1225,5 | -1287,7 | -1621,4 | -1779 | -1970,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи ФИБ-и ҶТ.–Душанбе, 2020. – С.328-329; Омори солонаи ҶТ. – Душанбе, 2020. - С 273-274.

Манфиатҳои асосии иқтисодии Тоҷикистон аз таҷдиди сохтории иқтисод ва муҳимтар аз ҳама дар пайи тағйир додани ҷойгоҳ дар низоми тақсими байналмилалии меҳнат мебошад, ки имкон медиҳад иқтидори содиротӣ бо воситаи баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони миллӣ мусоидат намояд. Ҳамаи ин манфиатҳо метавонад ба туфайли иштирок дар Созмони ҳамкории Шанхай конеъ гардонида шаванд.

Сиёсатшиносон қайд мекунанд, ки дар ҳоли ҳозир таҷрибаи СҲШ барои бисёре аз кишварҳои Осиё ҳамчун таҷрибаи интиқоли бемайлони муносибатҳо аз як сатҳи сифатӣ (муносибатҳои дуҷониба) ба сатҳи баландтар (ҳамкории бисёрҷониба) ҳамчун намунаи ҳамгироӣ муфид аст. Дарвоқеъ, дар тӯли 17 сол, "панҷгона" аз формати дуҷониба ба вуҷуд омад, ки дар соли 2023 ба як низоми мукаммали амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, ки аз ҳашт давлат иборат аст, табдил ёфт. Дар баробари ин, СҲШ таҷрибаи муосири муносибатҳои байни кишварҳои калон (Русия, Чин) ва хурд (кишварҳои Осиёи Марказӣ) мебошад, ки бидуни халалдор кардани манфиатҳои ин ду андозаи кишварҳо (хурд ва калон), дар шакли тавозуни манфиатҳо ба роҳ монда шудааст.

Гардиши мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои узви СҲШ рӯ ба афзоиш дорад, ки дар он нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар гардида истодааст. Ин нишондод аз 872,2 млн.долл. ИМА дар соли 2005 то 4120,3 млн. долл. ИМА дар соли 2021 афзудааст. Динамикаи гардиши мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои СҲШ дар ҷадвали 4.4. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4.4. - Гардиши савдои хориҷӣ бо давлатҳои СҲШ (млн.долл)**

| Нишондиҳанда | 2005 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Гардиши савдои хориҷӣ** | 872,2 | 2710,9 | 2748,3 | 2583,9 | 2924,4 | 3169 | 2849,9 | 4120,3 |
| **Содирот** | 172,6 | 271,4 | 364,3 | 476,8 | 591,7 | 511,7 | 344,2 | 781,7 |
| **Воридот** | 693 | 2456,5 | 2407,3 | 2129,9 | 2352,9 | 2657 | 2505,7 | 3338,9 |
| **Тавозун** | -520,4 | -2185,1 | -2043 | -1653,1 | -1761,2 | -2145,3 | -2161,5 | -2557,2 |

**Сарчашма:** Омори солонаи ФИБ-и ҶТ.–Душанбе, 2020. – С.328-329; Омори солонаи ҶТ. – Душанбе, 2020. - С 273-274.

Бояд қайд намуд, ки иқтидори тиҷоратии ҶТ бо кишварҳои СҲШ хеле калон буда, дар оянда ин самти муҳими рушди муносибатҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ва умуман иқтисодию фарҳангӣ хоҳад гашт. Зеро ташкили долонҳои нақлиётию коммуникатсионӣ ва иттилотию истеҳсолӣ дар доираи ин созмони минтақавӣ хеле зиёд ба нақша гирифта шуда, лоиҳаҳои минтақавӣ асоси камарбанди ба эътидолдарорӣ ва рушди муносибатҳои мезостаҳи ҳамгироии иқтисодии кишварҳои минтақа мебошанд.

Аз таҳлили ҷуғрофияи ГСХ якчан хулосаи пешаки баровардан мумкин аст:

1. Тоҷикистон дар қитъаи Осиё мебошад ва тиҷорат бо кишварҳои Осиё аз нигоҳи хароҷоти кашонидани бор самараноктар аст. Аммо тиҷорат бо кишварҳои Аврупо ва дигар кишварҳои саноатӣ аз он иборат аст, ки барои муосиркунонии иқтисоди кишвар талабот ба ворид намудани техника ва технологияи муосир, инчунин содироти ашёи хоми ватанӣ бо нархи баландтар дар ин бозорҳо мавҷуд аст.

2. Таъсиси ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ дар рушди тиҷорат саҳми калон доранд.

3. Таъсиси долонҳои нақлиётӣ ба рушди тиҷорат мусоидат намуда истодааст.

Аммо бояд қайд намоем, ки ҳануз ин хулосаҳои мо пешакӣ аст ва хулосаҳои аниқ баъди таҳлили сохтори ГСХ бароварда мешавад. Зеро, чӣ хеле, ки дар боло қайд намудем, самараи “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” дар қаъри таҳлил маълум мегардад.

Қайд менамоем, ки таҳлили сохтори ГСХ дар якҷоягӣ бо гуногунсамтии ГСХ бояд гузаронид, то ин ки самараи “ҷуброн” муайян карда шавад.

Таҳлили сохтории ГСХ нишон медиҳад, ки дар сохтори молии содироти ҶТ асосан гуруҳи молҳои коркардашон паст (ашёи хом) бартари доранд, ки ҳануз ҳам аз ҳолати татбиқи бартарияти мутлақ ва нисбӣ дар фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар шаҳодат медиҳад (нигаред ба замимаи 5.).

Чӣ хеле, ки аз бармеояд, ки дар сохтори таркибии содироти ҶТ асосан гуруҳи молҳои ашёи хом ва нимтайёр мавқеи калон доранд. Тибқи таҳлили ҷадвали 4.6. таркиби молҳои содиротии ҶТ молҳое, ки 100% коркард карда шудаанд аз 0,1 то 2,5%  ташкил намуда, бештари он то 20-60% коркард карда шудаанду халос.[132]

Агар дар соли 1991 ҶТ ба хориҷи кишвар маҳсулотҳои маъданиро ба миқдори 0,5 млн. долл. содир намуда бошад (0,7%-и содироти умумӣ), пас дар соли 1995 он ба 126 млн. долл. (16,9%-и содироти умумӣ) ва дар соли 2018 ба 544.4 млн. долл. (50.7%-и содироти умумӣ) баробар гашта, соли 2021 он ба 28,8 %--и содироти умумиро ташкил намудааст. Аз ин гуруҳи молҳо ҶТ асосан консентрат ва боқимондаҳои мис, сурма, синк, қурғошим, қувваи барқ ва ангишту порландсементро ба хориҷи кишвар содир намуда, ба ивази он нефт ва молҳои нефтӣ, битум, газ, порландсемент, асбест, ангишт, сера, ангидрит ва оҳану боқимондаҳои онро ворид менамоянд. Дар байни ин гуруххи молҳои воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 аз ҳама зиёд нафт ва молҳои нафтӣ, газ ва битуму асфалт мебошанд, ки он аз рушди соҳаҳои иқтисодии ҶТ вобастагӣ дорад. Эҳтиёҷоти кишвар ба нафт ва молҳои нафтӣ, битуму газ ва асбест бинобар сабаби рушди саноат, сохтмон ва дигар соҳаҳо сол аз сол афзоиш ёфта, ин тамоил боиси афзоиши талабот ба воридоти ин молхоро дар оянда низ меафзояд. Чунин ҳолат дар гуруҳи молҳои металлҳои арзон (ноасил) тайи солҳои охир хеле зиёд ба назар мерасад.

Агар ҶТ дар соли 1995-ин гуна молҳоро ба миқдори 390,9 ва соли 2010 ба миқдори 757,2 млн.долл. содир карда бошад, пас дар соли соли 2020 ва соли 2021 содироти он кам гардида, мутаносибан 187 млн.долл. ва 266 млн.долл. -ро

[132] Солеҳзода А.А. Оценка качественных харастерик малой открытой экономики Таджикистана./ А. Солеҳзода// Финансово-экономический вестник. №3 (19).-Душанбе. 2019.-с 18.

ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2010 содирот ба миқдори 491 млн.долл. (2021 с.) кам шудааст. Баръакси ин воридоти он аз хориҷи кишвар афзоиш ёфта, аз 3,4 млн.долл. дар соли 1991 ба 404,3 млн.долл. дар соли 2021 баробар гаштааст, ки он аз рушди соҳаи коркард дар саноати ҶТ шаҳодат медиҳад. Аммо бояд қайд намуд, ки дар содироти ҶТ аз ин гуруҳи молҳо асосан алюминия ва маҳсулотҳои алюминий, оҳан ва маҳсулотҳои аз оҳан тайёр мекардашуда, металҳои сиёҳ ва маҳсулотҳои аз он тайёр кардашуда ва сурма бартарӣ дошта, дар воридот бештар молҳои тайёр, асбобҳои рузгор, таҷҳизотҳои технологӣ, сохтмонӣ, хоҷагии кишлоқ ва дигар молҳо ворид карда мешаванд.

Дар содироти ҶТ мавқеи молҳои нассоҷӣ ва маҳсулоти насоҷӣ тамоили болоравиро дошта, соли 2021 миқдори он ба 279,3 млн.долл. баробар гаштааст, ки нисбат ба соли 1991 ба миқдори 243,7 млн.долл. зиёд мебошад. Иқтидори содиротии ин гуруҳи молҳо дар ҶТ зиёд буда, дар оянда он ҳамчун самти афзалиятноки истеҳсоли ба содирот нигаронидашуда ва воридивазкунанда мебошад.

Сохтори таркибии содиротии ҶТ аз ҳисоби гуруҳи молҳои металлҳои қиматбаҳо ва марворид дигаргун шуда истодааст. Соли 2021 ба хориҷи кишвар ба миқдори 896,7 млн.долл. металлҳои қиматбаҳо ва марворид содир карда шуд, ки он 41.8% содироти умумии ҶТ-ро ташкил намуда, нисбат ба соли 1995 ба миқдори 896,6 маротиба афзоиш ёфтаст. Гарчанде ҶТ солҳои аввали истиқлолият (1991-1994) қариб ин гуруҳи молҳоро тамоман содир намекард ва асосан онро ворид менамуд, (барои муқоиса соли 1991 ба миқдори 2,4 млн.долл. воридот шуда, аз соли 1995 сар карда содирот ба миқдори 0,1 млн.долл. ба роҳ монда шуд).

Дар таркиби ГСХ ҶТ содироти маҳсулотҳои растанипарварӣ, саноати кимиё ва маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машрубот ва нушокиҳои беспиртӣ (махсусан обхои ташнашикан ва махсулоти коркарди мевагиҳо), пуст, чарм ва маснуотҳои аз онҳо тайёр кардашуда гарчанде кам ҳам бошад, вале афзоиш ёфта, дар воридот ҳаҷми маҳсулотҳои растанипарварӣ, чарб ва растанию чорво, маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машрубот ва нушокиҳои беспиртӣ, маҳсулоти саноати кимиё чубу

тахта ва маҳсулотҳои аз он тайёр кардашуда, мошин. Таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётии он, воситаҳои нақлиёти заминию ҳавоӣ ва пластмасса ва маснуоти он ба маротиб афзоиш ёфтааст, ки аз характери истеъмолӣ доштани иқтисодиёти кишвар дарак медиҳад. Ҳол он ки кисмати зиёди маҳсулотҳои воридотии ҶТ-ро имконияти истеҳсоли он дар дохили кишвар мавҷуд аст. Махсусан молҳои хӯрокворӣ, нассоҷӣ, маснуотҳо аз металлҳои сиёҳ ва ранга, пластмасса ва маснуоти онро метавон дар кишвар истеҳсол намуд ва ҳатто ба хориҷи кишвар содир намуд.

Бояд қайд намуд, ки дар нтаиҷаи амалӣ гаштани Барномаи мусоидат ба содирот ва ивазкунанди воридот дар кишвар истеҳсоли маҳсулоти саноати сохтмонӣ (семент) ва хӯрокворию саноати сабук афзоиш ёфта, Тоҷикистон аз ин воридкунандаи молҳо ба содиркунандаи онҳо мубаддал гашт, ки аз иқтидори васеи содиротӣ ва воридотивазкунадаи мамлакат шаҳодат медиҳад.

Аз рӯйи ҳисоби олимон В.В.Воҳидов, Х.Г.Ғафуров ва Ҳ.У.Умаров "истеҳсоли 900 ҳазор тонна пахтаи хом бо 30 фоизи гирифтани нахи пахта аз он ба мамлакат 300 ҳазор тоннаи ин маҳсулоти пурқимматро дода метавонад, ки аз он метавон қариб 3 млрд. метр атлас истеҳсол кард. Дар сурати аз ҳар гектар 36,4 сентнер ҳосил гирифтан (ин дар соли 1980 дар вилояти Кӯлоб ба даст омада буд), ки комилан воқеъӣ аст, даромад аз истеҳсол ва коркарди пахтаи хом дар ҷумҳурӣ аз 2,5-3,0 миллиард доллари ИМА зиёд мешавад. (ба ғайр аз арзиши ғузапоя). Қисми асосии ин арзиш бо назардошти сатҳи нокифоя коркард гаштани он дар дохили кишвар берун аз ҳудуди Тоҷикистон азхуд карда мешавад".[133]

Аз рӯйи таҳлили М.Х. Усмонов, "ба 450 ҳазор тонна зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти аз алюминӣ омодагардида, метавонад ҳар сол ба таври иловагӣ зиёда аз 70 миллион доллар аз содироти ингуна маҳсулотҳо даромад биёрад. Сохтмони сехҳои монтажи конструксияҳои алюминӣ, истеҳсоли чархҳо барои автомобилҳо, варақаҳои алюминӣ ва колбаҳои зарфияташон 40 литрӣ дар оянда, муҳим арзёбӣ мегардад"

---

[133] Вахидов В.В., Гафуров Г.Х., Умаров Х.У. Хлопководство: прошлое, настоящее и будущее. [Текст] /В.В. Вахидов, Г.Х. Гафуров, Х.У. Умаров//Экономика Таджикистана: стратегия развития.- 2003.- №1.

Чунонки М.М. Хасанов қайд менамояд «маҳсулоти дар дарачаи баланд коркард кардашуда, бо борҷомакунии маҳсулот ва ғайра дар бозори ҷаҳонӣ бо нархе фурӯхта мешавад, ки назар ба нархи алюмини аввалия 2-4 баробар қиммат аст. Ё як тонна «алюминӣ аввалия, ки на барои содирот, балки барои истеҳсоли дегҳо фиристода мешавад, арзиши иловагиро 600 доллар зиёд мекунад...».[134]

Ҳануз соли 1930 нисбат ба содироти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ Г. Викторовский дар «Конференсияи якуми тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон» кайд намуда буд, ки «ҳоло Тоҷикистон 80 фоизи содироти меваи хушки тамоми ИҶШС-ро ташкил медиҳад».[135] Г. Викторовский дар бораи имкониятҳои васеи истифоданашуда барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хушк сухан ронд. Чунин имкониятҳо ҳоло низ бо иқтидорӣ нопурра истифода бурда мешаванд. «Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар бозори ҷаҳонӣ ба шарофати истеҳсоли чунин навъҳои меваи хушк, аз қабили зардолуи хушк, анҷир, дулона ва ангур ва  мавизу ғулинг мавқеъи назаррас пайдо кунад».[136]

Афзоиши имкониятҳои содиротии гидроэнергетикӣ аз рӯйи ақидаи Г.Н. Петров «аллакай бо тарифи 2 сент барои як кВт /соат фоидаи умумӣ ба давлат дар як сол ба 250 млн. долл. мерасад. Бо нархи миёнаи ҷаҳонӣ 5 сент кВт/соат он ба 700 миллион доллар ва пас аз анҷоми нерӯгоҳҳои барқи обии Роғуну Сангтӯда то ба 1500-2000 млн. долл. дар як сол мерасад».[137]

ҶТ бартариятҳои нисбиро дар истеҳсол ва содироти меваю сабзавоти аз лиҳози экологӣ тоза, шарбату афшураҳо, меваҳои хушк, консентрати мевагиҳо, намак, сулфат, гил, сангҳои қимматбаҳо, гипс, семент, рангҳои сохтмонӣ, сурма, висмут, олово, шиша ва маснуотҳои аз он тайёрмкардашуда, либосворӣ, поайфзол, қолинҳо, молҳои саноатию кимиё, доруворӣ ва хизматрасониҳои нақлиётию коммуникатсионӣ, соҳаи туризм ва ғайра ҳануз пурра истифода

[134] М.М. Хасанов, С.Х. Саидходжаев. // Внешний долг: мировые тенденции и их приложение к экономике Таджикистана. Душанбе.2003 – с.19.
[135] Н.Каюмов., Х.У.Умаров., Х.Мухаббатов. // Первая конференция и развитие производительных сил Таджикистана. Бизнес и политика №12(521) от 25.04.03
[136] Ҳамон ҷо.
[137] Г.Н. Петров. ВТО и устойчивое рациональное использование энергетических ресурсов Республики Таджикистан.// Экономика Таджикистана №2 2004г.с.136.

нагаштаанд[138] ва он заминаи асосии модии ташаккули фаъолияти иқтисоди хориҷиро дар оянда ташкил менамоянд.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда шуд, дар баробари мавҷудияти захираҳои моддӣ дар рушди муносибатҳои босамари хориҷӣ нақши чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ хеле муҳим мебошад. Барои он ки кишвар ба доми «содиркунандаи ашёи хом ва воридкунандаи молҳои тайёр» наафтад ва воридот бо содирот пӯшонида шуда, нақши ФИХ дар рушди некуаҳволии мардум мусоидат кунад, бояд заминаҳои мусоиди ташаккули истеҳсолоти ватанӣ (махсусан саноат) ҷиҳати гуногунсамтии молию минтақавии он муҳаё карда шуда, хизматарсониҳои вобаста ба ҳаракати мол ба бозори ҷаҳонӣ тақвият бахшида шаванд.[139]

Таҷрибаи кишварҳои алоҳида дар иқтисодӣ ҷаҳон дар мисоли «бемории Ҳоланд» ва ҳолатҳои тақсимоти кишварҳо аз рӯйи «марказ ва музофот» ва «шимолу ҷануб» собит месозад, ки сиёсати тиҷорати байналмилалӣ бояд дар чаҳорчубаи имкониятҳои дохилӣ ва қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ тарҳрезӣ ва татбиқ карда шавад. Махсусан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ташкили гуруҳҳои ҳамгирои минтақавии иқтисодӣ ва рушди мезосатҳи ҳамгироӣ имкон медиҳад, ки бартарияти ҳамгироӣ аз ҳисобӣ фазои муносиби тиҷоратӣ таъсис дода шуда, тиҷорати байниминтақавӣ ва фаросарҳадӣ инкишоф ёфта, самараи ҷуброни арза ва тақозо дар ин сатҳи ҳамгироӣ ба даст оварда шавад.

## 4.2. Муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ дар иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз нишондиҳандаи дигари муносибатҳои байналмилалии кишвар, ки характери кушодагии иқтисодиётро тавсиф менамояд, ин ҳаракати қувваи корӣ байни кишварҳо мебошад. Ҳаракати қуваи корӣ ё ин ки онро дар иқтисоди

138 Ба таври муфассал нигаред ба: Н.К.Каюмов, Х.У. Умаров. Глобализация экономики и внешнеэкономичесике связи Таджикистана. Душанбе, «Деваштич», 2005.-192 саҳ. Л.Х Саидмуродов. Республика Таджикистан в системе современных связей: модель малой открытой экономики.-Душанбе.: Дониш, 2021.-С.109-110. Х.А. Одинаев. Развитие межрегиональной торговли в условиях экономиической интеграции.-Душанбе: «ЭР-граф», 2020.-172 с. Солеҳзода А.А. Оценка качественных харастерик малой открытой экономики Таджикистана./ А. Солеҳзода// Финансово-экономический вестник. №3 (19).-Душанбе. 2019.-с 18. ва дигарон.

139 Нигаред ба: Сафаров Б.Г. Экспортный потенциал Республики Таджикистан: рыночные механизмы реализации (теоретический аспект). Душанбе.-2005с. Нашриёти «Ирфон».-126с.

байналхалқӣ муҳоҷирати меҳнатӣ низ мегуянд,  таърихи тулонӣ дошта, тайи солҳои охир дар натиҷаи тазодҳои (контрасность) иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангиии кишварҳои ҷаҳон авҷ гирифта истодааст. Аз ҷумла, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки субъекти хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад, ин раванд истисно нест. Дар натиҷаи тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ муҳоҷирати берунии меҳнатӣ ба яке аз шаклҳои асосии муносибатҳои берунии ҶТ табдил ёфта, дар сиёсати хориҷии кишвар мавқеи муҳим дорад.

Агар дар маҷмуъ ҳисоб кунем, дар давоми 19 соли охир (2002-2020) аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба иқтисодиёти кишвар зиёда аз 43 млрд.долл. маблағ ворид гаштааст, ки он дар муқоиса аз ҳаҷмии умумии тамоми намуди сармояҳои ҷалбшуда 3,8 маротиба ва нисбат ба ҳаҷми умумии содироти кишвар 2 маротиба зиёд мебошад (нигаред ба ҷадвали 4.5.).

**Ҷадвали 4.5. - Ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҶТ (солҳои 2002-2020)**

| Солҳо | ММД млн.долл. | Содироти мол млн.долл. | Тамоми намуди сармоягузориҳо млн.долл. | Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | млн.долл. | Нисбат ба ММД (%) | Нисбат ба содирот (%) | Нисбат ба Тамоми намуди сармоягузориҳо (%) |
| **2002** | 991 | 736,9 | 124,0 | 74,5 | 7,5 | 10,1 | 60,1 |
| **2003** | 1056 | 797,2 | 106,4 | 240,1 | 22,7 | 30,1 | 225,7 |
| **2004** | 1212 | 914,9 | 186,1 | 411,8 | 33,9 | 45,0 | 221,3 |
| **2005** | 1309 | 908,7 | 174,6 | 630,8 | 48,2 | 69,4 | 361,3 |
| **2006** | 2831 | 1399,0 | 504,7 | 1019 | 36,0 | 72,8 | 201,9 |
| **2007** | 3724 | 1468,1 | 860,6 | 1691 | 45,4 | 115,2 | 196,5 |
| **2008** | 5161 | 1408,7 | 982,3 | 2544 | 49,3 | 180,5 | 259,0 |
| **2009** | 5031 | 1010,3 | 383,1 | 1748 | 34,7 | 173,0 | 456,3 |
| **2010** | 5615 | 1194,7 | 459,2 | 2216 | 39,5 | 185,5 | 482,3 |
| **2011** | 6523 | 1257,3 | 325,5 | 2960 | 45,4 | 235,4 | 909,4 |
| **2012** | 7593 | 1359,7 | 746,4 | 3594,2 | 47,3 | 264,3 | 481,5 |
| **2013** | 8506 | 943,4 | 1011,9 | 4102,5 | 48,2 | 434,9 | 405,7 |
| **2014** | 9241 | 977,3 | 909,3 | 3384,1 | 36,6 | 346,3 | 372,2 |
| **2015** | 7852 | 890,6 | 977,8 | 2259,2 | 28,8 | 253,7 | 230,0 |
| **2016** | 6980 | 898,7 | 842,7 | 2186,0 | 31,3 | 243,2 | 259,4 |
| **2017** | 7146 | 1198 | 1100,4 | 2632 | 36,8 | 219,7 | 239,2 |
| **2018** | 7522 | 1073,3 | 644,4 | 2569 | 34,2 | 239,4 | 398,7 |
| **2019** | 7903 | 1174,4 | 607,1 | 2732 | 34,6 | 232,6 | 450,0 |
| **2020** | 8254 | 1406,9 | 428,5 | 2573 | 31,2 | 182,9 | 600,5 |
| **Ҳамагӣ (19 сол)** | **104450** | **21018,1** | **11375** | **43004,2** | **41,2** | **204,6** | **378,1** |

**Сарчашма:** Маҷмӯи омории Агентии омори назди Президенти  Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2011. С. 560-565.; Тоҷикистон:30-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2021. С. 507- 610. Внешнеэкономический деятельность Республики Таджикистан. Дар солҳои мувофиқ. – Душанбе, АОПҶТ, 1992- 2021.

Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҶТ аз ҳама зиёд дар солҳои 2012-2014 ба вуҷуд омада, мутаносибан он дар соли 2012 ба 3,5, солли 2013 ба 4,1 ва соли 2014 ба 3,4 млрд.долл. баробар гаштааст, ки қариб 50%-и ММД (с.2013) ташкил намуд. Агар интиқоли маблағҳои мухоҷирони меҳнатиро ҳмачун содироти омилии истеҳсолот ё ҳаракати омилҳои истеҳсолот дар иқтисоди байналхалқӣ ҳисоб кунем, пас сатҳи кушодагии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз 13-15% зиёдтарро ташкил мекунад.

Дар солҳои 2014-2015 бинобар сабаби бад шудани вазъи иқтисодии ФР ва дар ин замина тағйир ёфтани қоидаҳои будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ дар ин кишвар шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ 19%-17% (128,9 ҳазор дар соли 2014 ва 118,2 ҳазор нафар дар соли 2015) кам гардида, интиқоли мабалғҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 ба миқдори 1122,2 млн. долл. кам гардида, ба 28,8% -и ММД баробар гашт. Баъдан тамоили интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз соли 2015 то инҷониб як равандро касб намуда, ҳамасола он зиёда аз 2,5 млрд.долл. ташкил намуда, дар атрофи 31-34% -и ММД қарор дорад. Тибқи таҳлилҳои мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки селаи интиқоли мабалғҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои ҶТ иқтидори бузурги сармоягузориро ҷиҳати рушди саноатикунонии босуръат ва дар ин замина татбиқи сиёсати содиротӣ ва истеҳсолоти ивазкунандаи воридот мусоидаткунанда мебошад.

Таҳқиқотҳои зиёди олимони ватанӣ дар ин самт нишон медиҳанд, ки дар баробари таъсири манфӣ ба ояндаи рушди иҷимоию иқтисодии кишвар, интиқоли мабалғҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёти ҶТ таъсири мусбӣ расонида, нақши он дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ хеле назаррас аст.[140] Аз нигоҳи воридоти асъори хориҷӣ ба кишвар ҳамчун сармояи иловагӣ

[140] Ба таври муфассал ниг. Раҳимов Р.К. Некоторые вопросы политика внешней трудовой миграции Республики Таджикистан// Экономика Таджикистана. Стратегия развития. 2001. №1. С.50-56. Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Махмудов И.И., Рахимов Р.К., Умаров Х..У. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана // Экономика Таджикистана: стратегия развития.-2003. N4,-С. 18. М. Нурмахмадов Проблемы занятости населения и внешняя трудовая миграция // Эколномика Таджикистана: стратегия развития. 2001г. №1 с.58. Умаров Х.У. Нужны неотложные решение. Народная газета. № 35-36 (1930) 7 мая 2003. Саидмуродов Л.Х. Экономика развития:

барои рушди иқтисодиёти кишвар ҳаминро бояд қайд намуд, ки он нисбат ба тамоми намуди сармоягузориҳои хориҷӣ ба ҶТ чандин маротиб зиёд аст. Агар дар соли 2002 маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ 74,5 млн.долл. ташкил намуда, нисбат ба тамоми намуди сармоягузориҳо (124 млн.долл.) кам бошад (60,1%-сармояи хориҷӣ), пас он дар соли 2003 яку якбора афзоиш ёфта, нисбат ба тамоми намуди сармоягузориҳо қариб 2,3 маротиба афзоиш ёфтааст (ниг. ба ҷадвали 4.8.). Ин таносуб мутассил афзоиш ёфта, соли 2010 мабалғҳои муҳоҷирони меҳнтаӣ нисбат ба воридоти сармояи хориҷӣ ба кишвар 4,9 маротиба ва соли 2011 қариб 9,1 маротиба зиёд ворид гаштааст. Ҳамагӣ дар солҳои 2002-2020 маблағи интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишвар нисбат ба воридоти сармояи хориҷӣ (11,4 млрд. долл.) 3,8 маротиба зиёд мебошад.

Вобаста ба таносуби даромад аз содироти мол ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ низ ҳамон вазъи вобаста ба воридоти сармоя буда мебошад. Аз ҷалвали 4.7. дида мешавад, ки таносуби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба содироти мол чандин маротиб зиёд мебошад. Агар дар солҳои 2002-2003 таносуби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат содироти ҶТ мутаносибан 10,1 ва 30,1% - ро ташкил намуда бошад, пас он дар соли 2008 ба 115,2% ва соли 2012 ба 264% баробар гаштааст. Нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин дар солҳои 2013 ва 2014 ба назар мерасад, ки дар ин давра интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат содирот дар ҶТ 3,5- 4,3 маротиба зиёд буданд.

---

Исторические условия дуализма рынка (научная монография). Душанбе,: Ирфон, 2001-128с. Л.Х Саидмуродов. Республика Таджикистан в системе современных связей: модель малой открытой экономики.-Душанбе.: Дониш, 2021.- 414 с. Кодирзода Д. Б. Организационно-финансовые основы функционирования рынка труда в условиях инновационного развития экономики / Д. Б. Кодирзода // Актуальные направления фундаментальных и прикладных исследований : материалы XXX международной научно-практической конференции, Bengaluru, 07–08 ноября 2022 года. – Bengaluru: Pothi.com, 2022. – С. 115-121. Усманова Т. Дж. Формирование и развитие рынка труда в переходной экононимке Таджикистана. Душанбе: «Ирфон». – 2005.-120 с. Кандыярова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономики: теория, методология, практика.- Душанбе. Изд. «Ирфон».- 2006.- 178 с. , Шарипов Б. Роль денежных переводов мигрантов в обеспечении макроэкономичесокй стабильности Республики Таджикистан.// Журналь Центральная Азия и Кавказ.- Том 17, Выпуск 4. -2014. – с. 103-117. ва дигарон.

**Диаграммаи 4.1. -Муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва макрофискалӣ**




**Сарчашма:** Маҷмӯи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2011. С. 560-565.; Тоҷикистон:30-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2021. С. 507- 610. Внешнеэкономический деятельность Республики Таджикистан. Дар солҳои мувофиқ. – Душанбе, АОПҶТ, 1995- 2021.

Аз ин бармеояд, ки таъсири трансмиссиониии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони мехнатӣ ба иқтисоди кишвар хеле назаррас аст (нигаред ба диаграммаи 4.1.).

Чӣ хеле, ки аз диаграммаи 4.1. дида мешавад, масири рушди ММД-и ҶТ ва воридоти молу маҳсулот ба кишвар аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зич вобастагӣ дорад. Дар расми мазкур мушоҳида мегардад, ки бо афзоиш ёфтани ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони мехнатӣ даромади аҳолӣ афзоиш ёфта, талабот ба молҳои истеъмолию истеҳсолӣ, ки қисмати зиёдашон ворид карда мешавад, боло меравад. Танҳо дар солҳои 2013, бинобар сабаби боло рафтани нархҳои молҳои воридотӣ ва дар соли 2017 бинобар сабаби паст рафтани қурби рубли Россия нисбат ба доллар, таносуби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба воридот баробар ё зиёд гашта, дар дигар солҳо мутассил зиёд мебошад. Таҳлилҳо собит месозанд, ки нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди минтақаҳо хеле зиёд буда, бештари муҳоҷирон аз деҳот мебошанд. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар мувозинати рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо таъсири мусбӣ расонида, сохибкории хурду миёнаро ривоҷ медиҳад.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқотии мо қайд кардани ҳастем, ки дар иқтисодиёти ҶТ маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар пушонидани касри тавозуни пардохт, ки тайи солҳои охир мутассил аз ҳисоби барзиёдии воридот нисбат ба содирот манфӣ мебошад, нақши муҳим дорад (нигаред ба диаграммаи 4.2.). Яъне барзиёдии воридот нисбат ба содирот аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҷуброн карда мешавад.

Чунин тамоил аз он шаҳодат медиҳад, ки нақши муҳоҷирати берунии меҳнатӣ барои иқтисоди хурди кушоди Тоҷикистон воситаи муҳими таъмини мувозинати манфиатҳои миллӣ дар арсаи иқтисоди байналхалқӣ буда, нобаробарии тиҷорати молӣ бо воситаи ҳаракати омилҳои истеҳсолот ҷуброн карда мешавад.

**Диаграммаи 4.2. - Таносуби интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ ва тавозуни пардохти мол дар ҶТ**




**Сарчашма:** Маҷмӯи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2011. С. 560-565.; Тоҷикистон:30-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2021. С. 507- 610. Внешнеэкономический деятельность Республики Таджикистан. Дар солҳои мувофиқ. – Душанбе, АОПҶТ, 1995- 2021.

Умуман дар иқтисодиёти байналхалқӣ ҳаракати қувваи корӣ аз як кишвар ба кишвари дигарро дар фарқияти сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоии байни кишварҳо дида, онро ҳамчун ҳаракати омилҳои истеҳсолот арзёбӣ менамоянд. Гарчанде, ки то ба имрӯз назарияи ягонаи ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ мавҷуд набошад ҳам, вале кӯшишиҳои тавсири ин раванд дар доираи якчанд равияҳои илмӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар доираи назарияи неоклассикӣ сабаби муҳоҷирати меҳнатӣ фарқияти музди меҳнат дар байни кишварҳо буда, чараёни ҳаракати қувваи корӣ ба суръати рушди иқтисодиёти воридкунанда таъсири мусбӣ мерасонад. Аммо, иқтисодиёти кишваре, ки аз он қувваи корӣ ҳиҷрат мекунад, бетағир мемонад. Ба ақидаи неоклассикҳо дар кишваре, ки аз он қувваи корӣ содир карда мешавад, номувозинатии бозори меҳнат ба эътидол омада, шиддати сарбори иҷтимоии кишвар паст рафта, гарчанде суръати рушди иқтисодӣ боло наравад ҳам, вале он аққалан бад намешавад.

Намояндагони равияи неокейнсионӣ низ сабаби ҳаракати қувваи кориро дар фарқияти музди меҳнат дар байни кишварҳо ва ё соҳаҳо мебинанд, вале онҳо дар он ақидаанд, ки бинобар сабаби ҳиҷрати қувваи кории тахассуснок вазъи кишварҳои содиркунанда бад мешавад. Баръакси он, кишварҳои воридкунандаи қувваи корӣ аз ворид намудани кормандони баландихтисос бурд мекунанд.

Равияи дигари илмӣ, ки раванди муҳоҷирати меҳнатиро дар сатҳи иқтисоди байналхалқӣ таҳлил намудааст, равияи низоми ҷаҳонӣ (мир системный анализ)

мебошад. Тибқи ақидаи ин равия сабаби асосии ҳаракати қувваи корӣ ин фарқияти музди меҳнат дар кишварҳо набуда, он дар ҷаҳонишавӣ ва тағйиротҳои сохтории бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад. Ба ақидаи намояндаи ин равия И. Валлерстейн "селаи қувваи корӣ натиҷаи ҳаракати селаи мол ва сармоя буда, муқобили якдигар ҳаракат мекунанд".[141] Дар заминаи ин равия баъдан равияи назарияи "дуализми бозори меҳнат" ба миён омад, ки тибқи ақидаи онҳо сабаби асоси ҳаракати қувваи корӣ байни кишварҳо ин фарқияти музди меҳнат дар байни кишварҳои хурд ва калони кушод мебошад. Яъне, онҳо системаи алоқамандии сармоя ва меҳнати К. Марксро ба сатҳи хоҷагии ҷаҳонӣ бароварданд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсияи мо омӯзиши ин равия ва равияи минбаъда хеле мувофиқ аст, зеро таҳлилҳои ҷараёни ҳаракати муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҶТ айнан ифодаи ин назарияҳо мебошад.

Барои омӯзишиш раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҶТ ақидаи намояндагони равияи институтсионалистҳои нав низ муфид мебошад. Намояндагони равияи институтсионалистҳои нав аз принсипи иқтисоди бозорӣ каме дуртар рафта, рафтори эгоистии (худпарастӣ) фардро инкор карда, назарияи "шабакаи муҳоҷиратро" пешниҳод намуданд. Тибқи ақидаи онҳо муносибатҳои оилавӣ, рафиқӣ, фардӣ, хешу таборӣ ва фаъолияти диаспораҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ накши калон дошта, муҳоҷирон бештар ба ин чиз такя мекунанду муҳоҷират мекунанд. Ин сабаб мешавад, ки муҳоҷирон ин ё он кишварро интихоб менамоянд, ки дар он ҷо хешу табор доранд ва ё диаспораҳо ташаккул ёфтаанд, ки онҳоро бо ҷойи кор таъмин мекунанд. Яъне муҳоҷирон худро аз хавфҳои ҷойи кор наёфтан ва ё пардохт накардани музди мехнаташон худро эмин менамоянд.

Агар ба ҷараёни ҳаракати муҳоҷирати меҳнатии ҶТ диққат диҳем, мебинем, ки онҳо новобаста ноустувори макроиқтисодӣ ва дар ин замина сахт кардани сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар ФР муҳоҷирони тоҷик асосан ба ФР (97,6 %) ва

[141] I. Wallerstein. The modern World system. Capitalist agriculture and the original of the European World Economy in the Sixteenth Century// New York. Academic Press.1974.P.444.

Қазоқистон (9,1%) майл доранд[142], зеро дар он ҷо шабакаҳои муҳоҷиратӣ ва диспораҳои тоҷик фаъолият доранд, ки онҳоро қабул ва дастгирӣ мекунанд, ва ё ягон хешу таборашон кор мекунанд, ки ба онҳо кӯмак мекунанд. Тибқи таҳлили БОР дар баробари фарқияти музди меҳнат (дар Тоҷикистон музди миёнаи меҳнати корманди бе тахассуси олӣ 78 долл ва дар ФР 281 долл.), донистани забон ва якҷоя дар як низом давраҳои тулонӣ фаъолият намудан, эътирофи диплом ва реҷаи бе раводид, таъсири диаспораҳо ва шабакаи муҳоҷират ба ҳаракати муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба ФР хеле назаррас аст[143]. Тибқи таҳлилҳо маълум гардидааст, ки 38% муҳоҷирони меҳнатӣ сабаби ба ФР сафар карданашон аз мавҷуд будани хешу табор, 18 % мавҷуд будани рафиқон ва 17% пеш ба ин кишвар сафари корӣ доштанашон мебошад.[144]

Ба таҳқиқӣ васеъ ва ҳамаҷонибаи назарияҳои муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ дода нашуда, ҳаминро қайд кардани ҳастем, ки ҳамаи назарияҳои мавҷуда дар ин ё он самт раванди муҳоҷирати берунии меҳнтии ҶТ-ро тавсиф менамоянд ва “Тоҷикистони баъди шуравӣ кишварест, ки дар мисоли он ҳама мушкилотҳое, ки кишвари содиркунандаи қувваи корӣ ба он дучор меояд, дидан мумкин аст ”.[145]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҶТ ба Русия дар заминаи меъёрҳои институтсионалӣ ба вуҷуд омада, он таҳти раванди “самараи пайроҳа” қарор дорад. Ҳануз самараи “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” дар ин раванди муносибатҳои байналхалқӣ ба вуҷуд наомадааст. Вобаста ба мавзуи таҳқиқотии мо самти ҳаракати қувваи корӣ дар доираи ҳамгироии минтақавӣ шакли салибӣ ё раққосакро дошта, дар натиҷаи рушди соҳаҳои алоҳида дар ин ё он кишвар ба вуҷуд меояд ва ба баробаршавии нархи қувваи корӣ оварда мерасонад.

---

142 Нишасти матбуотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 6 феврали соли 2020 [манбаи электронӣ]. – URL: https://mehnat.tj/ (санаи муроҷиат: 30.04.2021).
143 Усиление поддержки трудовой мигарции в Таджикистане. декабрь. – 2020 г. –С.11. [электронный ресурс]. – URL: www.adb.org. (дата обращения: 20.04.2021.).
144 Ҳамон ҷо саҳ. 10.
145 Л.Х. Саидмуродов. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. «Ирфон». Душанбе.-2005. С.125.

Таҳлилҳои анҷомдодаи мо дар боби 2 собит сохт, ки дар хоҷагии ҷаҳон муҳоҷирати меҳнатӣ дар дохили гуруҳҳои ҳамгироӣ бештар гардида истодааст ва ин ҳолат бештар хоси кишварҳои дорои иқтисоди кушод ва рӯ ба тараққӣ мебошад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки самти ҳаракати муҳоҷирони меҳнатии ҶТ асосан ба ФР ва Қазоқистон мебошад. Чунин раванд дар назари аввал аз самараи ҳамгироии минтақавӣ дар доираи ин ё он гуруҳҳои минтақавии иқтисодии Тоҷикистон бо ин кишварҳо дарак медиҳад. Зеро Тоҷикистон бо ин кишварҳо дар доираи созмонҳои минтақавии ИДМ, СҲШ, СҲОҶ (ЦАС) ваСҲИ муносибатҳои ҳамгироиро ба роҳ мондааст ва он ба ҳаракати озоди омилҳои истеҳсолт, аз ҷумла қувваи корӣ мусоидат бояд кунад. Аммо, ба ақидаи мо ингуна муҳоҷират натиҷаи самараи ҳамгироӣ набуда, танҳо бо номи ҳамгироӣ рӯпуш карда мешавад. Муҳоҷират дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар натиҷаи рушди якхелаи иқтисодиёти кишварҳо самаранок аст, зеро он дар натиҷаи боло рафтани нархи қувваи корӣ дар ягон соҳа ё кишвар ба вуҷуд омада, талаботро ба қувваи кории иловагӣ меафзояд ва дар ниҳояти кор ба баробаршавии нархи қувваи корӣ оварда мерасонад. Барои қонеъ кардани талаботи бавуҷудомада муҳоҷирати қувваи корӣ аз як минтақа ба дигар минтақа, ё аз як кишвар (соҳа) ба дигар кишвар (соҳа) ҳаракат мекунад. Дар ин раванд муҳим он аст, ки рушди соҳа, минтақа ё кишвари алоҳида дар натиҷаи афзоиши истеҳсолот ё ғайра талаботро ба қувваи корӣ меафзояд ва он аз берун ҷалб карда мешавад. Хусусияти дигари муҳоҷирати меҳнатӣ дар дохили гуруҳҳои ҳамгироии ҷаҳон дар он аст, ки қувваи корӣ дар байни кишварҳо ва соҳаҳо доимо давр мезананд (маятниковый). Рушди иқтисодиёт ба бозори меҳнат таъсир расонида, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос аз охирин сахт вобастагӣ дорад. Дар сурати бо ҷой кор таъмин нашудани мутахассисон онҳо аз кишвар муҳоҷират менамоянд, ки чунин раванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хос мебошад. Яъне, сабаби дигари афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҶТ ин ҳазм накардани мутахассисон дар бозори меҳнат мебошад, ки сабаби асосияш рушд наёфтани соҳаҳои пешрафтаи иқтисодӣ дар кишвар мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муоҷирони меҳнатии ҶТ дар ФР ва Қазоқистон асосан ба корҳои сохтмонӣ ва машғул шуда, бо ҳаракати сармоя ягон алоқамандӣ надоранд. Гарчанде, ки дар ҳайати муҳоҷирони меҳнатии ҶТ, ки муваққатан ба муҳоҷират мераванд, мутахасисони дорои маълуоти олӣ ва касбу ҳунарҳо хеле зиёд ҳастанд. Яъне муҳоҷирони меҳнатии ҶТ дар селаи харакати муҳоҷирати меҳнтаии ҷаҳонӣ қувваи кории бетахассусро муаррифӣ мекунанд (нигаред ба ҷадвали 4.6.).

**Ҷадвали 4.6. - Шуғли муҳоҷирони меҳнатии ҶТ дар ФР аз рӯйи соҳаҳо (бо %)**

| Соҳа | Мардҳо | Занон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Сохтмон | 65 | 11 | 59 |
| Савдои чакана ва яклухт, меҳмонхона ва ошхонаҳо | 13 | 54 | 17 |
| Истеҳсолот | 5 | 4 | 5 |
| Нақлиёт, алоқа ва муҳофизон | 6 | 2 | 5 |
| Хизматарсониҳои иҷтимоӣ ва хоҷагию манзилӣ | 4 | 14 | 5 |
| Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва хоҷагии ҷангал | 4 | 3 | 4 |
| Маориф | 0,5 | 4 | 1 |
| Тандурустӣ ва хизматарсониҳои иҷтимоӣ | 0,5 | 3 | 1 |
| Идоракунии давлатӣ ва қушунҳои низомӣ | 1 | 3 | 3 |

**Сарчашма**: Усиление поддержки трудовой миграции в Таджикистане. декабрь. – 2020 г.-С.11. Маводи электронӣ. www.adb.org. санаи мурочиат: 20.04.2021 с.

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур мушоҳида мегардад, муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҶТ асосан ба корҳои сохтмонӣ (59%), савдои чакана ва яклухт (17%) машғул буда, дар соҳаҳои маориф (1%), тандурустӣ (1%) ва идоракунии давлатию хизмат дар қушунҳои низомӣ (3%) кам ба шуғл фаро гирифта шудаанд. Яъне, муҳоҷирони меҳнатии ҶТ дар шароити вазнини корӣ бо музди маоши на он қадар баланд кор мекунанд. Чизи дигаре, ки дар раванди муҳоҷирати меҳнатӣ мушоҳида мегардад, ин афзоиши шумораи занон дар таркиби муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҶТ мебошад, ки бештари онҳо низ ба корҳои вазнин (сохтмон ва савдою хизматрасониҳо) машғул мебошанд. Ин ҳолат ташвишовар буда, тамоили болоравӣ дошта, аз феминизатсияи баланди раванди муҳоҷирати берунии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад (нигаред ба диаграммаи 4.3.).

**Диаграммаи 4.3. - Муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҶТ аз рӯйи ҷинс**




**Сарчашма:** Ҳисоботи Хадамоти муҳоҷирати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003-2021).

Бояд қайд намуд, ки тайи солҳои охир бо роҳандозии барномаҳои махсус аз тарафи ФР аз кишвар мутахассисон барои кор ба корҳои тахассусӣ ҷалб карда шуда истодаанд, ки вазъи характеристикаи муҳоҷирати меҳнатии ҶТ беҳтар намуда истодаанд. Аммо, дар баробари зарарҳои маъмулӣ (камчинии мутахассисон дар дохили кишвар ва дар ин замина рушд наёфтани иқтисоди миллӣ, "кӯчиши ақлҳо" ва муаммоҳои демографӣ) баъзе аз урфу одат, расму оин ва ҳунарҳои мардумӣ, ки шуғли пурмаҳсул маҳсуб меёфт, низ муҳоҷират карда истодаанд. Зеро бештари мутахассисон бо аҳли оила, ки аксаран оилавӣ дорои ягон ҳунари "бобогӣ" мебошанд, якҷоя муҳоҷират намуда истодаанд. Кӯчиши ҳунарҳои мардумӣ ба рушди сайёҳӣ таъсири манфӣ расонида, аз байн рафтани фарҳанги истеҳсолии андухташуда ва то андоазе аз даст додани бартарияти рақобатӣ дар истеҳсоли молҳою соҳаи туризм мегардад. Ин нуқта аз нигоҳи мавзуи диссертасияи мо хавф дар коста гаштани иқтидори кишвар дар татбиқи рақобатпазирии ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ мебошад.

Чизи дигаре, ки дар истифодаи ғайрисамараноки қувваи корӣ ҳамчун захираи рақобатпазирии кишвар мебошад, ин содироти молҳои нимтайёр ва ашёи хом аз ҶТ аст. Дар баробари содироти қувваи кории бетахассуси арзон, инчунин ин омили истеҳсолӣ дар истеҳсолоти молҳои содиротие, ки нархи қуваи

корӣ дар он арзон аст, бештар истифода мегардад, ки ин ҳолат самаранокии иштироки кишварро дар тақсимоти байналхалқии меҳнат коста гардонида, ҶТ-ро ҳамчун кишвари аз ҳисоби “даромади асъории аз ҳисоби қувваи кории арзон” рушдкунанда тавсиф менамояд.

Аз ин рӯ, ба фикри мо дар оянда ба сиёсати муҳоҷирати меҳнатии берунӣ дар кишвар бояд ба самти диверсификатсияи он ва механизми ба сармоя табдил додани маблғхои интиқолнамудаи мухоҷирон диққати бештар бояд дода шавад.

Дар самти диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин самтҳо пешбинӣ гаштааст:

- таъсис додани низоми тайёрии пешакии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, бо назардошти таъминоти ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ, омӯзиши кутоҳмуҳлати касбӣ ва забон дар заминаи марказҳои захиравӣ; - рушди барномаҳои муҳоҷирати меҳнатии қонунӣ ва аз нигоҳи иҷтимоӣ ҳифзшуда[146].

Роҳандозии чорабиниҳои мазкур имкон медиҳад, ки иттилоотикунонӣ ва омодагии касбӣ нисбат ба кор дар бозорҳои берунаи меҳнат беҳтар шуда, вазъи иҷтимоии мухоҷирони меҳнатӣ беҳтар гардад.

Ҳамзамон ислоҳотҳои бахши молиявии кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даври то соли 2030 пешбинӣ шудаанд, имкон медиҳанд, ки дар оянда интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ ба сармоя табдил ёфта, самари мултипликатсионии он ба рушди иқтисодиёти кишвар бештар гардад.

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ташаккули заминаҳои интситутсионалии диверсификатсияи он ҶТ тамоми конвенсияҳои марбутаро ба имзо расонида, онро ратификатсия намудааст. Аз ҷумла, “Конвенсияи байналхалқӣ оид ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳимояи оилаи онҳо” (ICRMW или Конвенция ООН о правах мигрантов от 1995 г. 8 январи соли

---

[146] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, №636 тасдиқ шудааст. Душанбе-2016. Саҳ. 79-80.

2002 ба имзо расида, аз 1 июли соли 2003 ҳукми қонунӣ гирифт), “Конвенсияи дар бораи ба кор таъмин намудани муҳоҷирон” (Конвенция МОТ №97. 10 апрели соли 2007 ба имзо расид) ва “Конвенсия дар бораи меҳнати муҳоҷирон” (Конвенция о трудовых мигрантах. Конвенция МОТ №143 от 1975 г. 10 апрели соли 2007 ба имзо расид)  аз тарафи Тоҷикистон ба имзо расонида шуда, айни замон фаъолияти муҳоҷирони ҶТ дар доираи он ба танзим дароварда мешаванд.

Ба ғайр аз ин, байни ҶТ ва ФР шартномаи дуҷониба аз соли 2004 баста шудааст, ки тибқи он оид ба равнди муҳоҷирати меҳнатӣ ба танзим дароварда мешавад. Дар назди Вазорати меҳнат, мухоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси Агентии  меҳнат, мухоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсиси Марказҳои машваратӣ ва ёридиҳанда (ш. Душанбе, вилояти Хатлон, ВМКБ ва вилояти Суғд) чорабиниҳое мебошанд, ки ба диверсифакатсия муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат менамоянд. Дар ин маврид қайд кардани ҳастем, ки таъсиси чунин марказҳо дар нохияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ мувофиқи мақсад мебошад, зеро бештари муҳоҷирон аз ин минтақаҳои дурдаст мебошанд.

**Диаграммаи 4.4. - Муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои кишвар**




| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 39110 | 60285 | 26438 | 0 | 0 | 0 | 33931 | 7755 | 26121 |
| Вилояти Хатлон | 271288 | 203652 | 206762 | 229818 | 199787 | 209282 | 221781 | 55353 | 169344 |
| Вилояти Суғд. | 195012 | 216064 | 171755 | 155472 | 157894 | 135 936 | 134776 | 35819 | 77426 |
| НТҶ | 206391 | 106520 | 97471 | 0 | 87279 | 0 | 118918 | 27659 | 86792 |
| ш. Душанбе | 87897 | 84285 | 50170 | 0 | 26303 | 0 | 21477 | 3221 | 14090 |

ВМКБ  Вилояти Хатлон  Вилояти Суғд.  НТҶ  ш. Душанбе

**Сарчашма:** Ҳисоботи Хадамоти муҳоҷирати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003-2019).

Аз диаграммаи мазкур бармеояд, ки дар солҳои таҳлилӣ аз ҳама зиёд аз Вилояти Хатлон аҳолӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар кардаанд. Агар дар соли 2013 шумораи онҳо ба 271 288 нафар расида бошад, пас он дар соли 2021 ба 169 344 нафар расидааст, ки нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар хеле зиёд мебошад. Таҳлили муҳоҷират дар сатҳи минтақаҳо ошкор месозад, ки ин раванд барои рушди минтақаҳо накши муҳим дорад. Аз нигоҳи мо, чунин раванд аз кушодагии иқтисоди минтақаҳо гувоҳӣ дода, майли бештари минтақаҳоро ба ҷараёни ҳамгирой ифода менамояд. Чунин сатҳи омӯзиш дар иқтисодиёт мезосатҳи ҳамгироиро ифода намуда, зарурияти ташаккули заминаҳои интситутсионалии рушди муносибатҳои ҳамгиироиро дар сатҳи минтақаҳои кишвар тақозо менамояд. Мақомоти идоракунии давлатии минтақаҳоро зарур аст, ки ба ин омили рушди минтақавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои танзими он муносибатҳои дуҷонибаро бо минтақа ва кишварҳои самти ҳаракати муҳоҷирон ба роҳ монанд. Ба инобат нагирифтани ин раванд дар минтақаҳои кишвар сатҳи бехатарии иқтисодиёти минтақаро зери хавф монда, ба бехатарии иқтисодиёти миллӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Агар ба нишондиҳандаҳои бехатарии минтақавии иқтисодӣ назар кунем, ошкор мегардад, ки ба ин раванд таваҷҷуҳ дода намешавад. Истифодаи нишондиҳанадаҳои интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар баҳодиҳии бехатарии иқтисодиёти минтақаҳои кишвар аз нигоҳи мо барои татбиқи принсипи превентивии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ зарур мебошад. Минтақаҳои кишвар ба муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ бештар аз он сабаб майл мекунанд, ки чораҳои пешгиирикунандаро (превентивӣ) ҷиҳати аз байн бурдани ходисаҳои яку якбора кам гаштани интиқоли мабалғҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бартараф созанд. Ин махсусан барои минтақахое, ки дар онҳо корхонаҳои истеҳсолию хизматарсонӣ рушд наёфтааст ва даромади асосии аҳолии минтақа аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони мехнатӣ мебошад, хеле зарур мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳалли муаммоҳои муҳоҷирати меҳнатӣ масъалаи имрӯза набуда, бо дарназардошти афзоиши аҳолии Тоҷикистон он дар оянда низ

ҷой дорад. Бо дарназардошти паст кардани шиддати таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти кишвар, махсусан дар самти паст кардани вобастагии кишвар аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даври то соли 2030 "шуғли пурмаҳсул" ҳамчун Ҳадафи стартегии кишвар қабул гардидааст. Тибқи стратегияи мазкур дар оянда таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар бахшҳои саноати пешрафта ва хизматарасониҳо афзоиш ёфта, консепсияи мазкури таҳияи модели нави ҷобаҷогузории омилҳои истеҳсолот имкон медиҳад, ки дар оянда "шуғли сабз" дар кишвар ривоҷ ёбад.[147]

Дар алоқамандӣ ба мавзуи мо ҳаминро қайд кардани ҳастем, ки дар баробари рушди механизмҳои дохилӣ ҷиҳати таъмини коргарон бо чойҳои корӣ қувваи корӣ, ҳаракати қувваи корӣ ҳамчун ҳодисаи объективӣ дар иқтисоди ҷаҳон буда, он ҳамчун даромад аз омили истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва содироти қувваи корӣ дар сатҳи муносибатҳои байналахалқӣ (махсусан ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ) мебошад, ки ба он бояд дар муносибатҳои иқтисодию ичтимоии Тоҷикистон муносибати ҷиддиро ба роҳ монд. Зеро, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои иқтисоди хурди кушод, махсусан барои кишварҳои хурди Осиё, ки дар ҳолати рушд қарор доранд, ин раванд афзоиш дошта, дар ММД -и ин кишварҳо ҳиссаи намоён дорад (нигаред ба ҷадвали 4.7.).

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур мушоҳида мегардад, муҳоҷирони меҳнатии кишварҳои рӯ ба тараққии Осиёи шарқӣ ва ҷанубӣ бештар дар дохили минтақаи Осиё ҳаракат мекунанд, ки ин раванд ҷараёни ҳамгироии минтақавии ин давлатҳоро тақвият мебахшад.

---

[147] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, №636 тасдиқ шудааст. Душанбе-2016.саҳ. 42.

**Ҷадвали 4.7. - Муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишварҳои хурди Осиё**

| Кишвар | Аҳолӣ млн. наф. | Муҳоҷирони меҳнатӣ ҳаз.наф. Аз он ҷумла: | Мардҳо бо % | Занон бо % | Интиқоли маблағҳои муҳоҷирон. млн.долл | Интиқоли маблағҳои муҳоҷирон нисбат ба ММД бо % | Муҳоҷирати дохили минтақавӣ (дохили Осиё) Бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Бангладеш** | 164,6 | 700,16 | 85 | 15 | 17 | 5 | 98,2 |
| **Индонезия** | 265,0 | 264,09 | 32 | 68 | 11,67 | 1,1 | 96,5 |
| **Непал** | 29,1 | 382,87 | 94,7 | 5,3 | 8,643 | 29,9 | 97,8 |
| **Филлипин** | 106,6 | 229,9 | 44,15 | 55,85 | 35,071 | 9,8 | 89,5 |
| **Шри-ланка** | 21,7 | 263,31 | 66 | 34 | 7,68 | 9,1 | 95,6 |

**Сарчашма:** Тақвияти дастгирии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон. декабр. – 2020 г.- С.11. Маводи электронӣ. www.adb.org. санаи муроҷиат: 20.04.2021 с. Ҳисобот оиди муҳоҷират дар ҷаҳон 2021. Ташкилоти байналхалқии муҳоҷират (ТБМ).-2021. Бонки ҷаҳонӣ. Муҳоҷират ва интиқоли маблағҳо. https://www. worldbank.org/en/topic/migrationremittancesdiasporaissues/brief/migration-remittances-data (санаи муроҷиат: 20 январи 2020).

Ҳаракати дохилиминтақавии муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки бештар ба самти ФР ва Қазоқистон мебошад, ин асосан дар рушд кардани иқтисодиёти Қазоқистон ва “самараи ҳамгироӣ” - и минтақавии ФР бо кишварҳои дорои қувваи кории барзиёди арзон мебошад. ФР дар низоми ҳамгироиҳои минтақавии кишварҳои пасошуравӣ ҳамчун “қутби қувва” мавқеъ дорад ва кишварҳои ИДМ бошад, дар ин ҳамгироӣ зери таъсири “самараи пайроҳа” қарор доранд (нигаред ба ҷадвали 4.8).

**Ҷадвали 4.8. - Муҳоҷирати меҳнатӣ аз кишварҳои ИДМ ба ФР (нафар)**

| Кишварҳо | 2005 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Озорбойҷон** | 579493 | 520378 | 530131 | 608645 | 692742 |
| **Арманистон** | 480017 | 468496 | 451554 | 472646 | 468124 |
| **Белорусия** | 517828 | 649276 | 697797 | 643756 | 650238 |
| **Қазоқистон** | 597559 | 622300 | 570393 | 486260 | 510080 |
| **Қирғизистон** | 544956 | 562403 | 593760 | 625944 | 691995 |
| **Молдовия** | 561033 | 491310 | 479487 | 394380 | 343289 |
| **Тоҷикистон** | **999169** | **860988** | **866679** | **950773** | **1068273** |
| **Узбекистан** | 2215780 | 1785892 | 1513694 | 1669161 | 1855680 |
| **Украина** | 2417575 | 2521722 | 2409074 | 1995970 | 1846728 |

**Сарчашма:** РАНХиГС, Институт социального анализа и прогнозирования Ежемесячный мониторинг социально-экономического положения и самочувствия населения. -2015 г. - март 2019 г.

***Эзоҳ.*** *Тибқи таҳлилҳои марказҳои таҳқикоти ФР шумораи муҳоҷирони мехнатӣ аз оморҳои расмии ҶТ фарқ дорад.*

Ин муҳоҷират дар заминаи муносибатҳои таърихии қаблӣ ва шароити ҷуғрофӣ ба вуҷуд омада, то андозае ташаккули бозори қувваи кориро дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии кишварҳои ИДМ нишон медиҳад. Аммо, бо назардошти тамоили афзоиши муҳоҷирати меҳнатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба кишварҳои Аврупо ва Осиёи Шарқию Ҷанубӣ метавон гуфт, ки раванди ҳамгироии ғайрихаттӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ низ тақвият ёфта истодааст.

Барои кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ аз ИДМ ин ҳамгироиҳо тавсифи механизми ҷуброни воридоти мол ва сармоя мебошад. Яъне дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла дар ҶТ, самти ҳаракати қувваи корӣ ба ФР муқобили самти ҳаракати селаи мол ва сармоя аз ФР қарор дорад. Чунин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари рушди тиҷорати байналхалқӣ нишондиҳандаи майли интиҳоӣ ба ҳамгироии минтақавӣ мебошад.

Барои ҳамин зарур аст, ки ба ин раванди ҳамгироӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, Консепсияи мукаммали рушди муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишвар роҳандозӣ карда шавад. Дар консепсияи мазкур хизматрасониҳои то муҳоҷират, давраи муҳоҷират ва баъди муҳоҷират бояд афзалият дошта бошанд (нигаред ба ҷадвали 4.9.).

**Ҷадвали 4.9. - Консесияи муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҶТ**

| **То муҳоҷират** | **Давраи дар муҳоҷират** | **Баъди муҳоҷират** |
|---|---|---|
| Омӯзонидани касбу ҳунарҳо | Дастгирии иҷтимоии хонаводаи муҳоҷирон | Барои реинтеграция шудани муҳоҷирон |
| Забономӯзӣ | Дастгирии муҳоҷирон аз ҳолатҳои пардохт накардани пардохти музди меҳнат | Механизмҳои ташаккули соҳибкори хурду миёна дар минтақаҳо |
| Бастани шартномаҳои дуҷониба бо кишварҳо | Дастгири дар ҳуҷҷатгузории будубош | Механизми ба сармоя табдил додани маблағҳои муҳоҷирон |
| Шиносои бо таърих, фарҳанг ва урфу одатҳои кишварҳои муҳоҷират мекарда | Дастгири дар ҳолати форс-мажор | Рушди ҳунарҳои мардумӣ |
| Иттилоотонии муҳоҷирон оид ба вазъи бозори меҳнат | Таъмини бехатарии фаъолияти корӣ | Ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок ба оилаҳои муҳоҷирон |
| Ҳалли масъалаҳои депортатсияи муҳоҷирон | Нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ | Ташкили хариди моли истеҳсолнамудаи оилаҳои муҳоҷирон |

*Идомаи ҷадвали 4.9.*

| | | |
|---|---|---|
| Ташкили корхонаҳои таҳвили муҳоҷирон | Дастгирии таҳвили муҳоҷирони меҳнатӣ | Мусоидат ба таҳвили баргаштани муҳоҷирони меҳнатӣ |
| Дарёфти бозорҳои нави қувваи корӣ | Муосидат ба ивазкунии ҷои кори мувофиқ ва сердаромад | Ташкили ярмаркаҳои ҷои кори холӣ дар кишвар ва минтақаҳо |
| Ташкили марказҳои машваратӣ | Машваратҳои хуқуқӣ додан ба муҳоҷирон оид ба будубош дар кишвари хориҷа | Машваратҳо додан оид ба таъсиси корхона ё бизнес дар кишвар ба муҳоҷирон |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Хулоса, ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ҶТ раванди муҳоҷирати меҳнатӣ барои ба танзим даровардани мувозинати фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар мавқеи хоса дошта, дар рушди иқтисодиёти кишвар таъсири мусбӣ мерасонад. Таҳлили муҳоҷирати меҳнатӣ дар сатҳи минтақаҳо, ки мезосатҳи ҳамгироиро ифода менамояд, бояд зери таваҷҷуҳи Мақомоти идоракунии давлатии минтақавӣ ва ноҳияю шаҳракҳо қарор гирад. Вобаста ба танзими ин раванд чорабиниҳо ҷиҳати диверсификатсия, ба сармоя табдил додани маблағхои интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва дастгирии иттилоотӣ дар сиёсати фаъолияти иқтисодии беруниии кишвар бояд ба эътибор гирифта шавад. Вазъияти муҳоҷирати меҳнатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки барои иқтисоди кушоди ҶТ дар оянда масъалаи таъмини бехатарии иқтисодӣ дар самти коҳиш додани таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди миллӣ шарти муҳим ва зарурӣ мебошад ва онро мо дар ташаккули мезосатҳи (ҳамгироии соҳавӣ ва минтақавӣ) ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ мебинем.

## 4.3. Ҷалби сармоя ва технология ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ

Ҷалби сармояи хориҷӣ ба ҶТ барои татбиқи Ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ муҳим мебошад. Тибқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 барои таъмини рушди иқтисодиёти кишвар зиёда аз 118 млрд.долл. зарур мебошад. Ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ дар кишвар заминаҳои интситутсионалӣ таъмин карда шуда, имтиёзҳои зиёде барои сармоягузорон муайян карда шудааст. Қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузорӣ” дар соли

2016 вазъи сармоягузориро дар иқтисодиёти Тоҷикистон беҳтар намуд. Ин қонун Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузории хориҷӣ”-ро иваз намуда, дар баробари сармоягузорони хориҷӣ сармоягузории дохилиро низ ҳавасманд намуд.

Дар баробари ин, ҷиҳати фароҳам овардани фазои муносиби сармоягузорӣ дар кишвар санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерин қабул ва роҳандозӣ гардиданд: Қонуни ҶТ “Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар ҶТ”, “Шарикии бахши хусусӣ ва давлатӣ”, “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, “Дар бораи консессияҳо”, “Дар бораи таърихи қарз” ва ғ. Ҳамзамон, бо дарназардошти ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба кишвар Қонуни ҶТ дар бораи “Дар бораи шартномаҳои сармоягузорӣ”-ро қабул намуд. Дар баробари ин, беш аз 240 имтиёзҳо ба сармоягузорон ва соҳибкорон дода шуда, панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) дар минтақахои кишвар таъсис дода шудааст. Вазъи сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар маркази диққати давлат ва Ҳукумати кишвар қарор дошта, зери роҳбарии бевоситаи Сарвазири мамлакат Комиссияи доимӣ амал кунандаи ҳукуматӣ бо иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту созмонхои байналмилалию ғайридавлатӣ фаъолият мекунад, ки пайваста масъалаҳои беҳтар кардани иқлими сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар кишвар дар он баррасӣ мегардад. Ин аст, ки дар давоми солҳои 1997-2021 аз тамоми сарчашамаҳо ба ҶТ зиёда аз 12,3 млрд долл. Сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст (нигаред ба ҷадвали 4.10.)

**Ҷадвали 4.10. - Воридоти сармояи хориҷӣ ба ҶТ дар солҳои 1997-2021. (ҳаз.долл.)**

| | Сармоя, ҳамагӣ, аз он ҷумла: | Сармояи мустақим | Дигар намуди |
|---|---|---|---|
| **1997** | 3266 | 1566 | 1700 |
| **1998** | 140459,9 | 115596,9 | 24863 |
| **1999** | 6578,6 | 6060,5 | 518,1 |
| **2000** | 28840,2 | 23160,8 | 5679,4 |
| **2001** | 49038,4 | 8095,4 | 40943 |
| **2002** | 124020,7 | 36066,4 | 87954,3 |
| **2003** | 106445,1 | 31649,7 | 74795,4 |
| **2004** | 186103,4 | 22355,2 | 163748,2 |
| **2005** | 174626,1 | 54479,3 | 120146,8 |
| **2006** | 504734,4 | 385178,5 | 119555,9 |
| **2007** | 860654,6 | 388436,1 | 472218,5 |
| **2008** | 989250,1 | 425656,3 | 563593,8 |
| **2009** | 383136 | 89384,3 | 293751,7 |

*Идомаи ҷадвали 4.10.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| **2010** | 459173,6 | 230924,6 | 228249 |
| **2011** | 325518,5 | 161448,2 | 164070,3 |
| **2012** | 746411,3 | 391355,0 | 355056,3 |
| **2013** | 1011862,8 | 341063,9 | 670798,9 |
| **2014** | 909254,4 | 377425,7 | 531828,7 |
| **2015** | 977815,8 | 470867,3 | 506948,5 |
| **2016** | 842733,6 | 434243,4 | 408490,2 |
| **2017** | 1100436,1 | 354495,2 | 745940,9 |
| **2018** | 644412,9 | 326761,9 | 317651,0 |
| **2019** | 607138,7 | 345893,2 | 261245,5 |
| **2020** | 428454,2 | 162542,7 | 265422,2 |
| **2021** | 718320,2 | 342182,1 | 376138,1 |
| **Ҳамагӣ** | 123286695,2 | 5526889,1 | 6801308,1 |

**Сарчашма:** Маҷмӯи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2011. С. 560-565.; Тоҷикистон:30-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2021. С. 507- 610. Внешнеэкономический деятельность Республики Таджикистан. Дар солҳои мувофиқ. – Душанбе, АОПҶТ, 1995- 2021.

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали зерин мушоҳида мегардад:

-Новобаста аз тамоили пасту баландшавии ҳаҷми сармоя, дар маҷмуъ ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар тамоили болоравиро дорад. Агар дар соли 1997 ба кишвар ҳамагӣ 3266 ҳаз. долл. сармоя ворид гашта бошад, пас дар соли 1998 он яку якбора ба 140459,9 ҳаз. долл. афзоиш ёфт, ки сабаби асосиаш аз беҳтар гаштани вазъи сиёсӣ (Истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ) ва пешгири гардидани тамоили пастравии иқтисодиёти кишвар (рушди ММД) мебошад. Баъдан боз солҳои 1999 ҳаҷми сармояи хориҷӣ кам гашта, ин раванд то соли 2001 идома кард. Баъдан солҳои 2002 ҳаҷми он афзоиш ёфта, (нишондоди се рақама, сад млн. долл) ин тамоил то соли 2008 идома ёфт вадар соли 2008 он қариб ба 1 млрд.долл. баробар гашт. Ҷалби максималии сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти ҶТ дар ҳаҷми 1 млрд.долл. танҳо ба солҳои 2013 ва 2017 рост меояд;

- Ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти ҶТ аз вазъи бозори ҷаҳонии сармоя вобастагии зич дорад. Чӣ хеле, ки аз ҷадвали 4.12. бармеояд, пас аз ҳар як буҳроне, ки дар арсаи ҷаҳон ба вуҷуд меояд, ҳаҷми сармоягузорӣ ба ҶТ тағьир меёбад. Буҳрони Осиёгии соли 1998 ҳаҷми сармоягузориро ба иқтисодиёти ҶТ дар ҳаҷми 13 млн. долл. коҳиш дод. Буҳронии ҷаҳонии молиявии соли 2008 бошад, ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишварро зиёда аз 70% коҳиш дода, дар соли 2009 он ба 383136 ҳаз.долл. баробар гашт, ки ин нишондиҳанда аз соли

1998 пастарин мебошад. Мавҷҳои такрории Бухрони ҷаҳонии молиявӣ дар солҳои 2014 ва 2018 низ таъсири манфии худро ба сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кушоди ҶТ расониданд;

- Дар таркиби сармоягузории хориҷии ҶТ таносуби сармояи мустақим ва дигар намуди сармоягузориҳо низ тамоили ивазшавиро дошта, мутаассифона ҳаҷми сармоягузории мустақим нисбатан кам аст (5184707 ва 6425170), ки ин ҳолат вазъи қарзи берунии кишварро мушкилтар мегардонад. Аз таҳлили ҷадвали мазкур дида мешавад, ки дар солҳои 2013 ва 2017, ки солҳои максималии ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар мебошанд, сармоя асосан дар шакли сармояи ғайримустақим ҷалб гаштааст, ки он аз нақши давлат, кафолати давлатӣ ба сармоягузорон шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ пас аз таҳлили пешакии ҷадвали мазкур метавон хулоса намуд, ки нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳаракати сармояи байналхалқӣ ночиз буда[148], асосан ҳамчун кишвари воридкунандаи сармоя дар арсаи ҷаҳон мансуб меёбад. Таҳлилҳои олимони ватанӣ тасдиқ мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нишондиҳандаҳои кишвари хурди кушод наздикӣ дорад ва барои ҷалби сармояи хориҷӣ меъёри фоизи қарз ва истифодаи фишангҳои тарифию гумрукию меъёри андоз нақши муҳим надошта, бештар гузаронидани ислоҳлотҳои инстиутсионалӣ ҷиҳатӣ устувории вазъи макроиқтисодӣ ва сиёсии кишвар воситаи муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад.[149]

Ба ғайр аз иқтисодиёти хурди кушод будан, инчунин дар ҳолати гузариш қарор доштани иқтисодиёти Тоҷикистон низ ба ҷалби сармояи хориҷӣ таъсири зиёд дорад. Зеро дар давраи гузариш ҳодисаҳои иқтисодӣ дар ҳолати гузариш қарор гирифта, номувозинат дар соҳаҳо ва бозорҳо ба вуҷуд меояд, ки ин ҳолат рафти татбиқи ислоҳотҳои иқтисодиро мушкил мегардонад.

---

148 Сафаров Б.Г. Формирование механизма привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан// Б.Г. Сафаров. Д.Ходжаев . Вестник Таджикского государственного университета комерции. №2(27). Душанбе.-2019. С-70-78.

149 Нигаред ба: Л.Х. Саидмуродов. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. «Ирфон». Душанбе.-2005. С.125. Л.Х Саидмуродов. Республика Таджикистан в системе современных связей: модель малой открытой экономики.-Душанбе.: Дониш, 2021.- 414 с.

**Ҷадвали 4.11. - Нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2021**

| | **2006** | **2007** | **2008** | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармоягузорих, ҳамагӣ млн.долл | 504,7 | 860,6 | 989,3 | 383,1 | 459,2 | 325,5 | 746,4 | 1011,9 | 909,3 | 977,8 | 842,7 | 1100,4 | 644,4 | 607,1 | 428,5 | 718,3 |
| СМХ млн.долл | 385,2 | 388,4 | 425,7 | 89,4 | 230,9 | 161,4 | 391,4 | 341,4 | 377,4 | 470,9 | 434,2 | 354,5 | 326,8 | 345,9 | 162,5 | 342,2 |
| Дигар намуди сармоягузорихо, млн.долл | 119,5 | 472,2 | 563,6 | 293,7 | 228,3 | 164,1 | 373,0 | 670,5 | 531,9 | 506,9 | 408,5 | 245,9 | 317,7 | 226,1 | 265,4 | 376 |
| ММД, млн.долл | 2828 | 3766 | 5208 | 5031 | 5654 | 6537 | 7694 | 8622 | 9307 | 7858 | 6983 | 7146,0 | 7522,9 | 7903,5 | 8013,8 | 8753,1 |
| Даромади пулии аҳолӣ, млн.сом | 1464 | 2063 | 2787 | 2666 | 3082 | 3519 | 4289 | 4754 | 4938 | 4196 | 3543 | 37245,5 | 41083,9 | 47986,3 | 65347,0 | 80508,8 |
| Музди миёнаи моҳонаи як коргар | 35,2 | 47,4 | 67,5 | 68,6 | 80,9 | 95,9 | 116,6 | 145,8 | 165,4 | 142,6 | 122,8 | 133,8 | 134,8 | 140,1 | 135,0 | 136,3 |
| Шумораи миёнаи кормандон дар як сол ҳаз.наф. | 2137 | 2150 | 2168 | 2219 | 2233 | 2249 | 2291 | 2307 | 2325 | 2381 | 2385 | 2407 | 2426 | 2463 | 2506 | 2534 |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. 415-саҳ.

Дар ин маврид, ба ақидаи мо, зарур аст, ки дар баробари имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва сиёсати фаъолияти иқтисодиёти хориҷӣ, бояд дар кишвар ташаккули фазои муносиби рақобати озод ва муносибатҳои ҷаҳонишавӣ (бозорӣ) ҷиҳати фаъолияти соҳибкорӣ дастгирӣ, карда шавад. Зеро рушди муносибатҳои иқтисодӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ имкон медиҳад, ки ба кишвар сармоя ва технология бештар ворид гашта, соҳаҳои иқтисодӣ ва минтақаҳои кишвар рушд намоянд. Дар натиҷаи воридоти сармоя ҳосинокии меҳнат боло рафта, технологияи муосир дар истеҳсолот ворид мегардад, ки он асоси рушди инноватсионии иқтисодиётро таъмин менамояд. Махсусан, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунии рушд манфиатноктар мебошад, ки мо дар таҳлили худ бештар ба он таваҷҷуҳ менамоем.

Аз ҷадвал дида мешавад, ки дар ҶТ нақши сармояи хориҷӣ ба нишондиҳандиҳандаҳои макроиқтисодӣ хеле назаррас аст (нигаред ба ҷадвали 4.11.).

Аз таҳлили ҷадвали мазкур бармеояд, ки рушди сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ба рушди ММД алоқамандии бевоситаи коррелатсионӣ дошта, таъсири он ба дигар шохисҳои иҷтимоии кишвар низ баръало мушоҳида мегардад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки кишвар аз ҳолати рушди иқтисодии “бе сармоя[150]” баромада, нақши сармояи хориҷӣ дар рушди иқтисоди миллӣ бештар гашта истодааст. Чунин вобастагии коррелатсионӣ дар рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баръало мушоҳида мегардад (нигаред ба замимаҳои 6.). Таҳлилҳои эконометрикӣ нишон медиҳанд, ки таъсири сармоягузорӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар гуногун буда, танзими давлатӣ дар ин самт зарур мебошад.[151]

Муодилаи бисёрхатии регрессионии минтақаҳои ҶТ дар асоси формулаи $У= а+вх_1+с\ х_2$ нишон доданд, ки вобастагии рушди тиҷорати хориҷӣ ва ҷалби

---

150 Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста// Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2003, №1, - С.31.
151 Сафаров Б.Г. Оценка и факторный анализ открытости экономики регионов Республики Таджикистан// Б.Г. Сафаров. Вестник ФЭИТ.№4. Душанбе.-2017. С.85.

сармояи хориҷӣ дар минтақаҳоии таҳлилшаванда чунин аст (нигаред ба ҷадвали 4.12.)

Аз рӯйи натиҷаи тавсифҳои омории сифат, эътимоднокӣ ва хатогии стандартӣ маълум мегардад, ки моделҳои таҳиягардида эътимоднок буда, истифодаи онҳо барои таҳлил ва арзёбии маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ аз рӯйи омилҳои гардиши савдои хориҷӣ ва сармоягузории мустақими хориҷӣ тибқи қоида мебошад.

**Ҷадвали 4.12. - Моделҳои регрессионии арзёбии МММ-и вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе ва тавсифи омории онҳо**

| Минтақаҳо | Намуди модел | Тавсифи омории модел | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Сифат | Эътимоднокӣ | Хатогии стандартӣ |
| Вилояти Хатлон | $МММ_Х = 4{,}1255 \cdot ГСХ + 0{,}7112 \cdot СМХ$ | $R^2 = 0{,}941$ | $DW = 2{,}031$ | $\bar{A} = 3{,}2\%$ |
| Вилояти Суғд | $МММ_С = 728{,}5147 + 0{,}6141 \cdot ГСХ + 0{,}3511 \cdot СМХ$ | $R^2 = 0{,}919$ | $DW = 1{,}149$ | $\bar{A} = 3{,}5\%$ |
| ш. Душанбе | $МММ_Д = 842{,}0581 + 0{,}8739 \cdot ГСХ + 1{,}0356 \cdot СМХ$ | $R^2 = 0{,}805$ | $DW = 1{,}864$ | $\bar{A} = 4{,}6\%$ |

**Эзоҳ:** МММ – маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, ГСХ - гардиши савдои хориҷӣ, СМХ – сармоягузории мустақими хориҷӣ, $R^2$-коэффитсиенти детерминатсия, $DW$ – критерияи Дарбин-Уотсон, $\bar{A}$ – хатогии миёнаи модел (аппрксиматсия)

Дар мавриди истифодаи моделҳои регрессионии дар ҷадвали 4.15. овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст: ҳангоми ба як воҳид зиёд гардидани ГСХ дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, дар ҳолати бетағйир мондани СХМ, дар маҷмӯъ ба ҳисоби миёна МММ дар минтақаҳои мазкур мутаносибан ба 4,1255, 0,6141 ва 0,8739 воҳид афзоиш меёбад. Инчунин, дар ҳолати ба як воҳид афзоиш ёфтани СМХ дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, дар ҳолати бетағйир мондани ГСХ, дар маҷмӯъ ба ҳисоби миёна МММ дар минтақаҳои мазкур мутаносибан ба 0,7112, 0,3511 ва 1,0356 воҳид зиёд мегардад.

Агар гуем, ки нишондиҳандаи вилояти Хатлон ва Суғд он қадар назаррас набошад ҳам, вале он дорои имконоти васеи ҷалби сармояи хориҷӣ дорад. Зеро вилояти Хатлон дар ҳақиқат дорои потенсиали бузурги истеҳсолии саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ буда, аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ низ яке аз калонтарин

минтақаҳои административии кишвар мебошад. Имокниятҳои истеҳсолии ин минтақа ҳануз пурра истифода нагаштаанд. Суръати рушди саноатикунонии вилояти Суғд аз потенсиали бузурги сармоягузорӣ ба ин минтақаро нишон медиҳад, ки бояд истифода гардад.

Аммо, таъсири коррелатсионии сармояи хориҷӣ ба иқтсиодиёти шаҳри Душанбе метавон дигар ҳолатро шарҳ диҳад. Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур мушоҳида мегардад, ҷалби сармояи хориҷӣ нисбат ба дигар минтақаҳо дар шахри Душанбе зиёд аст (нигаред ба замимаи 7.).

Аз ин метавон якчанд хулосаҳои мусбӣ ва манфиро оид ба таъсири сармояи хориҷӣ ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар пешбинӣ намуд:

1. Рушди инфрасохтори истеҳсолию тиҷоратӣ (махсусан тиҷорати дохилӣ) имкон фароҳам овардааст, ки сармоя бештар ба шаҳри Душанбе ворид гардад;

2. Шаҳри Душанбе то андозае фазои муносиби соҳибкориро ривоҷ дода, дар ин замина бозори минтақавии васеъро ташкил намудааст, ки он боиси баланд гашатани ҷолибияти сармоягузории хориҷӣ гардидааст.

Албатта чунин тадбирҳо дар дигар минтақаҳои кишвар низ бояд роҳандозӣ карда шуда, мақомоти маҳаллии идоракунии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳоро зарур аст, ки дар ин самт чораҳои мушаххас андешанд.

Аммо ҳолати мазкур аз нигоҳи амалӣ-методологӣ дорои камбудиҳои хос буда, зарурияти танзими муносибатҳои сармоягузории хориҷӣ дар кишварро тақозо менамояд. Аз он ҷумла;

1. Чӣ хеле, ки дар боло қайд кард шуд, сармояи хориҷӣ ба кишвари мо асосан дар шакли сармояи мустақим нею сармояи портфелӣ ё қарз ворид мегардад ва он аз ҳисоби буҷаи кишвар баргардонида мешавад. Пас аз ин метавон хулоса намуд, ки сармояи ҷалбнамудаи шаҳри Душанберо, ки ба маротиб нисбати баъзе аз минтақаҳо зиёд аст, ҳамаи минтақаҳои кишвар бармегардоранд, ки бояд дар ин самт танзими давлатӣ ба роҳ монда шавад;

2. Нишондиҳандаи ночизи таъсири коррелятсионии сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти минтақаҳо метавонад дар он бошад, ки барои баъзе минтақаҳо он хеле кам буда, потенсиали таъсиррасонияш ҳануз намоён нагаштааст. Масалан

барои вилояти Суғду Хатлон, ки имкониятҳои васеи истеҳсолию тиҷоратӣ доранд, ба фикри мо сармоягузорӣ кам аст ва аз ин рӯ нақши он дар рушди МММ назаррас нест. Аммо нисбат ба шаҳри Душанбе метавон чунин хулоса намуд, ки нақши кушодагии иқтисодиёт дар рушди минтақа коста гаштааст ва он сарҳади кушодагии иқтисодиёти шаҳри Дущанбе бояд гардад. Яъне барои шаҳри Душанбе потенсиали истифодаи сармояи хориҷӣ ҳамчун омили рушд коста гашта, бояд бештар ба истеҳсолот ва тиҷорати дохилию байниминтақавӣ ва берунӣ таваҷҷуҳ равона карда шавад.

Вобаста ба диссертатсияи мо ҳаминро бояд қайд намуд, ки минтақаҳои кишвар ба раванди ҳамгироӣ бояд ҷалб карда шуда, механизмҳои ҷалби сармояи хориҷӣ дар онҳо васеъ роҳандозӣ карда шаванд.

Таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ собит месозад, ки ташаккули фазои муносиби рушди соҳибкории муштарак (корхонаҳои муштарака КМ) ва ташкили МОИ воситаи ҷалби сармоя буда, дар сатҳи минтақа “доми ҷолибият”-и сармоягузорӣ мебошанд. Ба фикри мо барои кишварҳои алоҳида, махсусан кишварҳои хурди кушод “доми ҷолибият”-и сармоягузорӣ ин аъзогӣ дар гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, асосан мезосатҳи ҳамгироӣ, ки онро мо “минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ” номидем,  мебошад.

Вобаста ба мавзуи дисссератсияи мо қайд менамоем, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар рушди заминаҳои институтсионалии рушди иқтисоди бозорӣ ҳалкунанда мебошад. Зеро равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар кишвар он механизмҳои қафомондае, ки барои рушди муносибатҳои бозорӣ монеъа мебошанд, тақвият дода, фазои инвсетитсионӣ ва бизнесро васеъ менамояд.

Агар ба масъалаи мазкур чуқуртар назар намоем, дар умум метавон хулоса намуд, ки тамоми он ислоҳотҳое, ки барои кушодагии иқтисодиёт равона гардидаанд, ҷолибияти ҷалби сармояи хориҷиро тақвият мебахшанд.

Аммо аз рӯйи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, ки вазъи сармоягузориро дар Тоҷикистон арзёбӣ кардааст, монеа дар роҳи ҷалби сармоя ба кишвар асосан дар ҷой надоштани сиёсати аниқ муайянкардашуда дар қонунгузорӣ; - мавҷудияти

монеаҳои аз ҳад зиёди маъмурӣ, номувофиқ будани қонунгузории миллӣ ба талаботи байналмилалӣ ва рушди нокифояи инфрасохтори нақлиётӣ, инчунин ҳимояи нокифояи ҳуқуқҳои сармоягузорон тавассути низоми судӣ мебошад, ки бояд онҳо бартараф карда шаванд.

Дар робита ба пурзӯр шудани ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат ҳам байни кишварҳо ва ҳам байни минтақаҳои алоҳидаи кишвар, пурзӯр гашта истодааст ва кишвар ва минтақаҳои онро зарур аст, ки механизмҳои муосири ҷалби сармояи хориҷиро, бо даранзардошти вазъи кунунии бозори сармоя, пиёда намоянд.

Ба фикри мо барои ин зарур аст, ки консепсияҳои муосири ҷалби сармояи хориҷӣ омӯхта шуда, дар заминаи назарияҳои мавҷудаи илмӣ оид ба ҳаракати сармоя механизми муосири ҷалби он бо хусусиятҳои хоси иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доимо зери таъсири омилҳои беруна қарор дорад, таҳия ва татбиқ карда шавад.

Назарияҳои муосири ҳаракати байналмилалии сармоя ба се мактаби илмӣ гуруҳбандӣ карда мешаванд: неокласиккӣ, неокейнсианӣ ва монетаризм.

Неокласикҳо содироти сармояро дар чаҳорчубаи назарияи тиҷорати байналхалқӣ омӯхта, дар он баробарии нарх, ҳароҷоти истеҳсолӣ, талабот ва пешниҳод, ки аз консепсияи ҳосилнокии ниҳоии омилҳои истеҳсолот (замин, саромоя, меҳнат) бармеояд, қайд менамоянд. Яъне, ҳаракати сармоя байни кишварҳо ин талабот ва таклифоти он дар арсаи ҷаҳон мебошад, ки дар натиҷаи ҳаракати он мувозинати нархи сармоя тадриҷан баробар мешавад. Баъзан вақт ҳаракати байналхалқии сармоя ва ҳаракати байналхалқии молҳо якдигаррро иваз мекунанд.

Кишварҳои сармоядор моли сармояталабро содир намуда, моли меҳнатталабро ворид мекунанд, гарчанде дар амал баръакс шуданаш мумкин аст (Парадокси Леонтев). Аммо дар инҷо бояд қайд намоем, ки кишварҳои дорои сармояи калон на танҳо моли сармояталаб, инчунин худи сармояро низ барои ба даст овардани фоида содир мекунанд. Ба ғайр аз ин, кишварҳои сармоядор ба кишвари дигар сармоя ё молҳои саромояталабро содир намуда, ҳамзамон дар соҳаҳои фоидаовари худ сармояро аз берун низ ҷалб намуда, самаронокии

бозори сармояро ташаккул медиҳанд. Бо ин тарз рақобат дар бозори сармояи дохилӣ ташаккул ёфта, сармоя ба самтҳои фоидаовартар ҳаракат менамояд.

Чунин вазъи иқтисодию ичтимоии ҳаракати сармоя имрӯзҳо дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ бештар ба назар мерасанд. Давлатҳои аъзои гуруҳи ҳамгироӣ нисбат ба якдигар бештар характери кушодагии иқтисодиётро таъмин месозанд, ки дар он ташкили истеҳсолот ва тичорат самаранок мегардад. Аз консепсияи самараи статикӣ ва динамикии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ бармеояд, ки давра ба давра самаранокии истеҳсолот ва тичорат афзоиш ёфта, ҳосилнокии интиҳоии омилҳои истеҳсолот боло меравад. Ин ҳолат ҷолибияти сармоягузории соҳаҳоро дар дохили иқтисодиётҳои миллии кишварҳои аъзо боло мебарад. Барои кишвари хурди Тоҷикистон ворид шудан ба созмонҳои ҳамгироии минтақавӣ воситаи муҳими ташаккуули фазои сармоягузорӣ мебошад, ки ба он бояд таваҷҷуҳи хоса намуд.

Дар муқоиса бо неокласикҳо неокейнсианҳо содироти сармояро дар сатҳи макроиқтисод меомӯзанд, яъне ҳаракати сармояро бо тағирёбии даромади миллӣ ва шуғл алоқаманд менамоянд.

Ин назария то андозае ақидаи ягонаи ҳаракати сармоя аз кишварҳои тараққикарда ба кишварҳои рӯ ба тараққиро маҳдуд намуда, самти омӯзиши ҳаракати сармояро аз ҷузъиётҳои талабот ва таклифоти бозорӣ ба ҷониби идоракунии давлатии механизмҳои сармоягузорӣ равона намуд. Неокейнсиансҳо дар он ақидаанд, ки дар натиҷаи таъмини шуғли доимӣ аҳолӣ қисмати даромадашонро андухт менамоянд. Дар натиҷаи амалӣ намудани чораҳои пулию қарзӣ андухти аҳолӣ ба сармоя табдил дода мешавад, ки дар ин раванд нақши давлат ҳамчун пешбарандаи сиёсати пулию қарзӣ хеле калон аст. Дар ин маврид, ба ақидаи онҳо давлат барои пӯшонидани касри буҷа бояд аз ташкилотхои байналмилалии молиявӣ сармояро ҷалб намояд.

Аҳамияти назариявии ин консепсия аз он иборат аст, ки нақши давлат дар ҷалби сармояи хориҷӣ ва истифодаи самараноки он на танҳо маҳдуд мешавад (нокомии давлат), балки меафзояд.

Монетаристҳо низ содироти сармояро дар сатҳи макроиқтисод омӯхта, онро дар доираи муомилоти пулӣ таҳлил менамоянд, ки тайи солҳои охир он дар фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ (ФБА, БҶ, БОР ва ғайра) васеъ истифода мешавад. Ин ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ҳаракати сармояро дар байни кишварҳоро асосан дар бартараф кардани касри фаъолияти иқтисодии берунӣ ва буҷаи кишварҳо мебинанд. Ин ҳодисаро дар илми иқтисод "ду каср" меноманд, ки он тайи солҳои охир аз тарафи кишварҳои рӯ ба тараққӣ на он қадар хуб арзёбӣ гашта, мавзӯи баҳсро дар илми иқтисод ба вуҷуд овардааст.

Эҳтиёҷи объективии маблағгузории беруна барои иқтисодиёти давраи гузариш пеш аз ҳама ба талаботҳои рушди он вобаста аст. Азбаски рушди иқтисодӣ дар маҷмӯъ такрористеҳсоли миллиро ба таври васеъ пешбинӣ мекунад, маблағгузории беруна ҳамчун унсури чунин такрористеҳсолкунӣ илова намудани дигар манбаъҳои маблағгузориро дар раванди сармоягузорӣ дар назар дорад: даромади буҷет (андозҳо, қарзи давлатӣ), низоми кредитии миллӣ, пасандозҳо ва пасандозҳои худӣ, барориши пулҳои иловагӣ ва ғ.

Намояндагони ҳама мактабҳо ва равияҳои иқтисодӣ ба мушкилоти рушди иқтисодӣ ва ҷустуҷӯи омилҳои муайянкунандаи он рӯ оварданд. Ин равандро тавассути призмаи назарияҳои таҳиякардаи онҳо баррасӣ карда, иқтисодчиён моҳияти онро ба таври гуногун дарк карданд ва дар натиҷа нақши маблағгузории беруна дар рушди иқтисодро ба таври гуногун шарҳ доданд.

Яке аз таъсиргузортарин равишҳои назариявии муосир равиши неоклассикӣ мебошад. Муқаррароти асосии содироти сармоя ба Ҷ.С Милл таалуқ дорад. Муносибати Милл дар шарҳи ҳаракати байналмилалии сармоя дар маҷмӯъ ба қонунҳои давраи рушди капитализм дар рақобати озод мувофиқат мекард ва он ба принсипҳои муқаррарнамудаи Д. Рикардо асос ёфта буд. Тамаркузи Милл ба принсипҳои рафтори иқтисодии як ширкати инфиродӣ буд. Милл ҳаракати сармояро аз ду нуқтаи назар таҳқиқ мекунад: 1) таъсири он ба тиҷорати хориҷӣ ва 2) робитаи он бо суръати фоида ва суръати ҷамъшавии сармоя. Дар натиҷа, Милл ба хулосае омад, ки содироти сармоя ҳамеша ба махсусгардонии оқилонаи истеҳсолоти кишварҳо мусоидат мекунад. Вай сабаби асосии ҳаракати сармояи

байни кишварҳоро дар фарқияти сатҳи фоида, ки тамоюли коҳишёбиро дар кишварҳои сарватмандтарин дошт, медонад. Милл таъкид кард, ки фарқияти меъёри даромад дар байни кишварҳо барои пӯшонидани хавфе, ки як сармоягузори хориҷӣ дар кишвари хориҷӣ дучор меояд, бояд назаррас бошад.[152]

Баръакси назарияи неоклассикӣ, назарияи неокейнсиании ҳаракати байналмилалии сармоя ҳамчун як мактаби ягона ташаккул наёфт. Он аз се мафҳум таҳия шудааст: содироти мустақилона ва ҳавасмандгардонии сармоя, ки Ф. Махлуп пешниҳод кардааст; консепсияи робитаи байни содироти сармоя ва суръати рушди иқтисодӣ, ки Р. Харрод пешниҳод кардааст; ва консепсияи таъсири даромад аз сармоягузориҳои хориҷӣ ба афзоиши содироти мол ва шуғли аҳолӣ, ки онро Е. Домар таҳия кардааст.[153]

Бояд қайд кард, ки тафсири ҳаракати байналмилалии сармоя, ки аз ҷониби иқтисоддони швейтсарӣ Валрас ба миён гузошта шуда буд, қонунеро таҳия кардааст, ки баъдтар номи "Қоидаҳои Валрас"-ро гирифтааст. Ин қоида бар принсипе асос ёфтааст, ки иқтисоди бозорӣ мутавозини молҳо, хидматҳо, сармоя ва дигар дороиҳо, аз ҷумла бозори пул аст. Мувофиқи ин қоида, чунин мешуморанд, ки агар дар яке аз ин бозорҳо талабот барзиёд ба вуҷуд ояд, пас он бояд бо пешниҳоди барзиёд дар бозори дигар мувозинат карда шавад, то мувозинати онҳо ба сифр баробар шавад.

Афзоиши талабот дар бозор ба мол тибқи ин қоида бояд бо афзоиши пешниҳоди пул ҷуброн карда шавад. Барои ҳаракати байналмилалии сармоя ин маънои онро дошт, ки нобаробарӣ дар тавозуни савдо ё тавозуни савдо ва хизматрасонӣ бояд бо ҳамон номутаносибии ҳаракати сармоя ҷуброн карда шавад, аммо бо аломати муқобил. Ин имкон дод, ки номутавозунии моддаҳои дахлдори тавозуни пардохт шарҳ дода шавад. Гумон меравад, ки касри тавозуни пардохт барои амалиётҳои ҷорӣ боиси воридшавии сармоя аз хориҷа мегардад,

---

[152] Булатов А. Капиталообразование в России.//Вопросы экономики. – 2001. - №4. – С. 54-68.

[153] Бункина М.К., Семенов В.А. Макроэкономика (основы экономической политики). М.: АО «ДИС», 1996г. – 320с.

дар ҳоле ки барзиёдии амалиётҳои ҷорӣ ҳамчун сабаб ва манбаи маблағгузории хуруҷи сармоя ба хориҷа хизмат мекунад.

Назарияҳои баррасишудаи неокейнсиёнӣ, тавре ки Е.Звонова қайд менамояд, «асосҳои назаривии зарурати содироти сармоя аз кишварҳои сармоядор ба кишварҳои сармоятлабро ҳамчун манфиати худи кишварҳои сармоядор исбот намуд».[154] Аммо тавре ки таҳлил нишон медиҳад, онҳо ногузирии ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, махсусан дар кишварҳои дар ҳоли рушдро низ нишон медиҳанд.

Камбудии аксари назарияҳои мактабҳои неокейнсионӣ ва монетаристӣ дар он аст, ки онҳо асосан бидуни назардошти сармоягузории мустақим афзоиши кумаки хориҷиро баррасӣ мекарданд.[155] Бесабаб нест, ки сармоягузории мустақим ба афзоиши даромади миллӣ тавассути тавсеаи бахши воқеии (истеҳсолии) иқтисод таъсир мерасонад. Нақши технологии сармоягузории хориҷӣ аз ҷониби бисёр иқтисодчиён эътироф шудааст ва мутаносибан ҳангоми таҳлили сармоягузориҳои мустақими байналмилалӣ, ки асосан сармоягузориҳои хусусӣ мебошанд, далели он мебошад.

Дар назарияи равияи марксистӣ муносибати гуногун ба арзёбии мазмуни иқтисодӣ ва аҳамияти ҳаракати байналмилалии капитал мавҷуд аст. Пас аз классикон, ки назарияи меҳнати арзишро инкишоф додаанд, Маркс содироти сармояро бо сабаби барзиёдатияш дар кишварҳои содиркунанда асоснок кард, ки дар натиҷа истифодаи он дар иқтисоди миллӣ боиси паст шудани сатҳи фоида мегардад. Вай инчунин қайд кард, ки қобилияти воридоти сармоя аз берун бо ҷалби аксари кишварҳо ба тавоноии капитализми ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб дар онҳо, пеш аз ҳама инфрасохтори истеҳсолӣ ташаккул меёбад ва аксар вақт худи сармояи хориҷӣ ин инфрасохторро ба вуҷуд меорад.

Бояд қайд намоем, ки маҳз ана ҳамин нуқта дар диссертатсияи илмии мо дастгирӣ ёфтааст ва раванди ҷаҳонишавии муосирро таҷассум менамояд. Яъне,

---

[154] Звонова Е.А. Международное внешнее финансирование в современной экономике. - М., 2000, - С.12.
[155] Нуреев, Р. Теории развития: новые модели экономического роста (вклад человеческого капитала) [Текст] / Р. Нуреев //Вопросы экономики. – 2003. - №9. – С. 136-157

ба фикри мо ҳаракати байналхалқии сармоя имрузҳо асосан ба сохтмони инфрасохтори ҷаҳонишавӣ ва таҷдиди онҳо равона гардидааст. Инфрасохторе, ки дар асоси он “минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ” ба вуҷуд меоянд.

Назарияи таъсири нисбии сармоягузории мустақим ба иқтисодиёти кишвар, ки иқтисоддони японӣ К. Кодзима пешниҳод кардааст, тамоми сармоягузориҳои мустақимро ба гуруҳе тақсим мекунад, ки ба саноати коркард ва соҳаҳои нави молҳои хизматрасонӣ нигаронида шудаанд. Ӯ иқрор мекунад, ки кишвари пешрафта содиркунандаи сармоягузориҳои мустақим ва кишвари рӯ ба тараққӣ воридкунанда аст. Ҳамчун асос барои таҳлил ӯ теоремаи Хекшер-Олинро гирифта, нишон дод, ки чӣ тавр хароҷоти истеҳсолот дар кишварҳои содиркунандаи сармоя ва воридоткунадаи сармоя баробар карда мешаванд. Ҷолибияти назарияи мазкур дар он аст, ки он ошкор менамояд, ки сармоя метавонад дар дохили ҳар як кишвар ва инчунин ҳар як гуруҳи ҳамгироӣ низ самаранок истифода гардад. Махсусан, дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ давлатҳои аъзо бартариятҳои нисбиро метавонанд муайян намуда, ба он мутаваҷҷеҳ шаванд. Танҳо дар ин маврид зарур аст, ки гуруҳҳои ҳамгиро бояд стратегияи ягонаи рушдро интихоб намуда, бозори ягонаи сармояро ташкил намоянд, то ин ки сармоя озодона байни давлатҳо ҳаракат намояд. Махсусан ҳамкориҳо дар сатҳи мезоиқтисод имкон медиҳад, ки сармоя самаранок истифода гардида, рақобатпазирии минтақаҳо ва соҳаҳоро ба вуҷуд орад.

Дар ҳамин маврид мебояд таъкид намуд, ки азбаски ҳануз дар созмонҳои ҳамгироии минтақавии мавҷуда, ки Тоҷикистон аъзои онҳо мебошад, муносибатҳои ҳамгироӣ дар сатҳи паст қарор дорад, механизми мукаммали ҳаракати мутақобилаи сармоягузории байникишварҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Ин ҳолат ба он оварда расонидааст, ки дар ҷуғрофияи ҳаракати сармоя дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи Россия коста гашта, бо ташкили фазои муносиби ҳамгироии минтақавӣ сармоягузории ҶМЧ афзоиш ёфта истодааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин ҳолат баръало мушоҳида мегардад (нигаред ба ҷадвали 4.13.).

**Ҷадвали 4.13. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ) аз давлатҳои ҷаҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо %)**

| | 2010 | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | 100 | 100 | 100 | 100 | **100** | **100** |
| **Кишварҳои ИДМ** | 32,28 | 6,73 | 0,95 | 10,88 | 8,82 | 21,65 |
| **-Россия** | | | | | 8,6 | 20,07 |
| **Кишварҳои хориҷи дур** | 67,72 | 93,27 | 99,05 | 89,12 | 91,18 | 78,34 |
| **-ҶМЧ** | | | | | 74,02 | 61,8 |

**Сарчашма:** Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан; Агенство по статистике при Правительство Республики Таджикистан, за соответсвующие годы и 2022 стр. 576-577.

Агар аз нуқтаи назари ҳаракати сармояи мутақобила дар доираи минтақаи Осиёи марказӣ назар афканем, вооридшави сармоягузории мустақими хориҷӣ ҶМЧ ба ҶТ асосан аз солҳои 2007 оғоз гардидааст ва чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур бармеояд соли 2020 ҳаҷми он 74,02% хаҷми умумии СМХ –и Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Умуман дар солҳои 2007-2021 ба иқтисодиёти ҶТ беш аз 65 давлати ҷаҳон сармояи хориҷӣ ворид намудаанд, ки бештар аз ҳама аз ҶМЧ (3252 млн.долл) ё 29,5% мебошад (нигаред ба ҷадвали 4.14.).

**Ҷадвали 4.14. - Динамика ва сохтори ҷуғрофиии сармоягузориии хориҷӣ ба иқтисодиёти ҶТ дар солҳои 2007-2021**

| | **Сармоягузории хориҷӣ (умумӣ) млн.долл** | **Нисбат ба ҳаҷми умумӣ (%)** | **Соҳаҳои сармоягузорӣ** |
|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамагӣ: аз он ҷумла; | 11023,7 | 100 | |
| ҶМЧ | 3252,2 | 29,5 | Алоқа, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, монтажи таҷҳизоти техникӣ ва ғ. |
| ФР | 1648,1 | 15,0 | Алоқа, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, ,энергетика, туризм, тандурустӣ ва ғ. |
| ИМА | 712,8 | 6,5 | Алоқа, хизматрасонии молиявӣ, маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, ва ғ. |
| Британияи Кабир | 714,6 | 6,6 | Омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо. |

*Идомаи ҷадвали 4.14.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 585,7 | 5,3 | Омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо. |
| Филлипин | 581,7 | 5,3 | Кишоварзӣ, сохтмони роҳ, хизматрасонии молиявӣ, монтажи таҷҳизоти техникӣ, идоракунии давлатӣ, маориф, тандурустӣ ва ғ. |
| Люксембург | 461,8 | 4,2 | Хизматрасонии молиявӣ |
| Эрон | 314,4 | 2,9 | Саноат, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, савдо |
| Арабистони Саудӣ | 288 | 2,6 | хизматрасонии молиявӣ, саноат ва осхтмону савдо. |
| Озорбойҷон | 242,0 | 2,3 | Хизматрасонии молиявӣ. |
| Австрия | 254,8 | 2,3 | хизматрасонии молиявӣ, монтажи таҷҳизоти техникӣ. |
| Кипр | 237,8 | 2,2 | Сохтмон, туризм ва савдо |
| Аморати Мутаҳидаи Араб | 204,5 | 1,9 | Хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, сохтмон, туризм ва савдо |
| Туркия | 221,7 | 2 | Хизматрасонии молиявӣ, сохтмон, саноат ва савдо |
| Олмон | 197,2 | 1,8 | Хизматрасонии молиявӣ |
| Швейтсария | 204,5 | 1,9 | Хизматрасонии молиявӣ |
| Фаронса | 125,8 | 1,1 | Хизматрасонии молиявӣ, саноат ва савдо |
| Дигар давлатҳо | 765,2 | 6,9 | |

**Сарчашма:** Аз рӯйи маълумотҳои оперативии Вазорати молияи ҶТ ва Агентии омори назди Ҳукумати ҶТ.

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали 4.14. мушоҳида мегардад, соҳаҳое, ки ҶМЧ сармоягузорӣ менамояд асосан нақлиёт, алоқа, саноат ва истихроҷи канданиҳои фоиданок ва тармиму монтажи таҷҳизоти технологӣ нигаронида шудааст. Аз рӯйи маълумотҳои пешакии Вазорати молияи ҶТ бошад, дар ҳолати 1 апрели соли 2020 қарзи ҶМЧ ба иқтисодиёти ҶТ 1582,8 млн. доллари ИМА – ро ташкил мекунад, ки он барои иҷрои 18 лоиҳа дар доираи созишномаҳои басташуда ворид карда шудааст. Аз он ҷумла, соҳаи энергетика-9 созишномаи қарзӣ дар ҳаҷми 613,86 доллари ИМА, соҳаи нақлиёт-7 созишномаи қарзӣ дар ҳаҷми 880,43 доллари ИМА ва соҳаи саноат- 2 созишномаи қарзӣ дар ҳаҷми 88,5 млн. доллари ИМА мебошад.

Федератсияи Россия ва Қазоқистон низ дар воридоти сармоя ба ҶТ нақши муҳим дошта, дар сармоягузории онҳо соҳаҳои алоқа, энергетика ва нақлиёт ҳамчун соҳахои афзалиятнок мебошад. Чунин тамоили сармоягузорӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки потенсиали асосии сармоягузорӣ соҳаҳои алоқа, нақлиёт, саноат, энергетика ва туризму истихроҷи канданиҳои фоиданок мебошанд. Ин тамоил нақши кишварҳои рӯ ба тараққиро дар сармоягузории минтақавӣ афзуда, нишонаҳои ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгирой"-ро, ки дар он сармояи инфрасохторӣ қадами аввали ҳамгирой мебошад, таҷассум менамояд.

Бо дарназардошти ин тамоил, ки қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷаҳон ба назар мерасад ва инчунин афзоиши нақши кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҳамчун содиркунандагони сармоягузориҳои мустақим дар ҷаҳон, мо қайд мекунем, ки ин модели К. Кодзима комил нест.

Назарияи "давраи ҳаёти маҳсулот", ки барои тавзеҳ додани хусусиятҳои муосири тиҷорати байналмилалӣ истифода мешавад, инчунин барои тавзеҳ додани ҳаракати истеҳсоли молҳои технологӣ ба баъзе кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва хусусан ба кишварҳои навтаъсиси саноатӣ (НИС) муфидтар аст. Гарчанде сармояе, ки тибқи ин назария ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ворид карда мешаванд, маҳсулотеро меорад, ки аз чанд марҳилаи давраи ҳаёт гузаштаанд, онҳо барои рушди минбаъдаи иқтисод хизмат мекунанд. Инро бо омезиши муассир (колаборатсия) ва мутақобилаи (синергетика) ҳама омилҳои истеҳсолот ва сармоягузориҳои калон ба сармояи инсонӣ ба даст овардан мумкин аст, ки онро таҷрибаи як қатор кишварҳо исбот мекунанд. Ҷопон дар доираи ин пайроҳа бартарияти технологии худро ба давлатҳои Сингапур, Хитой, Тайван ва Кореяи Ҷануби содир намуда, бо ин роҳ бозори сармоя ва технологияи худро васеъ намуд. Давлатҳои воридкунандаи сармоя ва технология бошанд, дар натиҷаи дастрасӣ ба омилҳои зарурӣ рушди иқтисодиёти миллии худро таъмин намуда, рақобатпазирии истеҳсолоташонро боло бурданд.

Бо дарназардошти он, ки асосан барои воридоти сармоя дар кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта ду сабаб вуҷуд дорад: набудани пасандозҳо ва асъори хориҷӣ (ба ақидаи неокейнсиён), кумаки байналмилалӣ ба иқтисодиёти онҳо таъсири мусбат мерасонад ва норасоии пасандозҳо ва асъорро дар ин кишварҳо бартараф мекунад.

Мо дар тадқиқоти худ онро асос мекунем, ки норасоии пасандозҳо ҳамчун маҳдудият ба раванди сармоягузории дохилӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад, ва аз ин рӯ, чараёни кумак бояд ҳадафи баланд бардоштани сатҳи пасандозҳо ва мутаносибан афзоиши сармоягузорӣ барои рушдро бояд дошта бошад.[156]

Иқтисодчии амрикоӣ П.Тодаро чунин мешуморад, ки аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба категорияи кишварҳое тааллуқ доранд, ки дар онҳо маҳдудияти асосӣ набудани асъор мебошад. Ин кишварҳо захираҳои барзиёди истеҳсолӣ доранд (асосан қувваи корӣ) ва тамоми асъори хориҷии аз ҳисоби содироти ин захираҳо асосан барои пӯшонидани хароҷоти воридот истифода мешавад. Мавҷудияти захираҳои иловагӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки дар сурати маблағгузории беруна барои воридоти воситаҳои нави истеҳсолот ва кумаки техникии мувофиқ ба татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ шурӯъ намоянд. Дар ин сурат кумаки хориҷӣ дар рафъи маҳдудиятҳои асъор ва афзоиши суръати воқеии рушди иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Фикри П.Тодаро ба назар намегирад, ки барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва содироти минбаъдаи онҳо метавонад норасоии асъорро қисман ҷуброн кунад ва даромади онҳо метавонад манбаи афзоиши пасандозҳо дар кишвар гардад. Яъне, ҳангоми таҳлили як қатор кишварҳо метавон чунин тамоюлро мушоҳида кард ва мутаносибан мо ҳангоми таҳлили иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон инро тасдиқ намудем.

Масалан, дар иқтисодиёти ҷаҳон давлатҳое, ки интиқоли маблағҳои муҳоҷиронашон барои рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири калон дорад, хеле зиёд ҳастанд. Танҳо дар соли 2019 аз ин ҳисоб ба иқтисодиёти Ҳиндустон-78,61 млрд. долл., Ҳитой - 67,41 млрд. долл, Мексика-35,66 млрд. долл., Филипин -33,83 млрд. долл., Египет- 28,92 млрд. долл ва Нигерияю Покистон мутаносибан 24,31

156 Бункина М.К., Семенов В.А. Макроэкономика (основы экономической политики). М.: АО «ДИС», 1996 г. – 320с.

ва 21,01 млрд. долл. ворид гаштааст, ки он на танҳо барои истеъмолот, инчунин ҳамчун сарчашмаи маблағгузори ба иқтисодиёти ин кишварҳо низ буданд.[157]

Дар асоси таҳлили норасоии пасандозҳо модели П.Розенштейн-Родан таҳия карда шуд, ки таъсири кумаки хориҷиро ба сатҳи пасандоз ё майли миёнаи пасандоз нишон медиҳад. Ин модел асосан ҳаҷми сармояи хориҷиро, ки барои як кишвари рӯ ба тараққӣ дар тӯли 5 сол талабот доранд, нишон медиҳад. Дар асоси ин нишондиҳандаҳо барои солҳои 70-80-ум ҳисобҳои тахминӣ тартиб дода шудаанд. Аммо аз сабаби он, ки кумаки хориҷӣ бо таъсири як қатор сабабҳо на барои мақсадҳои таъиншуда ва на барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ истифода шуда, асосан ба истеъмолот гардид ки, натиҷаҳои қаноаткунанда ошкор карда нашуд.

Ин равишҳо натиҷаи муҳими илмиро ошкор сохтанд, ки дар онҳо асосноккунии даромаднокӣ ва имконпазирии содироти сармоя аз кишварҳои донор, ҳам дар шакли соҳибкорӣ ва ҳам дар шакли қарз, ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад. Назарияи динамикаи неокейнсонӣ ба хулосае омад, ки зарурати содироти сармоя барои он аст, ки кишвари содиркунандаи сармоя ҳавасмандии доимии рушди иқтисодиро дорад.

Дар адабиёти иқтисодӣ дар бораи мавҷудияти доираҳои муайяни илмие, ки сармояи хориҷиро ба рушди кишварҳо зарур арзёбӣ мекунанд, ақидаи махсуси дигар вуҷуд дорад. Ин ақида дар консепсияи "ҳалқаи шадиди камбизоатӣ" инъикос ёфтаанд, яъне мавҷуд будани "доми камбизоатӣ". Нобаробарӣ дар оила, ҷомеа ё кишвар як ҳалқаи зиштро дар бар мегирад, ки дар он камбизоатӣ ва камбизоатии шадид норасогии бештарро ба вуҷуд меорад, ки аксар вақт аз насл ба насл мегузарад.

Мушкилоте, ки ба рушди иқтисодии кишварҳо халал мерасонанд, солҳои 60 -ум аз ҷониби як гуруҳи иқтисоддони амрикоӣ - Х.Ченери, А.Страут, М.Бруно, П.Экштейн ва Н.Картер ошкор карда шуданд. Модели рушди иқтисодии онҳо бо ду каср номгузорӣ шудааст.

---

[157] Доклад о миграции в мире 2020. Захираи электронӣ: https://publications.iom.int/system/files/pdf/final-wmr_2020-ru.pdf (санаи муроҷиат: 20.03.2022).

Ҳангоми ҳисоб кардани даромади миллӣ сармоягузории зиёдатӣ аз пасандозҳои дохилӣ ба барзиёдии воридот аз содирот баробар аст.

Барзиёдии воридот нисбат ба содирот, ки аз ҳисоби қарз гирифта мешавад, ба кишвар имкон медиҳад, ки аз истеҳсолаш бештар харҷ кунад ё аз захирааш бештар сармоягузорӣ кунад.

Бояд қайд кард, ки маблағи қарзи хориҷӣ, ки барои пур кардани пасандозҳои дохилӣ зарур аст, ҳамонанди зарурати танҳо ба захираҳои бештар барои ташаккули сармоя ё воридот мебошад. Чунин вазъият барзиёдии воридот аз содирот маънои истеъмоли аз ҳад зиёд нисбат ба истеҳсолот ё барзиёдии сармоягузорӣ аз пасандозро дорад.[158]

Ҳамин тариқ, дар адабиёти иқтисодӣ фаҳмише мавҷуд аст, ки барои аз “ҳалқаи камбизоатӣ” баровардани кишварҳо, зарурати воридкунии сармояи калон дар шакли "такони бузург" вуҷуд дорад.

Аз ин рӯ, дар солҳои 1950 -ум, ғояи рушди иқтисодӣ тавассути "такони бузург" дар байни доираҳои иқтисодӣ маъмул гашт. Доктринаи такони бузург кушишкард, ки нақши маблағгузории беруна дар рушди иқтисодро шарҳ диҳад. Вай аз мавҷудияти "доми баробарии сатҳи паст" ёдовар шуд, ки дар он ҳама гуна афзоиши даромад ба ҳар сари аҳолӣ, ки аз пешрафти технологӣ ба вуҷуд омадааст, боиси баланд шудани ҳосилнокии меҳнат мегардад, ки даромади ҳар сари аҳолиро коҳиш медиҳад. Кишварҳое, ки иқтисоди гузариш доранд, ба рушди иқтисодӣ ноил намешаванд, зеро онҳо наметавонанд шароити заруриро барои сармоягузории фоидаовар иҷро кунанд (бозори маҳдуд, қобилияти харидории аҳолӣ ва ғайра).[159]

Омили асосии муайянкунандаи андозаи бозор на шумораи аҳолӣ, балки маҳсулнокии меҳнат аст, зеро сатҳи воқеии даромади аҳолӣ аз он вобаста аст. Дар Тоҷикистон ҳаҷми бозор хурд аст, зеро ҳосилнокии меҳнат ва истеҳсолот

[158] Ховард К., Муравлева Г., Эрашвили Н. Экономическая теория: Учебник для вузов. – М.; Юнити. 1997- 278с.

[159] Нуреев, Р. Теории развития: новые модели экономического роста (вклад человеческого капитала) [Текст] / Р. Нуреев //Вопросы экономики. – 2003. - №9. – С. 136-157

паст аст, ки ин сабаби паст будани сармоягузорӣ ба саноат мебошад. Ҳамин тариқ, занҷири монеаҳои ба ҳам алоқаманд дар рушди иқтисод ташаккул меёбад. Саволе, ки бояд ҳал шавад, ин аст, ки чӣ тавр ин занҷирро шикастан ва аз ҳолати нокифоя рафтан?

Масъалаи баромадан аз "ҳалқаи шадиди камбизоатӣ" дар назарияи "такони бузург" ба миён гузошта шуда буд, ки он ба ақидаи зарурати ҳаракати васеи сармоя аз кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ ба кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта асос ёфта буд. П. Розенштейн - Родан асосгузори назарияи "такони бузург" ҳисобида мешавад, ки ин гуна мафҳумро соли 1943 дар мисоли кишварҳои суст рушдёфтаи минтақаҳои Аврупо асоснок карда буд. Маҳз ӯ аввалин шуда воридшавии сармояи хориҷиро ба ду ҷараён тақсим кард: кумак ва қарзҳои хориҷӣ. Ба андешаи П. Розенштейн - Родан истифодаи сармояи хориҷӣ ҳамчун ҷузъи сармоягузорӣ даромади иловагиро таъмин мекунад, ки қисми захирашудаи он майлнокии миёнаи пасандозро дар кишварҳо афзоиш медиҳад.

Таваҷҷуҳи асосӣ дар ин назарияҳо ба нақши сармоягузории мустақим, ки бо сиёсати иқтисодии давлат ба афзоиши даромади миллӣ нигаронида шудааст, таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Гап дар сари он аст, ки барои модернизатсияи кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ба таври кофӣ ворид кардани сармояи калон лозим аст, ки рушди иқтисодиро таъмин карда тавонад. Аммо сафарбар кардани чунин захираҳо дар шароити тараққиёти сусти иқтисодӣ ғайриимкон мебошад ва аз ин рӯ муҳаққиқон зарурати татбиқи механизми пасандозҳои маҷбуриро, ки метавонистанд дар натиҷаи сиёсати сахти пулӣ ва андозӣ давлат роҳандозӣ намоянд, таъкид карданд. Агар сиёсати молиявии давлат бесамар бошад, норасоии дохилии сармояи дохилиро аз ҳисоби воридоти он аз хориҷ ҷуброн кардан мумкин аст.

Яке аз шартҳои асосии таъмини рушди иқтисодӣ сафарбаркунии пасандозҳои дохилӣ ва сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои даромадноки кишвар мебошад.

Механизми иқтисодӣ, ки тавассути он сармоягузорӣ метавонад суръатро афзоиш диҳад, бо модели Харрод-Домар тавсиф карда шудааст, ки он хеле сода

аст. Барои он ки рушд вуҷуд дошта бошад, як қисми муайяни ММД бояд дар кишвар захира ва сармоягузорӣ карда шавад. Чӣ қадаре ки сармоягузорӣ зиёд бошад, рушд ҳамон қадар тезтар мегардад.

Аз модели Харрод-Домар бармеояд, ки яке аз ҷузъҳои асосии рушди иқтисодӣ танҳо афзоиши пасандозҳои як қисми даромади миллӣ мебошад. Ҳамин тариқ "сирри" рушд ва рушди иқтисодӣ оддӣ аст: танҳо афзоиши пасандозҳо ва сармоягузориҳои миллӣ зарур аст.

Таҳқиқотҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд, нишон доданд, ки дар иқтисоди заиф ва деформатсиянашуда сармоягузорӣ нисбат ба иқтисодиёте, ки дар ҳолати пурраи истифодаи самараноки захираҳо қарор дорад, таъсири мултипликатсионии бештар дорад. Академик Р. Раҳимов қайд мекунад, ки «... Ҳар як воҳиди сармоягузории мустақилона ба иқтисодиёти Тоҷикистон боиси болоравии суръати афзоиши даромади миллӣ ва дар натиҷа афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои индуксионӣ мегардад, яъне, сармоягузориҳое, ки ба ҳаҷми даромади миллӣ вобастаанд».[160]

Сатҳи пасти пасандозҳо монеаи асосии сармоягузории дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҷалби сармояи хориҷӣ дар меҳвари сиёсати хориҷии иқтисодиёти миллӣ қарор дорад. Мувофиқи назарияи П.Розенштейн-Родан сармоягузориҳои хориҷӣ даромади иловагӣ медиҳанд ва меъёри пасандозро зиёд мекунанд. Олими ватанӣ, профессор Саидмуродов Л.Х. бо истифода аз тафсири иқтисодӣ ва математикии модели П.Розенштейн-Родан, ки онро Э.А.Звонова таҳия кардааст, дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон додааст, ки дар давоми солҳои 2002-2006 барои кишвари мо 1769 миллион сомонӣ ё ба андозаи 641 миллион доллар (бо курси сомони дар соли 2001) сармоягузории хориҷӣ ҷалб кардан лозим аст, ки тақрибан 130 миллион доллар дар як сол мебошад. Тибқи натиҷаҳои арзёбии талабот барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби гуруҳи коршиносон таҳти сарварии Ҷ.Сакс гузаронида

---

[160] Рахимов Р.К. Теоретические вопросы стратегии развития экономики РТ в переходный период.//Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2001. – №2. – С. 55-75.

шудааст, то соли 2015 маблағгузории берунӣ дар Тоҷикистон бояд ба маблағи 1137 миллион доллари амрикоиро ташкил диҳад,[161] ки он ҳам ба ҳисобот наздик буда, дар як сол 137 миллион доллари ИМА -ро ташкил медиҳад.[162]

Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бошад, барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва таъмини минбаъдаи рушди Тоҷикистон 118 млрд. долл. ШМА лозим аст, 7,3 млрд. доллари ИМА (6,2 фоиз)-и онро сармояи беруна ташкил менамояд.[163]

Аммо, ба андешаи мо, ин маблағ барои додани "такони бузург" ба иқтисоди миллӣ кофӣ нест, зеро самаранокии истифодаи ин маблағҳо ҳануз ҳам дар сатҳи баланд қарор надорад.

Таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ дар самти ҳаракати сармояи хориҷӣ нишон медиҳад, ки сармоя агар дар давраи аввал ба ҷониби кишварҳои дорои захираи арзони қувваи корӣ ё сарватҳои табии майл дошта бошад, пас имрӯз қувваи кори арзон ва сарватҳои табии дар ҷалби он нақши ҳалкунандаро намебозад. Сармоя бештар дар байни кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон ба самти рушди технология ва инноватсия равона гардидааст.

Тағйироти дигаре, ки дар селаи ҳаракати сармоя ба назар мерасад, ин ҳаракати сармояи дохилиминтақавӣ мебошад, ки он бештар хоси кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад.

Албатта, дар ин маврид бояд қайд намуд, ки бештари воридшавии сармояи инфрасохторӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаҳои минтақавӣ, ки дар онҳо нақши ҶМЧ ва созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (БҶ, БИР, БАТР) калон аст, мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон доданд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини саноатикунонии босуръати кишвар ҷалби сармояи хориҷӣ ва

---

161 Инвестирование в устойчивое развитее. Оценка потребностей для достижения целей развития тысячелетия. Душанбе – 2005. С. 197. Захира электронӣ:http://www.cawater-info.net/ecoindicators/pdf/asses_taj_rus.pdf. (Санаи мурочиат 13.05.2022 с).

162 СаидмуродовЛ.Х. Международная экономика: теория, история, политика. Учебник.-Душанб. Ирфон,2002.-352с.

163 Нигаред ба : 1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, №636 тасдиқ шудааст. Душанбе-2016.Саҳ 27.

технология вазифаи муҳим ва стратегӣ мебошад. Дар баробари инкишофи муносибатҳои сармоягузорӣ, ки айни замон Ҳукумати кишвар барои беҳтар кардани фазои саромягузорӣ амалӣ намуда истодааст, дар баробари ташкили МОИ, МОТ ва кластерҳои агросаноатӣ, ташаккули муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар сатҳи мезоиқтисод механизми иловагии таъмини рақобатпазирии кишвар ва минтақаҳои он дар самти ҷалби сармояи хориҷии минтақавӣ шуда метавонад.

**Хулосаи боби 4-ум.**

Таҳлили боби 4-ум имкон дод, ки чунин хулосаҳо пешниҳод гарданд:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти иқтисодии хориҷии худ «сиёсати дарҳои кушод»-ро пайгирӣ намуда, аъзои фаъоли созмонҳои байналхалқии молиявию иқтисодӣ ва гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад ва бо зиёда аз 160 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монда, бо 110 кишвари чаҳон муносибатҳои тиҷоратӣ дорад. Мақсади асосӣ дар ин муносибатҳо татбиқи имконоти содиротии кишвар ва мутаносибан истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда мебошад;

2. Ба фикри мо татбиқи модели Осиёӣ Ҷанубӣ-Шарқӣ татбиқи имконоти содиротӣ ва сиёсати воридотивазкунанда барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати хурд буда, характери иқтисодиёти хурди кушод дорад. Чунин вазъ аз хурд будани бозори дохилӣ шаҳодат дода, имконияти таъмини такрористеҳсоли васеъро бо дарназардошти самари миқёс маҳдуд менамояд. Ба ғайр аз ин, рушди иқтисодиёти кишвар дар оянда ба афзоиши талаботи дохилӣ ба воридоти молҳои таъиноти гуногун оварда мерасонад, ки барои он бояд содирот афзоиш дода шавад, то ин ки имконияти пардохти охирин пайдо шавад. Вагарна холати статикии имрӯзаи рушди тиҷорати байналхалқии Тоҷикистон, ки воридот аз содирот ба маротиб зиёд мебошад ва кишвар содиркунандаи ашёи хом аст, боз боқи хоҳад монд. Ҷиҳати баромадан аз мувозинати статикӣ ва гузаштан ба мувозиати динамикӣ зарур аст, ки бартарияти рақобатии кишвар муайян ва механизми бозории татбиқи имконоти содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад. Зеро рушди

динамикии тиҷорати берунӣ имконияти ҷуброни талаботро бо воситаи пешниҳоди мол ба бозори ҷаҳонӣ таъмин намуда, рақобатпазирии кишварро таъмин карда метавонад.

3. Метавон қайд намуд, ки татбиқи содиротии кишвар дар асоси бартарияти мутлақ ва нисбӣ барои ҶТ айни замон ин содироти ашёи хом ва истеҳсолоти молҳои қувваи кории арзондошта мебошад, ки нақши фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар коста мегардонад ва ба рушди рақобатпазирии кишвар мусоидаткунанда нест.

4. Мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолӣ, канданиҳои фоиданоки заризаминӣ, захираҳои табии, қувваи кории арзон, захираҳои туристӣ-рекреатсионӣ ва обию энергетикӣ, ки дар асархои бисёр олимони мо ҳамчун иқтидори содиротӣ қайд мегарданд, бартариятҳои мутлақ ва нисбиро ифода мекунанд. Аз нигоҳи бартарияти рақобатӣ бартариятҳои мутлақ ва нисбӣ ҳамчун заминаҳои имконоти содиротӣ арзёбӣ мегардад ва аз механизми татбиқи имконоти содиротӣ самаранокии он дар кишвар таъмин карда мешавад. Ба инҳо асосан хизматрасониҳои мусоидаткунандаи ҳаракати мол ба бозори ҷаҳонӣ, механизмҳои самараноки ташкилию идоракунии раванди татбиқи имконоти содиротӣ дохил мешаванд, ки мо бояд ба онҳо бештар диққат диҳем.

5. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таносуби содиротию воридотии ҶТ бо кишварҳои ИДМ номутаносиб буда, он сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Тиҷорати ҶТ дар доираи кишварҳои ИДМ механизми чуброни молҳои воридотиро бо арзаи молҳоро (содирот) нишон намедиҳад. Диапазони фарқияти содирот ва воридот бо кишварҳои Осиё камтар буда, ҶТ ба ин кишварҳо мол содир намуда, ҳамзамон молҳои заруририро ворид месозад. Дар солҳои 1991-2012 ҳатто механизми ҷуброни арза ва тақозо бо ин кишварҳо ба нафъи Тоҷикистон буд ва аз соли 2013 сар карда каме воридот нисбат ба содирот бештар гашта, фарқияти ҷубронро ба вуҷуд овард, ки он ҳам бошад асосан аз ҳисоби паст рафтани нархи молҳои содиротӣ мебошад. Бо кишварҳои Аврупо бошад вазъияти тиҷорат аз нигоҳи ҷуброни арза ва тақозо рӯ ба беҳбудӣ дорад. Самти содирот ва воридоти кишвар пас аз ба истифода доодани якчанд роҳҳои

наќлиётии байналмилалӣ, ки кишварҳои Осиёро ба ҳам пайваст мекунад, тағир ёфта, майли тиҷоратӣ бо кишварҳои  Чин, Узбекистон ва Эрону Туркия рӯ ба афзоиш дорад, ки он аз ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгироидошта" дар Осиё шаҳодат медиҳад.

6. Яке аз нишондиҳандаи дигари муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки характери кушодагии иқтисодиётро дар доираи "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" тавсиф менамояд, ин ҳаракати қувваи корӣ байни кишварҳои ҳамгироишудаи кишвар  мебошад. Агар дар маҷмуъ ҳисоб кунем, дар давоми 19 соли охир (2002-2020) аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба иқтисодиёти кишвар зиёда аз 43 млрд.долл. маблағ ворид гашатааст, ки он дар муқоиса аз ҳаҷмии умумии тамоми намуди сармояҳои ҷалбшуда 3,8 маротиба ва нисбат ба ҳаҷми умумии содироти кишвар 2 маротиба зиёд мебошад;

7. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки  дар иқтисодиёти ҶТ маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар  пушонидани касри тавозуни пардохт, ки тайи солҳои охир мутассил аз ҳисоби барзиёдии воридот нисбат ба содирот манфӣ мебошад, нақши муҳим дорад  Яъне барзиёдии воридот нисбат ба содирот аз ҳисоби интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҷуброн карда мешавад.

8. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки аз ҳама зиёд аз Вилояти Хатлон аҳолӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар кардаанд. Аз нигоҳи мо, чунин раванд аз кушодагии иқтисоди минтақаҳо гувоҳи дода, майли бештари минтақаҳоро ба ҷараёни ҳамгироӣ ифода менамояд. Чунин сатҳи омӯзиш дар иқтисодиёт мезосатҳи ҳамгироиро ифода намуда, зарурияти ташаккули заминаҳои интситутсионалии рушди муносибатҳои ҳамгииროиро дар сатҳи минтақаҳои кишвар тақозо менамояд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии минтақаҳоро зарур аст, ки ба ин омили рушди минтақавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои танзими он муносибатҳои дуҷонибаро бо минтақа ва кишварҳои самти ҳаракти муҳоҷирон ба роҳ монанд. Ба инобат нагирифтани ин раванд дар минтақаҳои кишвар сатҳи бехатарии иқтисодиёти минтақаро зери хавф монда, ба бехатарии иқтисодиёти миллӣ таъсири манфӣ мерасонад;

9. Барои ҷалби сармояи хориҷӣ истифодаи механизми меъёри фоизии қарз нақши муҳим надошта, ташаккули фазои муносиби инвеститсионӣ аз татбиқи механизмҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти кишвар вобастагии калон дорад. Махсусан, ислоҳотҳои институтсионали ҷиҳати инкишофи муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ва ҷалби бештари минтақаҳои кишвар ба ин раванд имкон медиҳад, ки сармояи хориҷӣ бештар ба соҳаҳои даромаднок ҷалб карда шавад. Ба фикри мо маҳз муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар минтақа ва соҳаҳои иқтисодӣ он механизмҳои қафомондаи иқтисоди бозориро, ки ба рушд монеа мегарданд, бартараф карда, раванди гузаришро метезонад.

# БОБИ 5. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОК ВА ШАКЛҲОИ ЗОҲИРШАВИИ БАРТАРИЯТҲОИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВИИ ИҚТИСОДИ КУШОДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ МУОСИР

## 5.1. Муккаммалгардонии унсурҳои институтсионалии ташаккул ва татбиқи бартарияти ҳамгироии минтақавӣ; самараи "минтақаи дорои имконияти ҳамгирой"

Дар марҳилаи муосири рушд, ки бо таҳдидҳо ва таконҳои шадиди берунӣ тавсиф карда мешавад, нақши институтҳо дар ташаккул ва татбиқи бартариятҳои рақобатии минтақаҳои дорои имконияти ҳамгирой бештар мегардад. Таҷрибаи сохторҳои ҳамгирошудаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ нишон медиҳад, ки бартарияти табиию иқтисодӣ ва иҷтимоию технологии мавҷуда бо амалкарди самараноки институтҳо таҳким ёфта, барои тавсеаи равандҳои ҳамгирой дар сатҳи минтақавӣ нақши калидӣ доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди бартариятҳои рақобатӣ дар густариши равандҳои ҳамгироии минтақавӣ аҳамияти муҳим дорад.

Мувофиқи таҳқиқоти анҷомдодаи CARES INSTITUTE дар минтақаи Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори баланди ҳамгирой бо давлатҳои минтақа мебошад.[164] Таҷриба нишон медиҳад, ки ҷанбаи минтақавии фазои иқтисодӣ муносибатҳои байниминтақавӣ ва минтақавии иштирокчиёни раванди ҳамгироиро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, бояд бо назардошти иқтидори захиравӣ, сатҳи рушди иқтисодиёт ва заминаҳои институтсионалӣ иқтидори ҳамгирой муайян карда шуда, самтҳои афзалиятноки он дастгирӣ ва тавсеа дода шавад.

Бояд таъкид сохт, ки зимни ташаккул ва густариши равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар сатҳи байнидавлатӣ ва дохилидавлатӣ таъсири иқтисодиёти калон ва ё минтақаи пешрафта баръало эҳсос шуда, дар таҷриба институтҳои низомсоз ба иқтидори иқтисодӣ ва сиёсии иштирокчиёни раванди ҳамгирой такя

[164] Индекс региональной интеграции ЦАРЭС (ИРИЦ): Интерпретация и выводы для экономической политики. Электронный ресурс. Режим доступа: https://www.carecinstitute.org/wp-content/uploads/2021/08/RUS-_-CI-CRII-Interpretation -and-Policy-Perspective-27-Dec-2019.pdf -С. 52.

мекунанд. Барои мисол, дар Иттиҳоди Аврупо низомҳои иқтисодии Олмон ва дар миқёси давлатҳои пасошуравӣ нақши Федератсияи Россия ва институтҳои ба он алоқаманд бештар таъсигузор мебошанд. Вобаста ба ин таъмини тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иштироки баробар дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва дастрасӣ ба имконоту натиҷаҳои баробар аз риояи принсипҳои асосии ташаккули фазо ва низоми институтсионалӣ сарчашма мегирад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо нишон дод, ки тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ дар сатҳи минтақаҳо дар заминаи таъсиргузории омил ва ё сатҳи ташкилию иқтисодӣ, институтсионалӣ ва сатҳи хоҷагидорӣ сурат мегирад. Агар сатҳи ташкилию иқтисодӣ мавҷудияти захираҳо ва имкониятҳои бозорҳои минтақавиро дар бар гирад, сатҳи иқтисодиву иҷтимоӣ бештар ба мавҷудияти иртиботи фарҳангӣ, таърихӣ ва технологӣ такя мекунад. Дар ин замина имконияти истифодаи бартарияти минтақаҳои дорои иқтидори ҳамгироӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва давлатҳои пасошуравӣ бештар имконпазир ва манфиатовар аст.

Дар микросатҳ бошад бештар мавҷудияти имкониятҳои ташкилию иқтисодӣ дар самти таъсиси зерсохтори ба тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ мусоидаткунанда ба инобат гирифта шуда, бо назардошти нақш ва аҳамияти институтҳо мавқеи асосиро дар ин низом омилҳои институтсионалӣ ишғол менамоянд. Вобаста ба ин таъсири институтҳои расмӣ ё худ институти меъёр ва институҳои ғайрирасмӣ, ки ҳамчун институти рафтор баррасӣ мегарданд ба равандҳои ҳамгироӣ муассир буда, зимнан асоси ташаккул ва тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ баромад мекунанд.

Яке аз муҳаққиқони машҳури равандҳои ҳамгироӣ Оливер Уилямсон[165] таъсири институтҳоро ба ҳамгироии минтақавӣ таҳлил намуда, чор дараҷаи онҳоро пешниҳод кардааст, ки шомили зер мебошанд: суръатнокӣ, муҳити институтсионалӣ, идоракунӣ ва механизми markaznavtaqsimkunī. Ба ақидаи О. Уилямсон суръатнокӣ унсурҳои институҳои ғайрирасмиро дар бар гирифта, се

[165] Williamson O. The mew Institutional Economics: Tacking Stock, Looking Ahead. The Journal of Economic Literature. 2000;39(3):595–613.

сатҳи дигар бештар фарогири унсурҳои институтҳои расмӣ мебошанд. Барои мисол муҳити институтсионалӣ чунин унсурҳоро ба монанди меъёрҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва бюрократиро дар бар мегирад. Дар ҳолате, ки идоракунӣ низоми созишнома ва қарордодҳоро дар бар мегирад, механизми азнавтақсимкунӣ маҷмӯи қоидаҳоеро дар бар мегирад, ки гардиши сармоя, реҷаҳои тиҷоратӣ ва дигар чораҳои ба нарх ва истеҳсолот таъсиррасонро танзим мекунанд.

Таҳлили назарияҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки мавҷудияти асосҳои институтсионалӣ ҳамчун зарурати объективии тавсеаи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ баромад мекунад. Дар низоми омилҳои тавсеа устувор ва рушди самараноки ҳамгироии минтақавӣ мавқеи асосиро институтҳои расмӣ доранд, зеро густариши ҳамкориҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ, ки ҳамчун заминаи асосии ҳамгироии иқтисодӣ баромад мекунанд, шомили унсурҳои расмӣ, аз қабили қонунгузории миллӣ, созишнома ва қарордоҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, асноди танзимкунандаи фаъолияти сохторҳои ҳамгирошуда ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби давлатҳои миллӣ эътироф карда шудааст.

Ҷанбаҳои институтсионалии ҳамгироии иқтисодии минтақаҳо ва соҳаҳоро таҳқиқ намуда, Н.В. Гонтар[166] қайд менамояд, ки онҳо фарогири унсури танзими маъмурии ҳамгироии минтақавӣ, иқтидори минтақа ва соҳаҳо ва мавҷудияти механизмӣ бозорӣ-корпоративии ҳамгироии байниминтақавӣ мебошад. Дар ин замина ҳаминро таъкид намудан мумкин аст, ки то ба ҳол дар доираи назарияи институтсионалӣ стратегияи ҳамгироии фазоӣ (ҳудудӣ) ва наздикшавии минтақаҳо дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дошта, ба андешаи мо бояд ҳамгироии иқтисодии минтақаҳо бо такя ба унсурҳои бозорӣ ташкил ва дастгирӣ карда шавад. Вобаста ба ин мавҷудияти институтҳо бояд барои ташаккул ва ҳавасмандии унсурҳои бозорӣ замина гузошта, принсипи асосии тавсеаи ҳамгироии байниминтақавӣ бояд дарёфти самараи муштарак бошад.

---

[166] Гонтарь, Н. В. Пространственно-экономическая интеграция на основе рыночной самоорганизации: институциональные аспекты / Н. В. Гонтарь // Фундаментальные исследования. – 2019. – № 8. – С. 37-41.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ[167] қайд шудааст, ки мавҷудияти шароитҳои базавӣ ва институтсионалии ба ҳам монанд самараи ҳамгироиро бештар сохта, дар ин замина густриши равандҳои ҳамгироӣ бо давлатҳои пасошуравӣ ногузир аст. Зимнан таъмини институтсионалии зарурӣ ҳамчун шарти асосии ҳамгироии минтақавӣ шинохта шуда, таъкид шудааст, ки фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бояд дар заминаи тавсеаи равандҳои мукаммали тиҷоратию иқтисодӣ сурат гиранд. Шароитҳои институтсионалии мусоиди минтақавӣ низ ба сифати омили асоси тавсеаи ҳамгироии минтақавӣ ва тақвияти ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ шинохта шудааст.

Бо назардошти нақши институтҳои расмӣ дар тавсеаи ҳамгироии минтақавӣ ҳаминро қайд менамоем, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд, ки барои рушди ҳамгироии минтақавӣ замина гузошта, имконият медиҳанд, ки иқтидорҳои мавҷуда самаранок истифода карда шаванд. Дар ин радиф метавона асноди зеринро номбар намуд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”аз 14.06.2012, №347; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” аз 12.05. 2007., № 260; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Фонди байнамилалии асъор, Бонки байналхалқии таҷдид ва тараққиёт, Сазмони байналхалқии рушд, Корпоратисияи байналмилалии молиявӣ ва агентии бисёрҷониба оид ба кафолати пасандозҳо” аз 23.11.1992; Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 261 аз 26.06.95 « Оид ба қонунигардонии савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар боло овардашуда ва консепсияву стратегияҳои рушди миёна ва дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсеаи ҳамгироии минтақавӣ ва байналҳалқӣ муайян ва асоснок карда шуда, механизми мазкур ҳамчун шакли иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои

[167] Шамсуллозода, Ш. Концептуально - институциональные основы реализации государственной внешнеторговой политики Таджикистана на пространстве СНГ / Ш. Шамсуллозода, М. А. Махмадмуродова, Г. А. Махамадиева // Государственное управление. – 2020. – № 3(47). – С. 141-149. – EDN WXQJPH.

минтақавӣ ва ҷаҳонии иқтисодӣ эътироф гардидааст. Дар ин радиф кашфи иқтидори минтақа дар самти тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ ва иштирок дар сохторҳои ҳамгирошуда мавқеи хос дошта, чунин таҷриба дар самти таъсиси кластерҳои байнидавлатӣ дар минтақаи Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва бунёди Нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар дарёи Зарафшони вилояти Суғд далели татбиқи иқтидори минтақавии густариши равандҳои ҳамгироӣ мебошад. Вобаста ба ин мавҷудияти институтҳои расмии мусоидат ва ҳавасмандкунанда шарти асосии татбиқи иқтидори ҳамгироонии минтақа мебошад.

Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдода ҳаминро таъкид менамоем, ки мушкилоти ташаккули институтҳои ба ҳамгироии минтақавӣ мусоидаткунанда пеш аз ҳама ба мавҷудияти занҷираҳои истеҳсолӣ, роҳу нақлиёт, алоқа ва дигар шакли коммуникатсия ва инфрасохтори муштараки созгор вобастагӣ дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳамгироии минтақавӣ чи дар мезосатҳи миллӣ ва чи байналмилалӣ раванди мақсаднок буда, дар заминаи асосноккуни техникию иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ташаккул меёбад. Тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ имконият медиҳад, ки дар пасманзари ташаккули низоми махсуси муносибатҳо механизми идоракунии байниминтақавӣ ва байнидавлатӣ ташкил карда шуда, дар заминаи меъёрҳои институтсионалии муосир ҳамоҳангсозии манфиатҳои иштирокчиёни раванди ҳамгироӣ таъмин карда шаванд.

Дар марҳилаи муосири рушд, тавсеаи таҷрибаи таъмини институтсионалии ҳамгироии минтақавӣ ва асоснок кардани самтҳои афзалиятноки такмили он аҳамияти хоса дошта, новобаста аз таҳқиқотҳои сершумори анҷомдодашуда ҳанӯз ҳам методологияи ягона ва заминаи консептуалии ташаккул ва инкишофи онҳо мавҷуд нест. Дар аксар маврид механизмҳои ҳамкории мутақобилаи минтақаҳо, унсурҳои низоми институтсионалии ташаккул ва инкишофи ҳамгироии минтақавӣ, ҳадафҳои функсионалии онҳо, шароит ва хусусиятҳои ҳамгироии минтақавӣ ба тарзи гуногун арзёбӣ гардида, таъсири институтҳо низ гуногун баҳо дода мешавад.

Зарурати таъмини институтсионалии тавсеаи раванди ҳамгироии минтақавӣ бо он асоснок карда мешавад, ки ин раванд пеш аз ҳама фарогири қарордод ва созишномаҳо буда, дар шароити муҳити гуногуни ҳуқуқӣ мавҷудияти равиши ягона ва мувофиқшударо тақозо мекунад. Дар баробари ин дар шароити муосир таъсири унсурҳои институтҳои ғайрирасмӣ зиёд гардида, ба ташаккул ва инкишофи ҳамгироии минтақавӣ омилҳои гуногун ба монанди боварӣ, хусусиятҳои рафтори субъектҳои иқтисодӣ ва намояндагони мақомоти давлатӣ таъсир мерасонанд.

Муҳити институтсионалӣ дар марҳилаи муосири рушд унсурҳои муҳимеро ба монанди муҳити соҳибкорӣ, сиёсати инноватсионӣ, муҳити сармоягузорӣ ва сиёсати давлатии танзими рушдро дар бар мегирад, ки ба ибораи дигар "қутби институтсионалии минтақа" номбар шуда, заминаи муҳимми тавсеаи раванди ҳамгироӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз мувофиқати институтсионалии раванди ҳамгироии давлатҳо ва минтақаҳои гуногун шарти асосии ташаккул ва инкишофи ҳамгироаи байналхалқӣ буда, дар марҳилаи нахустини ташаббусҳои ҳамгироӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

Вобаста ба таҳқиқоти мо ҳаминро бояд қайд намуд, ки ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ", ки мо онро ҳамгироии ғайрихаттӣ номидем, аз муҳити инситутсионалии мушаххас вобаста буда, аз институтҳое, ки сатҳи макро ва микро ҳамгироиро ташкил мекунанд, то андозае фарқ дорад. Зеро асосҳои институтсионалии ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" ин ба муносибатҳои ҳамгироӣ баровардани қисмати муайяни сарҳад ё минтақаи кишвар (ҳудуд, фазо), соҳаи алоҳидаи иқтисодиёти кишвар мебошад, ки қоидаю рафтори махсусро ташкил менамояд. Ҳамгироии минтақвии иқтисодӣ дар сатҳи минтақаи мазкур муносибати байнидавлатиро оид ба истифодаи якҷояи захираҳои наздисарҳадӣ ва фаросарҳадӣ ифода мекунад. Ин минтақа метавонад фарогири якчанд воҳидҳои маъмурии идоракунии кишвар бошад, ки бо минтақа ва ё кишвари дигар оид ба истифодаи якҷояи захираи иқтисодии якҷоя муносибатҳои ҳамгироиро ташаккул дода, дар доираи як қоидаи ягона ва низоми алоҳида фаъолият мебаранд ва онро ба таври схема метавон чунин нишон дод

(расми 5.1.). Дар расми мазкур майдони кабуди чоркунҷа минтақаи дорои имконияти ҳамгироест, ки дар заминаи захираҳои иқтисодии ягона, ба монандӣ инфрасохтори нақлиёти коммуникатсионӣ, захираҳои обию энергетикӣ ва ё туристию рекрессионӣ ва ғайра муносибатҳои ҳамгироиро ба роҳ мемонанд.




**Расми 5.1. - Минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**.

Инкишофи мезоҳамгироӣ дар минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ пеш аз ҳама дар асоси мавҷудияти заминаҳои институтсионалӣ ва унсурҳои иқтидори минтақавӣ сурат гирифта, бо назардошти таҳқиқоти анҷомшуда ва методология мавҷуда тарҳи мантиқию консептуалии онро чунин пешниҳод намудан мумкин аст, ки фарогири унсурҳои асосии тавсеаи раванди ҳамгироӣ дар сатҳи минтақа мебошанд (Расми 5.2.).

Тарҳи пешниҳодшуда собит месозад, ки асоси рушди мезоҳамгироя дар заминаи иқтидори минтақавӣ пеш аз ҳама ба мавҷудияти институтҳои расмӣ, яъне асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ, мақомотҳои идоракунии байнидавлатӣ ва қоидаву расмиёти қабулшуда такя карда, дар заминаи иқтидорҳои табию иқтисодӣ, инфрасохторӣ ва институтсионалӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Бинобар ин, дар раванди таъмини институтсионалии инкишофи ҳамгироии минтақавӣ мавҷудияти иқтидорҳои моддӣ шарти асосӣ ба ҳисоб меравад.




**Расми 5.2. - УНСУРҲОИ ҲАМГИРОӢ ДАР МИНТАҚАИ ДОРОИ ИМКОНИЯТИ ҲАМГИРОӢ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Ба ақидаи Либман А.М.[168] институтҳо дар рафъи мамониятҳои рушди ҳамгироии минтақавӣ нақши калон дошта, ба эътиқоди муаллиф онҳо ба институтҳои интихоби оқилона, иҷтимоӣ-сохторӣ ва институтҳои низоъ ҷудо мешаванд. Дар ин замина бояд таъкид сохт, ки институтҳо метавонанд дар ташаккул ва инкишофи ҳамгироии минтақавӣ нақши калон дошта бошанд ва баръакс дар рушди он мушкил эҷод кунанд. Аз ин рӯ, истифодаи оқилонаи нақши институтҳо метавонад ба рушди ҳамгироии минтақавӣ таъсири мусбӣ расонад.

Яке аз масъалаҳои мубрами тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ дар сатҳи минтақавӣ ин таъмини тавозуни институтсионалӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳамгироии минтақавӣ дар ҳолати мавҷудияти сатҳи баланди наздикии институтсионалии давлатҳои иштирокчӣ имконпазир аст. Маҳз ба ҳамин хотир дар марҳилаи нахустини ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҳамгироӣ заминаҳои институтсионалӣ ба ҳам мувофиқ карда шуда, ташаккули сохторҳои ҳамгиро марҳилаи дуру дарози мутобиқсозӣ ва мутобиқшавиро мегузаранд. Муддати мазкур ба хотири рафъи нобаробариҳо ва таъмини паритети институтсионалӣ паси сар карда шуда, дар ин замина фарқиятҳои институтсионалӣ бартараф ва сатҳи муносибатҳо ба ҳам баробар карда мешаванд.

Дар баробари омилҳои дохилӣ тавсеаи муносибатҳои ҳамгироӣ бо истифода аз индикаторҳои созмону ташкилотҳои байналхалқӣ танзим карда мешавад, ки бештар ҷанбаҳои расмӣ ва ғайрирасмии институсионалиро дар бар мегиранд. Барои мисол барои муқоисаи сатҳи рушди институтсионалии давлатҳо ва муайян кардани омодагии онҳо ба ҳамгироӣ як қатор нишондиҳандаҳо истифода карда мешаванд. Дар ин самт метавон Низоми индикаторҳои ҳамгироии минтақавии (System of Indicators of Regional Integration – SIRI)[169] Созмони Миллали Муттаҳидро номбар намуд, ки фарогири як қатор

[168] Либман А. Экономическая интеграция на постсоветском пространстве: институциональный аспект // Вопросы экономики. – 2005. – №. 3. – С. 142-156.
[169] De Lombaerde P. Assessment And Measurement Of Regional Integration. – London: Routledge, 2006. -P. 12.

нишондиҳандаҳое мебошад, ки ҷанбаи муайяншуда, самаранокӣ ва рушди минбаъдаи ҳамгироии минтақавиро муайян месозад. Ғайр аз ин СММ Индекси рушди иқтидори инсониро (Human Development Index, HDI) низ истифода мекунад, ки дар асоси он давомнокии умр, бузургии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сатҳи саводнокии аҳолии калонсол, нишондиҳандаи фарогирӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ, миёна ва олии таҳсилот муайян карда мешавад. Бонки Умимҷаҳонӣ бошад барои муайян кардани сатҳи рушди институтсионалии давлатҳо ва минтақаҳо барои тавсеаи муносибатҳои ҳамгироӣ нишондиҳандаи рушди иқтисодиро истифода мебарад.

Ба ақидаи Садриддинов М.И.[170] институтҳо дар тавсеаи раванди ҳамгироии минтақавӣ нақши муҳим дошта, вазифаҳои муҳимеро ба монанди таъмини мувозинати амал ва фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, танзими шароити мусоид барои иҷрои вазифаҳои муайян, таъмини дастрасӣ ба иттилоот ва ташкили шаклҳои нави фаъолияти иқтисодиро иҷро мекунанд. Муаллиф қайд менамояд, ки барои таъмини сатҳи баланди таъминоти институтсионалии ҳамгироии минтақавӣ бояд механизми ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, низоми фаъолиятҳои иқтисодӣ, қарорҳои идоракунии давлатӣ бо назардошти ҷанбаҳои институтсионалӣ ва риояи принсипи нарасонидани зарар ба муҳити зист ба инобат гирифта шаванд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба институтҳое аҳамият зоҳир карда шавад, ки муҳити институтсионалии ташаккул ва рушди ҳамгироии байниминтақавӣ ва байнидавлатиро таъмин менамоянд. Ин омилҳо ба омилҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷудо шуда, ба онҳо дохил мешаванд:

1. Омилҳои институтҳои расмӣ:

[170] Садриддинов М.И. Интеграционные процессы по эффективному использованию водных ресурсов в странах Центрально-азиатского региона: методология, анализ и методика прогнозирования. Диссертация на соискание учёной степени доктора экономических наук. 08.00.13 – Мировая экономика. Душанбе – 2023. -С. 156.

- санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки низоми муносибатҳои иқтисодиро муайян ва танзим намуда, барои ташаккул ва инкишофи раванди ҳамгироӣ замина фароҳам меоранд;

- муҳити соҳибкорӣ ва фаъолнокии инноватсионии бахши хусусӣ, ки дар заминаи он нақш ва аҳамияти соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёт муайян карда шуда, сатҳи мувофиқати он ба равандҳои тиҷорати байналмилалӣ ба инобат гирифта мешавад;

- имиҷи минтақа ва фазои мусоиди сармоягузорӣ, ки на танҳо асосҳои ҳуқуқии ҷалби сармоя, балки низоми имтиёзҳо, дастгирӣ ва кафолати давлатӣ, бренд ва фарҳанги корпоративиро дар бар мегирад;

- шароитҳои институтсионалӣ ташаккул ва инкишофи раванди ҳамгироӣ ба монанди шароитҳи ҳамоҳангсозӣ, шаклҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар бар мегирад.

2. Омилҳои институтҳои ғайрирасмӣ:

- ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки чунин равандҳоро дастгирӣ мекунад ва барои онҳо шароит фароҳам месозад;

- ташаббусҳо дар сатҳи минтақа ва маҳал, ки барои ташаккул ва инкишофи раванди ҳамгироӣ ҳамчун асос баромад мекунад;

- ҷанбаи фарҳангӣ, ки фарогири арзишҳои умумӣ ва хос, фазои эҷодӣ ва ташаббусҳои соҳибкорӣ мебошад.

Ба инобат гирифтани омилҳои дар боло овардашуда раванди ҳамгироиро инкишоф медиҳад. Гарчанде инкишофи раванди ҳамгироӣ натиҷаи қонунии афзоиши ҳаракати байналхалқии молу маҳсулот ва омилҳои истеҳсолот мебошад, дар рафти ба амал баровардани он системаи рафъи бисьёр монеаҳо дар роҳи муқаррар намудани муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии байни давлатҳо ва минтақаҳо азнав ташаккул меёбад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои ташаккул ва инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ бояд дараҷаи рушди иқтисодӣ ва низоми институтсионалии кишварҳои ба иттиҳоди ҳамгироӣ дохилшаванда ба ҳам мувофиқ буда,

кишварҳое, ки ба он шомил мешаванд, бояд наздикии ҷуғрофӣ ва робитаҳои таърихии иқтисодӣ дошта бошанд. Дар баробари ин сатҳи рушди иқтисодӣ, маблағгузорӣ, танзим ва дастгирии давлатии иқтисодиёт ва муносибатҳои сиёсӣ бояд масъалаҳои умумии байни кишварҳо бошанд.

Бояд таъкид сохт, ки ҳамгироии бомуваффақияти минтақавӣ бояд бо риояи баробарии институтсионалӣ ва принсипҳои субсидиарӣ ва тадриҷӣ (прагматизм) ба роҳ монда шуда, ҳамоҳангии сиёсати миллӣ ва минтақавиро таъмин кунад.

Таҳиқиқоти анҷомдодаи мо нишон дод, ки андозаи кишвар ва минтақа, шумораи аҳолии он, заминаҳои институтсионалӣ, аз он ҷумла наздикии ҷуғрофӣ, сатҳи боҷҳои гумрукӣ, муҳити соҳибкорӣ ва фазои инвеститсионӣ ба сифати шароити умумии ташаккул ва инкишофи ҳамгироии минтақавӣ баромад мекунанд. Маълум аст, ки кишварҳои хурди дорои иқтисоди кушод дар ҳамгироии минтақавӣ аксариятро ташкил дода, сарфи назар аз шумораашон, давлатҳои калон аксари иқтидори иқтисодӣ ва сиёсиро дар дасти худ доранд. Вобаста ба ин таъмини институтсионалии мувофиқ метавонад шарти асосии ҳамгироӣ дар заминаи принсипи баробарӣ ва адолат баромад кунад.

Ҳамгироии минтақавӣ маҳз барои коҳиш додани фарқияти байни кишварҳо, ҳаракати озоди сармоя ва қувваи корӣ, молу хадамот ва равуоӣ озоди шаҳвандон пешбинӣ шудааст. Кишварҳое, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам наздиканд ва аз ҳамдигар манфиат мегиранд, бештар дар сохторҳои ҳамгирошудаи минтақавӣ муттаҳид мешаванд. Дар ин замина, зимни ташаккули сохторҳои ҳамгироӣ арзёбии оқибатҳои созишномаҳои ҳамгироии минтақавӣ муҳим аст, зеро баробари ворид шудани кишвар ба ҳамгироии минтақавӣ бояд қоидаҳои муайян риоя карда шаванд, ки дар байни онҳо омилҳои институтсионалӣ нақши марказӣ доранд.

Таъминоти институтсионалии тавсеаи раванди ҳамгироии мезоиқтисодӣ бояд фарогирӣ низоми мукаммали танзими фаъолияти субъектҳои муносибатҳои ҳамгироӣ дар сатҳи фаромиллӣ, миллӣ ва минтақавӣ бошад. Рафъи асимметрия дар ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ тавассути таъсиси

ассотсиатсияҳо, мақоми ваколатдор ва ҳайати махсус амалӣ карда мешавад. Дар ин замина ташкили платформаи иттилоотию коммуникатсионӣ барои ҳамкории минтақаҳо дар самтҳои гуногун ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дорои аҳамияти муҳим аст. Татбиқи маҷмӯи тадбирҳои мувофиқашуда оид ба рушди муҳити ҳамгироии минтақаҳо бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати ҳамгироӣ ва татбиқи бартариятҳои рақобатии минтақавӣ бояд бо дар заминаи таъминоти институтсионалии комил сурат гирад.

Такмили институтсионалии асосҳои ҳамгироӣ дар доираи равишҳои нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва самтҳои нави ҳамгироии иқтисодӣ сурат мегиранд. Аз ин рӯ, афзоиши таваҷҷуҳ ба рушди нерӯи инсонӣ ҳамчун омили асосии модернизатсия, рушди ҳамкориҳои инноватсионии байни минтақаҳо дар асоси муайян кардани нуқтаҳои рушди ҳамгироӣ, ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ (ташкили паркҳои технологӣ, паркҳои саноатӣ, платформаҳои технологӣ) ва ғайраҳо хусусияти хоси ташаккул ва инкишофи раванди ҳамгироии мезоиқтисодӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар баробари ин фароҳам овардани фазои институтсионалии мусоид барои ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва барқарор кардани робитаҳои зич байни ҳамаи иштирокчиёни раванди ҳамгироии мезоиқтисодӣ мусоидат мекунад. Дар сатҳи минтақаҳо бошад таҳия ва татбиқи стратегияҳои рушди муносибатҳои байниминтақавӣ аҳамияти муҳим дорад, зеро он ба сифати омили бунёдии институтсионалии ҳамгироии иқтисодӣ баромад мекунад.

Дар таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ асосан барои ташаккули “Минтақаи дорои миконгияти ҳамгироӣ” асосан механизми Шарикии бахши хусуси ва давлатӣ (ШБХД) васеъ истифода мегардад, ки онро Шарикии бахши хусусӣ ва давлатии фаросарҳадӣ ё байнидавлатӣ мегуянд (ШБХДФ).[171] Дар муқоиса бо

[171] Ба таври возеҳ нигаред ба: Отчет Азиатсокго Банка Развития: Трансграничные государственно-частные партнёрства [электронный ресурс]. – URL: https://eabr.org/upload/iblock/88c/EDB_2023_Report-3_Cross_Border-PPPs_rus.pdf (дата обращения: 18.08.2023 с).

Созишномаҳои байнидавлатӣ ва Консорсиумҳо[172], ки барои ташаккули муносибатҳои ҳамгироии байниминтақавӣ ба имзо расогнида мешавад, механизми ШБХДФ аз он ҷиҳат самаранок аст, ки он имконият медиҳад ҷиҳати рушди инфрасохтори ҳамгироӣ захираҳои молиявии минтақа, кишвар ва сектори хусусӣ дар якҷоягӣ истифода гардад. Ҳамзамон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишварҳои алоҳида ба ҳам монанд карда шуда, қоидаҳои институтсионалии мушаххас таҳия карда мешаванд ки фарогири муносибатҳои иқтисодӣ ҳам дар сатҳи микро (индивидулизм) ва ҳам макро (холлизм) мебошад. Дар натиҷаи ҳамҷояшавии захираҳои молиявии сатҳи гуногун, ки дар инҷо молияи давлатӣ ҳамчун моликияти ҷамиятӣ баромад мекунад, самараи синергетикии истифодаи захираҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, ки он ҳангоми татбиқи ШБХД дар сатҳи миллӣ наметавонист ба вуҷуд ояд. Яъне, дар ин маврид метавон қайд намуд, ки ҷараёни ҳамгироӣ механизмҳои қафомондаи иқтисоди бозориро дар минтақаи мушаххаси кишварривоҷ дода, ҷиҳати иҷроиши уҳдадориҳои тарафайн мебояд мабалғгузорӣ ё сохтмону таҷдиди қитъаи ба уҳдадоштаашро сари вақт ва босифат иҷро намояд, ки он ба рушди иқтисодии минтақа ва ё кишвар таъсири диффузионии худро мерасонад.

Дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки самараи ШБХДФ аз инҳо иборат мебошад:

1. Дар натиҷаи татбиқи ШБХДФ, ки ба рушди инфрасохтори фаросарҳадӣ нигаронида шудааст, сатҳи вобастагии кишварҳо аз инфрасохтори якдигар зиёд мегардад, ки он як шакли ташаккули муносибатҳои ҳамгироии муносибро тибқи принсипи “бумеранг” ба роҳ мемонанд. Яъне, ҳар як ташаббуси муфид ба нафъи кишвари дигар натиҷааш ба нафъи кишвари худ мегардад, ва ё баръакс. Дар натиҷаи рушди ифрасохтори фаросарҳадӣ, чӣ хеле, ки қайд намуда будем муносибатҳои тиҷоратии молу хизматрасониҳо афзоиш ёфта, таъсири

[172] Ба таври возеҳ нигаред ба: Регулирование водно-энергетического комплекса Центральной Азии. Доклад ЕАБР 22/4. [электронный ресурс]. – URL: *EDB_2022_Report-4_Water-and-Energy-Complex-of-CA_rus.pdf (дата обращения: 18.03.2023).

мултипликасионии он ба соҳаҳои дигари иқтисод мерасад. Махсусан, кишвар он молҳое, ки худ истеҳсол намекунад, аз кишварҳои дигари аъзои ҳамгирой ворид намуда, ба ивазаш молҳои ватаниро содир менамояд, ки дар натиҷа самараи ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда ба вуҷуд меояд.

2. Дар натиҷаи рушди тиҷорати берунии соддакардашуда, ки аксаран дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ба роҳ монда мншавад, дар ҳар як кишвар сатҳи шуғл афзоиш ёфта, мутаносибан таъсири мусбии он ба бозори меҳнат мерасад ва он ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар оварда мерасонад.

3. Ворид шудани минтақаҳо ва ё соҳаҳои алоҳидаи кишвар ба муносибатҳои байналхалқӣ, махсусан муносибатҳои ҳамгирой, мебошад. Истифодаи имконияти бартариятҳои ҳамгирой имкон медиҳад, ки ҳар як минтақа ё кишвар, ки сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ дорад, ба муносибатҳои ҳамгироии мутавозин ворид гашта, аз самараи иқтисоди берунӣ васеъ истифода намояд. Яъне, самараи ШБХДФ дар ин маврид дар он аст, ки он “минтақаи махсуси ҳамгироишуда”,ҳудуди муайяни иқтисодӣ, ки аз қисматҳои алоҳидаи сарҳади кишварҳои алоҳида иборат аст, ташаккул дода, бо ин роҳ фазои муносиби истеҳсолию тиҷоратиро ба вуҷуд меорад, ки он дар навбати худ ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилиро ба минтақа ва ё кишвар афзоиш медиҳад (нигаред ба замимаҳои 9., 10., 11) Дар замимаи мазкур ҳар як долони нақлиётӣ бо рангҳои алоҳида ишора шудааст, ки онро мо “минтақаи дорои имконияти ҳамгирой” номидем. Чӣ хеле, ки дар боло қайд гардида буд, рангҳои ишорашуда дар харита шартан сарҳади минтақаи мазкур мебошад, ки мо онро “долонҳои иқтисодӣ” номида будем. Албатта, дар натиҷаи афзоиши сармоягузорӣ ба минтақаи мазкур технологияи нав низ ворид гашта, сатҳи ҳосилнокии меҳнат боло рафта, мутаносибан базаи андозсупории минтақа васеъ мегардад.

Чунин шакли ташаккули ҳамгироии минтакавии иқтисодӣ дар ҷаҳон хеле зиёд аст ва ШБХДФ қариб, ки дар ҳамам соҳаҳо татбиқ мегардад (нигаред ба ҷадвали 5.1.).

**Ҷадвали 5.1. -Намунаи Шарикии бахши хусусӣ ва давлатии фаросарҳадӣ дар минтақаҳои ҷаҳон**

| Объект | Кишварҳои иштирокчӣ | Омили ҳамгироии минтақавии иқтисодии созмонҳои зерин гаштааст |
|---|---|---|
| **ШБХДФ дар соҳаи инфрасохтор наклиётӣ (“долонҳои наклиётӣ”)** | | |
| Пули (нақб) зериобию хушкии Эресун | Дания, Шветсия | Иттиҳоди Аврупо (ИА) |
| Нақби зериобии Ла-Манш | Франсия, Британияи Кабир | Иттиҳоди Аврупо (ИА) |
| Пули сарҳадии байни шаҳри Благовешенск ва Хеихе | Россия, Чин | СҲШ (ШОС) |
| Роҳи пулакии №4 Африкаи ҷанубӣ (ЮАР) ва Мозамбик | ҶАҶ (ЮАР) ва Мозамбик | Иттифоқи Африка, Созмони рушди кишварҳои Африка (SADS) |
| Роҳи оҳани Аддис-Абеба-Ҷибутӣ | Эфиопия, Ҷибуттӣ, Чин | Иттифоқи Африка, ташаббуси Як камарбанд-Як роҳ (ОПОП) |
| Пули Горди Хоу | ИМА, Канада | НАФТА |
| Магистрали роҳи оҳани босуръати Чин-Лаос | ҶМЧ, Лаос | АСЕАН, Як камарбанд-Як роҳ (ОПОП) |
| Нақби роҳи оҳани Алпии Турин-Лион | Италия, Фрасния | ИА |
| Магистрали роҳи оҳани “Рейл Балтика” | Латвия, Литва, Эстония | ИА |
| Магистрали мултимодалии Перпинян-Фигерос | Франсия, Испания | ИА |
| Магистрали мултимодалии Гонконг-Гуанҷоу | ҶМЧ, Гонконг | Ҳамгироии Гонконг ва “Хитои Бузург” |
| Магистрали роҳи оҳани Кения-Руанда-Уганда | Кения, Руанда, Уганда | Созмони ҳамкории Африкаи шарқӣ |
| Пули дуюми Малайзия-Сингапур | Малайзия, Сингапур | АСЕАН, АТЭС |
| Қубури газгузари Африкаи ғарбӣ | Нигерия, Бенин,Того, Гана | Созмонии иқтисодии кишварҳои Африкаи ғарбӣ (ECOWAS) |
| **ШБХДФ дар соҳаи обу энергетика** | | |
| Неругоҳи обии барқии Нам Теун 2 | Лаос, Таиланд | АСЕАН |
| Неругоҳи обии барқии Итапу | Бразилия, Парагвай | МЕРКОСУР |
| Неругоҳи обии барқии Рузизи | Рузанда, Каир | Иттифоқи Африка |
| **ШБХДФ дар соҳаи алоқа** | | |
| Маҷмуи хати кабелӣ дар Баҳри Корал | Австралия, Папуа-Гвинеяи Нав, ҷазираи Соломон | АТЭС |

**Сарчашма:** Ҳисоботи Бонки Осиёгии рушд: Трансгарнаичные государственно-частные партнёрства. Захираи электронӣ: https://eabr.org/upload/iblock/88c/EDB_2023_Report-3_Cross_Border-PPPs_rus.pdf (Санаи муроҷиат: 18.08.2023 с).

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур мушоҳида мегардад, лоиҳаҳои инфрасохтории фаросарҳадӣ омили ташаккули ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ гардида, сатҳи мезоиқтисодии муносибатҳои ҳамгироиро ифода мекунад. Чунин раванди ҳамгироӣ дар иқтисоди ҷаҳон ҳануз пурра инкишоф наёфта, дар назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ равияи муосир мебошад. Яъне, ҳамгироӣ на ташаббусӣ "болоӣ"-давлат, ё "поёнӣ" –корхонаҳо аст, балки он ташаббуси "мобайнӣ"-соҳа ва ё минтақаи мушаххас мебошад. Чунин раванди ҳамгироӣ барои на ҳама минтақаҳо ва ё соҳа, зерсоҳа хос мебошад, танҳо он соҳа ва ё минтақае, ки ба ин лоиҳаҳои фаросарҳадӣ марбут аст, ҳамгиро мешаванд ва қоидаҳои институтсионалии махсуси рафторро ташкил менамоянд. Аксар маврид ин коидаҳои институтсионалӣ дар заминаи стандартҳои байналмилалӣ ё минтақавӣ, ки манфиати тарафайнро ифода мекунад, таҳия гашта, тибқи он роҳандозӣ карда мешавад, ки баъзан инситутҳои махсуси минтақавӣ идораи онро ба душ мегирад. Ин институтҳо ваколати давлат ва хукумати кишварҳои аъзои минтақаи дорои имконияти ҳамгироиро ба души худ гирифта, аз нигоҳи назария додани қисмати ваколати давлатӣ (истиқлолияти идоракунӣ) ва ҳукуматӣ ба ин сохторҳо мебошад. Маҳз ана ҳамин ҷараёни ташаккули минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ мушкил аст, зеро дар амал на ҳама вақт сарони кишварҳо розӣ мешаванд, ки қисмати ҳокимияти худро аз даст диҳанд. Чӣ хеле, ки дар зербобӣ 1.2. қайд намуда будем, таърихи мустамликавии кишварҳои Африқо ва гузаштаи ҳокимияти ягонаи аз Москва идорашавандаи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ имкон намедиҳад, ки кишварҳои пасошуравӣ ва тоза соҳибиҳтиёри қитъаи Африка раванди ҳамгироиро бомуваффақият ба анҷом расонанд. Ба ғайр аз ин, мушкилии дигар, ё хавфе, ки метавонад барои ташкили чунин минтақа (ҳудуд) таъсир расонад, ин вазъи гуногуни сиёсию иқтисодӣ ва ҳолатҳои форс-мажорӣ буда метавонад. Махсусан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки ивази ҳокимият аксаран вақт тағйироти сиёсию иҷтимоиро ба вуҷуд меорад, инчунин ноустувории вазъи молиявӣ ва камчинии сарчашмаҳои дохилии сармоягузорӣ ва

вобастагӣ аз сармояи беруна,  баъзан рафти татбиқи лоиҳаҳоро бозмонда, дар бисёр маврид маблағгузории лоиҳа ба таъхир андохта мешавад.

Албатта, ин сатҳи ҳамгироӣ, чӣ хеле, ки мо дар зербоби 1.1. қайд намудем, сатҳи мушкил ва сахти муносибатҳои ҳамгироӣ мебошад, зеро дар он бояд тавозуни манфиатҳои кишварҳои иштирокчиёни раванди ҳамгироӣ бояд ба амал ояд.

Дар расми 5.3. (б) манфиати умумии кишварҳо оид ба истифодаи якҷояи захираи умумӣ ифода ёфтааст.




**Расми 5.3. - Манфиатҳои кишвар ё минтақаҳои аъзои “Минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ”**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аммо, таҷриба нишон медиҳад, ки дар сурати дуруст ва ҳамаҷониба тарҳрезии лоиҳаҳои инфрасохтории нақлиётӣ, махсусан нишон додани самараи синергетикии истифодаи захираҳои муштарак метавон нуқтаи оптималии тавозуни манфиатҳои миллиро бо манфиатҳои кишварҳои шарик пайдо намуд. Ба фикри мо коркарди заминаҳои инситутсионалии ташаккули “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” бояд аз рӯйи принсипҳои зерин бояд ба роҳ монда шавад (нигаред ба расми 5.4.).

Ҳар қадар миқёси лоиҳаҳои инфрасохтории фаросарҳадӣ калон ё дароз бошад, ҳамон қадар бештар минтақаҳои кишварҳо ба раванди ҳамгироӣ бештар ворид гашта, мутаносибан раванди муносибатҳои ҷаҳонишавӣ ҳамон қадар бештар дар иқтисодиёти миллии кишварҳо роҳандозӣ мегардад. Дар ҳаминҷо месазад қайд намуд, ки мушкилоти минтақаҳое, ки дар сарҳади кишвар ҷойгир

нестанд, метавонад бо ташаккули “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” шароити наздисарҳадӣ набуданро “бартараф” карда, ба муносибатҳои байналхалқии иқтисодию тиҷоратӣ фаро гирифта шаванд. Қонунияти пешниҳоднамудаи мо, ки раванди муосири инкишофи хоҷагии ҷаҳониро ифода мекунад- “майли интиҳоии минтақаҳои кишварҳои дорои иқтисодӣ кушод ба раванди ҳамгироӣ” маҳз дар ана ҳамин тамоили инкишофи минтақаҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ ифода меёбад.

1. •Қабули қарори сиёсӣ оид ба татбиқи лоиҳа (Асосноккунии техникӣ ва фоиданокии иқтисодии лоиҳа дар хама кишварҳои аъзо )
2. •Мутобиқсозии нақшаи сохтмони инфрасохтори миллӣ бо инфрасохтори фаросарҳадӣ
3. •Коркарди низоми махсуси ҳуқуқии сатҳи минтақавӣ ё байналхалқӣ оид ба фаъолияти ШБХД дар соҳаи инфрасохтори фаросарҳадӣ
4. •Ташкили механизми институтионалии дуҷониба ё бисёрҷониба оид ба истифода ва нигоҳдории лоиҳаи ШБХДФ
5. •Барои таъмини самаранокии лоиҳаи ШБДХФ ба роҳ мондани ҳамкори бо созмонҳои молиявию иқтисодии минтақавӣ ва ташкилотҳои байнлахалқӣ
6. •Таъмини устувории молиявии сармоягузории лоиҳа ва паст кардани хавфҳои эҳтимолии татбиқи лоиҳаи ШБДХФ

**Расми 5.4. - Принсипҳои асосии коркарди заминаҳои инситутсионалии ШБХДФ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар хулоса ҳаминро қайд менамоем, ки сатҳи рушди ҳамгироии минтақавӣ дар марҳилаи муосири рушд ба мавҷудият ва фаъолияти самараноки институтҳо вобастагии калон доранд. Раванди ҳамгироӣ ба ташаккул ва инкишофи институтҳо такя намуда, маҳз рушди устувори институтҳо заминаи асосии тавсеаи ҳамгирояи иқтисодӣ дар сатҳҳои гуногун мебошад. Зимнан бояд таъкид сохт, ки бидуни рушди заминаҳои институтсионалӣ таҳаввулоти раванди ҳамгироӣ ғайриимкон аст. Махсусан, ташаккули мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ раванди мушкил ва сахт буда, дар он ҷараёнҳои ҳамгироие ба вуҷуд меояд, ки

манфиатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаеро ифода мекунад, ки кишварҳо дар алоҳидагӣ наметавонанд ин самараро ба даст оранд. Дар ин маврид, иштироки кишвари хурди кушод чун Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаҳои минтақавии фаросарҳадию байналмилалӣ воситаи муҳими ташаккули “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” мебошад, ки шароити транзитиии кишвар ва захираҳои обию энергетикӣ ва туристию рекреатсионӣ, инчунин имкониятҳои ташаккули кластерҳои фаросарҳадии кишоварзию саноатӣ заминаҳои асосии ҳамгирои Тоҷикистон дар минтақаи АвруОсиё мебошанд.

## 5.2. Татбиқи лоиҳаҳои минтақавию байналхалқӣ ҳамчун механизми таъмини бартарияти ҳамгироии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи табиӣ, сарватҳои зеризаминӣ, захираҳои обию энергетикӣ, туристию ректресионӣ, рушди истеҳсоли маҳсулотии кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва иқтидори транзитӣ дорад, ки онҳо метавонанд ҳамчун омили ҳамгироии минтақавӣ ва раванди ҷаҳонишавии кишвар ва минтақаҳои он гарданд. Аз рӯйи иқтидори обию энергетикӣ, транзитӣ ва захираҳои туристию рекреатсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар кишварҳои минтақа афзалият дошта, айни замон истифодаи ин иқтидорҳо дар сатҳи гуногун қарор дорад (нигаред ба ҷадвали 5.2.).

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур мушоҳида мегардад яке аз самтҳои муҳими таҳкими муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ дар шароити рушди ҳамгироии иқтисодӣ истифодаи васеъи имкониятҳои транзитӣ ба шумор меравад. Барои кишрварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи баромад ба баҳр надорад, баромадан ба долонҳои байналмилалӣ самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии хориҷӣ маҳсуб меёбад.

**Ҷадвали 5.2. - Захираҳои иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ**

| | Захираҳои обӣ, туристию рекреатсионӣ ва транзитӣ | Захираҳои гидроэнергетикӣ, млрд. кВт.-с./сол | Захираи нафт млн. тонна | Захираи газ, млрд. метри кубӣ |
|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | -Транзитӣ (Шимол-Ҷануб, Шарк-Ҷануб, Панаврупоӣ, Транссибир, Трансуқёнуси Ором, ТРАСЕКА, ЦАРЕС, Як камарбанд-Як роҳ) | 40,2 | 4000 | 6800 |
| Қирғизистон | -Транзитӣ; (Шимол-Ҷнуб, Шарк-Ҷнуб, Трансуқёнуси Ором, ТРАСЕКА , ЦАРЕС, Як камарбанд-Як роҳ). -Обӣ-энергетикӣ, -Туристӣ. | 142,5 | 5 | 6 |
| Туркменистон | Транзитӣ (Шимол-Ҷнуб, Шарк-Ҷнуб, Транссибир, Трансуқёнуси Ором, ТРАСЕКА , ЦАРЕС, Як камарбанд-Як роҳ). -Газӣ-энергетикӣ | 2 | 300 | 23000 |
| Тоҷикистон | Транзитӣ (Шимол-Ҷануб, Шарк-Ҷануб, АвруОсиё, Транссибир, ТРАСЕКА , ЦАРЕС, Як камарбанд-Як роҳ). -Обӣ-энергетикӣ, CASA-1000, СПЕКА, -Туристӣ-рекресионӣ | 527 | 2<br>(53) | -<br>(3000) |
| Узбекистон | -Транзитӣ (Шимол-Ҷануб, Шарк-Ҷнуб, Панаврупоӣ, Транссибир, Трансуқёнуси Ором, ТРАСЕКА , ЦАРЕС, Як камарбанд-Як роҳ) -Туристӣ -Газӣ-энергетикӣ | 15 | 250 | 5900 |
| Ҳамагӣ | | 726,7 | 4557 | 37706 |
| Мавқеъ дар ҷаҳон | Қалби Осиё-ҳамчун пайвандгари қитъаи Аврупо ва Осиё бо ҶМЧ | **8** | **11** | **2** |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Долонҳои байналмилалии нақлиётӣ (ДБН) бештар дар фазои ягонаи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, дар фазои ягонаи гумрукӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ самараноктар амал мекунанд. Мукаммал намудани ҷараёнҳои ҳаракати

нақлиёт бо ҷараёнҳои иттилоотӣ (муайян кардани хадамоти логистикӣ) ҳаракати ҳамоҳангшудаи молҳо, пешниҳоди хизматрасонии нақлиётӣ ва дастгирии расмиёти ҳуҷҷатӣ  вазифаи муҳими таъмини фаъолияти самараноки ДБН мебошад.

Минтақагароии иқтисодиёт ва равандҳои рушди мубодилаи савдои дохилӣ ва хориҷӣ муносибати навро ба рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ дар асоси ҳамгироии нақлиёт тавассути долонҳои нақлиётии минтақавӣ тақозо менамояд. Дар заминаи тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва амиқтар шудани равандҳои ҳамгироӣ ташаккули долонҳои нақлиётӣ дар рушди бозори хидматрасонии нақлиётӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам байни кишварҳо нақши асосиро мебозад.

Барои пурратар истифода бурдани бартариҳои мавқеи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва таҳкими нақши он дар бозори минтақавии хизматрасонии нақлиётӣ ташаккул ва рушди мунтазами қитъаҳои миллии долонҳои нақлиёти автомобилӣ зарур аст.

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 9 кишвари ИДМ ва 7 кишвари Осиёи Марказӣ ва Аврупо 39 созишнома, инчунин 27 созишнома бо созмонҳои байналмилалӣ ба имзо расонидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба нуҳ Конвенсия ва Созишномаи байналмилалии марбут ба нақлиёт ва боркашонӣ пайваст мебошад:

• Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозии назорати интиқоли мол аз сарҳад;

• Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳаракати роҳ;

• Конвенсияи байналмилалӣ оид ба аломатҳои роҳ;

• Конвенсияи байналмилалӣ оид ба таҳвил ва нигаҳдории мол;

• Конвенсияи байналмилалии гумрукӣ оид ба ҳамлу нақли мол аз рӯйи харитаи TIR;

• Созишномаи Аврупо оид ба интиқол ва таҳвили молҳои хатарнок тавассути роҳи автомобилгард;

• Созишномаи байнидавлатӣ оид ба маҳсулоти озуқавории зудвайроншаванда ва мошинҳои махсус барои таҳвили чунин молҳо;

• Созишномаи Аврупо оид ба фаъолияти мошинҳои хидматӣ дар шоҳроҳҳои байналмилалӣ;

• Созишнома оид ба татбиқи чораҳои бехатарии воситаҳои нақлиёт, инчунин, қисмҳои эҳтиётие, ки барои онҳо истифода мешаванд.[173]

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои якчанд долонҳои нақлиётии автомобилӣ (Тоҷикистон – Чин; Тоҷикистон – Қирғизистон; Тоҷикистон – Афғонистон ва Тоҷикистон – Ӯзбекистон) ва дастрасии мустақим ба баҳр надорад, рушд, тавсиа ва идоракунии самараноки долонҳои нақлиёти автомобилӣ, махсусан ба низоми долонҳои байналмилалии нақлиётии АвруОсиё шомил гардидан муҳим аст.

Рушди низомии ДБН АвруОсиёи Бузург муҳимтарин самти ҳамгироии нақлиётии АвруОсиё мебошад. ДБН низоми нақлиётиест, ки ҷараёни нақлиёт, инчунин телекоммуникатсия ва қубурҳоро дар масири асосӣ мутамарказ мекунад. Дар минтақаи АвруОсиёи Бузург инҳо, пеш аз ҳама, долонҳои нақлиётии умумиевропоӣ ва лоиҳаи “Роҳи абрешим” мебошанд, ки аз ҷониби ҶМЧ пешбарӣ шудаанд.

Дар соҳаи ҳамгироии нақлиётии кишварҳои пасошуравӣ, ки ибтидои он бо қарори Комиссияи иқтисодии АвруОсиё (ЕЭК) «Дар бораи ҳамоҳангсозии сиёсати нақлиётии кишварҳои узви Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ» гузошта шудааст, натиҷаҳои муайян ба даст оварда шуданд. Тарифҳои ягонаи дохилии налқиёти роҳи оҳан муқаррар карда шуданд. Барои ҳамлу нақли байналмилалии бор тавассути қаламрави кишварҳои ИИАО низоми иҷозатдодашуда таъсис дода шуд, ки ин ба ҳамлу нақли дуҷониба, ҳамлу нақли транзитӣ ва ҳамлу нақли байни давлатҳои дохили ИИАО таъсир расонд.

[173] Транспортный сектор в Республике Таджикистан. Захираи электронӣ: https://mfa.tj/ru/main/tadzhikistan/transport. (Санаи муроҷиат 22.10.2021).

Назорати нақлиёти автомобилӣ ба гардиши берунии ИИАО гузаронида шуда, назорати нақлиёт дар сарҳадҳои дохилии Иттиҳод бекор карда шуд. Ҳамаи ин аллакай имконият дод, ки хароҷоти нақлиёт хеле кам карда шавад.[174]

Роҳҳои асосии АвруОсиё дар Осиёи Марказӣ аз чаҳор долони асосӣ, нуҳ хати роҳи оҳан ва ҳафт хати роҳи автомобилӣ иборат мебошад. Аксари ин долонҳо аз як ва ё якчанд кишварҳои Осиёи Марказӣ мегузарад. Долонҳои нақлиётӣ асосан аз Қазоқистон (ҳашт хати роҳи оҳан ва панҷ хати роҳи автомобилӣ) ва Ӯзбекистон (панҷ хати роҳи оҳан ва се хати роҳи автомобилӣ) мегузарад. Панҷ қитъаи роҳи автомобилгарди дохилии Қирғизистон ва чор қитъаи роҳи автомобилгарди Тоҷикистон низ ба ин долони АвруОсиё пайваст гашта, ҳамчун қисмати долони АвруОсиё истифода мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин китъаҳои роҳи автомобили инҳоянд:

1. Ош - Сари Тош - Карамик (сарҳади Қирғизистон) - Ҷиргитол - Ғарм - Ваҳдат - Душанбе - Турсунзода - Сариосиё (сарҳади Ӯзбекистон).

2. Қарасу (сарҳади Ҷумҳурии Халқии Чин) — шоҳрои Кулма — Мурғоб — Хоруғ — Кӯлоб — Ваҳдат — Душанбе — Сариосиё (сархади Ӯзбекистон).

3. Ош - Сари Тош - Қизил Арт (сарҳади Қирғизистон) - Мурғоб - Хоруғ - Кӯлоб - Панҷи Поён - сарҳади Давлати Исломии Афғонистон.

Дар доираи роҳҳои автомобилгарди Осиё бошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин долонҳои нақлиётиро дорад:

1. Хаваст (сарҳади Ӯзбекистон) - Хуҷанд - Душанбе - Бохтар - Панҷи Поён - сарҳади Давлати Исломии Афғонистон.

2. Иркештам - Сари Тош - Қарамиқ (сарҳади Қирғизистон) - Душанбе - Турсунзода - Узун (сарҳади Ӯзбекистон).

3.Сарҳади Ҷумҳурии Мардумии Чин – қисми Кулма – Хоруғ – Кӯлоб – Ваҳдат – Душанбе – Турсунзода – Узун (сарҳади Ӯзбекистон) – Тирмиз.

[174] Асаул М. А. Некоторые аспекты реализации и развития транзитного потенциала в рамках Евразийского экономического союза // Экономика и управление. Москва,-2016. № 6 (128). С. 4-7.

Дар доираи Созишномаи Аврупоии роҳҳои байналмилалии автомобилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин долонҳои нақлиётии худро истифода мебарад:

1. Тирмиз (сарҳади Ӯзбекистон) - Душанбе - Ваҳдат - Ҷиргатол - Карамиқ (сарҳади Қирғизистон) - Сари Тош - Иркештам - Ҷумҳурии Мардумии Чин.

Дар доираи долони нақлиётии Қафқоз – Аврупо – Осиёи Марказӣ (ТРАСЕКА) ду шоҳроҳи байналмилалӣ ҶТ –ро ба кишварҳои ҳамсоя мепайвандад:

1. Тирмиз (сарҳади Ӯзбакистон) - Турсунзода - Душанбе - Ваҳдат - Ҷиргатол - Қарамиқ (сарҳади Қирғизистон) - Сари Тош - Ош.

2. Тирмиз (сарҳади Ӯзбекистон) - Турсунзода - Душанбе - Ваҳдат - Кӯлоб - Калъаихум - Хоруғ - Мурғоб - убури Кулма - сарҳади Ҷумҳурии Мардумии Чин.

Дар доираи ҳамкориҳои иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ЦАРЕС) чор долони нақлиётӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои ҷаҳон ва бандарҳои обӣ мепайвандад:

1. Хаваст (сарҳади Ӯзбекистон) - Хуҷанд - Душанбе - Бохтар - Панҷи Поён - сарҳади Ҷумҳурии Халҷии Хитой.

2. Шерхон Бандар (сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) – Панҷи Поён – Душанбе – Ваҳдат – Ҷиргатол – Қарамиқ (сарҳади Қирғизистон).

3. Ош - Сари Тош - Қарамиқ (сарҳади Қирғизистон) - Ваҳдат - Душанбе - Турсунзода - (сарҳади Ӯзбекистон).

4. Хаваст (сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон) - Хузнт - Конибодом - Андиҷон - Ош - Иркештам - Қашқар (сарҳади Ҷумҳурии Халқии Хитой).

Интиқоли борҳои байналмилалӣ асосан аз 11 гузаргоҳ мегузаранд, ки дар онҷо онҳо санҷида ва ба қайд гирифта мешаванд. Дар вақти кашондани бор бештар нақлиёти мамлакатҳои ҳамсоя истифода бурда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҶТ аз миқдори умумии ҳамлу нақли мусофиркашонии байналмилалӣ 25,9 фоиз бо нақлиёти автомобилӣ, 32,0 фоиз бо роҳи оҳан ва 40,9 фоиз бо нақлиёти ҳавоӣ амалӣ карда мешаванд. Кашонидани бор дар кишвар асосан тавассути роҳи оҳан (95,9 фоиз) ва автомобилӣ (3,5 фоиз) сурат мегирад.

Барои боз ҳам беҳтар кардани вазъи ҳамлу нақли боркашонӣ ва ба ДБН тезтар пайваст шудани Тоҷикистон ҳама захираҳо барои ташкили логистикаи интермоделӣ ва мултимодалӣ истифода мегардад. Дар рушди ҳамлу нақли боркашонии интермодели ва мултимодалӣ ба нақша гирифташудаи марказҳои логистикӣ дар шаҳрҳои Турсунзода ва Ваҳдат дар қаламрави Тоҷикистон нақши махсус хоҳад дошт. Дар ин марказҳо базаи ҳозиразамони истеҳсолӣ-техникӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Бо мақсади тезонидани ташкили шабакаи логистикӣ барои ҷудо намудани иншооти анборҳо ва кормандон истифодаи модулҳои муосири пайвастшавӣ ба қитъаҳои гуногуни ДБН дар назар аст. Дар назар аст, ки интиқол, қабул ва коркарди фаврии иттилоот, тибқи низоми ягонаи иттилоотии мониторингӣ ва ба нақшагирии интиқоли содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар доираи долонҳои нақлиётӣ амалӣ мешавад.

Таҳлили тамоюлҳои умумии савдои хориҷӣ дар кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ки ба тамоюлҳои рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ дар долонҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода шавад.

Аввалан, дар содироти тамоми кишварҳои минтақа ашёи хом (гидрокарбон, метал, пахта ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ) бартарӣ дорад. Ҳиссаи маҳсулоти саноати коркард дар ҳаҷми умумии содирот дар Қирғизистон ва Ӯзбекистон паст аст ва дар се кишвари дигар комилан қобили қабул нест.

Сониян, динамикаи содирот бо тағйир ёфтани нархи молҳои асосии содиротӣ дар бозорҳои байналхалқӣ зич алоқаманд аст. Се кишваре, ки дар давоми даҳсолаи баррасишаванда суръати баландтарини афзоиши содиротро нишон доданд (Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон) кишварҳои ҷаҳон мебошанд; шароити савдои ин мамлакатҳо хеле бехтар гардид. Шароити ҳадафҳои тиҷорат дар Қирғизистон аслан тағйир наёфтааст ва суръати афзоиши содироти он чандон зиёд набуд.

Сеюм, савдо дар ҳамаи ин мамлакатҳо мутаносиб нест вай ё салдои калони мусбат дорад, ё дар баланси савдо дефицити калон дорад. Дар мамлакатҳое, ки салдои мусбат доранд (Казокистон, Туркманистон ва Узбекистон) даромади

содиротӣ дар фондҳои миллӣ ҷамъ карда шуда, барои истифодаи минбаъда дар бахшҳои афзалиятнок истифода мешаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки ДНБ барои Осиёи Марказӣ нақши калидӣ мебозад ва дастрасӣ ба бозорҳои байналмилалиро фароҳам меорад. Назари нав ба нақлиёт Осиёи Марказӣ дар он аст, ки долонҳо ва масирҳои нақлиётӣ убур мекунанд минтақаҳоро ба самтҳои Шимолу Ҷануб ва Ғарбу Шарқи қитаъи АвруОсиё пайваст менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масофа ба наздиктарин бандарҳои баҳрӣ аз 1500–1700 км (бо истифода аз нақлиёти автомобилӣ ба бандархои Қарочии Покистон ва Бандар Аббос дар Эрон) то 3500-6600 км (ҳангоми истифодаи роҳи оҳан ба бандарҳои баҳрӣ) Балтика, Азов-Баҳри Сиёҳ ё ҳавзаҳои Шарқи Дур дар Русия иборат мебошад (нигаред ба ҷадвали 5.3.).[175]

**Ҷадвали 5.3. - Масофа аз мамлакатҳои Осиёи Марказӣ то бандарҳои баҳрии мамлакатҳои транзитӣ бо нақлиёти автомобилӣ ва рохи оҳан**

| Кишарҳои Осиёи Марказӣ | Бандарҳои асосии баҳрӣ дар кишарҳои транзитӣ | Масофа то баҳр (км) (авто/роҳи оҳан) |
|---|---|---|
| Қазоқистон | Шанхай (CHN); Гамбург (DEU); Санкт-Петербург (RUS); Владивосток (RUS) | 4 700–5 200 |
| Қирғизистон | Шанхай (CHN); Гамбург (DEU); Санкт-Петербург (RUS); Владивосток (RUS) | 4 900–5 000 |
| Тоҷикистон | Бандер-Аббас (IRN); Қарачи (PAK); Шанхай (CHN); Гамбург (DEU); Санкт-Петербург (RUS); Владивосток (RUS) | 1 500–3 770 |
| Туркманистон | Поти (GEO); Бандер-Аббас (IRN); Шанхай (CHN); Гамбург (DEU); Санкт-Петербург (RUS); Владивосток (RUS) | 1 700–4 500 |
| Узбекистон | Поти (GEO); Бандер-Аббас (IRN); Ляньюньган (CHN); Гамбург (DEU); Санкт-Петербург (RUS); Владивосток (RUS) | 2 700–6 600 |

**Сарчашма.** Экономика Центральной Азии: новый взгляд. Евразийский банк развития. Доклад ЕАБР. Алматы. Бишкек, Москва. 2022. С.69. Захираи электронӣ: https://eabr.org/upload/iblock/d0b/EDB_2022_Report-3_The-Economy-of-CA_rus.pdf (Санаи муроҷиат: 13.01.2023).

175 Экономика Центральной Азии: новый взгляд. Евразийский банк развития. Доклад ЕАБР. Алматы. Бишкек, Москва. 2022. С.69. Захираи электронӣ: https://eabr.org/upload/iblock/d0b/EDB_2022_Report-3_The-Economy-of-CA_rus.pdf (Санаи муроҷиат: 13.01.2023).

Бояд гуфт, ки рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба табдили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ ва таъмини ҳаракати доимӣ дар тамоми минтақаҳо ва дар ҳама давру замон мусоидат мекунад. Бо мақсади васеъ намудани географияи ҳамкорӣ бо мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ масъалаи сохтани долони нақлиёти автомобилӣ дар масири Читрал (Покистон) — Ишкошим (Афғонистон) — Ишкошим (Тоҷикистон) ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 шоҳроҳи автомобилӣ мегузарад, яъне долонҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мепайвандад, ки онҳо имкони дастрасӣ ба бандарҳои обии Эрон ва Покистонро муҳаё менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази роҳҳои нақлиёти автомобилиест, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Қирғизистон ва Қазоқистонро бо бандарҳои баҳрии кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мепайвандад.

Сарфи назар аз душвориҳо, дар давоми ду даҳсолаи охир минтақа дар сохтмону навсозии нақлиёт ба пешравиҳои назаррас аз ҷумла шабакаи шоҳроҳи Осиё ва роҳи оҳани Транс-Осиё ноил гардид ва дар давоми 20 соли охир ҳаҷми мусофиркашонӣ, кашондани бор, дастрасии аҳолй хизматрасониҳои нақлиётиро ба маротиб афзоиш дод. Умуман, рушди динамикии шабакаи роҳҳо омили афзоиши алоқаи нақлиётӣ ва тиҷоратӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.[176]

Дар Тоҷикистон тайи 30 соли охир ҳаҷми сармоягузорӣ ба рушди шабакаҳои роҳ зиёда аз 1,8 миллиард доллар ташкил намуда, зиёда аз 2,1 ҳазор километри байналхалқӣ ва 1 ҳазор километр роҳҳои дохилй, 31 километр туннел, 240 купрук сохта шуанд. Сохтмон ва барқарорсозии шоҳроҳҳои Кӯлоб - Хоруғ - Кулма - Карокурум (Шохон -Зигар ва Шкев- Зигар), Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, Душанбе-Чанак, Ваҳдат-Ҷиргатол-Саритош (сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон), Душанбе-Турсунзода (сарҳади Ӯзбекистон), Айнӣ-Панҷакент (сарҳади Ӯзбекистон), Восеъ-Ховалинг, Хуҷанд-Исфара ва инчунин схтмони нақбҳои

[176] Экономика Центральной Азии: новый взгляд. Евразийский банк развития. Доклад. Алматы. Бишкек, Москва. 2022. С.70. Захираи электронӣ: https://eabr.org/upload/iblock/d0b/EDB_2022_Report-3_The-Economy-of-CA_rus.pdf (Санаи муроҷиат: 13.01.2023).

нави Озодӣ, Истиқлол, Шаҳристон ва Чормағзак барои пайваст шудан ба дигар минтқаҳо ва кишварҳои ҳамсоя заминаи устувори инфрасохториро муҳаё намуд.

Вобаста ба масаълаи баррасишаванда, қайд кардан муҳим аст, ки Сарони кишварҳои муттаҳидшудаи АвруОсиё санади стратегӣ дар соҳаи нақлиёт – «Сиёсати ҳамоҳангшудаи (созишшуда) нақлиёт»-ро тасдиқ карданд. Барои татбиқи он "харитаи роҳ"-и дахлдор таҳия шудааст (аз ҷониби Шӯрои байниҳукуматии АвруОсиёи ИИАО дар соли 2017 қабул шудааст).

Дар кори дастаҷамъонаи Комиссияи иқтисодии АвруОсиё бо ҷонибҳои Шартнома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ҷиҳати татбиқи харитаи роҳ ба бунёд ва рушди долонҳои нақлиётӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Таҷҳизонидани гузаргоҳҳо ва танзими низоми гумрукии гузаргоҳҳо рафъи “монеъаҳо” дар долонҳои нақлиётии АвруОсиё ба амалӣ шудани иқтидори умумии транзитӣ ва бунёди “пули нақлиётӣ” миёни Осиё ва Аврупо мусоидат хоҳад кард. Долонҳои нақлиётии АвруОсиё идомаи ДБН-и аврупоӣ мебошанд, ки дар Конфронси II умумиаврупоӣ оид ба нақлиёт (Крит, марти 1994) муайян карда шуданд. Баъдан дар конфронси III дар Ҳелсинки соли 1997 долонҳои нақлиётии мавҷуда бо пайвасти дигар лоиҳаҳо такмил дода шуданд.

Зиёд шудани ҳаҷми интиқоли мусофирон ва бор дар ҳамлу нақли байналмилалӣ зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии ин соҳаро тақозо менамояд ва ин аст, ки истифодаи инноватсия ва рақамикунонӣ самти муҳими муосиркунни соҳа муайян карда шудааст. Тамоми тадбирҳо оид ба рушди инфрасохтори нақлиётии ДБН дар қаламрави Тоҷикистон дар барномаи «Долонҳои байналмилалии нақлиётӣ» «Навсозии низоми нақлиёти Тоҷикистон» роҳандозӣ карда шуданд. Дар доираи барнома бозсозӣ ва сохтмони роҳҳои автомобилгард дар самтҳои зерин: Душанбе- Бохтар, Кӯлоб-Муъминобод ва Душанбе-Кулоб-Кулма-Қароқурум пешбини шудааст, ки ҶТ-ро бо кишварҳои ҶМЧ ва Афғонистон мепайвандад.

Бо дарназардошти аҳамияти рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷорати байналмилалӣ байни кишварҳои минтақа роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон масъалаи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсиониро, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди кишвар дар доираи Консепсияи барқарорсозии Роҳи абрешим муайян намуд, ки дар таъмини алоқаҳои нақлиётӣ-коммуникатсионии байни Тоҷикистон ва ҶМЧ, Афғонистон ва умуман бо дигар мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ нақши калон мебозад.

Стратегияи мазкур ду самти асосии фаъолияти соҳаи нақлиётию коммуникатсиониро муайян кардааст:

нахуст: - пайваст намудани роҳҳои дохилии кишвар бо 16 шоҳроҳи байналмилалӣ ва бунёди инфрасохтори нақлиёт тавассути Афғонистон;

дуюм: - риояи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияҳо ва Созишномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳамлу нақл.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими вазифаи аввалин, ки азнавсозӣ ва татбиқи роҳҳои муосири автомобилӣ, ки дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ азнавсозии роҳҳои нави автомобилгард мебошад мебошад.

Дар доираи татбиқи стратегия ва ҳадафҳои давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав дида баромадани шабакаи роҳҳо, аз ҷумла: шоҳроҳҳои автомобилии Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Каракорум (Шагон - Зигар, Шкев - Зигар), Душанбе-Бохтар-Кӯлоб, Дӯстӣ, Панҷи Поён, инчунин ифтитоҳи нақбҳои Истиқлол, Озодӣ, Шахристон ва Чормағзакро  пешбинӣ намуда, қариб ҳамаи онҳоро ба анҷом расонидааст.

Истифодабарии роҳи автомобилгарди Душанбе-Чанак, Ваҳдат-Ҷиргатол-Саритош (сарҳади Қирғизистон), Бохтар-Дӯстӣ, Душанбе – Ваҳдат-Данғара аллакай ба анҷом расидааст.

Ҳамаи ин роҳҳо алоқаи нақлиётиро байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Қирғизистонро таъмин мекунанд. Ба истифода додани роҳи автомобилии Душанбе-Турсунзода (сарҳади Ӯзбекистон), Кӯлоб-Қалъаихум, Айнӣ-Панҷакент, ки лоиҳаи дорои аҳамияти минтақавӣ маҳсуб мешавад, Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон мепайвандад.

Барномаҳо ва ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба беҳбуди робитаи тиҷорат ва нақлиёт нақши муҳимро дар рушди нақлиёт ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ мегузоранд. Дар байни онҳо муҳимтарин барномаҳо инҳо мебошанд:

-ЦАРЕС, ки дар доираи он шаш долони нақлиётии минтақавӣ таҳия карда мешаванд; ва хачми умумии маблаггузорй ба системаи нақлиёт, савдо ва нақлиёт бо арзиши зиёда аз 31,5 миллиард доллар;

-Барномаи СПЕКА СММ дар охири солҳои 1990 оғоз гардид, бо ташаббуси Қазоқистон ва бо иштироки UNECE ва UESSCAP;

-Долони байналмилалии нақлиётии Аврупо-Қафқоз-Осиё (ТРАСЕКА), ки ҳамчун барномаи ИА оғоз ёфт ва баъдан мақоми байналхалқии мукаммалро гирифт;

-«Як камарбанд-Як роҳ» лоиҳаи азими нақлиётӣ, тиҷоратию иқтисодй мебошад ташаббуси асосиро Чин ба роҳ мондааст;

-лоиҳаҳое, ки аз ҷониби Ҳиндустон, Ҷопон (JICA), Олмон (GIZ), ИМА (USAID) ва ғайра маблағгузорӣ мешаванд (нигаред ба ҷадвали 5.4.).

**Ҷадвали 5.4. - Лоиҳаҳои бузурги нақлиётӣ дар минтақаи АвруОсиё**

| Номгуи лоиҳа | Сармоягузорӣ млрд.долл. | Кишвар ё минтақа |
|---|---|---|
| Ташабуси «Як камарбанд, як роҳ». (BRI) | 900–8 000* | Кишварҳои қитъаи Аврупо, Осиё, Африқо |
| Программа Центральноазиатского регионального экономического сотрудничества (ЦАРЭС) | 31,5** | Афғонистон, Озарбойҷон, ҶМЧ,Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Монголия, Покистон, Тоҷикистон, Туркменистон, Узбекистон |
| Долони нақлиётии «Аврупо — Қафқоз — Осиё» (ТРАСЕКА) | 0,16** | Арманистон, Озорбойҷон, Булғория, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Эрон, Молдавия, Руминия, Туркия, Украина, Узбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо |

***Идомаи ҷадвали 5.4.***

| | | |
|---|---|---|
| Трансазиатская железная дорога (ТАЖД) — шабака дар минтақа (ЭСКАТО СММ) | 75,6* | Афғонистон, Арманистон, Озорбойҷон, Бангладеш, Беларусия, Бутан, Бруней, Чин, Ҳиндустон, Индонезия, Эрон, Қазоқистон, Лаос, Монголия, Непал, Покистон, Кореяи ҷанубӣ, Шри-Ланка, Тоҷикистон, Узбекистон, Таиланд, Туркия, Ветнам |

**Эзоҳ:** * — сармоягузорӣ ба нақша гирифта шудааст; ** — аллакай сармоягузорӣ шудааст.
**Сарчашма.** UNESCAP, 2022.

Чӣ хеле, ки аз ҷадвали мазкур дида мешавад, Тоҷикистон дар ҳамаи лоиҳаҳои нақлиётии минтақавӣ иштирок намуда, бо татбиқи ин лоиҳаҳо метавонад мунсоибатҳои ҳамгироиии худро бо кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон боз ҳам васеъ ва мустаҳкамтар намояд.

Қайд кардан лозим аст, ки татбиқи лоиҳаҳои бузурги нақлиётӣ дар минтақаи АвруОсиё барои Тоҷикистон аз нуқтаи назари ба кишвари транзитӣ табдил додан ва таҳкими рушди муносибатҳои судманди иқтисодӣ заминаи устувори инфрасохториву сармоягузорӣ мегузорад. Яке аз лоиҳаҳои бузург, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистн аҳамияти басо муҳим дорад, "Як камарбанд-Як роҳ" мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистон аввалин кишварест, ки бо Чин "Ёддошти кумаки муштарак дар бунёди камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим"-ро имзо кардааст. Дар ин муддат миёни Чин ва Тоҷикистон як механизми фаъоли ҳамкорӣ ва муколама дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва ғайра ба роҳ монда шуда, ба шарофати талошҳои муштараки ҳарду ҷониб ҳамкориҳои "Як камарбанд-Як роҳ" пайваста устувор мегардад.

Иқтидори истеҳсолии Чин ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ба стратегияи рушди кишвар мувофиқат мекунад, сармоя ва технологияи чинӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон нақши рӯзафзун ва дар таъмини амнияти озуқаворании Тоҷикистон ва ҳалли проблемаҳои шуғл нақши муҳим мебозад.

Тибқи иттилои охири ҷониби Тоҷикистон, Чин дар соли 2019 ба Тоҷикистон 210 миллион доллар сармоягузорӣ кардааст, ки ҳаҷми умумии сармояи 2 миллиарду 398 миллион долларро ташкил медиҳад ва он 50,5 фоизи сармоягузории хориҷии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Чин айни замон бузургтарин манбаи сармоягузорӣ дар кишвар мебошад.[177]

Дар баробари ин, Тоҷикистон ҷонибдори тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ бо тамоми кишварҳо буда, аз соли 1998 дар Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ЦАREC) фаъолона иштирок мекунад.

Барномаи ЦАРЭС ба ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон, ки ба коҳиши камбизоатӣ афзалият медиҳад, мувофиқат мекунад. Пас аз шомил шудан ба Барномаи ЦАРЭС Тоҷикистон ба пешравиҳои назаррас ноил гардид: сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ аз 81% дар соли 1999 ба 46,7% дар соли 2009 ва то 26,8% дар соли 2020 коҳиш ёфт. Кӯмак аз барномаи ЦАРЭС ба боз ҳам баланд бардоштани некӯаҳволии мардум тавассути васеъ кардани дастрасии тиҷорат ва хидматрасонии нақлиёт нигаронида шудааст. Ҳадафи асосӣ фароҳам овардани интиқоли озоду арзони молҳо ва ҳаракати одамон дар дохили Тоҷикистон ва берун аз он аст, ки тиҷоратро афзоиш медиҳад ва дастрасиро ба хидматрасониҳои нақлиётӣ беҳтар карда, ҳамзамон ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешавад. ЦАРЭС дорои шаш долони нақлиётие мебошад, ки бозорҳоро дар минтақа ва берун аз он мепайвандад, ки чаҳортои онҳо аз Тоҷикистон мегузарад. Ин долонҳо ба афзоиши содироти колоҳои Тоҷикистон дар соли 2012 аз 597 миллион доллари амрикоӣ дар соли 1998, вақте ки кишвар дар Барномаи ЦАРЭС ба ширкат шурӯъ кард, мусоидат карданд. Дар ҳамин давра воридоти мол ба Тоҷикистон 5 баробар афзоиш ёфта, ба 3 миллиарду 780 миллион доллар расид.

[177] Посол КНР рассказал о сотрудничестве Таджикистана и Китая в рамках инициативы «Один пояс, один путь». https://avesta.tj/. Санаи мурочиат 16.04.2023.

Барномаи ЦАРЭС инчунин тавсеаи бахши энергетикии Тоҷикистонро, ки барои рушди саноат зарур аст, дастгирӣ мекунад. Тарҳҳои энергетикии ин барнома дар Тоҷикистон ба табдили хатҳои кӯҳнашудаи интиқоли барқ, ки бахше аз онҳо дар замони шуравӣ сохта шуда буданд, равона шудааст. Мақсади рушди соҳаи энергетика ин таъмини дастрасии доимии аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ ба захираҳои энергетикии кишвар, инчунин бунёди хатҳои нави интиқоли фаромарзӣ мебошад, ки имкон медиҳад, ки қувваи барқи изофии мавсимӣ ба кишварҳои ҳамсоя ворид карда шавад. Ҳадафи аслии барномаи ЦAREC таъсиси АврӯОсиёи бузург тавассути пайвастани мардум ва бозорҳо аз Чин ба Озарбойҷон, Қафқоз ва баъдан бо Аврупо,  ва бо воситаи Қазоқистон ба бандарҳои баҳрии Покистон ва берун аз он мебошад. Бо дарназардошти гузаштани хатҳои дарози автомобилгард аз Тоҷикистон ва гузаштани  чаҳор долони нақлиётии ЦАРЭС  (аз шаш долони ба нақша гирифташуда) бо воситаи Тоҷикистон, метавон қайд намуд, ки кишвар дар меҳвари асоии татбиқи ин лоиҳа қарор дорад ва бояд дар ҳалли ин мушкилот нақши калидӣ бозад (нигаред ба расми 5.5.).




**Расми 5.5. - Долони** ЦАРЭС

**Сарчашма:** Транзитные коридоры Таджикистана и их потенциал для развития региональной торговли. Ш.Асадов. Университет Центральной Азии. Доклад № 6, 2012.

Барномаи ЦАРЭС шаш долони нақлиётии минтақавиро таҳия мекунад, ки чортоаш аз Тоҷикистон мегузарад (корридорҳои 2, 3, 5 ва 6). Яке аз ташаббусҳои

барномаи ЦАРЭС, ки ба беҳбуди вазъи роҳҳо дар кишвар мусоидат мекунад, Лоиҳаи беҳбуди Долонҳои 3 ва 5-и ЦАРЭС мебошад. Он ба беҳтар шудани алоқаи шабакаҳои роҳ дар минтақа ва густариши ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ мусоидат мекунад. Лоиҳа инчунин ба рушди фарогири иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Танҳо беҳбуди инфрасохтори нақлиётӣ, бидуни дастовардҳои мувофиқ дар соддагардонии тиҷорат имкон намедиҳад, ки Тоҷикистон ва дигар кишварҳои узви ЦАРЭС иқтидори пурраи худро дар густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ амалӣ созанд. Таваҷҷӯҳи Барномаи мусоидат ба савдои ЦАРЭС ба ҳамгироии иқтисодии минтақа нигаронида шудааст, то молҳо тавонанд дар байни кишварҳо зудтар ва самараноктар ва бо арзиши камтар ҳаракат кунанд ва рақобатпазирии онҳо афзоиш ёбад.

Ҳамкориҳои энергетикӣ байни кишварҳои узви ЦАРЭС умуман ба масъалаҳои муттаҳидсозии бозорҳои энергетикӣ ва бо воситаи таъсиси бозори минтақавии энергетикӣ тақсимоти баробари захираҳои энергетикӣ дар байни кишварҳои ЦАРЭС, инчунин тавсеаи фаъолияти ҳамгироии кишварҳои минтақа дар рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ мебошад. Стратегияи минтақавии ҳамкориҳои ЦАРЭС дар бахши энергетика, ки моҳи ноябри соли 2008 тасдиқ шудааст, ҳадафи ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ дар минтақа тавассути рушди инфрасохтор ва институтҳои зарурӣ, муттаҳидсозии минбаъдаи бозорҳои энергетикӣ бо мақсади дастрас намудани нерӯи барқ тавассути савдои нерӯи барқ байни кишварҳои ЦАРЭС мебошад.

Бонки Осиёии Рушд (БОР) беҳбуди долони роҳи минтақавии 354-километрии (км) аз Душанбе то сарҳади Қирғизистонро дар се марҳила, барои қарз ва гранти умумӣ дар ҳаҷми 88,1 миллион доллари ИМА дар чаҳорчӯби Барномаи ЦАРЭС маблағгузорӣ мекунад. Бо рушди бештари долонҳои ЦАРЭС, Тоҷикистон метавонад ба як маркази нақлиётии минтақавӣ табдил ёбад, ки бозорҳои азими ҶМЧ-ро бо Афғонистон ва Покистон мепайвандад. Он инчунин метавонад як дарвозаи Шарқи Наздик гардад.

Афзоиши содирот аз таъмини инфрасохтори беҳтари нақлиёт ва беҳтар намудани мусоидат ба тиҷорат вобаста хоҳад буд. Ҳардуи ин ҳадафҳо ҳадафҳои асосии Барномаи ЦАРЭС мебошанд. Лоиҳаҳои нақлиётии оянда дар доираи ин барнома ҳамкорӣ дар дохили минтақаро густариш хоҳанд дод.

Яке аз афзалиятҳои рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди Осиё ва Аврупо барномаи TRASEKA мебошад. Бояд қайд кард, ки муҳимтарин самти ҳамкории иқтисодӣ ва ҳамгироии кишварҳо дар доираи СҲШ истифодаи муштараки оқилонаи об, энергия ва дигар захираҳои табиии минтақа мебошад.

Ҷустуҷӯи минтақаҳои тиҷорати байниҳамдигарии судманд, ҷалби сармояи хориҷӣ ба таъсиси системаи ягонаи нақлиётии TRASEKA (барқарорсозии "Роҳи бузурги абрешим"), таъмини ташаккули долонҳои нақлиётии нав бо кишварҳои Ховари Миёна ва бозори ҷаҳон, инчунин, як самти афзалиятноки ҳамкории мутақобилан судманд ва иқтисодии кишварҳои СҲШ ба ҳисоб меравад.[178]

Дар хатсайрҳои долонҳои нақлиётии байналмилалӣ барои таъмини ҳаракати нақлиёт маҷмааҳои мавҷудаи роҳ таҷдид ва комплексҳои нави роҳ бунёд карда мешаванд.

Татбиқи ДНБ аз сохтмон ва таҷдиди иншооти инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ бо тавсеаи самтҳои парвоз, рушди шабакаи фурудгоҳҳои байналмилалии дорои сатҳи баланди хидматрасонӣ, сертификатсияи системаҳои бехатарии парвозҳо мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ иборат аст. Илова ба ташкили ҳамаҷонибаи хатсайрҳои байналмилалӣ, бартарии муҳими транзити Тоҷикистон мавҷудияти фазои ягонаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Умед аст, ки дар оянда он бо тамоми қаламрави Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё муттаҳид мешавад. Дар маҷмӯъ, шабакаҳои иртиботӣ дар фазои АвруОсиё ва масофаҳои кӯтоҳтарини ҷуғрофии байни кишварҳои Осиё ва Аврупо рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Аврупо ва Осиёро афзоиш медиҳад.

[178] Быков А.И. Экономическое сотрудничество в рамках ШОС: основные направления и перспективы развития. Автореф….к.э.н. по специальности 08.00.14. Москва, 2010. С.13.

Афзалиятҳои ҷуғрофии ҷойгиршавии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дарояндаи наздик зарурати такмили низоми идоракунӣ- сохтории соҳаи нақлиётро бо дарназардошти рақамикунонии инфрасохтори нақлиётӣ бояд пурра карда шаванд. Якҷоя бо шабакаҳои нақлиётӣ бояд коммуникатсияҳои муосири иттилоотӣ, ки қодир ба фароҳам овардани таъминоти транзити шабакаҳои «рақамӣ» мебошанд, таҳия карда шаванд. Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди ташкили ҳамлу нақли бор ин истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ дар сабти ҳамлу нақли бор ва назорати интиқол мебошад.

Бояд қайд кард, ки рақамикунонии низоми логистикии кишвар маънои истифодаи технологияҳои электронии рақамӣ дар тамоми марҳилаҳои интиқоли мол аз ирсолкунанда то ба гиранда мебошад. Масалан, дар низоми нақлиёти автомобилии долонҳои нақлиётии АвруОсиё, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои зерини рақамикунонии соҳаи нақлиёт афзалиятнок дониста шудааст:

• ҳамоҳангсозии талабот ба роҳҳое, ки барои дохил намудан ба рӯйхати долонҳои нақлиётии АвруОсиё ва нозири он ба нақша гирифта шудаанд;

• ҳамоҳангсозии номгӯи роҳҳои автомобилгард ва масирҳои нақлиётӣ барои дохил намудан ба рӯйхати долонҳои нақлиётии АвруОсиё ва нозирони миллӣ;

• такмил додани механизми назорати вуруди (хуруҷи) воситаҳои нақлиёт ба қаламрави (аз қаламравҳои) давлатҳои аъзои ИА ва нозири он (аз ҷумла ДБН АвруОсиё) аз рӯйи вазн ва андозаҳои иҷозатдодашуда;

• ҷорӣ намудани механизми мувофиқашудаи назорати ҳаракати воситаҳои нақлиёти калонҳаҷм ва/ё вазнин дар роҳҳои кишварҳои ИДМ ва АвруОсиё;

• имзо кардани шартномаи байналмилалӣ дар доираи Конвенсияи қабулшуда ва нозири он оид ба вазн, бори тир ва иҷозати воситаҳои нақлиёт ҳангоми ҳаракат дар роҳҳои ба номгуи долонҳои нақлиётии АвруОсиё дохилшуда;

• таъмини ҳамоҳангсозии расмиёти бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳои махсус барои убури воситаҳои нақлиёти вазнин ва/ё калонҳаҷм ҳангоми анҷом

додани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ дар роҳҳои ба рӯйхати ДНБ-и АвруОсиё дохилшуда;

• таъмини ҳамоҳангсозии расмиёти бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳои махсус барои ҳамлу нақли борҳои хатарнок ҳангоми амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ дар роҳҳои автомобилгарди ба рӯйхати долонҳои нақлиётии АвруОсиё дохилшуда.

Ин ва дигар чорабиниҳои ба он монанд аллакай дар лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо («харитаи роҳ») оид ба татбиқи Самтҳои асосӣ ва марҳилаҳои татбиқи сиёсати ҳамоҳангшудаи (созишшуда) нақлиёт барои солҳои 2020-2030, ки аза тарафи кишварҳои АвруОсиё имзо гардидааст, ворид карда шудаанд.

Самти дигари муҳими АвруОсиёӣ ҳамкориҳои кишварҳои ИИАО бо Ҷумҳурии Мардумии Чин, пеш аз ҳама дар тарҳрезии нақшаҳои пайвастани масирҳои нақлиётии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим мебошад. Ин ҳамкориҳо барои рушди робитаҳои тиҷоратӣ, ташаккули гардиши молӣ, бунёди хатсайрҳои нави нақлиётӣ дар АвруОсиё имкониятҳои бузург фароҳам меорад.[179] Инчунин бояд дар назар дошт, ки аз татбиқи лоиҳаҳои муштараки нақлиётӣ бо Чин бо ҷалби бисёр соҳаҳо таъсири назарраси синергетикӣ интизор аст. Маҳз ҳамин аст, ки муносибатҳои ҳамгироии сатҳи мезоиқтисодро дар дохили ҷомеаи АвруОсиё М.В.Ганеева дар мақолаи худ қайд мекунад, ки, «иҷроиши гуруҳи муайяни мақсадҳо, ки манфиати умумиро ифода мекунанд, ба сатҳи блоки интегралӣ гузаронида мешаванд ва бисёр амалиётҳо иштироки якҷояи давлатҳоро талаб мекунад».[180]

Интизор меравад, ки маблағгузорӣ барои рушди як қисми лоиҳаҳои инфрасохторӣ аз ҳисоби Бонки сармоягузории инфрасохтории Осиё ва Хазинаи

---

[179] Икрамов М. А. Развитие автомобильных перевозок по Великому шелковому пути // Саморазвитие, самоуправление и трансформационные изменения в инвестиционно-строительной сфере: материалы XV Международной научной конференции под ред. заслуженного деятеля науки РФ, заслуженного строителя РФ, д-ра экон. наук, профессора А. Н. Асаула. Т. 1. СПб. : АНО ИПЭВ, 2013. С. 99-106.
[180] Ганеева М. В. Проблема эффективности региональных интеграционных проектов в современной экономике // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия Экономика. № 2. 2016. С. 50-61.

Роҳи Абрешим сурат гирад. Ҳамчун қадами аввал, ҶМЧ дар якҷоягӣ бо кишварҳои масири Роҳи Абрешим ташаккул додани феҳристи лоиҳаҳои таҷрибавӣ, ки манфиатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар назар доранд, татбиқи муштараки онҳоро пешниҳод намуд. Чунин рӯйхат аз ҷониби гуруҳи кории махсус таъсис дода шуда, аз ҷониби вазирони нақлиёти кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё тасдиқ шудааст. Амиқии таҳияи лоиҳаҳо гуногун аст: баъзеи онҳо аллакай амалӣ шуда истодаанд, баъзеяшон ба ин марҳила наздиканд ва қисмати дигарашон то ҳол танҳо «дар нақша» вуҷуд доранд.

Татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок имкон медиҳад, ки коммуникатсияҳои кӯҳна таҷдид ва коммуникатсияҳои нави нақлиётӣ сохта шуда, низоми марказҳои логистикӣ таъсис дода шуда, аз афзалиятҳои ҷойгиршавии ҷуғрофии Иттиҳоди Аврупо самаранок истифода бурда шавад. Дар ниҳояти кор, ин ба рушди минбаъдаи низомҳои нақлиётии кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва кишварҳои шарикони стратегии он ва ташаккули бозори умумии хизматрасонии нақлиётӣ ва фазои ягонаи нақлиётӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳадафҳои асосии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар давраи миёнамӯҳлат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ-Ҷанубӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст:

- таҳлили рафти иҷрои барномаҳои миллии мақсадноки рушди нақлиёт ва таҳияи муқаррарот оид ба мувофиқаи саъю кӯшишҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ;

- ташаккули воситаҳои нақлиёти автомобилии рақобатпазир;

- такмили низоми танзими нақлиёт ва созишнома дар бораи ҳамкориҳои нақлиётӣ дар доираи давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ;

-мубодилаи таҷриба бо зиёд кардани бехатарии нақлиёт, кам кардани садамаҳои нақлиётӣ ва баланд бардоштани бехатарии экологии тамоми соҳаи нақлиёт.

Ба ақидаи мо, инфрасохторҳои нақлиётии минтақавӣ асоси ҳамгироии минтақаҳои кишвар ба равандҳои ҳамгироии минтақавиро ташкил менамоянд.

Таҷрибаи ИА нишон медиҳад, ки маҳз инфрасохтори пешрафтаи нақлиётии кишварҳои Аврупо омили асосии зудҳаракатии ҳамгирой гардид. Дар муқоиса бо модели ИА рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар СҲШ мавқеи аввалияро ташкил менамояд. СҲШ ҳамгироии минтақавиро бо давлатҳои ҷаҳон дар асоси ташкили инфрасохтори нақлиётӣ ба роҳ монда истодааст. Сохтмони долони нақлиётии «Як камрабанд -  Як роҳ» воситаи асосии ҳамгироии ҶМЧ бо кишварҳои ҷаҳон мебошад. Мувофиқи ин лоиҳаи бузурги байналмилалӣ ҶМЧ бо 60 кишвари ҷаҳон ҳамгиро шуда, қитъаи Осиё ва Аврупоро бо Африқо мепайвандад. Ин модели ташаккули гуруҳи ҳамгирой методи муосири ҳамгирой буда (ҳамгироии ғайрихаттӣ), аз он шаҳодат медиҳад, ки дар модели классикии ҳамгироии иқтисодӣ асосҳои моддии ҳамгирой бояд ворид карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи “Як камарбанд-Як роҳ” вазъи кишвари транзитӣ будани худро дар қитъаи Осиё мустаҳкам намуда, ҳамзамон дастрасӣ ба бандарҳои баҳриро пайдо менамояд ( нигаред ба расми 5.6).




**Расми 5.6. - Лоиҳаи “Як камарбанд-як роҳ”**

**Сарчашма:** Захираи электронӣ: https://podrobno.uz/cat/uzbekistan-i-kitay-klyuchi-ot-budushchego/vpered-v-budushchee-initsiativa-odin-poya/, (санаи муроҷиат 11.04.2022).

Инчунин ворид шудани Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) дар моҳи марти соли 2013 зарурати фаврии суръат бахшидан ба ислоҳот дар бахшҳои мухталифро ба вуҷуд овард. Ин бахусус ба нақлиёт, як бахши муҳими Тоҷикистон дахл дорад, зеро пайвастшавӣ ва дастрасӣ ба бозорҳои дигар

барои рушди иқтисод муҳим аст. Нархи ҳамлу нақл дар ин кишвар яке аз баландтарин нархҳо дар ҷаҳон аст, ки ислоҳот дар ин бахшро тақозо мекунад.

Лоиҳаи ЦАРЕС, ки бо воситаи якҷояшавӣ бо лоиҳаи Як-камарбанд-як роҳ амалӣ гашта истодааст,  барои мустаҳкам намудани 88 километри роҳи Сайрон-Қарамик ва таъмири 87 километри роҳи Восеъ-Ховалинг аз ёрии техникӣ истифода мебарад. Татбиқи лоиҳа бехатарии роҳро тавассути насби чароғҳои кӯчаҳо, ки бо нерӯи барқ аз дастгоҳҳои энергияи офтобӣ таъмин карда мешавад, беҳтар хоҳад кард. Равшании кучаҳо ба мардуми маҳаллӣ, ки дар канори роҳ зиндагӣ мекунанд, низ кумак хоҳад кард.

Иқдоми дигаре, ки иртиботро дар Тоҷикистон беҳтар кардааст, лоиҳаи таҷдиди роҳи Душанбе-марзи Қирғизистон аст. Дар марҳилаи аввали ин лоиҳа, ки соли 2009 анҷом ёфт, қитъаи 140 километраи роҳи байни Душанбе ва Нуробод дар водии Рашт тавассути таъмир ва корҳои хурди сохтмонӣ,  таҷдиди 77 км роҳҳои деҳот дар минтақаи лоиҳа ва ташкили хадамоти машваратӣ оид ба назорати сохтмон, мониторинг ва арзёбӣ, татбиқи чораҳои бехатарии роҳ, аудит ва идоракунии лоиҳа мебошад.

Марҳилаи дувуми ин тарҳ, ки соли 2009 низ анҷом ёфт, вазъи қитъаҳои марказӣ ва наздимарзии роҳи Душанбе ва ҳамчунин бархе аз роҳҳои маҳаллиро беҳтар кард.

Марҳилаи I боиси коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз ҳисоби коҳиши хароҷоти нақлиёт ва беҳбуди дастрасӣ ба бозорҳое гардид, ки таърихан дастнорас буданд. Марҳилаи II ба афзоиши тиҷорат дар минтақа ва инчунин рушди иқтисодӣ дар водии Рашт ва Душанбе мусоидат кард. Вай дар ташкили шабакаи устувори роҳҳои минтақавӣ ва миллӣ саҳм гузоштааст.

Лоиҳаи дигари муҳими нақлиёт ин навсозии парки анҷомёфта ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» мебошад.

Дар чаҳорчӯби ин тарҳ ду ҳавопаймо барои ширкати “Тоҷик Эйр” ба иҷора гирифта шуда, хароҷоти омодасозии онҳо барои истифода маблағгузорӣ

шудааст. Лоиҳа иқтидори соҳаи авиатсионии Тоҷикистонро тақвият бахшида, ба барқарор шудани робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо ва афзоиши ҳаракати интиқоли одамон ва борҳо мусоидат кард.

Дар доираи лоиҳаи дуюми анҷомёфтаи авиатсионӣ таҷҳизоти кӯҳнашудаи аэронавигатсияи ҳавоии кишвар иваз карда шуда, барои таҷдиди сохтори корпоративии ширкати ҳавопаймоӣ ва ислоҳоти соҳаи авиатсия кумаки молиявӣ расонида шуд.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир БАТР (ЕБРР) асосан ба лоиҳаҳои инфрасохтории нақлиётию коммуникатсионӣ маблағгузорӣ намуда, бо ин роҳ ҳамгироии минтақавӣ ва ҳамгироии минтақаи Осиёи Марказиро бо иқтисоди ҷаҳонӣ дастгирӣ менамояд. Айни замон Бонки мазкур  сохтмони 44 км. қитъаи М41 роҳи автомобилгардро маблағгузорӣ намуда истодааст, ки он Тоҷикистонро бо Қирғизистон ва Қазоқистону Чин мепайвандад. Маблағгузории мазкур, ки 150 млн. долл. ташкил менамояд, инфрасохтори нақлиётии водии Раштро беҳтар намуда, раванди ҳамгироии ин минтақаро ба кишварҳои ҳамсоя тақвият мебахшад.

Ҳамин тариқ, иқтидори транзитии кишвар ҳамчун омили асосии ташаккули мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо воситаи долонҳои нақлиётии минтақавӣ ва байналхалқӣ ба роҳҳои баҳрӣ роҳ пайдо намуда, имконияти инкишофи муносибатҳои иқтисодии хориҷиро васеъ менамояд.   Махсусан, он ноҳия ва минтақаҳои маъмурие, ки бо воситаи онҳо долонҳои нақлиётӣ мегузаранд (Душанбе, Ваҳдат, Файзобод, Нуробод, Турсунзода, Айнӣ,Бохтар, Данғара, Кулоб, Қурғонтеппа, Ҷиргатол, Лахш, Дустӣ, Панҷи поён, Кулма, Қароқурум, Шкеф, Ишкошим, Хуҷанд, Конибодом ва ғайра) ба муносибатҳои ҳамгироӣ шомил гашта, рушди тиҷорат ва истеҳсолотро метавонанд васеъ намоянд.

Омили дигаре, ки метавонад сатҳи ҳамгироии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои ҳамсоя такмил дода, “минтақаи дорои имконияти

ҳамгирой”-ро ташкил намояд, ин захираҳои обию энергетикии кишвар мебошад. Айни замон дар минтақа ташаккули “минтақаи дорои имконияти ҳамгирой” бо ташаббуси кишварҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон ва Бонки умумиҷаҳонӣ бо воситаи татбиқи лоиҳаи CASA-1000 ба роҳ монда шудааст (нигаред ба расми 5.7.).




**Расми 5.7. - Тарҳи Лоиҳаи CASA-1000**
**Сарчашма:** Бонки умумиҷаҳонӣ.

Лоиҳаи мазкур имконияти содироти қувваи барқи обиро аз Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Покистон ва минбаъд ба Ҳиндустон ва дигар кишварҳои Осиёи ҷанубӣ дар мавсими барзиёдии маҷрои об дар Тоҷикистону Қирғизистон (тобистон ва баҳор) дар назар дошта шудааст. Лоиҳаи мазкур дар ҷараёни сохтмон қарор дошта, мушкилоти асосӣ дар Афғонистон аст, ки иваз шудани низоми сиёсӣ-давлатдорӣ сабаби асосии боздоштани лоиҳаи мазкур мебошад. Дар масири ин лоиҳа тарҳи бузурги хати Интернетии баландсуръати CASA-1000 низ дар назар аст, ки метавонад омили дигари ташаккули “минтақаи дорои имконияти ҳамгирой” гашта, минбаъд фазои муносиби тиҷорати электронию ташаккули шабакаҳои маҷозии истеҳсолиро ба вуҷуд биёрад. Аз ин тарҳи CASA-1000, ки ҳам шабакаи интиқоли барқӣ ва ҳам шабакаи Интернетӣ аст, метавонад бартарияти ҳамгироиро барои кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ таъмин намояд. Сохтмони НБО дар дарёи Панҷ ва Зарафшон воситаи ҳамгироии кишвар бо Ҷумҳурии Узбекистон ва Афғонистон аст, ки аллакай ин лоиҳаҳо дар баррасӣ мебошанд.

Захираҳои туристию рекреатсионии Тоҷикистон низ метавонад омили муҳими ташаккули “минтақаи дорои имконияти ҳамгирой” бо Ҷумҳурии Қирғизистон гашта, ноҳия ва минтақаҳои ВМКБ ва дигар ноҳияю шаҳрҳои кишварро, ки дар онҳо маконҳои таърихию захираҳои табии нодир мавҷуд аст, ба муносибатҳои ҳамгирой ҷалб намояд.

Барои истифодаи захираҳои мавҷудаи иқтисодию табий, ки мақоми фаросарҳадӣ доранд, бояд лоиҳаҳои бузурги минтақавию байналхалқиро тарҳрезӣ намуда, бо асоснокуннии техникӣ ва нишон додани самараи синергетикии онҳо ба кишварҳои шарик ва созмонҳои молиявию иқтисодӣ пешниҳодҳо манзур намуд.

Ҳамин тариқ, дар шароити ҷаҳонишавӣ алоқамандии омилҳои зиёд ба он оварда мерасонад, ки иқтисодиёт характери номуайянӣ касб намуда, идоракунии он мушкил мегардад. Ба ғайр аз ин, мувозинати маъмулии байни мустақилияти давлатҳои алоҳида ва муносибати онҳо бо институтҳои байналхалқӣ тағир ёфта, дар иқтисодиёти ҷаҳон акторҳои нави ҷаҳонӣ пайдо мегарданд, ки ба мувозинати қувваҳо таъсир мерасонанд ва онро дар сатҳу шакли нав ба вуҷуд меоранд.

Рақобатпазирӣ, ки нишондиҳандаи асосии амалкарди ҳар як кишвар дар арсаи байналамилалӣ аст, моҳияти асосии фаъолияти босамари иқтисодии ҳар як кишварро ифода менамояд. Дар ин маврид, муайян намудани омилҳои рақобатпазирии кишварҳо актуалӣ гардида, таҳқиқи ҳамаҷонибаи он имкон медиҳанд, ки кишварҳо аз ҷаҳонишавӣ самараи мусбӣ ба даст оранд. Зеро тибқи таҳлилҳои олимон сиёсати расандаи иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ вобастагии ин кишварҳоро аз кишварҳои тараққикарда зиёдтар намуда, нобаробарӣ дар оянда боз бештар меафзояд. Аз ин рӯ, таҳаввулоти назарияи рақобатпазирӣ гувоҳи он аст, ки омилҳои рақобатпазирӣ маҳдуд набуда, давра ба давра он инкишоф меёбад. Яке аз чунин омили рақобатпазирӣ ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мебошад, ки дар таъсиси ин гуна гуруҳҳои ҳамгирой нақши марказиро мебозад. Яъне мақсади асосии бисёре аз гуруҳҳои ҳамгирой

истифодаи потенсиали ҳамгироӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад.

### 5.3. Тақвияти муносибатҳои тиҷоратӣ дар доираи “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ”: механизми самараи ҷуброни арза ва тақозои мутавозин ба молҳои савдошаванда

Яке аз масъалҳои муҳиме, ки дар низоми тиҷорати байналхалқии ҶТ ба назар мерасад, ин рушди содирот ва мутаносибии истеҳсолотии ивазкунадаи воридот мебошад, ки мақсади асосии он таъмини мувозинати тиҷорати берунӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин чорабиниҳо дарякҷояги рушд намуда, ташаккули бартариятҳои рақобатро ташкил медиҳад. Аз назарияи тиҷорати байналхалқӣ (Я. Тинберген) ва таҷрибаи иқтисоди ҷаҳон бармеояд, ки нақши хизматрасониҳои вобаста ба ҳамлу нақли мол дар рушди тиҷорат нақши муҳим доранд ва ҳангоми беҳтар гаштани шароити охирин тиҷорат то 20% меафзояд. Долонҳои нақлиётӣ ҳамгироии тиҷоратиро байни кишварҳо вусъат бахшида, давра ба давра ба рушди ҳамкориҳои истеҳсолию сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Тибқи фарзияи диссератсия мо давлатҳо ва минтақаҳои дар атрофи як долони нақлиётӣ ҷойдошта ба ҳам муносибатҳои тиҷоратиро ба роҳ монда, ҳамгироии иқтисодиро ба вуҷуд меоранд ва дар арсаи иқтисоди ҷаҳон «минтақаи дорои имконияти ҳамгироидошта”-ро ташкил менамоянд. Тибқи ақидаи мо самараи долонҳои нақлиётӣ дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки тиҷорат байни кишварҳо ё минтақаҳои масири (қад-қади) ин долон афзоиш меёбад. Яъне долонҳои нақлиётӣ имконияти дастрасӣ ба молҳои содиршавандаро таъмин намуда, реҷаи муносиби татбиқӣ ҳамлу нақли борро осон намуда, воситаи муҳими ташаккули тиҷорат мегарданд. Мавҷудияти инфрасохтори нақлиётии мушаххас (роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ) ба сохтори молии тиҷорат таъсир расонида, мубодилаи ҳамон намуди молҳоро метезонад, ки кашонидани он аз нақлиёти муайян вобаста аст. Аксаран вақт воситаи асосии ҳамлу нақли молҳо роҳҳои обию автомобилӣ ва роҳи оҳан аст.

Дар таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ роҳҳои нақлиётӣ воситаи муҳими ташаккули тиҷорати минтақавӣ буда, ба шаҳрҳои тиҷоратӣ табдил ёфтани шаҳрҳои алоҳидаи кишварҳо мегардад (нигаред ба ҷадвали 5.5.).

**Ҷадвали 5.5. - Нақши бандарҳои баҳрӣ дар таърихи ҷаҳонӣ**

| Нақши иқтисоди бандар дар таърихи ҷаҳонӣ | Давраи таърихӣ | Марказҳои савдои баҳрӣ |
|---|---|---|
| I. Марҳила -Таъмини иртибот байни шаҳри марказӣ ва музофотҳо дар доираи иқтисоди ҷаҳонӣ | XXX-XIII то мелод | Вавилон (Месопотамия) |
| | XIII-III то мелод | Тир (Финикия) |
| | III-I то мелод | Афина (Юнони Қадим) |
| | I то мелод – IV давраи мо | Рим (Империяи Рум) |
| | IV-X | Константинопол (Византия) |
| II. Марҳила- Бунёди шаҳрҳои тиҷоратӣ | XI-XII | Венетсия. Генуя (Византия) |
| | XIII-XIV | Врюггс (Белгия) |
| | XVI | Гамбург, Любек (Иттиҳоди Ганзейи) |
| | XIV-XV | Антверпен (Испанская империя) |
| | XVI – нимаи якуми XVIII | Амстердам (Нидерландия) |
| III. Марҳила- Роҳи фуруши маҳсулоти саноатӣ (бозорҳои беруна) | 1750-1865 с | Лондон (Британияи Кабир) |
| | 1865-1950 с | Бостон, Оклэнд, Лонг Бич (ИМА) |
| | 1950-1970 | Йокогама, Осака (Ҷопон) |
| | 1970-1980 с | Пусан, Чинхэ, Инчхон (Ҷумҳурии Куриё) |
| | 1980 с – давраи ҳозира | Шанхай, Шенҷен, Гонгонг, Нино, Гуанҷоу, Синдао, Тинзин (ҶМЧ) |

**Сарчашма:** Ганочка А.А. Международные морские порт-хабы как фактор развития региона Балтийского моря. Автореферати диссертация барои дарёфти дараҷаи н.и.и., аз руи ихтисоси 08.00.13-Иқтисоди ҷахон.- Санкт-Петербург.-2017.

Агар ба таҳлили сохтори молии ГСХ ҶТ бо кишварҳо нигарем мебинем, ки дар таркиби молҳои содиротӣ ва воридотӣ асосан молҳое мавҷуданд, ки онҳо дар контейнерҳо бо роҳи оҳан ва нақлиётӣ автомобилӣ интиқол дода мешаванд. Албатта, дар муқоиса бо роҳи обӣ боркашонӣ бо воситаи роҳи оҳан ва автомобилӣ ба нархи молҳои содиротию воридотии ҶТ бетаъсир намонда, нархи онҳоро боло мебарад. Ба ғайр аз ин, масофаи байни кишварҳои шарики тиҷоратии мо хеле дур аст, ки нархи ҳамлу нақли борҳоро гарон менамояд (нигаред ба ҷадвали 5.6.).

**Ҷадвали 5.6. - Масофаи кишварҳое, ки бо ҶТ тиҷорат менамоянд**

| Кишвар | Масофа бо ҶТ, км | Воситаи боркашонӣ, обӣ, рохи оҳан, ҳавоӣ, автомобилӣ |
|---|---|---|
| **Россия** | 4000 | роҳи оҳан/автомобилӣ |
| **Қазоқистон** | 2000-2500 | роҳи оҳан/автомобилӣ |
| **Чин** | 500-1000 | автомобилӣ |
| **Литва** | 4500-5000 | роҳи оҳан/автомобилӣ |
| **ИМА** | 10000 | обӣ, роҳи оҳан/автомобилӣ |
| **Туркия** | 4500-5000 | роҳи оҳан/автомобилӣ |
| **Қирғизистон** | 500-1000 | роҳи оҳан/автомобилӣ |
| **Эрон** | 2000-2500 | автомобилӣ |
| **Туркманистон** | 1500-2000 | роҳи оҳан/автомобилӣ |
| **Нидерландия** | 5000-6000 | роҳи оҳан/автомобилӣ |
| **Масофа то бандарҳои обӣ аз Тоҷикистон** | | |
| **Бандари Абос (Эрон, Қарочӣ Покистон), Шанхай (Чин), Гамбург (Германия), Санкт-Петербург (Русия), Владивосток (Русия), Гурҷистон** | 1500-3770 | роҳи обӣ |

**Сарчашма: Таҳқияи мауаллиф.**

Аз таҳлили сохтори содироти умумии ҶТ бармеояд, ки хаҷми хизматрасониҳо дар кишвар ночиз мебошад. Новобаста аз рушди хизматрасониҳои молиявию туристӣ ва боркашонӣ хаҷми хизматрасониҳо аз 0,7%-соли 2000 ба 3,7% дар соли 2013 баробар гаштааст. Дар солҳои охир бошад, он тамоили пастравӣ дошта, дар соли 2020 ба 1,0% - и ҳаҷми умумии содироти молу хизматрасониҳо баробар гаштааст, ки аз татбиқ нагаштани имконоти содиротии кишвар дар бахши хизматрасониҳои туристӣ, молиявӣ ва транзитию мушовирӣ дарак медиҳад. Махсусан хизматрасониҳои боркашонии байналхалқӣ, ки дар диссертатсияи мо дар татбиқи имконоти содиротӣ нақши муҳим дорад, бо рушди содирот ва воридоти кишвар ҳамрадиф намебошад (нигаред ба ҷадвали 5.7.).

Чунин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки ҷуброни тақозо ва арза ба молҳои содиршаванда дар фаъолияти тиҷоратии кишвар ба вуҷуд наомада, бар замми паст рафтани нархи молҳои содиротӣ инчунин хароҷоти хизматрасонии нақлиётӣ, ки бештар ворид карда мешаванд, даромад аз содиротро коҳиш дода,

содирот воридотро пушонида наметавонад ва он ба бад шудани шарти тиҷоратӣ оварда мерасонад. Яъне, барои расидан ба нархи максималии молҳои содиротӣ хизматрасониҳои нақлиётӣ дар баробари хизматрасониҳои молиявию тиҷоратӣ нақши муҳим доранд.

**Ҷадвали 5.7. - Ҳиссаи содироти мол ва хизматрасониҳо дар ҳаҷмии умумии содироти Тоҷикистон**

| Солҳо | | 2000 | 2005 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии содироти мол ва хизматрасониҳо | млн. дол | 789.8 | 919,4 | 1233,1 | 2303,2 | 1408,4 | 979,7 | 1008,2 | 915,8 | 921,8 | 1223,2 | 1097,5 | 1198,6 | 1420,6 |
| | % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Содирот и мол | млн. дол | 784.3 | 908,7 | 1194,7 | 2257,3 | 1359,7 | 943,4 | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | 1406,8 |
| | % | 99,3 | 98,8 | 96,9 | 98,0 | 96,5 | 96,3 | 96,9 | 97,2 | 97,5 | 97,9 | 97,8 | 97,9 | 99,0 |
| Содирот и хизматрасониҳо | млн. дол | 55,3 | 107,2 | 384,6 | 459,2 | 487,6 | 363,3 | 309,5 | 252,3 | 231,8 | 252,0 | 242,2 | 242,3 | 138,5 |
| | % | 0,7 | 1,2 | 3,1 | 2,0 | 3,5 | 3,7 | 3,1 | 2,8 | 2,5 | 2,1 | 2,2 | 2,1 | 1,0 |

**Сарчашма:** Маҷмӯи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2011. С. 560-565.; Тоҷикистон:30-соли истиқлолияти давлатӣ. Душанбе. 2021. С. 507- 610. Внешнеэкономический деятельность Республики Таджикистан. Дар солҳои мувофиқ. – Душанбе, АОПҶТ, 1992- 2021.

Чӣ хеле, ки аз замимаи 8. дида мешавад, ҳангоми тиҷорати гуруҳи маҳсулоти маъданӣ, металҳои арзон, нассоҷӣ ва маҳсулоти нассоҷӣ, саноати кимиё ва маснуоти саноати хӯрокворӣ, машрубот ва нушокиҳои беспиртӣ, тамоку ва ивазкунандаи он ҶТ бо Федератсияи Русия таносуби содирот нисбат ба воридот камтар аст. Агар ба ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ, газ ва битум, ки моли асосии воридотӣ аз Русия ба Тоҷикистон аст чун ҳамлу нақли яктарафаи додашудаи гуруҳи маҳсулоти маъданӣ нигоҳ кунем ҳам, инчунин мебинем, ки дар дигар гуруҳи молҳо низ бартарӣ ба ҷониби ҶТ нест.

Аз таҳлили замимаи мазкур бармеояд, ки тиҷорат бо кишварҳои Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистону Чин то андозае аз нигоҳи ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содиршаванда ба талабот ҷавобгӯ аст. Зеро Тоҷикистон бо ин кишварҳо дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ речаи муносиби тиҷоратиро муҳаё намуда, талаботи дохилии худро бо воситаи содироти мол ҷуброн намуда истодааст. Гарчанде, ки тавозуни савдои берунии Тоҷикистон бо ин кишварҳо манфӣ бошад ҳам, вале аз нигоҳи принсипи ҷуброни арза ва тақозо

ба молҳои содиршаванда, ки дар доираи ташаккули минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ ба вуҷуд меояд, то андозае қаноатмандкунанда мебошад. Зеро тиҷорати дуҷониба, ки ифодаи талаботи буррандаи кишварҳои тиҷораткунанда мебошад ва дар доираи ҳамгироиҳои иқтисодӣ он дар тиҷорати байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавию байниминтақавӣ бештар зуҳур меёбад, гарчанде пурра набошад ҳам, вале байни Тоҷикистон ва ин кишварҳо ба роҳ монда шудааст.

Баръакси ин ҳолат, ҷуброни арза ва тақозо дар низоми савдои берунии Тоҷикистон бо кишварҳои Латвия, Нидерландия, Эрон ва  Туркия дар гуруҳи молҳои саноати химия, хӯрокворӣ, машруботи беспиртӣ ва маҳсулоти маъданӣ ҷой надорад. Тоҷикистон аз ин кишварҳо бештар воридоти ин маҳсулотҳоро ба роҳ монда, бар ивазаш моли худро кам содирот менамояд. Гарчанде дар умум метавон қайд намуд, ки Тоҷикистон чун дигар кишварҳо молҳоро содир намуда, бар ивазаш аз кишварҳои гуногун молҳоеро, ки талабот дорад  ворид менамояд, аммо аз нигоҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ тиҷорати дуҷонибаи мутавозин нишондиҳандаи самаранокии фаъолияти ҳамгироӣ мебошад.

Ба ақидаи мо, чунин вазъи ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои содишаванда бо кишварҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки нақши ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ дар рушди тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар самаранок буда, дар баробари реҷаи муносиби тиҷоратӣ инчунин мавҷудияти инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионии ҳамгирошуда самаранокии тиҷоратро афзунтар менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин ҳамлу нақли номутавозин бо давлатҳои ҳамсояи наздик; Ҷумҳурии Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Чин низ ба чашм мерасад, вале на ба он таносубе, ки бо кишварҳои Литва, Нидерланд, Туркия, Швейцария ва Эрон мавҷуд аст (ҷадвали 5.8.).  Агар дар солҳои таҳлилӣ аз рӯйи гуруҳи маснуоти маъданӣ ва маҳсулоти хӯрокворию саноати кимиё ҶТ ба ин кишварҳо (Литва, Нидерландия, Швейцария, Эрон ва Туркия)  содирот тамоман накарда бошад, баръакси он воридоти ин молҳо ба кишвар  хеле зиёд гардидааст.

Агар аз нигоҳи ҳамгирои минтақавии иқтисодӣ ва тиҷорати байниякдигарии ҳамаи кишварҳои аъзо нигарем, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таносуби содиротию воридотии ҶТ бо кишварҳои ИДМ номутаносиб буда, он сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Сабаби асоси дар он аст, ки пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ муносибатҳои истеҳсолию тиҷоратии кишварҳои пасошуравӣ канда шуда, барои ҳамаи ин кишварҳо бозори Аврупо ва дигар қитъаҳои олам ҷолибтар гаштанд. Зеро кишварҳои пасошуравӣ бозори молҳои истеҳсоли худро бо нархи баландтар дар кишварҳои хориҷ пайдо намуда, воридоти техника ва таҷҳизотҳои истеҳсолию маишии пешрафта, инчунин молҳои босифату замонавӣ аз кишварҳои Аврупо ва дигар кишварҳо ба роҳ монда шуд. Чунин ҳолат ба он оварда расонд, ки новобаста аз кушишҳои ташкили гуруҳҳои минтақавии иқтисодӣ бинобар сабаби маҳдуд будани диверсификатсияи истеҳсолот дар байни кишварҳои пасошуравӣ тавозуни арза ва тақозо ба молҳои содиршавандаи якдигар таъмин карда нашудааст. Яъне, тиҷорати дохилии кишварҳои ИДМ назар ба дигар гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии ҷаҳонӣ хеле паст мебошад.[181] Ин аст, ки тиҷорати ҶТ дар доираи кишварҳои ИДМ механизми ҷуброни молҳои воридотиро бо арзаи молҳоро (содирот) нишон намедиҳад (нигаред ба диаграммаи 5.1).[182] Дар солҳои 1991-2000 вазъи ҷуброни арза ва тақозо бо кишварҳои ИДМ беҳтар буда, аз соли 2005 сар карда фарқият хеле калон гаштааст.

---

[181] Ба таври возеҳ ниагред ба: Взаимная торговля страны СНГ и ЕАЭС – 2022. Маводи таҳлилӣ. Захираи интернетӣ www.cisstat. (санаи мурoҷиат 16.08.2023).

[182] Мо дар он ақидаем, ки барои арзёбии самараи механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои савдошаванда зарур аст, ки содирот ва воридоти мол байни минтақа ва ё кишварҳои минтақаи мушаххаси ҳамгироишуда аз нигоҳи таъмини талаботи дохилии якдигар ба молҳои истеҳсолии якдигар (тиҷорати ҳадафнок) бояд таҳлил карда шавад. Дар ин маврид асоси тиҷоратро бартарияти нисбӣ ташкил накарда, талаботи мутавозин асоси тиҷорат мегардад, ки фоидаи он дар таъмини ташаккули такроистеҳсоли васеъи кишварҳои аъзои гуруҳи ҳамгирой мебошад. Яъне кишварҳои ҳамгироишуда барои ба даст овардани самараи миқёс бозорҳои якдигарро истифода намуда, бо ин роҳ талаботи якдиарро қонеъ менамоянд. Аз ин рӯ, дар диссертатсия содирот ва воридоти ҶТ бо кишвар ва минтақаҳои ҷаҳон ҳамчун унсури механизми ҷуброни арза ва тақозо ба молҳои савдошавнда таҳлил карда шудаанд.

**Диаграммаи 5.1. –Ҷуброни арза ва тақозо бо давлатҳои ИДМ**




